**Соҷидаи Мирзо**



# ШАБЕ КИ МОҲ АРҒУВОНӢ БУД...

Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд - 2023

ТКБ 84 (2 Тоҷ) 7-44
М-79

**Соҷидаи Мирзо. ШАБЕ КИ МОҲ АРҒУВОНӢ БУД...**
– Хуҷанд: Ношир, 2023. – 336 саҳ.

Хонандаи арҷманд, китобе, ки ҳоло дар даст дорӣ, роман ва як повести нависанда ва журналисти маъруфи тоҷик Соҷидаи Мирзо аст.

Романи «Шабе ки моҳ арғувонӣ буд», достони як навраси ятим аст, ки шаби «гирифтани моҳ», шабе, ки моҳу офтобу замин дар як радиф қарор гирифтанд ва тӯдаи мардум чашм ба сӯи осмон, моҳи арғувониро тамошо мекард, хоҳаронашро танҳо гузошт ва аз хона фирор кард. Ситорашиносҳо мегӯянд, инсонҳо таҳти таъсири «гирифтани моҳ» тасмимҳое мегиранд, ки шояд дар ҳолатҳои дигар аз онҳо ҷилавгирӣ кунанд.

Қаҳрамони романи Соҷидаи Мирзо 14 сол аз худ мепурсид, ки агар он шаб фирор намекард, сарнавишти ӯ ва хоҳаронаш чигуна ҷараён мегирифт. Роман саропо аз моҷароҳое иборат аст, ки қаҳрамони Соҷидаи Мирзо дар тӯли чаҳордаҳ сол таҷруба кардааст. Сужаи асар хонандаро аз лаҳзаи авал ба худ мекашад ва то ҷумлаи ахир раҳо намекунад.

Повести «Афсонаи қафас» – асари дигари муаллиф, аз драмаи хонаводагӣ ҳикоят мекунад, ки гоҳо барои як тараф ба қафас табдил мешавад ва ғаризаи парвозро дар инсон мекушад. Дар ин достон мехонед, ки оё қаҳрамони Соҷидаи Мирзо роҳи бурунрафт аз қафасро пайдо кардааст ё не.

ISBN 978-99985-40-09-5

© Соҷидаи Мирзо, 2023

# ШАБЕ КИ МОҲ АРҒУВОНӢ БУД

(Роман)

Дар сафар ҳеҷ чизе маро ба андозаи фурудгоҳҳои пурҷамъият ва чеҳраҳои ҳаяҷонзадаи мусофирон афсурда намекунанд. Шояд ба назарам намояд, аммо ин макон гӯиё олуда ба вируси номаълумест, ки аз фард ба фард мегузарад ва ҳамаро ба маризии ҳаросонӣ мубтало мекунад, ҳатто онҳоеро, ки худро ором вонамуд мекунанд. Дар ин қаламрав ҳамаи мусофирон, чи сарватманду чи фақир, дар як радифанд. Барномаи сафарро мусофир мерезад, аммо то ба ҳавопаймо мерасад ё не, дар ихтиёри худаш нест.

Ман яке аз ҳамон изтиробиҳоям, ки аз замони по гузоштан ба қаламрави фурудгоҳ ва то ба замин расидани чархи ҳавопаймо, афсурдагӣ мегирам, соатҳо аз экрани масири парвоз чашм намебардорам ва ҳамроҳ бо ҳавопаймо қитъа ба қитъа «парвоз» мекунам.

Шаби қабл аз парвоз, бахусус агар парвоз саҳари зуд бошад, хобам намебарад. Борҳо ҷомадонамро тагурӯ мекунам, ки мабодо чизи муҳимеро ҷо нагузорам, шиносномаро аз киф ба ҷайби костюм мегузорам ва баъд онро дубора дар кифам меҷӯяму намеёбам. Ба назарам, одами бесуботе нестам ва дар тули умри начандон зиёд он қадр таҷриба андӯхтам, ки онро метавон ба таври мусовӣ ба ҳар соли 28 соли зиндагиам тақсим кард. Аммо наздик шудани соати парвоз ва тасвири фурудгоҳи пурҷамъият маро ба изтироб меоранд.

Дишаб ҳам нахобидам. Аммо қарибии саҳар аз қазо хобам бурд, аз ҳамон ғанабҳое, ки тану зеҳни инсонро шабеҳи сояи сангин пахш мекунанд. Мешунидам, ки телефонам занг мехӯрад, аммо наметавонистам чашм боз кунам. Саранҷом бедор шудам ва аз гӯшӣ садои хашмолуди ронандаи таксиро шунидам, ки мегуфт, як соат боз маро дар кӯча интизор аст. Агар ронанда занг намезад, эҳтимол дар хоб мемондам ва аз ин сафари чордаҳ сол батаъхирафтода, ки барояш солҳо ҷуръат ҷамъ кардаам, бо як оҳи сабук мунсариф мешудам. Аммо акнун дам ба дарун зада, бо ронандаи норозӣ, ки рӯи чамбари мошин хам зада, бо худ ғур-ғур мекунад ва бо буридани роҳи худравҳои дигар мехоҳад маро зудтар то фурудгоҳ расонад, шоҳроҳҳои бузургро убур мекунам.

Бо вуҷуди субҳи зуд, фурудгоҳ моломоли як ҷамъияти саргардон буд. Мусофирон шабеҳи хуфтаҳои хобгард бо чашмони бемазмуну шишаӣ атрофро ламс мекарданд ва ғайриихтиёр ба якдигар бархӯрда, бе узру маъзарат роҳашонро идома медоданд. Бархе рӯи тарозу хам шуда, ҷомадон бармекашиданд ва аз Худо мехостанд, ки борашон аз талаботи ҳавопаймо зиёд набошад. Баъзеи дигар дар гӯшаҳои толор, дар сандалиҳо дароз кашида, хоби нимкораи худро комил мекарданд.

Баъзе мусофирон, ки шояд хариди ҳадияи сафарро ба умеди дуконҳои арзони фурудгоҳ мавқуф гузошта буданд, акнун аз шикофи панҷараҳои бастаи мағозаҳои «Duty Free» бо ҳасрат ба шишаҳои атру шароб ва қуттиҳои барроқ чашм медӯхтанд. Кӯдаки хомхобе беист чиррос мезад ва чанд тифли дигарро, ки дар бағали модарҳояшон хоб буданд, бедор кард. Толори бузург аз садои гиря лабрез шуд.

Аз ягона дукони бози толори фурудгоҳ бӯи хуши қаҳваи асил ба атроф паҳн мешуд ва димоғи мусофирони нимахобро хориш медод. Ногоҳ хумори сигорам гирифт, аммо сафи тулонии мусофирони озими Истанбулро дидаму хаёли сигори рӯшан дар зеҳнам хомӯш шуд. Дар ин қатор, ки теъдоди ҷомадону борхалтаҳояш аз шумори мусофирон бештар аст, ман нафари охиринам. Аз чаҳор ғуфраи ироаи корти парвоз танҳо дуто фаъол аст ва сафи тулонӣ ингор аз ҷой такон намехӯрад. То парвоз як соат мондааст ва бо ин ҳол имкон дорад то ҳавопаймо нарасам. Аз зеҳнам гузашт, ки аз чунин иттифоқ чандон нороҳат намешудам. Аммо ҳамон тавр, ки гуфтам, дар ин қаламрав ҳар тасмиме метавонад дар як лаҳза дигар шавад. Ходиме бо садои баланд эълон кард, ки мусофирони бебор метавонанд ба ғуфраи паҳлӯӣ гузаранд. Сафи тулонӣ ҳаракати коҳилонае нишон дод, аммо касе аз он берун нашуд. Ягона, ба истилоҳ, «зоғи сафед» ман будам, ки ба ҷуз як кифи мусофират ва ноутбук бори дигаре надоштам ва дар пазманзари нигоҳҳои ҳасудонаи мусофирони хаставу асабонӣ ба ғуфраи холӣ гузаштам.

Дар он миз зани миёнсоле рӯи компютер хам шуда, ба ҷавони зоҳиран коромӯз, ки гунаҳояш аз хиҷолат сурх буданд,

сахтгирона дарси кор бо мусофиронро таълим медод. Зан маро диду қоматашро рост кард ва бо ишораи сар ба ҷавон амр дод, ки дарси аз бар кардаро дар амал нишон диҳад. Ҷавони коромӯз, ки акнун сурхии гунаҳояш ба тамоми чеҳрааш пахш мешуд, шиносномаи маро беҷуръатона ба даст гирифт. Зан ба манзури «ку бубинам чӣ ҳунар дорӣ» дастҳояшро зери бағал карда, ҳаракатҳои коромӯзро зери назар мегирифт. Ҳаяҷони коромӯз аз мардумаки гушоди чашмаш маълум мешуд, ки дар рӯшноии экрани компютер боз ҳам бузургтар менамуд. Ба ёди устоди риёзиёти мадрасаи Тоҷикистон афтодам, ки ҳар бор бидуни омодагӣ ба дарс ҳозир мешудем, амр медод, ки дастҳоямонро рӯи миз гузорем ва забонашро аз шавқи муҷозоти мо зери дандон мекарду дастҳои моро бераҳмона бо хаткаш мезад. Ёдаш ба хайр, ман аз ӯ ҳисобу китобро омӯхтам, ки дертар борҳо ба дардам хӯрд. Тарс аз устод буд, ё ҷавони коромӯз воқеан дарсро хуб аз бар карда буд, ки пас аз лаҳзае шиносномаи маро бо корти парвоз баргардонд. Ман ҳам бо истифода аз ин фурсат ба берун давидам, то охирин сигори пеш аз парвозро рӯшан кунам.

Саранҷом, пас аз расидани мусофирони дермонда, тамбашавӣ дар роҳравҳои борики ҳавопаймо ва кушодаву баста шудани рахти бағоҷҳо ҳама ба сандалиҳо нишастанд ва ҳавопаймо коҳилона то хати павоз расиду якбора ба пеш давид ва бо ҳамон шаст аз замин канда шуд. Ба чапу рост тоб хӯрд, болои шаҳр чарх зад ва ниҳоят ба баландии зарурӣ расиду танашро ба синаи сафеди абрҳои ғуллӣ молида, ором гирифт. Баробари рӯшан шудани чароғаки сабз, ки ҳаракат дар долони ҳавопайморо иҷозат медод, мусофирон шабеҳи варзишгарони интизори ҳуштаки довар ба сурати ҳамзамон ва бо сару садо аз камарбандҳои амниятӣ раҳо шуданд. Бархе аз онҳо, ки шояд дар гирудори вуруд ба ҳавопаймо натавонистанд дастшӯӣ бираванд, ё шояд мисли ман ҳаяҷон доштанд, ҳоло дар зери бори ахмҳои гирифтаи ҳампаҳлуҳошон, ки бо нороҳатӣ аз ҷой баланд мешуданд, калавида ба ҳоҷатхона шитофтанд. Бархи дигар ба рахти бағоҷҳо часпиданд. Ҳам-

сояи ман дар сандалии дунафарӣ, зани лоғараки миёнсол, ки бо яқаи сафед ва ҷемпири сиёҳ шабеҳи мубаллиғи калисои католикӣ буд, аз дигарон ақиб намонд ва бо ҳадафи берун овардани борхалтааш аз ҷой бархост. Дари рахтро боз карду дасташ ба ҷомадон нарасид ва иличоомез рӯ ба ман овард.

- Писарам, кумак мекунӣ ҷомадонамро берун биёрам? Шитобзада будам, доруям дар ҷомадон мондаст, - гуфт ӯ ба забони тоҷикии лаҳҷадор. Аз чашмонат шинохтам, ки тоҷик астӣ, ё хато кардам?

Бо лабханди зӯракӣ ба ӯ аломат додам, ки иштибоҳ накардаст.

Ҷомадони ҳамсоям мисли худаш хурду реза буд. Борашро ба ӯ супурдам ва ноутбукро бо худ гирифтам. Аз дилам гузашт, ки агар ду-се мусофири дигар ба кофтукови бағоҷҳояшон бипардозанд, роёнаи ман ҳатман осеб мебинад. Охир, ман дар ин дастгоҳ аксҳои бароям пурарзише дорам, ки марҳилаҳои зиндагии пурмоҷарои маро бозгӯ мекунанд. Ман ин аксҳоро ҳамчун дипломи муҳимтарин донишгоҳи зиндагӣ ҳифз мекунам.

Ҳамсояи ман мисли аксари ҳамсолонаш, ки доруҳояшонро ба осонӣ намеёбанд, хеле ҷумбуҷул кард ва ниҳоят як халтаи пластикиро берун оварду занҷири ҷомадонро баст.

-Бубахш, ки туро азият мекунам, писарам, илтимос ҳамин ҷомадонро гашта ба ҷояш гузор.

Хоҳиши ӯро иҷро кардам ва бе он ки ба сипосҳояш «қобили ташаккур нест» бигӯям, худро ба сандалӣ партофтаму сар ба шишаи сарди панҷара гузоштам.

Дар ҳавопаймо ман ҳамеша сандалии пеши панҷараро интихоб мекунам. Мехоҳам касе азиятам накунад, дар ин фазои баста эҳсоси амният надорам, хаёлам, ки ҷумбуҷули мусофирон ҳавопайморо бештар такон медиҳад. Ёд надорам ин тарс кай ва дар куҷо ба ман сироят кард, шояд дар бачагӣ, замоне, ки бори аввал ба чархофалак нишастаму камарбандро набастам ва дар баландии даҳҳо метр аз сандалӣ ба фарш ғеҷидам? Ё шояд дертар, замони наврасӣ, ки бо чархбол ба ноҳияи кӯҳистонӣ рафтам ва он қадар такон хӯрдаму қай

кардам, ки ингор рӯдаҳоям аз ҳалқам берун омаданд. Солҳои ахир дар сафарҳои кориву хусусӣ то ҷойе имкон дорад, ба қатор тарҷеҳ медиҳам. Аммо дар масофаҳои дуртар маҷбурам аз ҳавопаймо истифода кунам. Аз изтироби худ ва чеҳраи ороми меҳмондорҳои ҳавопаймо, ки аз ман ҷавонтаранд ва ҳатман зиндагиро на камтар аз ман дӯст медоранд, шармам меояд, аммо кореаш намешавад кард. Халои бузурги зери ҳавопаймо ва ин ҳолат, ки ҳеҷ чизе дар баландии ҳазорҳо километр ба ман вобаста нест, нигаронам мекунад.

-Қанди наноӣ мехӯрӣ? Зан оҳиста китфамро такон дод. - Бигир, дилбеҳузуриро рафъ мекунад...

Ҳадс задам, ки ҳаяҷони маро эҳсос кардааст.

Нахостам мурооташро рад кунам. Як дона қандро бардоштаму ташаккур карда, хостам дубора сар ба панҷара гузорам.

- Тоҷикистон меравӣ?

- Тоҷикистон меравам, ба Душанбе...

Хушҳол шуд, ки билохира як ҷумларо аз даҳони ман берун кашид.

- Ман як шаб дар Душанбе мемонам, фардояш ба Қурғонтеппа меравам, ба зодгоҳам...

Ӯ ин калимотро содиқона ва бо ишқ ба забон овард, мисли одаме, ки ба орзуи деринааш даст меёбад.

- Гумон кардам, Шумо финлондӣ ҳастед...

Гӯиё ҳамин суханро мунтазир буд, ки хушҳол шуду ба ман наздиктар нишаст, то ғурриши муҳаррики ҳавопаймо садояшро пахш накунад.

- Ман хатлониям, финлондӣ нестам, - гуфт ӯ бо ханда,- решаҳоям олмониианд, аммо худам дар водии Вахш таваллуд шудаам. Мо аз олмониҳои водии Вахшем. Гузаштагонам аз наздикиҳои рӯдхонаи Волга ба Тоҷикистон бадарға шудаанд... Ман пас аз се сол дар он ҷо ба дунё омадаам... ба Финлонд солҳо баъд кӯчидам.

Дар гузашта саҳнаҳои дар қатор ё ҳавопаймо ба як бегона роҳат ва бидуни тардид достони зиндагии худро таъриф кардани мусофирон маро шигифтзада мекард. Аммо баъдҳо

одат кардам. Эҳтимол инсонҳо барои дарди дил кардан ба як мухотаби беминнат ниёз доранд? Чӣ касе метавонад беҳтар аз як мусофири бегона бошад, ки ба достони зиндагии шумо бидуни ҳукму сарзаниш гӯш медиҳад ва баробари хориҷ шудан аз қатор ё ҳавопаймо онро билофосила аз ёд мебарад?

Ҳамсояи ман ҳам достони зиндагиашро дар ду ҷумла хатм карду суоломез ба ман чашм дӯхт.

-Ту аз куҷо омадаӣ ва дар сарзамини сарде мисли Финлонд чӣ меҷӯӣ?

Ӯ чашмонашро нимпӯш ва лабонашро ғунча кард, гӯиё шеър мехонд.

- Аз пайи зиндагӣ рафтам...

Посухи фишурдаи ман ӯро қаноатманд накард, аммо сир бой надод. Нохудогоҳ ба доғи банди дастам, ки дар ҳавои сард бо пероҳани остиндароз пинҳонаш мекунам, аммо дар гармо илоҷе надорам, хира шуд.

- Ҳмм... Рост мегӯӣ, зиндагӣ гоҳ моро ғайриихтиёр ба ҷодаҳои ноҳамвор ва қаламравҳое ҳидоят мекунад, ки дар хоби шабамон намедидаем... Чандсолаӣ?

- Ҳамин баҳор ба 28 қадам гузоштам.

Ӯ бо ҳасодате, ки пинҳон карданаш душвор буд, «эҳҳ» - гуфту як оҳи муштоқона кашид.

- Ҷавонӣ... даврони фавқулода аст, мисле ки ҷавшани тирногузаре дар тан дорӣ, ба ҳама сахтиҳо муқовимат мекунӣ. Ёдам ҳаст, зимистон таги як пераҳан аз лӯлаи оби пушти хона сатил-сатил об мекашондам, мариз ҳам намешудам. Танҳо духтари хона будам, дастёри модар. Даҳҳо фарсах роҳро пиёда то бозори маркази ноҳия тай мекардам ва бо халтаҳои пурбор бармегаштам, эҳсоси хастагӣ надоштам. То саҳар хобам намебурд, ошиқ ҳам будам, дафтари хотира менавиштам... Ёдаш бахайр, рӯзгори аҷибе буд...

Ӯ хеле сукут кард.

- Оо, дору ёдам рафт! - гуфт ӯ ногаҳон бо садои баланд, хаёл кардам кифашро дар фурудгоҳ ҷо гузоштааст.

- Писарам, ҳамон тугмаи болои саратро пахш кун, то меҳмондор бароям об биёрад.

- Ман об дорам, ҳанӯз бозаш накардаам, тоза аст.

Ӯ доруро бо як ҷуръа об нӯшиду мехост бутрии пластикиро баргардонад, аммо хандиду онро ба халтаи сандалӣ гузошт.

- Медонам, ки ҷавонҳо аз пиёлаи нӯлзадаи солмандон об наменӯшанд.

Ҳар ду маънидорона хандидем. Аз дилам гузашт, ки ҳарфаш дуруст аст, ман ҳатто аз пиёлаи модарбузургам об наменӯшидам. Аммо дар хандаи ӯ ҳузн эҳсос мешуд, эҳтимол аз ҷавоние, ки бебозгашт рафтаст, ё аз марҳилаи нави зиндагӣ, ки то ҳол бо он хӯ нагирифтааст. Мехост ба ин суҳбат, ки хотираҳояшро тоза мекард, идома диҳад, вале меҳмондори парвоз ғизо пешниҳод кард ва мо мизҳоро поин овардем.

Сарфи ғизоро дар ҳавопаймо хуш дорам, на барои тамъу танаввуъ. Дар тули парвоз ин танҳо замонест, ки мусофирон бехиёл мешаванд ва гӯиё аз тарабхонаи панҷситорагӣ барояшон ғизо овардаанд, ки қуттиҳоро бо майли тамом холӣ мекунанд. Бехаёлии мусофирон ба ман оромиш мебахшад.

Аз қуттии ғизоҳо танҳо обро бардоштам ва боқиро ба ҳамсоя додам.

- Писар, хаёл кардӣ ман аждаҳоям, ин қадар ғизоро чигуна бихӯрам?

- То сер шудан бихӯред, боқимондаашро бармегардонем.

- Ту чаро чизе намехӯрӣ?

- Иштиҳо надорам...

Ӯ корду чангакро бо эҳтиёт аз ҷаъба берун овард ва монанди як ҷарроҳ, ки ба амалиёт омодагӣ мегирад, онҳоро тулонӣ бо дастмоли тар пок кард ва бо лабханди хаёломезе, ки дар сураташ менишаст, достонашро идома дод.

-Дар Вахш як кампири ҳамсоя доштем, ёдаш ба хайр, бо набераааш дӯст будам. Пурхӯрии моро медиду асабонӣ мешуд, мегуфт «духтар бояд ба андозаи лолаи гӯшаш ғизо бихӯрад. Хонаи дӯстам ҳамеша пур аз ғизоҳои хушмаза буд. Мо зиндагии хоксоронае доштем. Падару модарам шабу рӯз дар сохтмон заҳмат мекашиданд, аммо мисли ҳамаи олмониҳои табъидшуда инсонҳои навъи ду буданд ва ҳукумати

Шӯравӣ ба онҳо ними маоши мардуми маҳаллиро медод. Ҷавон будам, бисёр чизҳоро намефаҳмидам...

Ҳамсояи ман воқеан гурусна буд ё имрӯз дар ҳавопаймо ғизои хушмаза пешниҳод шуд, ки ӯ тамоми косаҳои пластикиро «тоза» кард ва оби боқимондаи бутриро ҳам нӯшид.

- Бовар мекунӣ, аз дирӯз об ба даҳон набурда будам, ҳамеша дар ҳаяҷони сафар будам. Намедонӣ парвози байни Истанбул ва Душанбе чи қадар тул мекашад?

- Дар билет чаҳор соат навиштаанд.

- Зудтар мерасидем... Солҳо боз водии Вахшро надидаам, эҳтимол тағйир кардааст. Мехоҳам ҷойҳои ҷавониву бепарвоиҳоямро зудтар бубинам.

Дар тули як соати парвоз ҳамсояаам боре ҳам дар бораи зиндагиаш берун аз Тоҷикистон ҳарф назад, вале ҳар бор, ки даврони гузаштаро ба ёд меовард, чеҳрааш рӯшан мешуд. Шабеҳи одаме буд, ки бо хотироти гузашта зиндагӣ мекунад. Қиссаҳояш алоқамандиамро ба достони зиндагии ӯ бештар мекарданд. Интизор шудам, ки меҳмондор бушқобҳоро бардорад.

- Чаро аз Тоҷикистон рафтед?

-Ҳмм...

Ӯ сар ба сандалӣ гузошт, гӯиё далели рафтанашро ба ёд меовард, ки чашмонашро пӯшид.

- Шӯравӣ сукут карду ҳар нафар, ки решаи олмонӣ дошт, рӯ ба Олмон овард. Ман ҳам баъди мурдани падару модарам барои мондан дар Вахш дигар ангезае надоштам. Баробари дигарон ба Олмон муҳоҷират кардам. Аммо, эй кош намерафтам, шояд рӯзи сахти ба сарам омадаро таҷруба намекардам. Ман дар Олмон писари биступанҷсолаамро дар як садама аз даст додам. Дигар натавонистам дар он сарзамин бимонам, дилам аз ғусса оташ мегирифт. Ба Финлонд кӯч бастем, ба як нуқтаи сарди Аврупо. Нагуфтам, ки ҳамсарам финлондӣ буд? Ҳо, аз падараш хонаи хубе ба мерос бурд ва мо ба он кишвар кӯчидем. Аммо марги ягона фарзандам дунёи маро зеру рӯ кард, хушҳолии ҳамешагиам бод шуду рафт. Бо ҳамсарам низ дигар зиндагии ботароват надоштем, мисли ду бегона дар зери як сақф будем... Як сол пеш ӯро ҳам ба хок супурдаму комилан

танҳо шудам. Хаёл мекардам, ки ҳеҷ кас ба андозаи ман дар ғами писарам намесӯзад, аммо бубин, ки ман зиндаам, вале шавҳарам, ки гӯиё бо ин фоҷеа канор омада буд, дарунакӣ сухту хомӯш шуд. Вақтҳои ахир хеле ба падару модарам фикр мекунам... Мегӯям, дар он дунё писари маро дида бошанд?

Ӯ ҳамон тавр, ки як корафтода аз фолбин мадад меҷӯяд, бо умед ба ман чашм дӯхт. Надонистам чӣ бигӯям, беихтиёр китф дарҳам кашидам.

- Солҳо қабл маро хумори зодгоҳам гирифту аз Олмон ба Вахш баргаштам, барои якчанд рӯз. Гӯри фурӯрафта ва дар зери хасу хор мондаи падару модарамро баъди ҷустуҷӯи дурудароз бо кумаки нигаҳбони пир пайдо кардам. Хеле гиристам. Ба онҳо қавл додам, ки бармегардаму рӯи гӯрашон санг мегузорам, аммо он қавл аз ёдам рафт... Намедонам акнун қабри онҳоро меёфта бошам?

Ӯ хиҷолатомез сар хам кард, эҳтимол қабри пур аз хасу хори волидонаш дубора пеши назараш омад, ки оҳ кашид ва нигоҳашро аз ман гурезонд.

Ман аз ӯ чашм намекандам ва бар тасодуфҳои зиндагӣ меандешидам, ки дар асл ҳеҷ гоҳ тасодуфӣ нестанд. Инро бубин, ки дар фарози ҳазорҳо километр аз сатҳи замин, дар як ҳавопаймо тасодуфан бо як нафаре ошно мешавам, ки сарнавишташ бо сарнавиштаман монандиҳое дорад. Ва сароҳати ӯ маро водор мекунад, ки ба достони зиндагии худ биандешам ва бо ҳақиқате рӯ ба рӯ шавам, ки солҳо боз дар нохудогоҳи зеҳнам бо ман дар ҷадал аст.

Ҳамсояам дубора ба сандалӣ такя заду чашмонашро пӯшид, шояд хотироти талх неруяшро балъид ва ӯро хаста кард, ё эҳтимол ба зиндагии гузашта амиқтар фурӯ рафт.

Ба сурати лоғару дастони мисли дастҳои як наврас кучаки ӯ бо дилсӯзӣ нигоҳ мекунам ва худ меандешам, ки агар рӯзе ман ҳам бетардид достони зиндагиамро дар қатор ё ҳавопаймо ба як мусофири бегона мегуфтам, аз куҷо бояд шурӯъ мекардам? Достони ман он қадар пурмоҷаро ва печида аст, ки дар се ҷумла хатм намешавад. Бояд тамоми он чиро, ки дар ин чордаҳ сол таҷруба кардам, нуқта ба нуқта бигӯям...


ДУШАНБЕ-МОСКВА

# САРДАРГУМИҲОИ ОТИФӢ

14 солам буд, ки шабе бидуни барномаи хос ва макони муайян, дуруст як моҳ баъд аз вафоти модарам, якбора аз хона фирор кардам. Намедонам ин хаёл аз куҷо дар зеҳнам зуҳур кард, аз лаҳзае, ки ҷони модарам аз танаш бадар рафту фиғони хоҳарам ба осмон печид, ё аз рӯзҳои баъдӣ, ки бомдодаш бо нолаҳои ҷонхароши хоҳари бузургам ва гиряҳои бепоёни бачаи маризаш оғоз мешуд ва шомаш бо дастархони нимахолии мо ба поён мерасид.

Модарам як сол пас аз марги падарам аз саратони мағз даргузашт. Синнаш ҳанӯз ба 50 нарасида буд. Дурудароз ҷон дод, он қадр, ки қалбам аз фиғони ӯ ба дард меомад ва ба дилони бемористон паноҳ мебурдам. Ҳавои роҳрав бо катҳои пур аз маризони пой дар лаби гӯр, ки бастагонашон низ дигар камтар ба суроғашон меомаданд, бӯи марг дошт. Роҳравро убур мекардаму нигоҳамро аз чашмони он беморон, ки чун ду косаи мурдоб дар ҳалқи сарашон медурахшид, мегурезондам. Пизишкон гоҳе авқот ба модари ман сар мезаданад, аммо на барои дармон, мехостанд бидонанд, ки бемор ҳанӯз ҳам зинда аст ё не.

Дардашро танҳо маводи афюнӣ рафъ мекард. Мо барои доруи гаронарзиш пул надоштем... Бо азоб мурд, бечора модарам... Вақте ҷон аз баданаш мерафт, дар паҳлуяш будам. Ҳазён мегуфт, бо падарам ҳарф мезад, аз ӯ мехост, ки имрӯз сари кор наравад, дар хона бимонад. Эҳтимол рӯзгори гузашта пеши назараш меомад, ё шояд танҳо ҷисмаш ин ҷо буду руҳаш кайҳо дар он дунё ба дидори падарам расид? Вақте набзи мутазалзили ӯ дар дастгоҳи назорати қалб ба як хати борик табдил шуд, шабеҳи одаме, ки ногаҳон аз ҳайрати тарсолуд шокӣ мешавад, «оҳ» гуфту нигоҳи чашмони бузургшудааш дар сақфи утоқи бемористон дармонд. Нафаҳмидам чӣ шуд, фақат дидам, ки парастор бе ҳеҷ ҳарфе дастгоҳро хомӯш кард, ба сурати модарам панҷа зад ва малофаи кӯҳнаро, ки аз фарсудагӣ хокистариву пур аз шикоф буд, ба рӯяш кашид.

Ман моту маҳбут шудам ва танҳо замоне ба худ омадам, ки хоҳари бузургам ғаш карду ба замин афтид.

Соле, ки ман аз хона фирор кардам, хоҳари бузургам бистсола буд ва ду хоҳари кучакам – яке ҳашт ва дигаре даҳсола. Хоҳари бузургам барвақт издивоҷ кард ва се моҳ қабл аз марги модарам бо як тифли маъюби модарзод аз зоишгоҳ ба хона баргашт. Шавҳараш ӯрову он кӯдаки маълулро напазируфт ва дар таваллудхона талоқаш дод. Издивоҷи ӯ зиёд тул накашид, эҳтимол як сол, ё як солу ним. Гӯиё дирӯз буд, ки ӯро бо пероҳане аз ҳарири сафед, тоҷи муҷаллали шоҳона ва чашмоне, ки аз хушбахтӣ барқ мезаданд, ба хонаи шавҳар фиристодем. Аммо зане, ки пас аз як сол бо як кӯдаки маълул ба хонаи мо баргашт, ба хоҳари хушҳолу хушбахти ман, ки бе сурмаву сафеда ва шолу кулоҳ ба кӯча намебаромад, шабоҳат надошт. Зане буд паршикаста, бо чеҳраи заъфаронӣ, мӯйҳои парешон ва чашмони маҳзун, ки сурма моҳҳо бар дари онҳо ҳалқа назадааст.

Акнун бори се наврас ва як кӯдаки маъюб рӯи шонаҳои хамидаи хоҳарам афтода буд, ки на ҷойи кор дошт ва на пулу мол. Мо, бачаҳо, аз падару модар молеро ба мерос набурдем. Падарам марди оиладӯстдор набуд... маоши коргарии модарам то охири моҳ базӯр мерасид. Хоҳари бечораам намедонист кадом дардашро бинолад, марги модарамро, шиками нимсери се кӯдакро ва ё номардии ҳамсарашро, ки ӯро дар сахттарин марҳилаи зиндагӣ танҳо гузошт. Шоме, ки ман фирор кардам, ӯ нонҳои хушки аз худоиҳои модарам боқӣ мондаро бо пиёзу гуҷа таф дода, «нонпалав» омода кард. Ман лаб ба ғизо набурдам.

- Чаро намехӯрӣ, хушат наомад?

Ӯ бо чашмони аз ғусса фурӯрафта аз зери теғи абрӯвони сиёҳаш бо ғазаб ба ман нигоҳ кард. Аз тарс луқмаи бузургро аҷулона ба даҳон гузоштам. Дарк мекардам, ки алам дорад ва мехоҳад дилашро сари кадоме аз мо холӣ кунад.

- Бихӯр, тавони ман танҳо ба ҳамин ғизои сода мерасад...

Ӯ тикаи даҳонашро дар лаби дастархон гузошту мӯякашон ба хонаи дигар гузашт. Ман таъми бадбахтиву ноилоҷиро бори аввал аз гиряҳои хоҳарам чашидам ва эҳсос кардам, ки дигар дар ин чордевор намеғунҷам. Ду хоҳари кучакам, ки ба бадбахтии мо дуруст сарфаҳм намерафтанд, нонҳои хушку тарро бо иштиҳо мехоиданд ва аз зери абрӯ ба якдигар лабханд мезаданд. Оҳиста ба балкон баромадам ва нонеро, ки аз тарси хоҳарам ба даҳон гузошта будам, ба поин андохтам. Васвасаи фирор вуҷудамро ба ларза меовард.

Шаби ғайриодие буд он шаб. Шаби кусуфи моҳ, ки хабараш чанд рӯз боз ҳарфи сари забони мардум буд. Шабе, ки мегуфтанд моҳу замину хуршед дар як хати мусовӣ қарор мегиранд ва чеҳраи моҳ аз нури хуршед бузургу арғувонӣ мешавад. Барои фирор шаби хубе набуд. Селаи тамошобини кунҷков ба кӯча рехта, чашм ба сӯи осмон дошт.

- Что Фарход, вышел лицезреть на багровую луну?

Аз садои Игнат Степанович, ки телескупи бузургро дар гӯшаи балконаш васл мекард, як қад паридам. Хаёлам, ки мегуфт: «Что Фарход, решил убежать?»

Дуди сигори гӯшаи лабаш чашмонашро месӯзонд, вале қулоб мекашиду симҳоро устодона ба пояи балкон мебаст. Игнат Степанович қабл аз бознишастагӣ дар кадом пажӯҳишгоҳе кор мекард ва ин дастгоҳро аз ҳамон даргоҳ ба мерос гирифта буд. Аз танқисӣ бисёр ҷиҳози хонаашро фурӯхт, аммо телескупро ҳамчун гавҳараки чашм эҳтиёт мекард. Инсони дӯстдоштание буд, ман ба ӯ муҳаббат доштам. Дар кӯдакиам гаҳвораамро ҷумбондааст. Фарзанд надошт ва пас аз марги ҳамсараш танҳо монду бо хонаводаи мо қарин шуд. Нахост ба ватани бобоияш баргардад, ба модарам, ки акнун пораи нонро бо ӯ дар миён мегузошт, мегуфт, «Вақте мурдам, маро дар паҳлуи ҳамсарам ба хок супоред». Дунёро бин, ки Игнат Степанович зинда, вале модари ман зери хирвор-хирвор хок хобидааст.

Ман аз падаре ба дунё омадам, ки, ба гуфтаи модарбузургам, барои модарам як «шӯи шарикӣ» буд, гоҳо рӯзҳоро

бо мо сипарӣ мекард ва баъд моҳҳо нопадид мешуд. Ману ду хоҳари кучакам фарзандони нохоста будем. Ман ба таври тасодуфӣ ва бо лутфи пизишки сахтгире ба дунё омадаам, ки намехост ҷанини чаҳормоҳаро сиқт кунад ва модарамро бо арбада аз бемористон берун андохт. Ду хоҳари кучакам низ алорағми талошҳои модарам, ки мушт-мушт дору мехӯрд ва соатҳо дар ҳаммоми гарм менишаст, ҷонсарак ба раҳми ӯ часпиданд ва саранҷом зинда ба дунё омаданд. Инро боре аз модарбузургам шунидам, ки ҳини даъво ба модарам таъна мезад ва мегуфт, «як хона кӯдаки таваккаливу тасодуфиро аз марде ба дунё овардӣ, ки намехоҳад ба фарзандонаш падарӣ кунад». Модарам мехост эътироз кунад. Аммо модарбузургам панҷ панҷаи худро як-як ба кафи дасташ хобонду модарамро бо далелу бурҳон маҳбут сохт. Ҳаштсола будам, ки ин ҳарфҳоро шунидам. Шояд он замон зеҳни кучаки ман қодир ба дарки пурраи ин достони ғамангез набуд. Аммо аз рӯзе, ки, ба истилоҳ худро шинохтам, гоҳо он ҳарфҳои модарбузургам дар гӯшам садо медиҳанд ва уқдаи камбиниамро боло мебарад...

Модарбузургам домодашро дӯст намедошт, як зарра ҳам ба ӯ эҳтиром намегузошт. Агар тасодуфан бо падарам рӯ ба рӯ шавад, абрӯ дарҳам мекашид ва пушт бар ӯ мекард. Падарам дуздона меомаду дуздона мерафт. Ёд надорам, ки берун аз ин хона боре ҳам бо ӯ қадам зада бошам. Шабеҳи бачаҳое, ки муҳаббати падарро ба серӣ намебинанд, бепадариамро бо дилбастагӣ ба Игнат Степанович ҷуброн мекардам. Ӯ сари маро дилсӯзона навозиш мекард ва мегуфт; «Жизнь сложная штука, Фарход, вырастишь, все поймешь».

Каломашро дуруст намефаҳмидам, аммо чашмонам ғайриихтиёр пур аз ашк мешуд.

-Заходи, чай попьём, заодно посмотришь на багровую луну.

Ӯ дар балкон суфра боз карда, барои як шаби бедорӣ омодагӣ мегирифт.

-В другой раз, дядя Игнат...

Бо гузашти замон борҳо аз худ суол кардаам, ки агар он шаб пешниҳоди Игнат Степановичро мепазируфтам ва «гирифтан»-и моҳро тамошо мекардам, сарнавиштам чӣ гуна мешуд?

Дар балкон хеле таваққуф кардам, то ки хоҳаронам сар ба болин гузоштанд. Ин хона, ки дар гузашта садои мусиқӣ дар он то ними шаб хомӯш намешуд, акнун як ҳавои хобовар дошт ва пилкҳои моро зуд баҳам меовард. Баъди марги модарам хоҳарам патуеро ба рӯи телевизион кашид ва сими родиоро аз барқ берун овард. Ингор мехост ҳар шикоферо, ки аз он садои хушҳолӣ берун мешавад, «гаҷ» бизанад.

Дари балконро, ки ба тарафи меҳмонхона боз мешуд, оҳиста бастам, то касе бедор нашавад.

Хоҳарони кучакам даст ба гардани ҳам дар хоби ноз буданд. Аз ҳуҷраи дигар садои нолиши хиррии кӯдаки навзоди хоҳари бузургам ба гӯш мерасид. Хаёлам ӯ бадбахттарин тифли рӯи дунё буд...

Як шиму ду курта ва ним пора нонро дар борхалтаи варзишӣ гузоштам ва аз кисаи чармин, ки модарам дар он санадҳои муҳимро нигаҳ медошт, шаҳодатномаи таваллудамро бардоштам. Муқаддамоти фирорро он қадар устодона анҷом медодам, ки гӯиё борҳо фирор кардаам. Пул надоштам, бе пул ба куҷо биравам? Пас аз дудилагии зиёд, билохира кореро кардам, ки тамоми умр аз он хиҷолат мекашам. Аз ҷайби хоҳари бузургам ягона искиноси саддоллариро бардоштам, ки кадом дӯсти модарам рӯзи ҷаноза ба ӯ дода буд ва хоҳарам ин пулро барои як рӯзи «боронӣ» нигоҳ медошт.

На он замон ва на ҳоло тавҷеҳи мантиқии он фирори нимашабиро пайдо накардам. Он лаҳза мехостам аз ин ғамхона, аз ин кӯча, ки бошандагонаш ба мо чаҳор ятими кулл бо таассуф нигоҳ мекарданд, аз ин шаҳр, ки бе вуҷуди модарам дигар рангу бӯе надошт ва аз ин сарзамин дуртар бигурезам, ҷойе биравам, ки касе дигар суроғам накунад. Чигуна таво-

нистам хоҳарони мазлумамро бо ин ҳама мушкилот танҳо гузорам?

Хонаи мо ба истгоҳи роҳи оҳан наздик аст. Аз хурдӣ бо савти қатор ва заработи якнавохти чархҳои оҳанин бузург шудам. Ғави роҳбанд (шлагбаум) дар наздикии хонаи мо қарор дошт ва қатор ҳангоми наздик шудан ба ғав ҳуштаки ҷонкоҳе мекашид ва раҳгузарҳои бедиққатро аз сари роҳаш дур мекард. Чархҳои сангини қатор ба роҳи оҳан бармехӯрду деворҳои хона ва қандилҳоро ба ларза меовард. Ҳатто медонистам, ки дар як шабонарӯз чанд қатор аз ин истгоҳ рад мешавад. Ман он замон танҳо як тамошобин будам, аммо акнун сарнавиштам бо ин макон гиреҳ мехӯрд.

Саҳни истгоҳи роҳи оҳан лабрези одам буду теъдоди бору борхалтаҳо аз одамон бештар. Гӯиё ҳамаи мардуми шаҳр ба ҳамин истгоҳ рехта буд. Мусофироне, ки аз қабл билет доштанд, бо чеҳраҳои бозу лабони пурханда дар гӯшаҳои ором сигор дуд медоданд ва бо якдигар «чақ-чақ» мекарданд. Аммо онҳое, ки монанди ман якбора озими сафар шудаанд, ба ҷомадону халтаҳои пурбори сари роҳ пешпо хӯрда, сӯи дафтари фурӯши билетҳо мешитофтанд. Ман мисли бачае, ки дар кӯчаи ношинос гум шудааст, ҳайрону музтар ва беҳадаф сару бари истгоҳро «чен» мекардам. Ногоҳ гуфтугӯи ду нафар ба гӯшам расид, ки яке билет дошт ва ба дигаре машварат медод, ки агар ба фалон раҳбалад пул бидиҳад, ба қатор роҳ меёбад. Ман аз хурдӣ заранг будам, инро Игнат Степанович ҳамеша дар рӯям мегуфт. Ӯ аҳли дурӯғ набуд. Дар паҳлуи марди бебилет манъ шудам ва ба худ гуфтам, агар ӯ ба ҷустуҷӯи он роҳбалад биравад, думболагираш мекунам.

Ниҳоят он мард аз ҷой такон хӯрд ва ман ҳам ба думболаш рафтам. Дар дохили бинои истгоҳ бамаротиб ба касе занг зад. Ниҳоят дар он тараф гӯширо бардоштанд ва ӯ «акаи Салоҳиддин, ма ай номи акаи Самар шумода занг мезанум», гуфт. Марди қоматбаланди ҳудудан 35-сола, ки гунаҳои аз лоғарӣ фурӯ рафтааш ду чолаи амиқро дар сураташ эҷод ме-

кард, дандонхилоле дар кунчи лаб аз дари паҳлуи дафтари билетфурӯшӣ берун омад ва дар ҷустуҷӯи «одами акаи Самар» ба чаҳор тараф чашм дӯхт. Бо марде, ки ман ба думболаш будам, дар гӯшаи камодами толор сӯҳбат кард ва баъди чанде ба ҳам даст доданду ҷудо шуданд.

Ман дигар ба думболи он мард нарафтам, ба назди даре рафтам, ки роҳбаладӣ қоматбаланд ба он ворид шуд. Намедонам ба чӣ умеде пушти дар истодам. Ман охир ин корҳоро балад набудам!

Бечуръатона ангушт ба дар задам, зане дарро боз кард, ки либоси пулис пӯшида буд ва аз фарбеҳӣ дар он либос базӯр мегунҷид. Мӯи зарди локзадааш шабеҳи мӯи арӯсакҳои фарангӣ медурахшид ва бо чеҳраи осиёияш ҳеҷ хешигарӣ надошт.

- Чӣ мехоҳӣ, писар? - пурсид ӯ омирона.

- Ба акаи Салоҳиддин кор дорам.

- Салоҳ, буро, боз як «килиент» омад, гуфт он зан бо ханда ва дандонҳои тилоияш дар рӯшноии чароғ барқ заданд.

Салоҳиддин аз дидани ман ҳайрон нашуд. Дандонхилоли кунчи лабашро гоҳ ба чап ва гоҳ ба рост тоб дода суоломез ба ман чашм дӯхт. Фурсат надодам, ки чизе бипурсад, дарҳол худро «одами акаи Самар» муаррифӣ кардам. Гуфтам, мехоҳам ба Маскав биравам, билет надорам, аммо пул дорам.

- Чӣ қадар пул дорӣ?

Искиноси 100 долариро аз ҷайб берун овардам. Ӯ ҳаросон ба атроф нигоҳ карду бо ишораи сар амр дод, ки пулро ба ҷояш гузорам.

- Паспорт дорӣ?

- Шаҳодатнома дорам.

- Масква пеши кӣ меравӣ?

Ногаҳон як дурӯғи шохдор аз даҳонам баромад, ки худамро низ ҳайрон кард. Шояд мағзи инсон таҳти фишори равонӣ халоқияти бештар зоҳир мекунад.

- Ба назди падарам меравам, дар Маскав кор мекунад.

Салоҳиддин нобоварона ба ман нигоҳ кард.

- Боз аз хона нагурехта бошӣ, ки сари маро дар бало монӣ!?

Эҳсос кардам, ки агар ҳоло ҳушмандӣ нишон надиҳам, муомилот рӯ ба сукут меорад. Боҷуръат рост ба чашмонаш нигоҳ кардам.

- Бовар накунед, аз акаи Самар пурсед.

Салоҳиддин зоҳиран ба ҳарфи ман бовар кард.

- Дар ҳамин атроф гаштан бигир, қатор, ки омад, баъд маслиҳат мекунем, - гуфт ӯ, ки дигар ба ман нигоҳ намекард ва гӯиё худ ба худ ҳарф мезад.

Қатор буғзанон соати 5-и саҳар ба истгоҳ расид ва маҳшаре ба по шуд. Мусофироне, ки соатҳо бесаброна ба самти роҳи оҳан калла мекашиданд, ҳанӯз қатор таваққуф накарда, ҷомадону борхалтаҳо дар пушту дар даст, ба тарафи вагонҳо давиданд. Касе ба касе раҳм намекард, ҳатто ба кӯдакон, ки аз тарс чиррос мезаданд. Бо ин ҳол, умеди расидан ба Маскав, ки баъди гуфтугӯ бо Салоҳиддин воқеӣ менамуд, зери пойи ин тӯдаи басару бар леҳ мешуд.

- Э мардум, шумо чӣ хел инсонед, ҳама дар қатор ҷой мешавед, камтар маданият дошта бошед!

Раҳбаладди зан сарашро аз дари нимабози қатор берун оварда, мусофиронро ба ифоқат даъват мекард, аммо ҷуръат надошт аз вагон пиёда шавад.

Ин дам чанд корманди роҳи оҳан ва ду-се пулис, ки якеи онҳо ҳамон зани дандонтило буд, шабеҳи сарлашкарҳои ҷангӣ ба майдон баромаданд ва ҷамъият зуд пароканда шуд. Таъсири муъҷизавори ҳуштаки пулисро бори аввал дар ҳамон истгоҳ эҳсос кардам. Хуллас, ҳама гӯиё дар вагонҳо ҷо ба ҷо шуд, дар саҳни истгоҳ ман мондаму чанд нафари дигар, ки пас аз бадрақаи мусофирон азми бозгашт доштанд.

- Эй бача, ту Масква рафтанӣ набудӣ?

Салоҳиддин аз остинам кашид ва ба сӯи дари бози қатор, ки ҳеҷ нигаҳбоне надошт, ишора кард. Ман бо як ҷаҳиш

худро ба вагон гирифтам. Қатор буғ заду аз ҷой такон хӯрд. Аз ҳаяҷон ва тарси як оянда номуайян хаёл кардам қалбам аз сина берун меҷаҳад. Бахудо, мисли як хобу хаёл буд. Қатор як-ду дафъа «уфф» кашиду суръаташро бештар кард. Аз зеҳнам гузашт, ки эҳтимол хонаи танги мо дубора ларзид ва хоҳаронамро аз хоб бедор кард. Худоё, чаро ман онҳоро ин қадар осон раҳо кардам?

Салоҳиддин маро дар роҳрави вагон гузошту аз пайи ҷо ба ҷо кардани мусофирон рафт. Қатор аз канораҳои пойтахт, аз паҳлуи кулбаҳои фақирона убур мекард, ки мислашонро ҳатто дар деҳа надида будам. Кӯдакони ин маҳалла гӯиё аҳолии дунёи дигар буданд. Онҳо бо доманҳои пур аз санг баробари қатор медавиданд ва ба панҷараҳо санг меандохтанд. Санге ба бузургии як мушт ба паҳлуи панҷара бархӯрду гашта ба самти «муҳоҷимон» баргашт.

- Писарам, аз пеши панҷара дур шав, боз санге ба сарат нахӯрад. Ин ваҳшиҳо чанд нафарро қариб кушта буданд, - гуфт як марди солманд, ки дар даст офтоба ва дар китф ҷомаи кӯтоҳи беастар аз паҳлуи ман рад мешуд. Эҳтимол аз ташноб меомад, ки дампоиҳои тараш дар палоси нимдошти вагон нақши по мекашиданд.

Савор шудан ба вагон охири кор набудаст. Даъвову ҳақорату кашталкашӣ дар дохили вагон низ авҷ дошт. Хазинадорони роҳи оҳан билети як тахти хобро ба се нафар фурӯхта, мусофиронро ба ҷони ҳам андохтанд. Салоҳиддин дар ин байн мисли шуъбадабози моҳир онҳоро гул мезад ва қавл медод, ки даҳҳо мусофир дар Узбакистон аз қатор пиёда мешавад ва баъд ҳама ҷой меёбанд. Ӯ даъвои як вагонро ҳаллу фасл накарда, доду фарёд аз вагонҳои дигар баланд мешуд. Бечора ҳоле дошт!

Баъди андак ором гирифтани мусофирон Салоҳиддин араққи сару рӯяшро бо дастмоле поккунон ба роҳрав баромад ва нигоҳаш ба ман афтод.

-Ту бача, ба ман пул дода будӣ? - гуфт ӯ дар ҳоле, ки даҳонаш аз пурҳарфӣ хушк шуда, забонаш дар комаш мечаспиду садо мебаровард.

- Не, ака, надодам, - гуфтам ва саддоллариро ба кафаш гузоштам.

Ӯ дуздона ба чапу рост нигоҳ карду пулро ба ҷайб зад ва «бо ман биё» - гуфт.

Маро бо худ ба ҳуҷрае бурд, ки чаҳор ҷойи хоб дошту дастикам 10 мусофир. Онҳо шабеҳи шаддаи гунҷишкҳои шохи дарахт бо ҳам ҷафс нишаста буданд ва пойҳои мусофирони тахтҳои болоӣ ба сари поёниҳо мерасид. Сукуташон тавре буд, ки гӯиё лаҳзае пеш ба ҳам дарафтода, хашми худро фурӯ нишондаанд. Хомӯширо танҳо истаканҳои рӯи мизи назди панҷара халалдор мекарданд, ки бо зарби чархҳои сангини қатор гоҳ ба рост ва гоҳ ба чап ғеҷида, ҷаранг-ҷаранг садо мебароварданд.

- Мардакои хуб, як кори савоб кунед, ҳамин бачаи хеши мора то гранитса дар ягон ҷо ҷой диҳед, гранитсара гузаштем, ҷояшро худам пайдо мекунам, - гуфт Салоҳиддин бо илтиҷо.

Мусофирон аз густохии роҳбалад тааҷҷуб карданд. Марди бурутии канори панҷара, ки синнаш аз дигарон бузургтар буд, аввал як нешханд зад ва сипас бо садои баланд хандид. Хандааш ингор мусрӣ буд, ки ба дигарон низ асар кард ва мавҷи ханда аз тахтҳои пойин ба боло паҳн шуд. Аз дилам гузашт, ки агар панҷара боз намебуд, эҳтимол ин утоқи кучак аз ханда «мунфаҷир» мешуд.

Салоҳиддин эҳтимол чунин тамасхурҳои дастаҷамъиро бисёр дида буд, ки базӯр хандае карду маро ба дохил тела дод ва худаш бо аҷала аз дар берун рафт...

Хеле гузашт, то он хандаи ногаҳонӣ аз лабони мусофирон канда шуд ва онҳо як-як ба ман нигоҳ карданд.

- Биё, бача, дар погаҳи дар наист, - гуфт ҳамон марди бурутӣ, ки «худо шодӣ биёрад» мегуфт ва ашкҳои хандаолудашро бо гӯшаи дастмоли гарданаш пок мекард.

- Чӣ ном дорӣ, йигит?

- Фарҳод... - гуфтам бечуръатона

- Боракалло, ҳамноми писари ман будаӣ!

Садояш оҳанги хушҳолӣ гирифт. Эҳтимол дар фосилаи ду соат аз оғози сафар дилаш барои писараш танг шуда буд.

- Биё, пеши худам бишин.

Мусофирони тахти поёнӣ боз ҳам ҷафстар шуда, барои ман дар паҳлуи он мард як ҷояки кучак сохтанд. Ӯ сари маро падарвор навозиш кард.

- Аҷаб дунёе, хурду калон ҳама овора... Бачаҷон, мо ку маҷбурем аз бекорӣ ба Русия равем ва барои хонаводаҳоямон пул дарбиёрем, ту куҷо равонаӣ?

Чизе нагуфтам. Ин мард зоҳиран инсони хуб менамуд, нахостам бо достони падари дурӯғин гӯшашро пур кунам.

- Падару модарат куҷоянд?

Агар то ҳол бо хомӯшӣ ҷонхалосӣ мекардам, акнун натавонистам лабони аз ғусса каҷ шудаамро ҷамъ кунам. Ашкҳоямро бо пушти дастам руфтам ва бечораҳолона сар хам кардам.

Марди бурутӣ фаҳмид, ки нохоста ба торҳои дардноки қалби ман нохун зад.

- Гиря накун, шери тағош... Бачаҳо, ман камтар гушна шудам, як чойи гарм биёред шуморо бо кулчаҳои янгатон пухтагӣ зиёфат кунам!

Рӯи мизи кучак дар як лаҳза пур аз нӯшу неъмат шуд, ҳар мусофир аз борхалтааш ғизое мебаровард, мусофирони тахтҳои болоӣ наздиктар ба миз рӯи фарш чорзону заданд. Хеле вақт буд чунин ғизои хушмаза нахӯрда будам. Марди бурутӣ, ки ҳамсояи рӯ ба рӯ аз ӯ «акаи Неъмат» ном мебурд, як луқма худаш мехӯрд ва луқмаи дигарро пеши ман мегузошт. Бо ман хеле меҳрубон буд. Шояд ба ин далел, ки ҳамноми писараш будам, ё шояд зотан одами хуб буд.

Қатор раҳ ба раҳ дар чандин истгоҳ таваққуф кард ва соатҳои нуҳи шаб ба марзи Узбакистон расид. Ҳамон тавр,

ки Салоҳиддин мегуфт, сели мусофир аз вагонҳо пиёда шуд ва ҳамзамон марзбонҳои узбак бо сагҳои бӯгир ба вагонҳо рехтанд. Онҳо ҳар мусофирро аз ҳалоҷӣ мегузаронданд ва ба ҳар шикоф сар мезаданд. Пеш аз расидан ба марз Салоҳиддин маро ба утоқи худаш бурд ва амр кард, ки дар зери мизи кучак пинҳон шавам. Садои пойи марзбонҳо ва аккоси сагҳоро мешунидаму дилам аз тарс меларзид. Аммо марзбонҳо бо давр задани утоқи раҳбалад ба вагонҳои дигар гузаштанд. Санҷиши мусофирон ва бору банди онҳо хеле тул кашид, соатҳо идома дошт. Маро аз хастагӣ дар зери миз хоб бурд ва замоне сар бардоштам, ки субҳ медамид ва қатор кавири хушкеро убур мекард.

-Эҳ бача, ту ҳоло ҳам дар зери миз нишастаӣ? Тафтиш кайҳо тамом шуд, то гранитсаи Россия дам мезанем, бихез! - гуфт Салоҳиддин хушҳолона. - Дар вагони «пласкатни» як ҷо холӣ шудаст, рав ҳамонҷа хоб кун.

Роҳрави борик моро ба сӯи даҳлези васлкунандаи вагонҳо мебурд. Пеш аз по гузоштан ба даҳлез ҳоҷатхонаро дидаму манъ шудам. Охир соатҳо дастшӯӣ нарафта будам!

Солҳои ахир, вақте бар он фирори нимашабӣ ва ҳодисаҳои баъдӣ фикр мекунам, ба ин натиҷа мерасам, ки аз он рӯз то ба имрӯз ҳеҷ чизе дар сарнавиштам тасодуфӣ набуд. Гӯиё коргардоне филмномаи зиндагии маро нуқта ба нуқта навишт ва ман дар ин филм танҳо як бозигар будам...

Пушти дари бастаи дастшӯӣ интизор шудам. Салоҳиддин банди ҳисобу китоби худ ба пушташ нигоҳ ҳам накард.

Ниҳоят дар боз шуду акаи Неъмат дастмоле дар китф аз ҳоҷатхонаи танг берун омад.

-Э, хайрияте, ҳастӣ, бача? Моро хавотир кардӣ, шаби дароз хобам набурд, фикр кардам, ки шояд дар марзи Узбакистон аз қатор пиёдаат карданд.

Хушҳолие, ки аз ин дидор доштам, тасаввурнопазир буд. Ғайри ихтиёр ӯро бағал кардам.

-Рав, писарам, дасту рӯятро бишӯй, ҳамроҳ чой менӯшем, пеши панҷара интизорат мешавам.

Ӯ дар роҳ аз самовори кунҷи вагон ду истакони тоза гирифт ва ман аз шодӣ дав-давон дари ҳуҷраро барояш боз кардам.

Хуру пуфи ҳамсояҳои акаи Неъмат аз катҳои болоӣ баланд мешуд, вале як кати поёнӣ озоду мураттаб буд. Эҳтимол мусофиронашро ба ҳуҷраҳои холӣ кӯч доданд.

Мо рӯ ба рӯи якдигар нишастем. Ӯ аз чойники филизии зери дастмоли гулдӯзӣ, ки эҳтимол кори дасти ҳамсари ҳунармандаш буд, бароям дар истакон чой рехт ва як пора гӯшту як пора фатирро рӯи лаълии коғазӣ пешам гузошт.

- Бихӯр, шери тағош, ҳатман гушна шудаӣ...

Аз чой як ҷуръа гирифтам, аммо ба гӯшту нон даст назадам.

Як ҳиссе ба ман мегуфт, ки баъди ин субҳонаи дунафарӣ акаи Неъмат ҳатман аз ман мепурсад, ки кистам ва ба куҷо равонаам.

Ӯ се дона қандро ба истаконаш андохт ва онҳоро дуру дароз бо қошуқ ҳам зад. Нигоҳи ғамангезаш ба думболи кавир мерафт.

- Солҳо боз дар ин роҳи тулонӣ мераваму меоям. Ними Россияро тай задам. Вақте бори аввал ба он кишвар рафтам, Фарҳод дар шиками модараш буд. Писарамро дар сесолагиаш дидам. Маро нашинохт, аввалҳо «тағо» мегуфт, баъдҳо «дада»- гӯиро ёд гирифт. Хеле сахт аст, вақте бузург шудани фарзандро намебинӣ ва садояшро танҳо аз телефон мешунавӣ. Аммо Худоро шукр, ки фарзандонам гуруснаву урён нестанд ва хонаи гарму бистари нарм доранд. Беадад шукр...

Акаи Неъмат оҳ кашид ва рӯ ба ман овард.

- Фарҳод, шери тағош, ту аз куҷоӣ ва куҷо меравӣ? Дар Россия касеро дорӣ? Инро на аз рӯи кунҷковӣ, балки ба ин хотир мепурсам, ки Россия мисли як «ҷангали беқонун» аст ва он ҷангал ҳазор шеру паланг ва рубоҳу шағол дорад. Бис-

ёр бачаҳои мисли худат дар он кишвар гумном шудаанд. Ман дар ин солҳо шоҳиди он қадар ҳодисоте будам, он қадар мардиву номардӣ дидам, ки акнун одамҳоро бо як дидан мешиносам. Салоҳиддин пул гирифтанро балад аст, аммо барояш фарқ надорад, ки сарнавишти бачаҳои мисли худат дар шаҳрҳои Россия чӣ мешавад... Он ҷо касеро дорӣ?

- Ҳеҷ кас надорам...

Буғз гулуямро фишурд ва нагузошт, ки ҳарфи дигаре берун бароЯд.

- Падару модар чӣ?

- Онҳо ҳар ду мурданд... Падарам як сол қабл, модарам як моҳ пеш даргузашт...

- Бародаре, хоҳаре, амаке, тағое?

- Се хоҳар дорам... Хоҳари бузургам 20-сола аст. Амаку тағо... ҳастанд, аммо бо онҳо робита надорем.

- Хоҳаронат медонанд, ки ту куҷо меравӣ?

- Ба касе чизе нагуфтам, якбора аз хона берун задам...

- Ҳмм...

Акаи Неъмат аз ман чашм намеканд, шояд росту дурӯғи ҳарфҳои маро месанҷид.

- Чоятро бинӯш...

Ман мутеъона истаконро ба лаб бурдам ва як ҷуръа нӯшидам, аммо гӯиё чой набуду хор буд, ки гулӯямро харошиду поён рафт.

Ҳар ду хеле сукут кардем. Нафасҳои амиқи ҳамсояҳои болоӣ ҳам дигар шунида намешуд. Насими сарди саҳаргоҳ, ки аз панҷараи бози вагон меомад, мусофирони хастаро ба зери кӯрпаҳои гарм тела медод.

- Бо ман меоӣ? - гуфт ногаҳон акаи Неъмат, ки зоҳиран аз ин пешниҳоди ғайриинтизор худаш ҳам хушҳол буд.

Ман шабеҳи ғарқшавандае, ки дар баҳри тӯфонӣ ногаҳон ҷалиқаи наҷот пайдо кардааст, нигоҳамро аз истакони чой бардоштам ва нобоварона ба ӯ чашм дӯхтам.

- Аммо гуфта бошам, ҷойе, ки ман меравам, як гӯшаи сарди Россия аст, наздикиҳои марзи Финляндия, хеле сард аст, кор ҳам осон нест.

Нафасам аз хушҳолии ғайримунтазира банд шуд ва ба ҷойи ҳарфи сипос аз гулуям садое шабеҳи оҳи амиқ берун омад.

- Чӣ шуд, Фарҳод? Ё аз сардии ҳаво тарсидӣ? - акаи Неъмат баланд хандид ва ман даст рӯи сина аз ҷой нимхез шудам.

Бо дилсӯзие, ки талхиашро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ба ман нигоҳ кард.

- Биншин, писар, ҳоло ба ҷойи кор бирасем, боз аз тарс фирор накунӣ! - ҳарфро ба шӯхӣ кашид ӯ.

Мехостам ӯро бағал кунам ва самимитарин сипосҳоро ба забон биёрам. Аммо он замон ин ҳунарро балад набудам. Баъдҳо, вақте зиндагӣ маро мисли гандуми зери санги осиё гарду бод мекард, сипосу хушомадзаниро каму беш ёд гирифтам. Аммо он лаҳза аз ин меҳрубонӣ хориям омад.

- Ака... ин некии Шуморо... ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, - гуфтам бо садои гирифта ва боварам намеомад, ки ин ҳарфҳо аз забони ман берун меоянд. Аз он лаҳза ба баъд ӯ як бахши зиндагии ман шуд. Дар истгоҳҳо бо ҳам аз қатор берун меомадем ва ягон ғизои сарироҳӣ мехаридем, бо ҳам дар долони қатор хомӯшона манзараҳоро тамошо мекардем. Ӯ ҳатто иҷоза намедод, ки ман танҳо ба дастшӯӣ биравам, мисли фарзандаш аз ман муроқибат мекард.

Панҷ шабонарӯз бо садои тақ-тақи қатору убури биёбонҳои беканор ва шаҳрҳои хурди сарироҳӣ сипарӣ шуд. Тамоми ин муддат ғарқи орзуҳои осмонӣ будам. Аммо гоҳ садои хаста ва нимҷоне, ки шояд садои виҷдонам буд, аз кадом гӯшаи зеҳнам баланд мешуд ва мегуфт: «Ҳеҷ ёдат ҳаст, ки се хоҳари нимгуруснаро танҳо гузоштӣ»? Дар чунин мавридҳо пардаи ашк чашмонамро мепӯшонд ва ҷангалу шаҳрҳои канори роҳ ғарқи об мешуданд.

Саранҷом сафари панҷрӯзаи мо ба интиҳо расид ва акаи Неъмат гуфт, ки баъди ним соат ба қаламрави Маскав ворид

мешавем. Ин ним соат дар назарам мисли ним рӯз мегузашт. Мехостам Маскави таърифиро, ки ин ҳама мардумро мисли оҳанрабо ба худ мекашад, зудтар бубинам.

Қатор қарибиҳои бомдод дар истгоҳе таваққуф кард, ки чандин хати роҳи оҳану чандин қатори наву хушранг дошт. Қатори мо бо панҷараҳои ҷағида, тани харошхӯрдаву рангпарида ва чарххои зангзада дар канори ҳамтоҳои замонавию муҷаллалаш мисли гадо дар паҳлуи шоҳзодаҳо ба назар мерасид. Мусофирон шабеҳи мӯрҳои боркаш аз як қатор берун мешуданд ва ҷойи худро ба мусофирони дигар медоданд.

- Фарҳод, биҷумб, писар, фурсати зиёд надорем, бояд ба қатори Ленинград билет бигирем, - гуфт акаи Неъмат ва борхалтаро ба ман дод.

- Ин ҷо пури ходими пулис аст, саратро пойин биёру зуд ҳаракат кун, ки боз моро манъ накунанд.

Бо аҷала аз қатор берун шудему борҳои сангин дар дӯш ба самти дафтари билетфурӯши давидем, ман ҳатто натавонистам атрофро дуруст бубинам.

- Зиқ нашав, фурсат зиёд аст, ягон рӯз туро ба тамошои Кремл мебарам, аввал ҷо ба ҷо шавем...

Ман дар кунҷи назарнораси толори билетфурӯшӣ пинҳон шудам, вале мисли бачае, ки аз гум кардани модараш дар ҳарос аст, аз акаи Неъмат чашм намекандам, ки гоҳ дар байни анбӯҳи мусофирон наменамуд ва гоҳи дигар чашмонам аз дидани шонаҳои хамидааш рӯшан мешуд. Ниҳоят ӯ баргашту ман аз шодӣ нохудогоҳ ба сӯяш давидам.

- Ана билет ҳам ёфтам! - гуфт ӯ хушҳолона. Ва мо бо ҷомадону халтаҳои пурбор шитобон ба сӯи қатори Ленинград раҳсипор шудем. Қатор зебову мураттаб, вале раҳбаладаш як зани беодобу дағал буд. Ҷомадону борхалтаҳои сангини акаи Неъмат ӯро асабонӣ кард.

- Загрузили себя как ослы, едят и едят! Че вам не сидеться у себя дома??- арбада кард ӯ. Зани гавдадору баднамое буд. Домани кӯтоҳ дошт ва соқҳои захимаш пойи филро ме-

монд. Ҳатто саъй намекард нафраташро пинҳон кунад. Акаи Неъмат тавҳини роҳбаладро бепосух гузошт ва бо лабханди хиҷолатомез билетҳоро ба ӯ дароз кард. Раҳбалад гӯшаи билетро бо кароҳат сӯрох карду пушт гардонд, то ба қатор нишастани моро набинад. Дӯсти нави ман эҳтимол ин дағалиҳоро бисёр дидааст, ки озурда нашуд ва ба сандалӣ нишасту араќи сару рӯяшро бо дастмоле, ки аз рӯзи аввали сафар даври гарданаш буд, пок кард. Русияи овозадор дар симои ин зани беодоб маро бо ахмҳои гирифтаи як модарандар «истиқбол» мекард. Аммо ман он қадр ҳаяҷонӣ будам, ки ҳатто чунин лаҳзаҳои нохушоянд наметавонистанд руҳияамро хароб кунанд.

Қатор ба роҳ даромаду акаи Неъматро хоб бурд. Бечора аз даводави зиёд хаста шуд. Ба чеҳраи офтобхӯрдаи ӯ бо муҳаббат нигоҳ кардам. Пир набуд, синнаш шояд ба 40-45 мерасид, аммо ожангҳои амиқи симоаш ӯро калонсол нишон медод. Қомати баланд, аммо шонаҳои фурӯрафта дошт, шонаҳояш аз меҳнати сангин фурӯ рафта буданд. Даҳони пурхандаи ӯ ба ҳамсӯҳбат оромиш мебахшид, вақте механдид, дандони курсии тилоияш якҷо бо чашмони дудиаш медурахшид. Мӯйҳои сиёҳи сари хокистариашро ба осонӣ мешуд баршумурд, сафедӣ ҳатто дар абрӯвону мӯйлабҳояш буруз мекард. Аммо дили бузурге дошт ба андозаи як дунё. Охир, дар он солу замон, кӣ беғаразона масъулияти як наврасӣ бесоҳибро бар дӯш мегирифт ва ӯро аз гум шудан дар ин кишвари бекарон наҷот медод? Ман он замон арзиши ин одамгариро дуруст дарк намекардам, баъдҳо ба қадраш расидам.

- Бигир бихоб, Фарҳод, то Ленинград чор соат роҳ аст, хаста мешавӣ, - гуфт ӯ ва нимхобу нимабедор сарашро рӯи борхалтаи мулоими ман гузошту дар ҳавои мусиқии нарм, ки фазои вагонро шигифтангез мекард, чашмонашро пӯшид. Ман аз панҷараи бузурги қатор чашм намекандам. Қатор аз канори биноҳои боҳашамат ва шаҳракҳои зебо рад мешуд.

Нигоҳам аз як тасвир ба тасвири дигар мекӯчид ва қалбам аз ин ҳақиқати боварнокарданӣ, ки мани бекасу кӯй саранҷом ба Русия омадам, дар синаам пар-пар мезад. Вагон пур аз мусофирони маҳаллӣ буд. Онҳо бо садои баланд ҳарф мезаданд ва механдиданд. Дар ҳар чеҳрае мешуд эътимод ба нафсро дид. Онҳо соҳибхона буданд, на аз пулис ҳарос доштанд на аз роҳбаладй қатор. Кӯдакон дар бағали модарҳои худ ноз мекарданд ва ҳарфҳои ширин мешуниданд ва касе онҳоро танбеҳ намекард, ки садои худро пойин биёранд. Гӯиё дар як дунёи дигар будам. Хаёли хоҳарони мазлумам, ҷиғ кашидани хоҳарзодаи маъюбам ва хонаи кучакамонро, ки аз садои чархҳои сангини қатор ба ларза меомад, амдан дар зеҳнам гӯр мекардам. Бача набудам, ки нафаҳмам азоби виҷдон чист, ҳамаро дарк мекардам. Аммо он саҳифаи зиндагиамро бо тамоми қаҳрамонҳояш барои худ варақ задам ва саҳифаи нонавиштаеро бо унвони «моҷароҳои ғурбат» боз намудам. Чӣ қадар худхоҳу беинсоф будам!

Қарибиҳои зуҳр ба Ленинград расидем.

- Ҳамин ҷо бишин, аз ҷой такон нахӯр, ки мабодо гум нашавӣ. Ман барои қатори барқӣ билет мегираму зуд бармегардам. Аз ҷомадону борхалта бохабар бош, ин истгоҳ пури дузду авбош аст. Аз уҳдааш мебароӣ? - пурсид ӯ нимшӯхиву нимҷиддӣ.

- Парво накунед, ман бачаи шаҳрам, сарамро медиҳаму борҳоро не, гуфтам бо ҷиддият. Акаи Неъмат баланд хандиду китфҳои маро бағал кард ва сипас ба сӯи дафтари фурӯши билетҳо шитофт. Дар ин панҷ рӯз ӯ ҳам бо ман одат кард, шояд танҳо одат набуд, шояд дилбастагӣ буд? Ман аз ӯ чашм намекандам, хаёлам, ки агар аз ин шонаҳои хамида канда шавам, аз дунё бурида мешавам. Чанд дақиқа дар мадди назарам буд, аммо баъд дар байни анбӯҳи мардуме, ки зоҳиран беҳадаф ҳар сӯ равуо доштанд, нопадид шуд. Истгоҳи кучаки қаторҳои байнишаҳрӣ тозаву озода, вале пур аз гадову маъюбони талбанда ва ҷавонҳои машкук буд, ки нигоҳашон гургҳои борондидаро мемонд.

Акаи Неъмат дер кард ва қалби ман аз нигаронӣ зӯза кашид. «Худоё, нигаҳбонаш бош, нагузор, ки бар пояш хоре бихалад», - зорӣ мекардам Парвардигорро.

- Что парень, скучаем?

Ҷавони малламӯй, ки пӯсти чеҳрааш аз сафедӣ шаффоф менамуд, оҳиста ба ман наздик шуд. Занҷири борикеро дар даст тоб медод ва ҳар лаҳза ба чапу рост туф мекард.

-Тебе-то что!? (Фаромӯш кардам бигӯям, ки ман дар синфи нуҳуми мактаби русӣ таҳсил мекардам ва забони русиам лаҳҷа надошт.)

- Ты чё, борзый что ли?

- Когда надо, могу быть и борзым!

- Чё везешь?

- Не твое дело! Вон мой отец идет, он милиционер, расскажу что приставал ко мне, тебе мало не покажется!

Ман ба самте ишора кардам, ки якчанд ходими пулис ҷавонеро дар ҳалқа гирифта, санадҳояшро тафтиш мекарданд.

- Да ладно... я просто спросил, может помочь нужен... гуфт ва бо занҷири дасташ бозикунон аз пеши ман дур шуд.

Акаи Неъмат як соат таъхир кард, ин як соат дар назарам мисли як сол намуд. Ниҳоят ӯ баргашт, бисёр хушҳол буд.

- Хайрият, ки ду билети охирин дастрасам шуд, раҳ ба раҳ бароят пирошкӣ ҳам харидам, бояд гушна бошӣ.

Хеле гурусна будам. Бори охир соати ҳашти бегоҳи дирӯз охирин пораҳои фатири обпаридаро бо қандчой хӯрдем. Пирошкӣ бо лимонад аҷаб маззае дошт! Ин тамъ барои якумр дар комам нишаст. Солҳои баъдӣ бо ҳавои пирошкиҳои харидаи акаи Неъмат борҳо пирошкӣ мехаридаму бо лимонад мехӯрдам, аммо он мазаро дигар пайдо накардам.

Ҷойи кори акаи Неъмат дар мавзеи атрофи шаҳри Виборг, макони тобистонгузаронии бошандагони сарватманди Ленингрод буд, ки аз ҳавои гарм ба ин минтақаи салқин паноҳ мебурданд. Ҳамсоягии Виборг бо халиҷи ҳамномаш тобистонашро салқин, вале зимистонашро барои як муҳоҷири бо офтоб бузургшуда тоқатнопазир мекард.

Акаи Неъмат дар ин мавзеъҳо барои бошандагони маҳаллӣ бӯстонсаро месохт ва ҳамчун устои ҳалолкор маъруф буд. Хелеҳо мехостанд аз ҳунари ӯ истифода кунанд ва омаданашро бесаброна интизор буданд.

Моро дар истгоҳи қатори барқӣ марди миёнсоле истиқбол кард, ки пероҳани гулдораш то ноф боз буд ва шалвори кӯтоҳаш пойҳои офтобхӯрдаашро намоиш медод. Гӯиё ҳамин ҳоло аз ҳотаи обчакорӣ берун омада буд, ки пӯсти рӯяш аз сурхӣ барқ мезад. Ӯ ба сӯи акаи Неъмат бародарвор оғӯш кушод.

- Ну наконец-то дождались тебя! - гуфту аз чеҳраи хушкидаи акаи Неъмат чалап-чалап бӯсид.

- Здравствуй, Степан, вот приехал, как и обещал. Как вы, как поживаете Мария Васильевна, как внуки?

- Все живы и здоровы, слава Богу! Вижу помощника привёл, твой сын что-ли?

- Фарход, поздоровайся со Степаном.

Ман шармгинона ба Степан даст дароз кардам.

- Привет джигит, ух ты, какой взрослый, и на отца похож как две капли воды!

- Степан, Фарход мой племянник, его родители умерли, пришлось его взять с собой...

Степан дилсӯзона сари маро навозиш карду даст ба китфам гузошт.

- Прости джигит, к сожалению, такое иногда случается...

Ну чтож, Немат, садитесь, я отвезу вас на дачу. Поживите там, присмотритесь... собери бригаду по своему усмотрению. Техника уже у дачи. Оплата будет хорошая, не обижу, ты меня знаешь.

## ЗИНДАГӢ ДАР ДАЧАИ СТЕПАН

«Дача»-и Степан як хонаи дутабақаи қадимӣ буд, ки бо таҳдоби мустаҳкам ва фаршу сақфе аз чӯби сарву санавбар метавонист сад соли дигар ба соҳибаш хидмат кунад. Сте-

пан ҳам зоҳиран ба дурустии тасмими худ шак дошт, ки дар байни ҳавлии сабзу хуррам бозистоду сар то пойи бинои қадимисохтро бо нигоҳаш навозиш кард. Шояд бовар надошт, ки билохира сохтмонро хароб мекунад, аммо омадани акаи Неъмат ин дудилагиро ботил месохт. Ӯ сутунҳои мустаҳками биноро ламс кард.

-Я здесь родился, вырос, здесь женился, и в этом доме родился мой первенец...до сих пор чувствую тепло рук отца в этих стенах...

Аммо баъд ба қасрҳои замонавии ҳамсояҳояш нигоҳ карду даст афшонд ва сареъ ба мошин нишаст, то аз тасмими сохтусоз мунсариф нашавад.

- Я там еду принес, можете пообедать, приеду завтра. Позвони, если что-то понадобится...

Степан одами хубе буд, ба коргар мардум эҳтиром дошт, аз онҳо муроқибат мекард, намегузошт, ки ягон ходими пулис ба хона наздик шавад.

Он шабро мо бо тановули ғизоҳои хушмазаи Степан ва қиссаҳои ҷолиби акаи Неъмат, аз таҷрибаи муҳоҷират, аз фарзандонаш, аз наберааш, ки баъди се моҳ ба дунё меояд, то нисф расондем, хаста будем, аммо хобамон намеомад. Мехостам ӯ низ аз ман дар бораи зиндагиам суол кунад, то дар посухи меҳрубониҳояш достони зиндагиамро ба ӯ қисса кунам. Аммо чизе намепурсид, ӯ гӯиё сарнавишти маро беҳтар аз ман медонист. Ин беҳтарин шаби зиндагии ман дар як сарзамини бегона буд.

Акаи Неъмат аз шумори муҳоҷирони меҳнатӣ, ки қаблан бо ӯ ҳамкорӣ доштанд ва ҳоло дар гирду атроф кор меҷустанд, як дастаи корӣ таъсис дод. Инсонҳои шарифу дӯстдоштание буданд! Чунон ба хонаводаҳои худ садоқат доштанд, он қадр барои шиками сери бачаҳояшон заҳмат мекашиданд, ки ҳоло ҳам, агар аз онҳо ёд кунам, чашмонам нам мекашанд. Агарчӣ камарҳояшон дар зери бори оворҳои сангини хонаи Степан леҳ мешуд ва ҷӯяҳои араҳи шӯр дар чеҳраҳои хоколудашон

харита мекашид, вале хушҳол буданд, ки ҷойи кор доранд ва метавонанд ба хонаводашояшон пул бифиристанд. Яке барои падари маризаш пул ҷамъ мекард, яке мехост барои бачаҳояш хона бихарад, дигаре барои издивоҷ маблағ захира мекард, хулоса ҳар кас як саргардоние дошт. Чӣ қадар сареъ кор мекарданд онҳо! Танҳо барои намозгузорӣ ва наҳор аз кор мунсариф мешуданд. Ин буд, ки дар ду се ҳафта ними хонаи Степан мисли наҳанги дар соҳил мурда «гӯшт»-аш рафту танҳо «қоб»-аш монд.

Баъзе шабҳо дар гирди суфраи ғарибӣ бо зарофату латифагӯӣ сипарӣ мешуд. Мегуфтанду механдиданд ва ба таронаҳои Шаҳобиддин, ки овози худододаш дилҳоро тасхир мекард, гӯш медоданд. Шаҳобиддин дутори пурнакқшунигорашро рӯи сабзаи ҳавлии Степан ҷӯр мекарду таронаи модарро месуруд. Ғизои нимахӯрдаи коргарон, ки шояд он лаҳза эҳсоси кӯдакӣ бар онҳо ғолиб меомад, дар комашон талх мешуд. Гумонам ҳеҷ кас ба андозаи марди аз Ватан дурафтодаи тоҷик модарашро дӯст намедорад. Аз садои Шаҳобиддин хушам меомад, аммо намехостам таронаи модарро бисарояд, ба ин далел, ки эҳсоси хориву зорӣ мекардам ва буғз гулуямро мефушурд.

- Бачаҳоро зиқ накун, Шаҳобиддин, ягон суруди шод бихон, - мегуфт акаи Неъмат ва Шаҳобиддин созашро ба оҳанги дигар ҷӯр мекард. Муҳоҷирон то ними шаб мерақсиданду бо Шаҳобиддин ҳамовоз мешуданд ва баъд хамёзакашон ба қисмати ҳанӯз ободи хонаи Степан хазида, сар ба болин мегузоштанд. Бархеро зуд хоб мебурд. Аммо онҳое, ки ҳамсари ҷавон доштанд, дар гӯшаҳои аз назарҳо пинҳони боғ ба гуфтугӯҳои ошиқона мепардохтанд.

Сукути шаб замзамаи ошиқонаи онҳоро ба атроф пахш мекард ва оҳангҳои ин ансамбли маҳрамона ба гӯши ман ҳам мерасид. Медонистам, ки шунидани суҳбати бегонагон як одати бад аст, аммо гуноҳи сукути шаб буд, ки ин нағмаҳоро ба гӯшам мерасонд.

Ман ба ин садоҳои нарму меҳрубони нимашабӣ одат кардам ва ҳамон тавр, ки садои хониши чирчирак хобамро меовард, гуфтугӯҳои ошиқона низ ба ман оромиш мебахшиданд ва гоҳо маро ба ёди модари бечораам меандохтанд, ки ҳар бозгашти падарам барояш монанди тӯй буд. Аз хушҳолӣ чандин навъ ғизо мепухт, хонаро пок мешуст, зеботарин пероҳанашро мепӯшид ва ягона ҳалқаи тилояшро ба гӯш мекард. Падарам барои як ё ду рӯз меомад, бо эҳтиёт меомад, шояд метарсид, ки мабодо хонаводаи дигараш аз вуҷуди мо бохабар шавад. Меҳрубониҳояш ҳам бо мо олуда бо хиҷолат буд, мисли меҳрубонии як меҳмон бо бачаи соҳибхона. Шояд метарсид, ки моро дӯст дораду одат кунад ва дигар аз мо бурида натавонад? Намедонам чӣ дард дошт. Танҳо ҳаминро медонам, ки ӯ барои модарам мисли нафас буд. Ӯ мерафту модарам ғамбода мегирифт, пажмурда мешуд, соатҳо ба як нуқта зул мезад, аз хурду хӯрок мемонд ва, ба гуфтаи модарбузургам, «рӯзаи Марям» мегирифт.

Дар ғурбат дилам барои модарам бештар танг мешуд. Аммо хотироташ ҳам мисли худаш пур аз ранҷу бадбахтӣ буд. Рӯзҳои шодаш ба ёдам намеомад ва чеҳраи зебояш аз хотирам зудуда мешуд. Аз ӯ дар ёди ман ҳамон тахти бемористон монду азобҳояш ва чеҳраи вармосидааш, ки шабеҳи худаш набуд. Ӯ аз мурдани падарам пас аз ду рӯз тасодуфӣ аз кадом шиносе огаҳ шуд ва мисли девонаҳо мӯйканону синазанон то хона расид. «Хонаам сӯхт, хонаам сӯхт»! мегуфт ва сар ба девор мезад. Мо аз тарс ба ҳар кунҷи хона панаҳ мебурдем.

Намедонам, шояд ҳарфи ман куфр бошад, аммо набудани падарам чизеро дар зиндагии ман дигар накард. Ин модарам буд, ки мисли шамъ рӯз то рӯз об мешуд ва саранҷом ғуссаву андуҳи бепоёнаш ба саратон печид. Дигар ба мо фикр намекард, медонист, ки аз зиндагиаш чизе намондаст, шояд мехост бимирад. Эҳтимол марг охирин гузинаи раҳо шудан аз андуҳи набудани як фарди барояш азиз буд. Маризиаш дер

накашид, модарам дар сари соли марги падарам аз дунё гузашт. Рӯзе, ки ӯро ба хок супурдем, муллои маҳалла носеҳона гуфт, ки аз шумо коре барнамеояд, дар ҳаққаш дуо кунед, то охираташ обод бошад. «Худо раҳматат кунад, модарҷон, ҷоят ҷаннат бошад»!

Содиқона бигӯям, то омадан ба ин сарзамин аз мазҳабу баҳсҳои мазҳабӣ дур будам. Диндории хонаводаи мо танҳо ба рӯзадорӣ ва намозгузорӣ дар моҳи муборакии Рамазон маҳдуд мешуд. Модарбузургам аз фориғболии духтараш нороҳат буд ва мегуфт: «Диндориҳои туву бачаҳот шабеҳи таҳсили ғоибона аст, ки соле як бор иттифоқ меафтад». Ӯ саъй мекард халои мазҳабии хонаводаи моро пур кунад, худаш саводи динӣ надошт, тамоми умр намозро бо чаҳор сураи қориазёд мехонд. Соле, ки ба дувоздаҳ қадам гузоштам, модарбузургам барои як ҳафта меҳмонӣ омад ва гуфт: «Мувозиб бош, ту ба синне расидӣ, ки фариштаҳои китфи росту чапат гуноҳҳоятро дар дафтари аъмолат менависанд ва рӯзи қиёмат пешат мегузоранд». Ҳамон сол, маро дар моҳи муборакии Рамазон ба рӯзадорӣ ташвиқ кард. Рӯзи аввал гуруснагиро то ғуруби офтоб таҳаммул кардам ва фардо рӯзаамро шикастам. Модарбузургам асабонӣ шуд ва гуфт, ки себ аз дарахт дур намеафтад.

Аммо дар ғурбат инсон дилтангиҳои худро дар муноҷот бо худо рафъ мекардааст ва оромишу сабрро дар пешгоҳи Худованд меёфтааст.

Дар байни дӯстони ҷадидам устои кандакоре буд бо номи Мисбоҳиддин, ки ба чӯб руҳ мебахшид ва кандакориҳое мекард, ки чашм аз диданаш хира мешуд. Шояд 22 сол дошт, ё ҷавонтар буд, ёд надорам. Пӯсти рангпаридае дошт, мисле, ки умре рӯи офтобро надида буд. Чашмони мисли зуғол сиёҳаш узвҳои дигари сураташро дар ҳарири он пӯсти сафед назарногир мекарданд.

Аз кадом деҳкадаи дури кӯҳистон омад ва дертар аз дигарон ба гурӯҳи мо пайваст. Инсони бодиёнат ва фурӯтане

буд. Мегуфтанд, дар назди кадом шайхи шинохта дарси динӣ гирифтааст. Хеле шармгин буд, вақте аз ӯ дар бораи масоили динӣ суол мекарданд, гунаҳои рангпаридааш гулобӣ мешуд ва тавре суҳбат мекард, ки ингор дар назди устодаш имтиҳон месупурд. Шояд иштибоҳ кунам, аммо ба назарам мерасид, ки ӯ бо ман бештар эҳсоси роҳатӣ мекунад, дар ҳузури ман нутқаш бозтар мешуд, аз маргу зиндагӣ мегуфт, аз гуноҳу савоб мегуфт, аз барзаху қиёмат мегуфт. Дар бораи марг он қадр роҳат суҳбат мекард, ки ингор на дар бораи нобудии ҷону тан, балки дар бораи як меҳмонии тулонӣ ҳарф мезад. Бо дарки ночиз аз дину шариату ойин, ман барои Мисбоҳиддин ҳамсуҳбати хубе набудам, аммо мухотаби хуб будам. Соатҳо ба ҳадису достонҳои мазҳабиаш гӯш медодам, чунин алоқамандиро ман бори аввал замоне таҷруба кардам, ки бароям «плейстешен» харида буданд.

Алоқамандии ман ба суҳбатҳои Мисбоҳиддин аз дилтангӣ барои модарам буд.

Хеле дилам мехост, ки модарам дар он дунё хушҳол бошад.

-Марг поёни зиндагӣ нест, гузор аз як дунё ба дунёи дигар аст, ҷойе, ки зиндагии абадӣ оғоз мешавад. Дар байни ин дунё ва он дунё дунёи дигаре аст, бо номи барзах. Пас аз мурдан тани инсон ҷузъе аз хок мешавад, вале рӯҳ то фаророрасии рӯзи қиёмат дар барзах мемонад... Руҳи ҳамаи гузаштаҳо дар барзах аст, руҳи модари ту ҳам.

-Ӯ маро мебинад?

-Онҳо моро намебинанд, аммо гоҳе ба хобамон меоянд ва моро аз вуқуъи иттифоқоти нохуш огоҳ мекунанд.

-Мисбоҳиддин, ту аз мурдан наметарсӣ?

-Наметарсам. Мо ҳар шаб вақте чашм мепӯшем ва ба хоб меравем, руҳамон аз тан ҷудо мешавад, вале боз бармегардад, чун Худо инро мехоҳад. Хоб ҳам шабеҳи мурдан аст.

Ба ҳарфҳояш дар бораи маргумир бо шубҳа гӯш медодам. Охир, чи гуна ба ӯ бигӯям, ки ман чеҳраи ваҳшатноки

маргро дар сари болини модарам дидам ва нафаси сарди ӯро дар лабони обии модарам эҳсос кардам.

Ҳар чӣ ҳам бошад, ман аввалин дарси мазҳабиро аз Мисбоҳиддин омӯхтам.

Зиндагӣ дар канори акаи Неъмат шодтарин даврони иқомати ман дар ин сарзамини бегона буд. Ӯ намегузошт, ки бори сангин бардорам, мегуфт, қоматам аз сабзиш мемонад. Ман асосан ба ошпаз, акаи Муҳаммад кумак мекардам, об меовардам, сабзавот пок мекардам ва гоҳ бо ароба хишт мекашондам. Маҳсулоти ғизоиро Степан меоварду ва то шом ба Ленинград барнамегашт, то аз палови таърифии Муҳаммад, ки дар водии Вахш ошпази беҳтарин будаст, бенасиб намонад. Ӯ аз кори Неъмат ва устоҳои дигар розӣ буд ва мегуфт, ки бо ин суръат хонаи зимистона то фарорасии сардиҳо омода мешавад.

Муҳаммад марди меҳрубон ва ҳалолкоре буд, мисли акаи Неъмат. Дилаш ба ҳоли ман месӯхт, ҳамеша бароям ғизои иловагӣ медод. Мегуфт, «туро вақти шӯхиву бозият аст, бача, ҳайф, ки бармаҳал ба ҳаёти пурташвиши муҳоҷират ворид шудӣ». Шояд акаи Неъмат ва Муҳаммад дар симои ман писарони худро медиданд, хатҳои сабзи гузори кӯдакӣ ба наврасиро дар чеҳраи ман мушоҳида мекарданд ва қалбҳояшон аз ғусса фишурда мешуд. Бачаҳои фирории мисли ман дар Русия кам набуданд. Базеҳоро бахт омад мекарду кадоме аз муҳоҷирони дилсӯзи мисли акаи Неъмат онҳоро зери пар мекард, бархе аз бесоҳибӣ бедарак мешуданд.

Степан маошро охири моҳ меовард ва чашмони коргарон аз хушҳолӣ барқ мезад.

- Немат, вижу малой тоже трудится. Могу добавить его зарплату к твоей.

- Нет, Степан, у нас разные карманы, он работает на равне со всеми... дай ему то, что причитается.

Бори аввал вақте Степан ба ман шаш ҳазор рубл дод, аз хушҳолӣ дастпоча шудам. Искиносҳоро гаштаву баргашта

мешумурдам. Гӯиё ҳар бор бишмарам, теъдоди онҳо бештар мешавад. Орзуи телефони ҳамроҳ маро ҳаяҷонӣ мекард.

- Пулҳоятро сарф накун, тирамоҳ яке аз бачаҳо ба Душанбе меравад, ба хоҳаронат пул бифирист, - гуфт Неъмат ва рост ба чашмони ман нигоҳ кард. Гӯиё мехост эҳсоси масъулиятшиносии маро имтиҳон кунад.

- Онҳо ба кумаки ту ниёз доранд...

Хиҷолат кашидам, ки чаро фикри хоҳарони муҳтоҷам ба зеҳни худам наомад.

Пулро ба акаи Неъмат додам.

- Ин дасти Шумо бошад, беҳтар аст, - гуфтам бо садои гирифта ва бо орзуи телефони ҳамроҳ худоҳофизӣ кардам.

- Бо ман биё.

Ӯ маро ба сӯи нимаи ободи хонаи Степан ҳидоят кард, ки ҳанӯз хобгоҳи муваққатии коргарон буд. Тахти хобашро як тараф кашиду тахтаи ковоки фаршро бардошт.

- Ман пулҳоямро ин ҷо нигоҳ медорам... Боз гумон накунӣ, ки ба бачаҳо эътимод надорам, дорам, онҳо одамони содиқу покдиланд, аммо дар мусофират ҳар иттифоқе имконпазир аст.

Ман ба он пинҳонгоҳ як нигоҳи кӯтоҳ андохтаму худро ақиб кашидам. Ҳисси аҷибе доштам, чизе шабеҳи ифтихор. Ман аз эътимоди ин марди калонсол ба як навраси ношинос мутаассир шудам. Ин аввалин ва муҳимтарин эътимод дар тамоми умрам буд.

Дурустии ҳарфи акаи Неъматро дертар фаҳмидам. Дар сарзамини бегона ҳеҷ чизе талхтар ва дардноктар аз хиёнати як ҳамватан нест.

Шаш моҳи умри ман дар ғурбат мисли як мижа задан гузашт. Хонаи меросии Степан ҳам ба хок яксон шуд ва ҷойи он сохтмони зебои замонавӣ, бо панҷараҳои аз сақф то замин қад кашид. Коргарон маоши худро моҳ ба моҳ ба хонаводаҳояшон мефиристоданд. Танҳо миқдори ками пулро бо худ нигоҳ медоштанд. Хеле камхарҷ буданд, ҳатто дила-

шон намешуд аз дукони сари роҳ барои худ яхмос биханд. Ҳамсарони онҳо ҳатто тасаввур намекарданд, ки ҳар тангаи муҳоҷир бо чӣ сахтӣ, бо зуқ-зуқи устухонҳои дардманд, шикамҳои нимахолӣ ва шонаҳои хамзада ба даст меояд.

Сохтмон ба итмом расид ва коргарон акнун охирин ҷузъиёти кучаки ҳуҷраҳоро комил мекарданд. Степан аз шодӣ маоши онҳоро бо иловаи ҷоизаи молӣ беш аз пеш овард ва он шом коргарон аз шодӣ ба ҳар гӯша хазиданд, то ин хабари хушҳолкунандаро ба хонаводаҳояшон бирасонанд. Акаи Неъмат, ки баъди густурдани фарши нав пулҳои моро аз захирагоҳи пешин ба шифти болохона кӯчонид, бастаи пулҳоро ба ман дод ва бо гӯшаи абрӯи хамзадааш ба болохона ишора кард. Бечора коргарҳо он қадр хушҳолу чашмсер буданд, ки бори аввал оши пӯхтаи акаи Муҳаммад дар табақҳои нимахолӣ ба ошхона баргашт.

Мо ҳама дар толори бузурги ошёнаи аввал хобгоҳ доштем, ки бисёр гарм буд ва болопӯшу рахти зиёд талаб намекард. Коргарон барномаи бозгаштро мекашиданд ва барояшон муҳим набуд, ки ин ду-се рӯзро дар чӣ шароит сипарӣ мекунанд. Аммо нимаи шаб замоне, ки хомӯшии атрофро танҳо аккоси сагҳои бадвоҳимаи сокинони хонаҳои тобистонӣ халалдор мекард ва муҳоҷирон бо чеҳраҳои шод сар ба болин гузоштанд, ногаҳон чароғи хона рӯшан шуд ва мо худро дар рӯ ба рӯи як гурӯҳи одамони мусаллаҳ бо занҷиру корду табар дарёфтем. То ҳол намедонам, онҳо чӣ тавр омаданд, ки мо садои пояшонро нашунидем. Таҳаввулоти баъдӣ мисли филмҳои бондитӣ буд. Онҳо муҳоҷирони хоболудро бо мушту лагад рӯ ба девор қатор карданд. Танҳо акаи Муҳаммад бо мо набуд. Ӯ чун ҳамеша дар ошхонаи гарм мехобид, то сагу гурбаҳои велгард гӯшту маводи дигарро ба яғмо набаранд. Муҳоҷимон тоҷик буданд, бо забони мо суҳбат мекарданд. Саркардаашон марди ғулбанге буд, муштҳои бузургаш ҳандалаки наврасидаро мемонд. Дар даст таппонча дошт ва бо забони лакнатдораш модару хоҳари муҳоҷиронро ҳақо-

рат медод ва амр мекард, ки «...Фалониочаҳо, пулҳоро бароред»! Панҷ нафари дигар ба ҳар кунҷ пароканда шуда, либосҳои муҳоҷиронро тагу рӯ мекарданд. Намедонам аз зеҳни ҳамкоронам чӣ мегузашт, шояд онҳо дар гузашта ҳам чунин шабехунҳоро таҷруба кардаанд, ки бемуқовимат, як-як хам шуда, маоши бо заҳмат омадаро аз зери болишту рахти хоб берун оварданд. Ман ба акаи Неъмат ҷафс шудам. Танаш меларзид. Бечора моҳҳо пул ҷамъ кард, то барои бачаҳояш хонаи ҷадид бисозад.

- Барои ту фармони алоҳида даркор аст? Бурор пулҳоятро! - фарёд зад марди туталла ва аз каштали акаи Неъмат кашид.

- Пулҳоро имрӯз ба хона фиристодам... ягон танга надорам, - овози акаи Неъмат бечораҳолона ларзид.

Марди хирсмонанд надик шуду миллаи таппончаро ба пешонии акаи Неъмат гузошт.

- Аҷали саг, ки расид, дар девори мачид мемезад! - гуфт ӯ дар ҳоле, ки дандонҳояш аз қаҳр садо медоданд.

Акаи Неъмат чизе нагуфт, танҳо зонувонаш хам заданд, мисле ки мехост пеши ин палид ба зону бизанад.

- Ҷойи хоби ин «ку...тӣ» куҷо аст?!

Марди ғул он қадр баланд фарёд зад, ки гумонам пажвоки садои ӯ аз ин хонаи холӣ ба саросари русто паҳн шуд. Касе аз коргарон сар баланд накард. Авбошон акнун муштҳои гиреҳбастаи худро ба сари онҳо баланд карданд, ки акаи Неъмат «ҷойи хобам унҷост»,- гуфт.

Тамоми ин муддат як андеша зеҳнамро банд мекард, ки агар маро таҳти зарбу шатм бигиранд, оё тоқати инро дорам, ки ҷойи пулҳои акаи Неъматро ба ин палидҳо нишон надиҳам?

Кофтукови ҷойи хоби акаи Неъмат натиҷа надод ва марди хирсмонанд бо мушти бузургаш ба шиками акаи Неъмат зарба зад ва ӯро аз пой афтонд. Ман нохудогоҳ фарёд кашидам.

Ӯ ба ман наздик шуд.

- Сағера, рав пулҳои падаратро биёр!

Ногоҳ аз ким-куҷои вуҷудам ҷасорати то ҳол бароям ношиносе берун чаҳид, ки ҷӯш мезад ва тарсро дар чашмонам саркӯб мекард. Рост ба чеҳраи гургмонанди он авбош нигоҳ кардам ва ба худ қавл додам, ки ҳатто агар сарам ба бод биравад, ҷойи пулҳои акаи Неъматро ошкор намекунам.

Он мард аз ин ҷасорат, ки беибо ба чашмонаш нигоҳ кардам, ба хашм омад ва даст ба хирхираи ман бурду маро то сақфи девор бардошт ва бо шаст ба замин афканд. Хаёл кардам, ки сутуни фақаротам шикаст. Хам шуду мехост дубора маро ба сақф бардорад, аммо дар ҳавли ҷон аз банди дасташ газ гирифтам. «Оҳ онаи туро...» гуфту фарёди ҷонкоҳе кашид ва мушти дигараш рост ба сарам бархӯрд ва ман аз ҳуш рафтам.

Дигар чизеро ёд надорам. Аз садои Степан ба ҳуш омадам, ки ҳодисаро ба кадом як марди бегона шарҳ медод. Ангуштони сардамро акаи Неъмат молиш медод. Дастони шахшули ӯро, ки борҳо сару рӯямро навозиш кардаанд, аз байни сад дасти дигар ташхис медодам.

-Мдаа...я..с..но – мад кашид садои ношинос.

Чашмони варамидаамро ба сахтӣ боз кардам, ингор маро занбӯр газида буд. Сарам дард мекард ва як пардаи часбонак намегузошт пилкҳоям аз ҳам ҷудо шаванд.

-Дядя Степан, их ограбили свои же соотечественники. Это банда давно орудует в Ленинградской области, они связаны с другими криминальными группировками. Ничего не обещаю, проверю по своим каналам... А мальчика отведите в больницу. У него кажется сильное сотрясение мозга. - илова кард ҳамсуҳбати Степан, ки, тавре баъдтар фаҳмидам, капитани пулис будааст.

Табобати зарбаи мағзӣ ду ҳафта тул кашид. Аммо садоқат ва муҳаббатеро, ки баъди ин ҳодиса дар чашмони акаи Неъмат медидам, арзиши ин зарбаи мағзиро дошт.

Ҳарфҳои Игнат Степанович ба ёдам омад, ки гоҳ файласуфона чашм ба дуриҳо медӯхт ва ба ман аз ҷасорату мардонагӣ панд медод. Мегуфт, садоқат ганҷи бебаҳоест, ки онро танҳо одами боарзиш дорад ва шуҷоат хислати модарзодӣ аст, ки инсон бо он таваллуд мешавад ва бо он мемирад. Ман то шабехуни авбошон аз худам шинохте надоштам. Ҳодисаи он шаб муносибатамро ба шахси худам тағйир дод. Таҳсину эҳтиромро дар нигоҳи коргарон медидам ва пинҳонӣ бо худ ифтихор мекардам. Акаи Неъмат сазовори ҳама гуна аз худ гузаштан буд. Дар ин ним сол наздиктар аз касеро надоштам. Ӯ ҳама касам буд!

Сохтмони Степан баробари фарорасии сардиҳо комилан ба итмом расид. Акаи Неъмат калиди хонаро ба Степан супурд ва озими Тоҷикистон шуд. Моҳҳо пеш гуфта буд, ки мехоҳад зимистонро дар канори бухории гарм бо бачаҳояш сипарӣ кунад ва аввали баҳор баргардад. Коргарони дигар, ки баъди шабехуни авбошон бо дилҳои хиҷил ва бо дасти холӣ ба ватан бармегаштанд, бо охирин захираҳои худ дар ҷустуҷӯи билети арзон буданд.

Бо акаи Неъмат ба бозори наздимарзии Виборг рафтем, то барои бачаҳояш ҳадя бихарем. Бозор пур аз сокинони манотиқи марзии Финлонд буд. Финлондиҳо ба бозор сару либос ва пойафзол меоварданд ва аз он ҷо ғизои арзон мехариданд. Бозори афсонавие буд. Занону духтарон бо либосҳои қадимии русӣ, кокулони шабеҳи соқаи ҷавдор ва тоҷҳои рангоранг харидорони хориҷиро мафтун мекарданд. Бӯи пирошкиву ҳасибҳои хонагӣ ва тухми моҳӣ аз фарсаххо ба димоғ мерасид. Фурӯшандаҳо он қадр бо харидорон меҳрубон буданд, ки мегуфтӣ бо сафаре дар замон ба Руси қадим афтодаӣ. Акаи Неъмат дар назди дукони болопӯшҳо манъ шуд ва як курткаи андозаи бачаи 15-сола дархост кард.

-Инро бипӯш, - гуфту ду қадам дуртар рафт ва бо чашмони нимапӯш ба ман зул зад.

- Болопӯшро дақиқан барои ту дӯхтаанд, муборак бошад! Ин кулоҳро ҳам бигир.

Сипас ба чаҳор тараф нигарист ва зоҳиран он чиро пайдо кард, ки ба думболаш мегашт. Маро дар нимароҳ танҳо гузошту майдони бозорро бо суръат убур кард ва дар назди дукони кафшҳо истод.

Як ҷуфтро интихоб карду гӯиё моҳии тило ба шасташ афтода бошад, боло бардошт ва аз дур ба ман нишон дод. Аммо ман шитоб надоштам, бо сари хам пойҳоямро ба зӯр мекашидам. Ӯ мунтазири расиданам нашуд ва хушҳолона ба пеш давид. Бечора ҳама нозҳоямро бо лабханд мехарид!

- Бубин чӣ бароят пайдо кардам! Бо ин мӯза ҳатто зимистони сибирӣ ҳам даҳшатнок нест. Кафшҳоятро дарбиёр ва ин мӯзаҳоро бипӯш!

Ним соле аз умри ман дар сохтмони Степан бо хоку лой олуда гузашт ва ман ҳатто барои худ як ҷӯроб нахаридам. Агар бигӯям, ки дар ин муддат руъёи либосҳои зеборо надидам, дурӯғ мебуд. Пероҳану шимҳои кӯтоҳи наврасони дачанишинро медидаму оби даҳонам мерафт, аммо дилам намешуд пул харҷ кунам ва ҳоло бояд аз ҳар хариде хушҳол мешудам. Аммо хушҳол набудам, нигарон будам, сафари зудраси акаи Неъмат ин колоҳои деринтизорро дар назарам беқадр мекард. Ягона пушту паноҳи мани ятими кулл ҳамин марди шариф буд, ки агар як соат набинамаш, пуштам холӣ мешуд. Аз худ суол мекардам, ки дар ин сарзамини муҳоҷирбадбин бе ӯ чигуна ҷон ба саломат мебарам? Ӯ нигарониҳои маро аз нигоҳам мехонд, аммо худро ба нодонӣ мезад.

Саранҷом тоқат накардам.

- Акаи Неъмат... ман бе Шумо чӣ кор мекунам? - буғз кардам ва садоям гулуямро чун хурмои норасида фишор дод.

Лабханди ғамангезе дар лабонаш гул кард. Ӯ бо баҳонаи дуруст кардани болопӯши навам занҷирро болову поён бурд ва нигоҳашро аз ман гурезонд. Баъд кулоҳамро то гӯшҳоям кашид ва рост ба чашмонам нигоҳ кард.

- Фарҳод, писарам, ту дигар бузург шудӣ, гармиву сардии ғурбатро чашидӣ... Ёдат ҳаст, як хона одам аз тарс бо ав-

бошҳо сар ба сар нашуданд, танҳо ту ҷасурона ба онҳо ҳамла кардӣ... Ту ин тавонро дорӣ, ки аз худат муроқибат кунӣ, ман ба ту эътимод дорам...

Ӯ монанди падаре, ки писари болиғашро барои як зиндагии мустақилона омода месозад, бо ҳар каломаш бар тавоноиҳои ман таъкид мекард.

Аммо ин тавсиф ба ман руҳия намедод. Сарамро гунаҳкорона пойин андохтам. Акаи Неъмат оҳи вазнине кашид.

-Туро бо ҷону дил бо худ мебурдам... аммо шояд ин дафъа бахтат омад накунад ва ба қатор роҳ наёбӣ.

Ҳар ду хомӯш шудем.

- Купите сыну варежки, они из чистой шерсти, посмотрите на его руки, аж посинели от холода! Духтараки ҳамсоли ман, ки садбаргҳои шоли рӯи шонаҳояш бо рухсораҳои гулгунаш вориди ҷанг буданд, бо ишора ба дастони ман ва бо нози кӯдакона димоғашро инҷ ва гарданашро каҷ кард.

- Конечно, дочка, конечно, дай сюда свои варежки! Акаи Неъмат дастҳои шахшӯлашро ба ҳам совида ба самти духтарак, ки чандин дастпӯши хурду калон дар банди дасташ овезон буд, қадам бардошт. Як дастпӯши ҳамранги кулоҳамро интихоб карду бақияи пулашро нагирифт.

Духтарак пулро хушҳолона ба ҷайби пӯстинаш гузошту ба сӯи ман чашмак зад, «носи на здоровье» гуфт. Дилам якбора гум зад ва лабонам аз ҳайрат гиз шуданд. Аз нигоҳи акаи Неъмат, ки бо табассуми маънидорона аз ман чашм намеканд, шармидам. Шояд эҳсос мекард, ки болиғ мешавам ва нигоҳам нохудогоҳ дар чеҳраҳои гулобӣ ва гесувони тилоии духтарони рус дармемонад. Ӯ лабханд зад, аммо дар ин лабханд беш аз шодӣ нигаронӣ эҳсос мешуд.

- Ба хона, ки расидем, адреси хоҳаронатро навис, пулҳоятро ба онҳо мерасонам, - гуфт акаи Неъмат, ки эҳтимол намехост ман бештар аз ин хиҷолат бикашам.

- Як миқдор пулро бо худ нигаҳ дор, даркор мешавад.

Ӯ барои бачаҳояш як дунё сару либосу бозичаву арӯсак ва барои ҳамсараш шоли абрешими чун шир сафед ва атри

хушбӯй харид. Бо фурӯшандаҳо муомила мекард ва қимати колоро пойин меовард, танҳо бар сари чизҳое, ки барои ҳамсараш харид, муомила накард. Дилаш барои янга танг шуда буд. Ӯ гоҳо акси ҳамсарашро дар экрани шикастаи телефонаш, ки хонаи анкабутро мемонд ба ман нишон медод. Ман аксро басахтӣ медидам, аммо ӯ ингор ҳар хату холи ӯро ба осонӣ ташхис медод ва дар ҳоле, ки чашмонаш аз муҳаббат, ё шояд сипосу миннатдорӣ пуроб мешуданд, мегуфт:

- Фарҳод, инсонҳои мисли янгаат гавҳари ноёбанд, ман аз ӯ аз замин то осмон розиям. Бо ҳам чӣ сахтиҳое кашидем, гоҳе шуд, ки танҳо бо обу нон қаноат кардем, гоҳе бесарпаноҳ мондем, аммо боре ҳам аз забони ӯ шикоят нашунидам. Солҳо аз падару модари маризам муроқибат кард, боре ҳам шикоят накард. Медонӣ дар ҷавонияш чӣ қадар зебо буд? Мисли парӣ буд! Сахтиҳои рӯзгор ӯро гандапир кард, аммо ман бо ҳама чуку чурукаш ӯро ба зеботарин олиҳаи ҳусн иваз намекунам!

Ҷумлаи ахирро ончунон бо ифтихор ба забон овард, ки ингор занҳои зебо даста-даста барои ишқи акаи Неъмат саф кашидаанд ва ӯ ба хотири садоқат ба янга онҳоро рад мекунад!

Дар бозгашт ҳар ду хомӯш будем. Акаи Неъмат дар ҳавои дидори зудраси ҳамсару фарзандонаш ҳаяҷонӣ буду худ ба худ лабханд мезад, ман бо ахмҳои гирифта ба садои ғарч-ғарчи барфи зери кафшҳои навам гӯш медодам. Ёд надорам аз зеҳнам чӣ мегузашт. Ҳар андешаи дигар ба ҷуз озурдагие, ки акаи Неъмат ба ин роҳатӣ маро ба ҳоли худам мегузорад, дар зеҳнам намегунҷид. Ҳатто ин тасвир, ки хоҳарони нимгуруснаам пулҳоро мегиранду аз шодӣ лол мешаванд ва бо ман ифтихор мекунанд, маро ҳаяҷонӣ намекард. Дар ин шаш моҳ се ҳазор дуллор ҷамъ кардам!

- Фарҳод, ту халтаҳоро ба хона бубар, ман як сари по ба дорухона меравам ва зуд бармегардам.

Вақте халтаҳоро ба ман медод, нигоҳам ба дастони дурушташ афтод, ки аз сармо кабуд мешуданд. Дилам таҳ кашид ва дастпӯшакҳоро берун овардам.

-То хона ду қадами дигар монд, ман зуд мерасам, дастпӯшҳоро Шумо бигиред. Бо дастони сармозада пеши янга наравед боз, - гуфтаму аз аҳлакии худ шармам омад. Аммо шӯхии ман ба акаи Неъмат форид ва ӯ маро бағал кард.

-Ду қадам куҷо буд, то хона ду километр роҳ аст, бо ин бори сангин азият мешавӣ.

- Акаи Неъмат, Шумо ғами маро нахӯред, агар ин ду бастаро бардошта натавонам, ба чӣ дарде мехӯрам?! Инро гуфтаму бе он ки ба пуштам нигоҳ кунам дар пайроҳаи борик, ки дарахтонаш дар зери бори сангини барф ба замин таъзим мекарданд, қадам бардоштам. Бастаи ҳадяҳо шонаҳои ҳанӯз рушднокардаи маро поён мекашид ва мӯзаҳои навам дар барфи сафеду нарм, ки шаби гузашта то рӯз борид, нақши амиқ мегузоштанд. Офтоби замистонӣ шабеҳи фонус гармие надошт. Боди сӯзон осиёбе гардон мекард ва мавҷи барфро аз бомҳои баланди бошандагони деҳкада ба ҳаво мебардошту мечархонд ва сипас чун гарди осиёб ба замин менишонд.

Сармои хушк бо забони сардаш гунаҳоямро мелесид ва оби чашмонамро берун меовард. Шояд гиря мекардам? Намедонам, аммо буғзе доштам, ки дар гулуям болову поён мешуд ва димоғамро ба сӯзиш меовард. Аз дур гӯшаи боми норинҷии Степанро дидаму суръати қадамҳоямро бештар кардам. Хонаи гарми Степан бо панҷараҳои аз сақф то фарш, ки аз тобиши нурҳои офтоби зимистонӣ медурахшиданд, маро меҳрубонона ба дохил мехонданд. Чӣ ҳайф, ки сохту сози ин хона бо ин суръат тамом шуд ва акнун ин манзили зеборо, ки беҳтарин марҳилаи зиндагии ғарибиям дар он гузашт, бояд тарк кунам.

Дарро боз кардаму бӯи ранги тоза ва чӯби навтарошида ба димоғам хӯрд. Фарши гаронбаҳои чӯбин, ки коргарони муҳоҷир ҳафтаҳо ба зону зада, ҳар пораи онро гул ба

гул васл мекарданд, бе қолӣ ҳам ба ин толори бузург шукӯҳ мебахшид. Аммо бо вуҷуди гармии бухории замонавӣ, ки аз ошёнаи аввал то дуюм дар шифти ҳар утоқ ҷойгир буд, сохтмон дар зеҳни ман эҳсоси сардиву пучӣ эҷод мекард. Хонаи қадимии Степан бӯи хуш медод, намедонам он бӯй аз куҷо меомад. Шояд бӯи суботу оромиш буд, ки аз хотираҳои ширини ӯ ба димоғи мо менишаст, ё садои ширини Шаҳобиддин буд, ки бо шунидани таронаҳояш эҳсоси ҳамсоне дар вуҷуди мо бедор мешуд ва моро ба ҳамдигар ёру бародар мекард. Куҷост ҳоло Шаҳобиддин? Эҳтимол дар хонаи гарму нарм таронаҳои ошиқонаашро барои ҳамсараш мехонад. Рафтани коргарони муҳоҷир, ки эҳтимол онҳоро дигар набинам, чолаҳои тираеро дар қалби ман баҷо гузошт. Аммо ҳеҷ яки онҳо бо дарди рафтани акаи Неъмат баробар намешуд. Рафтани ӯ барои мани ятим мисли охири дунё буд. Ногоҳ вуҷудамро андуҳи бекароне фаро гирифт ва эҳсоси бекасӣ гӯшаи лабҳоямро поён кашид. Худро рӯи рахти ориятӣ, ки фардо баъди рафтани мо моли сатили зубола мешуд, партофтам ва мисли бачаҳо домани гиряро раҳо кардам. Тамоми лаҳазоти талхи зиндагиам - аз марги модарам то хоҳарони бесоҳибам - аз пеши чашмам мегузаштанду гиряаамро баландтар мекарданд. Дар ин хонаи холии бечиҳоз танҳо ман будаму момоҷавобак, ки аз ҳуҷра садо медоду сари овозамро мегирифт ва мо ҳар ду шикамсерӣ гиря мекардем.

Хеле барои худ гиряву дилсӯзӣ кардам. Ногоҳ чашмам ба ҷомадонҳои акаи Неъмат афтод, ки дар гӯшаи наздик ба даромадгоҳ, бо даҳони боз саф кашида буданд. «Магар фаромӯш кардааст, ки бегоҳ парвоз дорад»? гуфтаму аз ҷой паридам. Дар ҳавлӣ акаи Неъматро дидам, ки бо қомати нимахамида чизеро ба Степан шарҳ медод. Маънои ин шеваи рафтори ӯро медонистам. Ӯ танҳо замоне назди ҳамсуҳбат нимахам мешуд, ки агар аз ҳад беш ба кӯмакаш ниёз дошт. Степан як лаҳза пушти сарашро хориду «ок, Немат, будет так, как ты скажешь» - гуфт.

- Ну что, малой, угостишь нас чаем? А то твой дядя взял меня в заложники и долго держал в холоде.

Степан барфи кафшҳояшро дар дами дар афшонду мисли як тоҷир дастамро фишурд.

Чойники барқиро рӯшан кардаму ҳар ғизои дар хона бударо рӯи суфра чидам.

- Не суетись, малой, садись, поговорим. Ты Неъмат пакуй свои чемоданы, а то на самолёт не успеешь.

Ман суоломез ба акаи Неъмат нигоҳ кардам, ӯ ба манзури нигарон набош, мижа ба ҳам зад. Рӯ ба Степан нишастам.

- Вот что мы решили, малой: пока Немат в отъезде, я несу ответственность за тебя. Будешь жить здесь, и за одно присмотришь за домом, посмотри сколько снега навалило, нужно двор почистить, тропинку к дому, дорогу, а то соседи жаловаться будут. Народ здесь очень капризный...Мой сын еще не решил приезжать из-за границы, а жене лучше быть в городе, близи поликлиники, куда она ходит как в церковь.

Степан ба шӯхии худ лабханд зад.

- Зарплату получишь каждый месяц. Я принесу телевизор, кровать... Ну, что скажешь?

Ӯ бо лаҳне сӯҳбат мекард, ки гӯиё мехост маро ба хубии ин пешниҳод мутақоид созад.

Қалбам аз шодӣ дар синаам пар-пар мезад, аммо забонам лол гашт. Беихтиёр ба акаи Неъмат нигоҳ кардам, ки ҳадияҳои харидаашро дар ҷомадонҳо ҷо ба ҷо мекард ва худ ба худ лабханд мезад. «Оҳ акаи Неъмат, чӣ одами бузурге ҳастӣ! Тамоми ин муддат дар ғами ман будиву мани носипос туро дар дил сарзаниш мекардам, ки ин қадар роҳат танҳоям мегузорӣ»! Мехостам аз ҷой баланд шаваму тани лоғари ӯро бағал кунам ва тамоми муҳаббати ҳарҷнашудаи як писарро, ки оғӯши падарро ба серӣ надидааст, аз сар то ба пояш бирезам.

- Я с участковым поговорю, чтобы он присмотрел за тобою, он мой племянник, свой человек, - гуфт Степан.

Телефони ҳамроҳаш рӯи миз буд, вале ӯ як телефони дигарро аз ҷайбаш даровард ва бо лабханди释 мармуз дар байни ангуштони кулуфташ чархонд.

- Немат сказал, что у тебя нет телефона. Вот тебе мобильник, не новый конечно, но отлично работает. В справочнике есть мой номер, номер участкового и соседа напротив, он хороший человек, полковник, говорят отставной...но не похож на отставного...

Степан кулчаи ширинро дар пиёла ғӯтонду чойро дам кашид, аммо ногоҳ чизе ба ёдаш расид, ки «подожди минуточку, я забыл кое-что» - гуфту берун рафт ва баъди чанд лаҳза бо як пӯстини гарм ва мӯзаҳои намадӣ баргашт.

- Малой, это твое боевое снаряжение, одевай, когда будешь чистить снежные завалы.

Акаи Неъмат ба суҳбати мо ҳамроҳ намешуд, эҳтимол мехост Степан бо ман ҳамчун бо як коргари мустақили маошгир бархӯрд кунад.

- Ну, ладно, ребята, вы прощайтесь, не буду вам мешать... жду в машине.

Степан кулоҳи пӯсти самурашро, ки боди гарми бухории сақфи толор наххояшро парешон мекард, то гӯшҳояш кашид. Ӯ бори дигар хонаи зеборо аз назар гузаронд ва дастҳои кулуфташро қаноатмандона ба ҳам совид.

Акаи Неъмат занҷири ҷомадони охиринашро басту қоматашро рост кард.

- Вақти рафтан шуд, Фарҳод, паноҳат ба худо.

Гиря гулуямро фишурд, аммо ду-се дафъа қурт задам, то буғз монеи ҳарфҳое нашавад, ки мехостам ба акаи Неъмат бигӯям. Ҳарфҳое, ки бузургтар аз синни як навраси дунёнадида буданд. Мехостам ба ӯ бигӯям, ки ҳарчанд писарат нестам ва дар шарёнам хуни тилоии ту ҷорӣ нест, аммо савганд мехӯрам, то зиндаам, мадюнат хоҳам буд... ҷонамро бароят дареғ нахоҳам дошт.

Ӯ маро бағал карду аз ҷабинам бӯсид, ҳамон тавр, ки падар аз ҷабини писар мебӯсад. Дилам об шуду савганд аз зеҳнам парид. Мисли бачаҳо ҳунгос задам. Акаи Неъмат чизе нагуфт, ҳатто нагуфт, ки гиря накун, вақт зуд мегузарад. Шояд ӯ ҳам буғз дар гулу дошт ва такон намехӯрд, то ман ларзиши танашро эҳсос накунам. Мошини Степан буғ заду мо аз бағали якдигар канда шудем.

Ҷомадонҳоро дар пушти мошин ҷо кардем ва акаи Неъмат ба сандалии ақиб нишаст. Дигар фурсати ҳарф задан нашуд.

- Акаи Неъмат, сафари бехатар, Худо нигаҳдор!

Мошини Степан мисли ҳаммом аз лӯлаҳои бузургаш бухори сафед сар дод ва дар пайроҳаи яхбаста калавида ба пеш ҳаракат кард. «Худоё, адреси хоҳаронам фаромӯш шуд!» Ман дастафшон ба думболи мошин давидам, аммо мошин боз-наистод, шояд Степан маро надид, ё хаёл кард, ки барои худоҳофизӣ ба думболашон давидам. То замоне давидам, ки суроби лоғари акаи Неъмат дар шишаи буғкардаи мошин аз назарҳо нопадид шуд.

## «МАНУ ШАБҲОИ ТАНҲОӢ»

Тамоми шаб барф борид. Хоби ноороме доштам ва чашмонам ҳар сари соат худ ба худ во мешуд. Дар паҳлуи акаи Неъмат роҳаттарин хобро доштам, мисли гурбае будам, ки дар домани соҳибаш эҳсоси амният мекунад. Аввалин шаби танҳоиям дар ин хонаи бузург як шаби тулонӣ буд ва субҳ ҳеҷ фаро намерасид. Аз равуо дар байни бистари хоб ва панҷараи аз замин то сақф хаста шудам. Саранҷом бистари хобамро, ки аз як тушак (матрас) ва як болопӯш иборат буд, ба назди панҷара бурдам ва рӯ ба берун каҷпаҳлу задам. Деҳкада дар абрешими барф печида буд ва пағаҳои барф дар рӯшноии фонуси қадимисохт чарх мезаданду бесадо ба замин менишастанд. Наметавонистам аз ин тасвири зебо чашм бардорам, он қадр нигоҳ кардам, ки шаршараи барф чашмамро

бурд. Мижа ба ҳам гузоштам, тасвири фонусу барф аз кӯча ба пардаи чашмам кӯчид. Чашм боз мекардаму дубора зул мезадам ва боз мижа ба ҳам гмегузоштаму барфу фонусро дар пардаи чашмам медидам. Аз ин кашфиёт хушам омад ва чашмонамро мебастаму боз мекардам. Саранҷом хаста шудаму хобам бурд.

Дигар на бонги хурӯсро шунидам, на занги соати телефонро. Нимаи рӯз аз дурахши партави хуршед, ки ба рӯям нишаста буд ва пилки чашмонамро хориш медод, бедор шудам. Нигоҳи чашмони нимроғам ба пайроҳаи пурбарф ва дарахтони сар ба замин афтоду бо ҳарос аз ҷой баланд шудам. Худо кунад, ки Степан наояд, вагарна обрӯи акаи Неъмат бо ин ҷияни хоболудаш ба як тин баробар мешавад. Пӯстинро ба бар ва мӯзаҳои намадиро ба по кардаму бо белу ҷорӯб ба берун давидам. Барф аз дарвоза то погаҳи дар то ба буҷулаки по мерасид, аммо дарвозаро боз кардаму поям то зону дар барф ғӯтид. Роҳи бошандагони деҳкадаҳои болоӣ аз хиёбони бағали хонаи Степан мегузашт ва аз нақши чархҳо маълум мешуд, ки то ҳол чандин ронанда то пайроҳа расида, аз ин роҳ баргаштаанд. Пӯстини овардаи Степан, ки шояд моли худаш буд, дар танам бузургӣ мекард ва як Фарҳоди дигар ҳам дар он мегунҷид. Ман бо ин бори сангин бояд тӯдаи барфро бо бели бузург мебардоштам ва даҳ-понздаҳ метр дуртар, то холигоҳи канори роҳ мебурдам. Кори сахте буд. Дар ним соат афтону хезон тавонистам танҳо чанд бели пурбарфро ба ҷойи даркорӣ расонам ва агар бо ин суръат идома медодам, шояд ҷода то бегоҳ пок мешуд. Роҳи дигаре ба зеҳнам расид: аз суфраи ғизохӯрӣ матои сахти обногузарро берун овардам ва дар саргаҳи пайроҳа паҳн кардам, барфро рӯи он матоъ рехта, белро аз зер гузоштаму ба пеш тела додам ва осон ба холигоҳи канори роҳ расидам. Ҳаври даҳон ва оби димоғ дар суратам ях мебаст, пуштам дар зери пӯстини ғафс арақ мекард ва ба танам мурғак медамид. Роҳ то хонаи Степан, ки ба хиёбони бузургтар мепайваст, дар чаҳор соат тоза шуд. Дас-

тони шахшудаам дигар ҳиссе надоштанд. Ҳатто дастпӯшаки таърифии духтараки рус, ки молашро бо ҳазор тавсиф ба мо фурӯхт, низ натавонист маро аз сармо наҷот диҳад. Тугмаи болоии пӯстиро кушодаму сарамро ба дарун фурӯ кардам, то яхи димоғу сару рӯям об шавад. Ҳаво хеле сард буд, дар авҷи кор сардиро зиёд эҳсос накардам, аммо акнун мағз-мағзи ҷонам меларзид. Телефонро басахтӣ аз ҷайби пӯстин берун овардам. Экрани телефон ҳарорати ҳаворо ҳаждаҳ дараҷа нишон медод. Ин рақам маро бештар аз сардии ҳаво ба ҳарос овард. Хонаи гарми Степан маро чун оҳанрабо ба сӯи худ мекашонд.

- *Я* все думал, как же ты очистишь эти сугробы? А ты оказался прозорливее, чем я думал...

Сар бардоштаму ҳамсояи рӯ ба рӯро дидам. Чеҳраи сарду сангӣ ва ҳайкали қавии варзишӣ дошт. Бо нимтанаи иститорӣ (комуфляж), телпаки қароқулӣ ва бутҳои низомии тагчармаш шабеҳи чархи зиреҳпӯш, ингор тоза аз майдони ҷанг баргашта буд. Ҳадс задам, ки ин ҳамон сарҳанги таърифӣ аст.

- Здравствуйте, - гуфтам.

Ҳавр аз даҳонам мисли дуди паровоз берун мешуд. Ҳамсоя ба саломи ман посух надод.

- Дай свою лопату, - омирона гуфт ӯ.

- Пожалуйста...

Сарҳанг тӯдаи барфро аз роҳрави хонааш ба пайроҳае, ки ман бо сад машаққат пок карда будам, руфту бе он ки чизе бигӯяд, белро дар барф фурӯ кард, сипас дари ҳавлиашро баст ва бо қадамҳои устувори низомӣ ба хонааш баргашт.

Барфҳои ҳамсояро низ бо ҳамон шева ба тӯдагоҳ тела додам. Бел дар замини яхзада осон меғеҷид. Мушкили пайроҳа зоҳиран ҳал шуд ва ман аз хастагӣ ба дастаи бел такя задам. Рӯзи аввали танҳоиям, ки ниме дар хоб ва ниме дар барфрӯбӣ гузашт, оҳиста ба поён мерасид. Хуршед дар паси пардаи абрҳои мутаҳаррик рӯ ба ғуруб меовард ва панҷаҳои зарҳа-

линаш дили абрҳоро мешикофту онҳоро тилоӣ мекард. Ин деҳа, ки то дирӯз аз ҳар гӯшааш садои бизану бигири муҳоҷирон баланд мешуд, ҳоло мисли хирс дар зери кӯрпаи барф ба хоби зимистонӣ рафта буд. Танҳо доркӯбҳо дар ҷустуҷӯи ғизо ба танаи бебарги дарахтон нӯл мезаданд ва тӯдаи парандаҳои рангоранг дар барф меғелиданд ва аз ин ҳаммоми дастаҷамъона ба ваҷд меомаданд. Дуртар аз онҳо парандаи бузурге бо болҳои сиёҳи барроқ ва минқори махрутӣ гарданашро ба шонаҳояш фурӯ карда, дар шохаи баланди дарахти бебарг файласуфона сукут карда буд.

Барфи дарахтони самаровари боғи Степанро бо ҳамон бел афшондам, аммо аз гуруснагиву ташнагӣ неруе дар танам боқӣ намонд ва боқии корро ба фардо гузоштам. Пардаи панҷараи хонаи сарҳанги мустаъфӣ такон хӯрд ва дидам, ки ҳаракатҳоямро бо дурбин назора мекунад.

Хеле гурусна будам, аммо ҳатто барои ғизои шом ҳам неру надоштам, аз кулчаи ширин як гоз гирифтаму чои шабмондаро дам кашидам ва ба рахти хоб, ки ҳанӯз ҳам дар назди панҷараи аз сақф то замин боз буд, хазидам.

Степан нимаи рӯзи дигар омад ва бо худ як телевизори бузург овард. Хайрият, ки то омадани ӯ барфи дарахтҳоро комилан афшондаму айвонро тоза кардам. Хушҳол шуд. Телевизорро дар девор васл карду пултро рӯи миз гузошт. Рафтанӣ шуд, аммо чашмаш ба суфраи холии ман афтоду аз роҳаш гашт.

- Ты хоть завтракал? Что то плохо выглядишь...

- Все хорошо, дядя Степан, я не голоден.

- Ты смотри, не голодай, я обещал Немату присмотреть за тобою, не подведи меня.

- Хорошо...

Пас аз як зиндагии пур аз шӯру садо бо коргарони муҳоҷир, саргармиву шабнишиниҳо, ки дар назарам мисли бод гузаштанд, наметавонистам ба танҳоӣ одат кунам. Ҳамон вақт буд, ки дарк кардам, инсон ҳатто барои иштиҳои

хуб ба як шарику ҳамсуфра ниёз доштааст ва барои як зиндагии шод ба як ҳамдилу ҳамзабон. Аз рафтани акаи Неъмат як ҳафта мегузашт, вале ман дар ин муддат боре ҳам ғизои гарм нахӯрдам. Гоҳо аз мағозаи сари роҳ ҳасиб мехаридам ё угрои нимпухта, ё картошкаи хушк ва пистаи шӯр. Иштиҳо надоштам ва «кирм»-и шикамамро бо ғизои хушк мекуштам, то рӯдаҳоям садо бадар накунанд. Ҳеҷ гоҳ аҳли телевизору филм набудам ва пулти овардаи Степан дар ҳамон рӯи миз дастнохӯрда монд.

Хостам ба акаи Неъмат занг бизанаму садояшро бишнавам, аммо аз раъйам гаштам, медонистам, ки ҳоло аз дидори зану бачаҳояш сер нашудааст. Танҳо адреси хоҳаронамро бараояш фиристодам.

Рӯзҳоям касалкунандаву якранг шуданд - барфрӯбӣ, назофати хона, субҳонаи маҷбурӣ. Рӯз дар миён барф меборид ва бод дар пушти панҷара уллос мекашид. Гоҳо саҳар ҷодаро тоза мекардам, аммо баъд аз зуҳр дубора барф меомад ва ман маҷбур мешудам пӯстинро ба бар кунаму ба кӯча бароям. Сарҳанги мустаъфӣ ҳам ба коргари беминнат одат кард, бо ман ҳарф намезад вале қабл аз он ки ба кор оғоз кунам, теппаи барфро аз ҳавлиаш ба байни ҷода тела медод. Медидам, ки пардаи панҷарааш такон мехӯрд ва чашмаки дурбинаш аён мешуд. Ингор дар хати ҷабҳа буду мавқеи душманро арзёбӣ мекард. Алорағми гуфтаи Степан, ки сарҳанг як инсони « хуб» аст, ман аз марди низомӣ ҳеҷ хубиеро чашмдор набудам ва саъй мекардам рӯ ба рӯяш зоҳир нашавам.

Рӯзҳоям бад-ин минвол мегузаштанд, вале шабҳо дар ҷустуҷӯи хоби гумшуда мисли гурбае, ки ба думболи макони амн гоҳ ба ҷевон медарояду гоҳ ба ганҷурхона, чандин гӯшаи толори бузургро имтиҳон мекардам, аммо танҳо ҷойе, ки пилкҳоямро ба ҳам меовард, канори ҳамон панҷараи аз сақф то фарш буд.

Як субҳ аз садои занги дар бедор шудам ва пушти дар капитанро дидам. Ӯро қаблан ҳам дида будам, шабехуни авбо-

шонро бозҷӯӣ мекард. Ӯ дастонашро дар нимтанаи гармаш фурӯ карда буд ва ҳаври ғализе, ки аз даҳону биниаш берун мешуд, аз сармои шадиди шаби гузашта аломат медод. Аз омаданаш нигарон нашудам, медонистам, ки аз хешовандони Степан аст ва эҳтимол барои ҳолпурсӣ омадааст.

- Ух ты, какой королевский дворец возвел дядя Степан! У тебя кофе есть? - гуфту мунтазири посух нашуд ва баъди чанде садои пояш аз ошёнаи дуюм ба гӯш расид.

Шояд ба назарам менамуд, ё одати ҳирфаияш буд, ки ба ҳар кунҷи хона сар мезад, гӯиё мехост мутмаъин шавад, ки ин ҷо ба ҷуз ман каси дигаре нест. Саранҷом гашти хонаро анҷом доду қаҳваи нимадоғро ҳарисона дам кашид ва аз паси парда махфиёна ба хонаи сарҳанг нигоҳ кард.

- Вот козел! Сосед говорит, что ты выглядишь подозрительным, требует проверить тебя.

Аз ин хабар тааҷҷуб кардам.

- Какой сосед? Я здесь никого не знаю, здесь и людей то не видно!

- Вон, полковник, наблюдает за домом из-под занавески, конспиратор хренов!

- Как же так, я же ему помогаю, в день два раза убираю снег с его двора...

Ӯ бо тараҳҳум ба ман нигоҳ кард.

- Не нагружай себя, я с ним поговорю, дядька вроде не плохой, но у него свои тараканы в голове.

Аз ин хабар росташ нороҳат шудам, бе ин ҳам иштиҳои таом надоштам, акнун ҳамин чою ҳасиб ҳам аз гулуям намегузашт.

Аммо баъд иттифоқе афтод, ки ба зиндагии касалкунандаи берангам каме сафо овард. Як субҳ, вақте барфи ҳодаро меруфтам, садои ваҳшатноки шабеҳи инфиҷор ва сипас фарёди ҷонкоҳи сарҳангро шунидам. Ҳамзамон панҷараи ошёнаи аввали хонаи сарҳанг таркиду ба ҳар тараф пош хурд. Бедиранг белро ба сӯе партофтаму ба тарафи хонаи сарҳанг дави-

дам. Ошёнаи аввал мисли ҳаммом хираву нафасгир буд ва бухори ғализе аз утоқи канори ошпазхона берун меомад. Ҳадс задам, ки деги гармидиҳӣ таркидааст. Фарш то буҷулаки пой оби доғ дошт. Мӯзаҳои намадинам оби доғро балъиду поям сӯхт. Мӯзаҳоро бо суръат аз по кашидам ва бутҳои низомии сарҳангро, ҳамонеро, ки тагчармаш шабеҳи чархи зиреҳпӯш буд, ба по кардам. Дар ин чанд сония тирезаи шикаста мавҷи бухорро фурӯ бурд ва тасвири ваҳшатноке пеши чашмам боз шуд. Аз деги бухор ба ҷуз чанд оҳани теғмонанд ва симҳои овезон чизе боқӣ намонда буд. Сарҳанг рӯи оби ҷӯшон ба пушт мехобид ва аз сару рӯяш хун мешорид. Ӯро ба сахтӣ то байни ошпазхона кашондам ва либоси иститории холдорро, ки ҳанӯз ҳам бухор мебаровард, сареъ аз танаш берун овардам. Сареъ ҳаракат мекардам, ингор умре дар дастаи наҷоти сӯхтагон таҷруба андӯхтаам. Бадани сарҳанг доғу лолагун буд ва ҳубобҳо дар пеши чашмам медамиданду бузург мешуданд. Ногоҳ ба ёдам омад, ки ҳар бор дастам месӯхт, модарам дастамро зери оби сард мекард ва ҷонам аз дард раҳо мешуд. Бидуни тардид як сатил оби хунукро ба тани сарҳанг сарозер кардам. Оҳ гуфту чашмонашро боз кард. Маро диду ҳайрон шуд, «слава богу» гуфт.

- Что... это было...?

- Ваш котел взорвался... основательно...

Ишора кард, ки наздиктар биёям.

- Можешь водить машину? - гуфт ӯ бо садои нимшунаво.

- Могу, но у меня прав нет...

- Не важно... ключи на столе, машина в гараже, иди заводи.

Маъмулан дар чунин ҳолатҳо дастпоча мешавам, аммо шояд ҳарос дар баробари сарҳанги хашин буд, ки амри ӯро беиштибоҳ иҷро кардам.

Вақте баргаштам, ӯро рӯи по ва бо тани урён дарёфтам.

- Тело, кажется, опухло, в куртку не влезу... и так сойдет...

«Mercedes»-и сиёҳранги сарҳанг мисли арӯс зебо буд. Ман ҳамеша ошиқи мошин будам. Ҳар гоҳ падарам ба хона

бармегашт ва чанд рӯзеро бо мо сипарӣ мекард, пинҳонӣ калиди мошанашро мебардоштам ва соатҳо дар атрофи хона ронандагӣ мекардам. «Бузург шавӣ, ҳатман бароят мошин мегирам», - гуфт ӯ боре. Чашмони ман аз хушҳолӣ барқ заданд, намедонам чаро, аммо ӯ нигоҳашро аз ман гурезонд.

Роҳи бемористонро медонистам, дар даромадгоҳи шаҳрак, ду километр дуртар аз мағозае, ки ман рӯзҳои ахир аз он ҳасиб ва угрои хушк мехарам, воқеъ буд. Бемористонро Степан ҳамон рӯзе нишон дод, ки ману акаи Неъматро аз истгоҳи қатор ба хонааш овард.

- Я ему жизнью обязан, если в ту ночь он не помог бы моей жене, она бы умерла от перитонита.

Акаи Неъмат хиҷолатомез хандид. Ӯ дертар ин ҳодисаро ба ман қисса кард.

Ду сол пеш ҳамсари Степан охири ҳафта барои обчакорӣ ба дача омаду якчанд рӯз мондагор шуд ва шабе нимаҷон дари ҳамсояро, ки акаи Неъмат ва чанд муҳоҷири дигар онҷо кор мекарданд, беист кӯфт. Дарди ҷонкоҳ дошт. Азбас мошине дар атроф набудааст, акаи Неъмат ҳамсари Степанро дар пушташ то бемористон бурдааст.

Ман ронандаи хубе набудам, чанбари фармон дар роҳи яхбаста аз дастам раҳо мешуд ва мошин гоҳ ба чап ва гоҳ ба рост меғеҷид. Чашмам ба роҳ буду ҳушам ба сарҳанг, ки дар сандалии ақиб на оҳе мекашид ва на ҳарфе мезад. Танҳо дар оина медидам, ки сураташ бештару бештар варам мекард, ӯ дигар шабеҳи худаш набуд. Роҳи даҳдақиқаиро дар ним соат тай кардем ва ниҳоят бинои дуқабатаи сафед аз дур намудор шуд. Ба маҳзи расидан мошинро хомӯш нокарда ба дохил давидам, то табибонро ба ёрӣ бихонам. Шабеҳи бемористон набуд ин сохтмон, агар бӯи хлор ва хилъати сафед, ки шояд касе бо шӯхӣ рӯи шонаҳои искелет андохта буд, намешуд, хаёл мекардам, ки ин ҷо хобгоҳи донишҷӯён аст. Ду дари аввал баста ва танҳо чароғи утоқи дасти рост, ки навиштаҷоти «Приемный покой» дошт, рӯшан буд. Ба дар ангушт задаму

интизор шудам, садое дарнаёмад. Маҷбур шудам дарро беиҷоза боз кунам. Дар он утоқ ду зан, яке фарбеҳ ва дигаре лоғар, рӯи ҷаъбаи шоколад хам зада аз финҷонҳои баробари коса бузург чой менӯшиданд. Пизишки навбатдорро аз фонендоскопи даври гарданаш ташхис додам, дуюмӣ бо кулоҳи баланду лунҷҳои дамида шабеҳи ошпазҳо буд, то парастор.

- Там больной, - гуфтам саросемавор ва бо ангушт берунро нишон додам.

Парастор тавре ба ман нигоҳ кард, ки гӯиё на дари ҳуҷраи бемористон, балки дари хонаи хоби ӯро боз кардам. Пизишки навбатдор зоҳиран сар ба сар шудан ба як кораф-тодаро ба худ муносиб намедид, ки шоколади навбатиро аз ҷаъба бардошт.

- Закрой дверь и жди снаружи! Читать умеешь? Конечно, не умеешь! - гуфт парастор ва бо ишораи сар амр дод, ки аз дар берун шавам. Хеле дар пушти дар интизор шудам, модараму бемористони Қарияи Боло ва табибонаш ба ёдам омад, ки ҳеҷ кореро ройгон анҷом намедоданд ва дар симои ҳар бемор манбаи даромад медиданд. Бечора модари фақирам, аз бепулӣ дардҳояшро то зӯраш мерасид, фурӯ мебурд. Ёди модарам буд ё бепарвоии табибон, ки саранҷом сабрам сар омад ва мушт ба дар задам. Намедонам ин ҷуръат дар куҷои вуҷуди ман пинҳон аст, ки танҳо дар вазъияти хатарзо буруз мекунад. Дарро бо лагад боз кардам.

- Там полковник умирает, после взрыва, весь в ожогах! Он всех вас посадит, если не поможете ему! - гуфтам бо таҳдид.

Таҳдидам бетаъсир набуд. Ҳар ду аз ҷой ҷаҳиданд ва маро ба кунҷе парт карда, ба берун шитофтанд.

Сарҳанг бо пойи худ то утоқи амал рафт, аз кумаки занҳо даст кашид. Дар дами дар ба ман нигоҳ карду сарашро такон дод, нафаҳмидам, ки миннатдорӣ мекард, ё мегуфт ба хона баргардам. Сураташ бо ин ҳама вараму харош ваҳшатнок буд.

Бечора сарҳанг, агар дар ҷанг захмӣ мешуд, шояд он захмҳоро ҳеҷ гоҳ пинҳон намекард, аммо захми деги бухорӣ ҷойи ифтихор надошт.

Ба мошин баргаштам, намедонистам чӣ кор кунам. Дар чунин ҳолатҳо маъмулан ба наздикони бемор занг мезананд, аммо ман аз хонаводаи сарҳанг касеро намедонистам, аз ин рӯ ба Степан занг задам. Тамоми ин муддат ба дари бози хонаи сарҳанг фикр мекардам. Баргардам, ё бимонам, наметавонистам ба қароре бирасам. Ду дафъа то назди утоқи ҷарроҳӣ рафтам, пизишку парастор ҳанӯз бо бемор буданд.

Ҳавлии бемористон, ки то ҳол дар он ҷуз ман ва селаи зоғони овозхон касе набуд, ногаҳон серодам шуд. Мошине бо суръат дами дар истод ва зане аз он бо аҷала берун ҷаҳид. Парешонҳол буд ва зоҳиран мегирист. Ӯ ба марди хушлибосе, ки мутеона ба думболаш меомад, таваҷҷуҳ намекард ва босуръат вориди бинои бемористон шуд. Баъд ду марди низомӣ бо мошини ҳарбӣ омаданд ва боз ду ҷавони қоматбаланд, ки ба сарҳанг монандӣ доштанд. Аз ҳама охир Степан бо ҳамсараш расид. Ҳамсари ӯро аз рӯи аксҳое, ки дар девори хонаи қадимӣ дида будам, шинохтам. Синнаш аз Степан бузургтар менамуд, дар тан либоси хоксорона дошт ва пойҳои фарбеҳашро басахтӣ мекашонд. «Бечора акаи Неъмат, ин бори сангинро чанд километр то бемористон чӣ гуна бурда бошад»?

Ин ҷо будани ман дигар зарурат надошт. Хостам калиди мошинро ба хешони сарҳанг бисупораму ба хона баргардам, то Худое нохоста сарҳангро ғорат накунанд.

Дари утоқи амал боз буд ва сарҳанги докапеч рӯи нимкат рӯ ба даромадгоҳ менишаст. Як чашмашро комилан дида намешуд ва чашми дигараш аз зери милкҳои вармосида чун пилтачароғ милт-милт мекард. Сураташро гӯиё дар рӯған тар карда буданд, ки дар партави чароғи бузурги утоқи амал медурахшид. Амалиёт анҷом ёфта буд ва парастор бо чеҳрае, ки аз он шафқату ғамхорӣ меборид, пахтаву бинтҳои хунолуд-

ро аз рӯи миз мебардошт ва пизишк фишори хуни маризро бо эҳтиёт месанҷид. Сарҳанг бо ҳамон чашми нимабинояш маро дид ва бечораҳолона лабханд зад.

- Отблагодари пацана... он мне жизнь спас... гуфт ӯ ба он зани асабонӣ, ки сураташ аз гиря мисли анор сурх шуда буд. Беморбинҳо ҳама якбора рӯ ба ман овარданд. Ман аз хиҷолат сарамро пойин андохтам. Зан дастамро фишурду «спасибо за папу» гуфт. Калиди мошинро ба кафаш гузоштам ва бе ҳеҷ каломе аз утоқ берун шудам.

- Подожди, я отвезу тебя домой, - гуфт Степан, ки ба думболам меомад.

- Не беспокойтесь, дядь Степан, здесь не далеко, я сам доберусь.

- Ну что ты, ты и так замерз, мог бы машину заводить. Степан маро то хона расонд.

- В спешке я оставил дверь полковника открытой. Да и окно вылетело во время взрыва... нужно, чтобы кто-то следил за домом. Степан сарашро такон дод, андешаманд менамуд.

- Спасать людей - это, наверное, ваше семейная черта, - гуфт ӯ. - Оставайся всегда таким. Пусть бог воздасть тебе за твою доброту и человечность. Иди в дом, отдыхай, ты порядком устал, за домом полковника проследят другие.

Аммо истироҳат куҷо буд! Ман аз панҷара хонаи сарҳангро посбонӣ мекардам. Чанде нагузашта мошини низомие омад ва якчанд сарбоз деги бузурги бухориро сари даст ба хона даровარданд. Степан медонист чӣ мегӯяд. Сарҳанг одами қаторӣ набуд, ки ба думболи дастёр бигардад. Сарбозҳо болопӯшҳои иститории худро берун оварда бо суръат ба кор часпиданд. Танҳо медидам, ки сарҳои ниматарошидаи онҳо дар атрофи деги бухорӣ пасту баланд мешуд. Тавре аҷала доштанд, ки ингор имтиҳони омодагии инзиботӣ месупурданд. Панҷара ҳам насб шуд ва баъди чанде ҳамон мошини низомӣ баргашт ва сарбозон сареъ ба сандалиҳои пуштӣ ҷаҳиданд.

Суръати онҳо маро моту маҳбут кард, гӯиё доштам филми акшен медидам.

Бегоҳ духтари сарҳанг дар зад, дар як коса бароям катлету биринҷ овард ва лифофаеро рӯи миз гузошт. Осори гиря ҳанӯз ҳам аз чеҳрааш нарафта буд, шояд ба ашки шӯр ҳассосият дошт, ки гунаҳои баланд ва димоғи борикаш дар ранги қирмиз ғӯтида буд. Бо гардани баланд, чашмони сард ва лабҳои фишурда зани қудратманд ба назар мерасид, аз модели занҳое, ки рафтору гуфторашон фаротар аз қазоват аст.

- Меня зовут Вера, Вера Кирилловна, я дочь Кирилла Сергеевича.

- Я вас помню, сегодня виделись в больнице. Я Фарход.

Ӯ лифофаро ба самти ман тела дод.

- Я понимаю, что деньги ничего не значат по сравнению с мужественными поступками... но отец хочет отблагодарить тебя.

- Котлеты оставьте, деньги заберите, я не из-за денег помог вашему отцу.

Вера бо чашмони резаи обиаш нобоварона ба ман нигоҳ кард.

- Ну... если ты из рода добрых самаритянин, то мне бесполезно спорить с тобой. Надеюсь, у нас будет возможность быть полезными тебе.

- Как себя чувствует Кирилл Сергеевич? Ему уже лучше?

- Отца перевезли в военный госпиталь, домой он вернется не скоро. Я пока буду жить у него, так что, самаритянин, дай мне знать если что-то понадобится.

Моҳи дувуми зимистон бо боридани муттасили барф, бодҳои ваҳшатнок ва тӯфонҳои барфӣ, ки мисли даррандагон ба рӯи якдигар панҷа мезаданду ба замин меғелиданд, сипарӣ мешуд. Бар иловаи барфҳои ҷодаву ҳотаи Степан масъулияти тоза кардани хонаи сарҳанг ҳам бар дӯши ман афтид. Вера гоҳо бароям ғизо меовард, ҳатто як дафъа маро ба хонаи сарҳанг даъват кард. Зиёд аҳли суҳбат набуд, ҳа-

меша аз чизе нигарону норозӣ ба назар мерасид. Баръакси Вера, ҳамсараш Максим як марди хушандому хушсуҳбат буд. Ҳайкали зебо дошту садои махмалин, чеҳраи бозаш ӯро як инсони розӣ аз зиндагӣ нишон медод. Вера дар паҳлуи ҳамсараш бештар берангу бечеҳра мешуд. Аз зиндагии ин ҷуфт чизе намедонистам, аммо ба назар мерасид, ки издивоҷи ин марди хушандом бо ин зани бенур, як муомилоти ҳисобшуда аст ва агар падари Вера сарҳанг намебуд, ӯ Максими хушандомро дар хоби шабаш ҳам намедид. Шояд ба ҳамин далел Вера ҳамеша саъй мекард бартарии худро бар ҳамсараш нишон диҳад ва тавре рафтор мекард, ки гӯиё ӯ генерал буду ҳамсараш сарбози қаторӣ. Вера зоҳиран бо ман меҳрубонӣ нишон медод, аммо дидани ӯ дар ман ҳамон эҳсосро эҷод мекард, ки аз рӯ ба рӯ шудан бо сарҳанг доштам.

Баҳор ҳам оҳиста фаро расиду нафаси сарди ҳаво фурӯкаш кард. Теппаи барф аз омадани баҳор ҳанӯз хабар надошт, аммо навои чак-чаки яхҳои ханҷармонанди лаби бомҳо ва хониши гунҷишкҳо хомӯшии атрофро баҳам мезад. Нимаҳои моҳи апрел Степан бо ҳамсараш омад ва гуфт, ки писараш охири моҳи май бармегардад ва дар ҳамин хона маскун мешавад. Нагуфт, ки ман хонаро холӣ кунам, аммо ҳадафаш бе сухан ҳам возеҳ буд. Ҳамон бегоҳ бо акаи Неъмат дар тамос шудам, то рӯзи омаданашро маълум кунам. Гуфт, ки сафараш ба таъхир афтодаст, ҳамсараш мариз асту наметавонад ӯро танҳо гузорад. Хабари бозгашти зудраси писари Степанро ба акаи Неъмат нагуфтам, нахостам ӯро нороҳат кунам. Аммо шабу рӯз дар ин андеша будам, ки акнун бояд куҷо биравам?

## ИМТИҲОНҲОИ САРНАВИШТСӮЗ

Писари Степан аввали моҳи июн бо мошинҳои пур аз ҷиҳоз, ки ҳамагӣ наву коғазпеч буданд, ба хона кӯчид ва ман борхалтаамро, ки пас аз дидори ахир бо Степан омода карда будам, бардоштаму ба кӯча баромадам. Ҷойе барои рафтан надоштам. На коре, на сарпаноҳе.

Худоро шукр, ки ҳаво гарм буд. Баъзе шабҳоро дар ҷангалҳои атроф ё канори соҳил рӯз мекардам, азоби бехобӣ мекашидам.Танам аз неши пашшаҳои шаб обила мекарду хуншор мешуд. Маоши чандмоҳаро тавассути як муҳоҷир ба хоҳаронам фиристодам, каме пул доштам, аммо харҷ намекардам, то ҳуҷраеро дар ҳамин атроф киро кунам ва омадани акаи Неъматро интизор шавам. Аз қазо буҳрони иқтисодӣ ҷаҳонро дар қабзааш фишурду ба ин кишвар ҳам роҳ ёфт ва хонасозиву бинокорӣ тақрибан мутаваққиф шуд. Баъзан ба назди муҳоҷирони моҳигир мерафтаму ба онҳо кумак мекардам ва як-ду танга гирам меомад. Аммо дар он авҷи бекорӣ «гадо аз гадо безор буд» ва ҳузури ман дар ҷамъияти муҳоҷирони соҳиби кор абрӯвони онҳоро баҳам меовард. Аксари муҳоҷирон аз бекорӣ дилтанг шуда, ба хонаҳояшон баргаштанд. Аз куҷое шунидам, ки дар гӯшаи шаҳрак чанд сохту соз идома дорад ва зоҳиран коргар меҷӯянд. Ба гурӯҳи муҳоҷироне ҳамроҳ шудам, ки дар ҳамин атроф «дача» месохтанд. Кор сангин буду маош ночиз. Дар ин ҷо мисли акаи Неъмат дилсӯзе надоштам, баробари ҳама хиштҳои сангин мебардоштам ва бетон мерехтам, касе ба ман раҳм намекард, камари ҳанӯз рушднокардаам аз дард менолид ва шонаҳоям хам мешуданд. Кордиҳанда мисли Степан ба коргарон ғизо намедод, мегуфт «это ваши проблемы», мехоҳед ҳамин, нахоҳед, ба истилоҳ, чаҳор тарафатон қибла. Бо шиками нимасер кор мекардем.

Муҳоҷирон ба ҳамин ними маош ҳам розӣ буданд. Охир чандин шиками гурусна дар ватан ба пули онҳо умед мебаст. Кордиҳанда марди бадқавора ва паканаи чоқ буд, ки даруни сиёҳаш дар чеҳрааш мунъакис мешуд. Аммо зане дошт мисли парӣ зебо ва ба зоҳир бист сол аз худаш ҷавонтар. Он зан ағлаб охири ҳафта танҳо меомад. Бо кафшҳои баланд ва домани кӯтоҳ, ки думбаи дамидаашро намоиш медод, амдан рӯи ҳавлӣ мехиромид ва сипас дар тахти чӯбин, рӯ ба офтоб нимаурён дароз мекашид. Он қадр зери офтоб хобид, ки ҳай-

кали биринчӣ шуд. Аз бозувони мушакдору дар офтоб сӯхтаи муҳоҷирони ҷавон чашм намебардошт. Аз Камол хушаш меомад, аз бачаи болобаланди шаҳрӣ, ки шонаҳои васеъ, мӯйҳои фирфирӣ ва чашмони обияш зани соҳибхонаро девона мекарданд.

- Камал, помаж пожалуйста мне спину кремом...

- Я боюсь шайтана, хозяйка, пусть Фарход помажет, ему можно, он еще не дорос до греха, - шӯхӣ мекард Камол ва муҳоҷирон аз ханда нафасгир мешуданд.

- Ну... пусть будет Фархад.

Дар садои соҳибхона навои ноумедӣ шунида мешуд.

Агар бигӯям, ки даст задан ба пӯсти доғу шабеҳи махмал нарми ин зан бароям нохушоянд буд, дурӯғ мегӯям. Бори аввал воқеан тарсидам. Ман, охир, то он замон ҳеҷ тани урёнеро надида будам, ба ҷуз тани модарам, ки диданаш дар ман ҳеҷ эҳсосеро бедор намекард! Аммо ин зан дигар буд. Ман дар паҳлуи ӯ чорзону мезадам ва панҷаҳои ларзонам беҷуръатона дар пушти махмалинаш аз китф то камар мехазиданд, вале ҷуръати поён рафтан надоштанд.

Боре ӯ ногаҳон шалворакашро, ки ним ваҷаб ҳам бару баландӣ надошт, поён овард.

- Продолжай...

Шах шудам, наметавонистам аз ин ду тепаи сафед чашм бардорам.

- Ну!?

Осемасар аз тубак ду қатра кремро ба думбааш рехтам ва оҳиста молиш додам. Ларзиши таболуде шабеҳи сел аз пой то ба сарам бурӯз мекард ва нуфуси доғ аз даҳону димоғам тунд-тунд берун мешуд. Эҳсоси фораму ношиносе буд, ки мислашро то ҳол таҷруба накарда будам. Даҳонам мисли кавир мехушкид ва забонам дар комам мечаспид. Мехостам зан ба пушт бичархад ва маро бағал кунад, масти бӯи пусти махмалинаш будам, ки ногоҳ чархиду рӯ ба осмон овард ва бо ҳамон чашмони пӯшида ишора кард, ки кремро ба ши-

каму ронҳояш бимолам. Даст ба шиками чун мармар сафедаш гузоштаму бехуд шудам, намедонам дар куҷо будам, дар осмон будам ё дар замин, ваҷде вуҷудамро фаро мегирифт ва банд-банди мағзу устухон ва рагу пайвандамро аз ҳам боз мекард. Эҳсоси доштам, ки мисли пари қу сабук шудаам. Мехостам ин лаҳза ҳеҷ гоҳ ба поён нарасад! Аммо ногаҳон шалворам хис шуд! Худоё, чаро шошидам? Ҳарчанд мехостам мезакамро дарун бикашам, аммо шоша мерехту мерехт ва маро беҳол мекарду чашмонамро фурӯ мебаст.

Ман аз хандаи девонавори зан ба худ омадам, ки мастона печутоб мехӯрд ва «о боже, я совратила ребенка», - мегуфт. Хайрият, коргарон банди кор буданд ва садои хандаи ӯро намешуниданд. Ман бо илтиҷо ангушт ба лаб бурдам.

- Ок, не бойся, некому не скажу, пусть это будет нашим секретиком, - гуфту чашмак зад ва дубора аз ханда нафасгир шуд.

Ёд надорам чи гуна то ҳаммом расидам ва шалворамро иваз кардам. Он чӣ дар шалворам рехта буд, шоша набуд, моеи дигар буд... ки чӣ буданашро баъдтар фаҳмидам. Дафъаҳои баъдӣ, ки дар канори кати чӯбин чаҳорзону мезадам ва бадани чун мармар сафеди зани соҳибхонаро молиш медодам, тамоми ваҷду хуморро дар худам саркӯб мекардам... то замоне, ки ба ҳаммом бирасам. Дар ҳаммом нафасҳои тундамро бо нутфаам аз банд раҳо мекардам ва беҳолона ба девор меғеҷидам. Мехостам ин ваҷд ҳеҷ гоҳ тамом нашавад...

Чаро ман аз он зан ёдовар шудам? Ҳо, ба ин далел, ки билохира ӯ Камолро ба домаш афканд ва акнун баъзе шабҳо низ дар сохтмон мемонд. Ба ҳам даромехтани зану мардро ман бори аввал дар ин ду нафар дидам.

Зани соҳибхона рӯи нимкати мармарии доғи ҳаммом бо чашмони баста ва даҳони нимабоз мехобид. Нӯги синаҳои дар офтоб сӯхтааш мисли нофи анори норасида ба сақф нигоҳ мекард ва гесувони чун соқаи ҷавдор зардаш монанди шаршара аз лаби нимкат ба замин сарозер мешуд. Ӯ бо тани

офтобхӯрдаи ҳамвор ҳайкали зебои биринҷиро мемонд. Агар нозанини хуфтае дар ин дунё вуҷуд дошт, ҳамин зан буд, ки танҳо диданаш мани наврасро ба ваҷд меовард. Мисли одами ҷодушуда ба панҷараи ҳаммом часпида будам. Ҳайкали биринҷӣ тадриҷан ба ҳаракат даромад, шиками ҳамворашро навозиш мекард ва ангуштонаш нарму мулоим ба пойн мехазиданд. Ниҳоят даст ба байни ронҳояш заду пушташ аз нимкат баланд шуд ва чун мор ба худ печид.

Панҷараи ҳаммом ба тарафи бинои анбор боз мешуд ва ман метавонистам соатҳо аз тамошои бадани биринҷии ин зани зебо ҳаловат бубарам. Аммо ногаҳ дари сауно боз шуду Камоли урёнро дидам, ҳамон ҷавони хушқиёфаеро, ки мӯйҳои фирфирӣ, чашмони обӣ ва шонаҳои васеъ дошт. Ӯ пушт ба ман рӯ ба ронҳои зан меистод. Медидам, ки дастонаш рӯи ронҳои ӯ мелағзид ва хам мешуду тани ӯро мебӯсид, он қадр, ки фиғонашро ба осмон баровард ва ман аз тарс фирор кардам. Чанд қадам дуртар рафтаму боз баргаштам, як неруе маро ба тамошои он саҳнаи урён мекашонд. Аз ин майли шармовар хиҷолат мекашидам, аммо тавони муқобила надоштам, баргаштаму бо он ки туфамро аз ҳаяҷон ҳар лаҳза қурт медодам, дубора ба он ду нафар, ки акнун мисли ду ҳайкали биринҷӣ ба ҳам печида буданд, хира шудам. Аз онҳо мутанафир набудам, эҳсосе доштам, ки дар ин омезиш ман нафари сеюмам...

Саранҷом корҳои сохтусоз анҷом шуду танҳо нақшунигори замини ҳавлӣ монда буд, ки шавҳари зан аз хиёнати ҳамсараш бохабар шуд ва шабе бо доду фиғон моро аз бистари хоб баланд кард. Дар даст камон доштту таҳдид мекард, ки агар нагӯем ҳамсараш бо кадоме аз мо ҳамхоба аст, ҳамаро сари як тир мекунад. Сарафкандаву хомӯш будем, Камол ҳам қоил нашуд. Соҳибхона маст буду ду се бор ба сӯи осмон тир кушод. «Х...й вы деньги получите!- гуфту ҳамон лаҳза ҳамаи моро аз хонааш берун кард. Қарзи коргарон бар рӯи ӯ беш аз 20 ҳазор доллар буд. Пуле, ки ҳар муҳоҷир сараш ҳисоб

карда ва ҳатто нақшаи чӣ тавр ҳарҷ шуданашро кашида буд. Шикоят аз рӯи ин марди бадқавора кори беҳуда буд. Ҳама аз ихроҷ шудан метарсидем ва бо дилҳои пур аз ғаму ғусса хомӯшона пароканда шудем.

Боз ман мондаму сарнавишти печидаам. На пуле доштам, ки хона киро кунам ва на ҷойе, ки сарамро дарун андозам. Куҷо биравам? Боз рӯ ба ҷангал овардаму ба соҳилҳои дур аз назари посбонҳои шабгард. Тобистон бо саргардониҳои ман нисф шуд, омадани тирамоҳи ногузир, ки дар ин кишвар якбора бо барфу борон аз роҳ мерасад, маро нигарон мекард.

Дар ба дар мегаштаму аз бошандагони хонаҳои тобистона кор мехостам, аммо касе ба коргар ниёз надошт. Гоҳо маро монанди як гадои музоҳим аз дами дар меронданд. Мардум дар авҷи бухрон асабонӣ буд ва касе пул харҷ кардан намехост. Дар бозори маҳаллӣ аз фурӯшандаи озарӣ шунидам, ки бачаҳои тоҷик дар сохтмоне кор мекунанд. Ба суроғи онҳо рафтам. Акаи Муҳаммадро, ҳамон ошпази номиро, дидаму гулуям аз ғусса баста шуд. Захми неши пашшаҳои шабро дар сару рӯи ман диду дилаш ба ҳолам сӯхт.

- Сохтмон ҷойи ту нест, писарам, маъюб мешавӣ, аз бачаҳо пурсуҷӯ мекунам, шояд коре бароят пайдо шавад. Дигар ба ҷангал нарав, пеши худам бимон, то бубинем Худо чӣ медиҳад.

- Чаро ин мардум чунин нобовару бераҳманд, акаи Муҳаммад? Мо ба инҳо чӣ бадӣ кардаем?

- Одамон гуногунанд, писар, ҳар миллат одами хубу бад дорад...

Акаи Муҳаммад китфҳои аз лоғарӣ фурӯрафтаи маро навозиш кард.

- Як сол дар шаҳр устоӣ мекардам, ҷойи хоб надоштам, таҳхонаи идораи хоҷагии коммуналӣ маҳалли зистам буд. Умаралӣ ном ҷавони тоҷик атрофи сохтмонро тоза мекард, гапгиру меҳрубон буд, амру хоҳиши ҳамаро иҷро мекард. Хонаеро дар ҳамон сохтмон дузд заду намедонам чаро, аммо

соҳиби хона ба ҳамин ҷавони тоҷик машкук шуд. Бечораро паси панҷара бурданд. Дар ошёнаи аввали сохтмон пиразане буд бо номи баб Нюра, Умаралӣ гоҳо ба ҳамон кампир ёрӣ мерасонд, барояш харид мекард, дару тирезаашро таъмир мекард, пиразан ҳатто ба ӯ ваколатнома дод, ки нафақаашро аз почта бардорад. Рӯзе, ки баб Нюра костуми кабуд ва ордену медалҳои бешумори ҷангиашро ба бар карду барои ҳимояи Умаралӣ ба идораи пулис, рафт мо мутаассир шудему ашк рехтем. Агар он пиразан намебуд, гумон буд, ки Умаралӣ аз зиндон наҷот ёбад. Ман даҳҳо намунаи хубии ин мардумро дидаам, ки бо дасту дандон моро аз чанги пулису авбошҳо наҷот додаанд. Ба инсонҳо эътимод кун писар... хубу бадашро Парвардигор худаш дуруст мекунад...

Як ҳафтаро дар канори акаи Муҳаммад сипарӣ кардам, тахти хобашро ба ман доду худаш зери як пату дар замин мехобид. Аз ин ки сарбории ӯ шудам, хиҷолат мекашидам. Аммо дигар куҷо ҳам мерафтам! Корфармои ӯ марди мутакаббире буд. Маро дар атрофи ошхона диду абрӯ дарҳам кашид.

- Что за подросток, что он тут делает? - пурсид ӯ бо қаҳр.

- Это сын моего друга... Немата, вы помните его наверное, он вам сарай построил..

...Помню, ну и что?

- Он остался один, не хочет домой вернуться... Я хотел с вами поговорить, может вы сможете чем-то помочь.

- Чем я могу помочь?? Я же не бюро трудоустройство!

- Я подумал, может кому-то нужно по дому помочь, убираться, в огороде работать, он очень трудолюбивый мальчик... - гуфт бо илтиҷо акаи Муҳаммад.

Аммо ҳарфҳои акаи Муҳаммад ингор ба гӯши корфармо намедаромад. Ҳушу гӯши ӯ ба коргарон банд буд, ки бори сангинеро аз мошин пойин меоварданд.

- Аккуратно, это дорогой кафель! - фарёд зад ӯ ва танҳо баъди пурра аз мошин берун овардани бор рӯ ба аки Муҳаммад овард.

-Я тебя услышал, Магамед.

Корфармо баъди ду рӯз баргашт.

- Есть работа для твоего мальчика, соседской старушке нужен садовник, пока на испытательный срок, конечно, а там посмотрим...

- Спасибо, начальник, вы сделали доброе дело, дай бог вам счастья и долгих лет жизни!

Дилам ба ҳоли акаи Муҳаммад сӯхт, кам монда буд, ки ба пойи кордиҳанда бӯса бизанад.

Тамаллуқу дуои хайр ба корфармо форид. Ӯ ба манзури дуоят қабул мижа заду бо ифтихор ба сӯи мошини шоссебаландаш қадам бардошт.

«Начальник» рафту чеҳраи акаи Муҳаммад якбора тира шуд.

- Кор бо мардуми солманди ин мамлакат осон нест, писарам, ман инро дар пӯсти худ санҷидаам, ҷонро аз димоғат берун меоранд...Чӣ кор кунем? Шояд аз баҳраш бигзарем? Метарсам ба сарат балое наоранд...

- Акаи Муҳаммад, беш аз ин намехоҳам дарди сари Шумо шавам, таваккал ба Худо меравам...

Инро гуфтаму зеҳнамро барои дидор бо як зани солхӯрдаи муҳоҷирбадбин ва ба ҳама касу ба ҳама чиз машкук омода кардам.

Хонаи корфармои эҳтимолиро, ки дарвозаи пастаки беқуфлу калидаш дар байни коххои сар ба ҳавои «русҳои навбаромад» аз назарҳо пинҳон монда буд, баъди ҷустуҷӯи яксоата пайдо кардам. Кулбаи босафое буд, бо як боғи пур аз дарахт, ки шохаҳои пур аз мевааш аз девори паст ба кӯча сарозер мешуданд. Дар атроф ҷонзоде наменамуд ва ангушт задан ба ин дарвозаи шикаста кори бефоида буд, аз ин рӯ соҳиби хонаро садо задам.

- Хозяйка!

Посухе нашунидаму ин дафъа садоямро болотар бурдам.

- Чего кричишь, эта малахольная все равно не слышит! Ба пушт нигоҳ кардаму духтаракеро дидам, ки домонашро

то миён бар зада, аз шохаҳои ба замин хамида себ мечид ва бе хаёли ронҳои бараҳнааш буд.

Намедонам чанд сол дошт, гӯё наврас буд, аммо бо чеҳраи кӯдакона, гавдаи калон, мӯйҳои зард ва лунчҳои овезон арӯсаки бузургро мемонд.

- Лучше подойди к двери и стучи сильнее! - гуфт ӯ ва бо домани пур аз себ, дар зери шохаҳои хамида нопадид шуд.

Ман акнун мехостам ангушт ба дари хонаи пиразан бизанам, ки садои нарми махмалине дастамро дар ҳаво боздошт.

- Молодой человек, вам кого?

Соҳиби садои махмалин бо кулоҳи бузурги бораҳояш хамида, айнаки сиёҳ ва лабҳои сурхе, ки монанди нуқтаи тоблуи тирандозӣ нахуст ба чашм бармехӯрданд, ба пиразани бедандони бегонаситез монанд набуд. Ӯ дар бар шими кӯтоҳу ҷакети беостин дошт ва дар ҳоле, ки дугмаи хедфонро аз гӯшаш берун меовард, суоломез ба ман чашм дӯхт.

- Мне бабушку, которая хочет нанимать садовника...

- Ну... допустим бабушка это я...

- Не может быть, вы же такая молодая! Тааҷҷубам он қадар софдилонаву содиқона садо дод, ки ҳамсуҳбатам ба самимияташ шубҳа накард.

- Ну что вы, мне под семьдесят, но, приятно слышать такой комплимент! - гуфт ӯ ва чунон бо эҳтиёт лабханд зад, ки ҳатто як мушаки чеҳрааш такон нахӯрд.

- Я Вера Васильевна, заходите в дом, угощу вас чаем, и заодно поговорим о делах.

Хонаи Вера Васильевна шабеҳи соҳибаш синусоли мушаххас надошт. Толори бузурги ошёнаи аввал ба ҳуҷраи мардуми солманд, ки маъмулан кӯҳнаколоҳои ҳамсоли худро то охири умр ҳифз мекунанд ва аксҳои қадимии камрангро мисли тасвири Исои масеҳ ба деворҳо мезананд, монанд набуд. Фазои бозу барҳавое дошт ин толор ва тамоми ҷиҳозашро мешуд бо ангушт шумурд. Тоқу пештоқҳояш якчанд муҷас-

самаи каҷу килеби чӯбин ва девораш наққошиҳои интизоӣ дошт, ки ман ба муҳтавои онҳо сарфаҳм намерафтам.

- Как вас величать, молодой человек? - пурсид ӯ ва ниҳоят кулоҳи бузургу айнаки сангпуштиашро берун овард. Чеҳрааш ҳанӯз таровату тозагӣ дошт ва ожангҳои риштамонанди атрофи чашму лабонаш сураташро халалдор намекард. Хушандом ба назар меомад.

- Меня зовут Фарход, работал на даче, в параллельной улице, работа там завершена, теперь ищу работу... Мне дали этот адрес, сказали нужен садовник...

- Вы разбираетесь в садоводстве?

- Если честно, так, в общих чертах... Но я быстро учусь!

- И полагаю вам негде жить...

- Да... это так.

- Вам черный или зеленый?

- Что?

- Вам черный чай или зеленый?

- Аа, нет, спасибо, я уже завтракал.

- Видите ли, молодой человек, хозяйство у мня не очень большое, в огороде я еще сама могу копаться, но лень заниматься садом. Нужен постоянный уход, фрукты для продажы нужно упоковать профессионально... Так что, мне нужен садовник с опытом... понимаете?

- Понимаю...

Гӯиё аз сарам як сатил оби сард рехт, ки гарданам ба шонаҳоям фурӯ рафт. Ӯ бо ҳар каломаш охирин гузинаи маро барои ёфтани шуғл ва ҷойи хоб барбод медод. Тирамоҳ ҳоло фаро нарасида буд, аммо ман сардии боди набударо дар ҷонам эҳсос мекардам.

- Может быть Ввы знаете кого-то, кому нужна помощь по дому или в огороде?

- Хмм... нет... не знаю.

Маъюс шудам, буғзи бечорагӣ оҳиста ба гулуям мехазид. Аммо қабл аз он ки аз гулу то чашмонам баланд шавад,

аз ҷой бархостам. Тағйири авзоям аз назари зан пинҳон намонд. Дар ҳоле, ки чашмаш бар рӯи ман буд, бо навбат ба ангуштонаш фишор медод ва садои чарақ-чарақи устухонҳояшро баланд мекард.

- Извините, что побеспокоил вас... до свидания, - гуфтаму аз хона бадар шудам.

Ӯ аз ҷой барнахост, аммо замоне, ки бо шонаҳои хамида ва қадамҳои сангин ба самти коргоҳи акаи Муҳаммад қадам мезадам, садояшро аз пушти сарам шунидам.

- Молодой человек!

Бо Вера Василевна дарҳол забон ёфтам, Масъулиятамро аз рӯзи аввал мушаххас кард: тамоми кори марбут ба поккории ҳавлӣ, меваҳоро чидану ба қуттиҳо ҷо кардан, буридани шохаҳои хушкида ва поя задан ба дарахтони пурборро дар ивази 300 доллар маоши моҳона бар дӯши ман гузошт. Ҷойи хобу ғизо ройгон буд. Мани дар кӯча монда, ки розӣ будам ба ивази ҷойи хоб бепул барояш кор кунам, аз хушҳолӣ лол шудам.

Дақиқан замоне ба кор истихдом шудам, ки меваҳои дерпаз акнун пухтаву расида ва бо вазни худ шохаҳои дарахтонро сарозер мекарданд. Сабад-сабад себу ноку олу мечидам ва дар қуттиҳои чӯбин ҷо ба ҷо мекардам. Харидори моли умда ҳафтае як бор меваҳоро аз дари хона мебардошт.

Вера Василевна зани боҳуше буд. Зиёд ҳарф намезад, рафтораш, тарзи нишастану бархостанаш ва махсусан финҷонро бо ду ангушт бардоштанаш ашрофзодаи филмҳои қадимиро ба ёдам меоварданд. Аз пириву ожанг ва соири нороҳатиҳои муртабит ба синну сол мисли аз аҷал метарсид. Гӯиё ҷонаш дар пусти рӯяш буд, ки онро аз офтобу гарду хок эҳтиёт мекард. Чанд дафъа шабона бо сурати аз моск сафед дар муқобилам зоҳир шуду ман наздик буд аз тарс ғаш кунам. Аммо дертар ба ҳама хулқу хӯяш одат кардам, ба салиқаи мусиқиаш, ки соатҳо дар байни боғ бо

чашмони пӯшида Мотсарту Чайковский гӯш мекард ва бо он ки аз тарси ожанг тарзе механдид, ки ягон мушаки рӯяш такон намехӯрд.

Тани танҳо буд, на ҳамсар дошт на фарзанд. Аз нақлҳои парокандааш ҳаминро фаҳмидам, ки ҳамсараш марди низомӣ буду солҳо пеш дар кадом муноқишае кушта шуд. Ягона писараш панҷ сол пеш ногаҳон бар асари сактаи қалбӣ ҷон бохт. Аз тамоми моли дунё як набераи саркаш дошт, ӯ мисле ки дар чаҳорчӯби меъёрҳои ахлоқии модарбузургаш нагунҷид ва аз хонааш фирор кард.

Ба таносух, ё кӯчидани руҳи инсон аз як қолаб ба қолаби дигар имон дошт ва дар борои ҳамсару писари мурдааш тавре суҳбат мекард, ки ингор онҳо дар кӯчаи ҳамсоя дар қолаби тани дигар зиндагӣ мекарданд.

Аз зиндагии ман чизе намепурсид. Танҳо боре пурсид, ки чӣ гуна ба Русия омадам.

Тамоми саргузаштамро, ҳамон тавр, ки ба акаи Неъмат нақл карда будам, ба ӯ гуфтам. Хеле мутаассир шуд.

Ёдаш ба хайр, зани аҷибе буд.

Гоҳо мусиқиеро пахш мекарду маро ба наздаш мехонд.

- Вы знаете чья эта музыка?

«Нет, не знаю» мегуфтаму гунаҳоям аз шарм сурх мешуд.

- Это же «Весенний Вальс» Шопена!

Аз камсаводии худ он қадр шарманда будам, ки агар номамро садо мекард, метарсидам, ки дубора маро барои имтиҳон наздаш мехонад. Аммо тадриҷан бало шудам. Исми оҳангсозони классикро бо операву симфонияҳои маъруфи онҳо ва шоирҳои дӯстдоштаи Вера Василевнаро аз интернет меёфтаму дар дафтари кисагиам менавиштам.

Намедонистам, ки ӯ қабл аз бознишастагӣ чикора буд, аз худаш ҳам напурсидам. Бароям муҳим набуд. Баъди акаи Неъмат, ки ба ман дарси садоқату инсонгариро таълим дод, Вера Василевна донишгоҳи дигаре буд, ки маро ба китобхонӣ ташвиқ мекард ва адабу фарҳанг меомӯхт.

Ду-се дугонаи ҳамсангу ҳамранг дошт, ки онҳо низ зоҳиран танҳо буданд ва гаҳ-гоҳ меомаданду бо ҳам дар боғча Мотсарту Бетховен гӯш мекарданд ва чаҳорнафарӣ як шиша Шампонро то ними шаб менӯшиданд. Ба гуфтугӯҳои онҳо гӯш медодаму ҳайрон мешудам, гӯиё на меҳмонӣ, балки як маҳфили фарҳангӣ буд.

Ҳамсояе ҳам барои равуо надошт. Шояд ба ин далел, ки мардуми ин мавзеъ бо якдигар ошно набуданд, аз ҳар гӯшаи як вилояти бузург барои замони кӯтоҳ меомаданд ва робитаашон бо якдигар танҳо бо як саломи сарироҳӣ маҳдуд мешуд. Ағлаб ҳамон духтараки шабеҳи «арӯсаки бузург»-ро медидам, ки гӯиё ҳавсалааш аз хонанишинӣ сар мерафт ва дар роҳ ба самти кӯли бузурги канори шаҳрак ва мағозаи атроф мерафту меомад. Вера Василевна мегуфт, ки Маша 11 сол дорад, вале суръати ақлу зеҳнаш аз рушди ҷисмониаш ақиб мондааст. Волидонаш аз ҳам ҷудо шуданду ӯро ба модарбузурги падариаш вогузор карданд. Бечора кӯдак зоҳиран дӯсте ҳам надошт ва дар кӯчаҳо танҳо саланг-саланг мегашт. Як бегоҳ ӯро дар назди мағоза дидам, танҳо буд, якчанд марди ношинос, ки зоҳиран муҳоҷир буданд ва дар ин мавзеъҳо кор мекофтанд, ӯро азият мекарданд. Онҳо даст ба пеши бари Маша мезаданд ва доманашро боло мекарданд. Хун бар сарам зад, пеши роҳашонро гирифтаму Машаро фирорӣ додам. Чанд мушт ба сару рӯям хӯрдам. Вера Василевна аз қаҳрамонии ман хушҳол шуд, вале гуфт, ки худро аз Маша канор бигирам.

Пас аз чанд моҳи саргардонӣ зиндагӣ дар ҷойи нав бароям хуш мегузашт. Аз корфамоям розӣ будам, ӯ ҳам тадриҷан ба ман одат мекард. Аммо ҳеҷ гоҳ исми маро ба забон намеовард, ман бароям ҳамоно «молодой человек» будам.

Рӯзҳо бо кору боғдорӣ сипарӣ мешуданд ва гоҳо дар соатҳои фориғ аз кор ба дидани акаи Муҳаммад мерафтам. Ӯ ҳамеша бароям як коса ош нигаҳ медошт. Боре аз Вера Василевна пурсидам, ки оё метавонам аз себҳои уфтода барои

ҳамватнҳоям ду-се дона бардорам. Ӯ худашро хеле маломат кард.

- Бог мой, почему я сама не догадалась, - гуфту як халтаро аз себу маводи ғизоӣ пур кард.

- Отнеси это ребятам, может быть кто-то так же будет заботиться о моей безшабашной внучке...

Тирамоҳ ҳам оҳиста фаро расид. Акаи Муҳаммад ва ҳамкоронаш, ҳамон тавр, ки парандаҳои муҳоҷир ба минтақаҳои гарм парвоз мекунанд, ба хонаҳои худ баргаштанд. Меваҳоро то шуруи боронҳо аз шохаҳо бардоштам, вале дар ҳар шоха се чаҳор себ гузоштам, то парандаҳо бенасиб намонанд. Кори ман дар ин хона зоҳиран ба охир расид, ҳаво сард мешуду айвон ҳам дигар барои хоб ҷои муносиб набуд. Ман акнун ҳар лаҳза интизор будам, ки Вера Василевна бо узру маъзур маро аз хонааш берун кунад. Билохира як шом маро ба наздаш хонду ба ҷойи 300 бароям 600 доллар дод ва гуфт, ки ин мукофоти заҳматҳои семоҳаи ман аст.

- Спасибо вам за добросовестную работу, и вообще, за все... без вашей математики покупатели меня бы обсчитали.

Дилам аз ин пешгуфтор такон хӯрд.

- В веранде уже холодно, можете заболеть, переселитесь в мансарду, там уютно и тепло. Моей внучке нравилось спать там.

Аз хушҳолӣ дастпоча шудам, аз ҷой ҷастаму ӯро бағал кардам, ҳамон тавр, ки дар қатор акаи Неъматро бағал карда будам. Абрувони чун ришта борики Вера Василевна аз ҳайрат баланд шуданд.

- Молодой человек, что это было? - пурсид ӯ бо лабханд.

- Я думал, что Вы выставите меня на улицу...

- Вот что вы обо мне думаете! - гуфт ӯ бо ранҷиши сохта ва оҳиста гӯшамро тоб дод.

Вера Василевнаро ба ин далел бо ҷузъиёт тасвир кардам, ки ӯ дар як иттифоқи сарнавиштсози зиндагиам нақши калидӣ дошт. Маро аз даҳони марг берун овард.

Зимистони он сол пеш аз вақт фаро расид, он қадар зуд, ки тирамоҳ фурсат надошт зебоиҳои худро ба намоиш гузорад. Баргҳои зарду сурхи дарахтон шабеҳи жола аз шохаҳои яхбаста сангину босадо ба замин мерехтанд. Аммо маро дигар парвои зимистон набуд. Шабҳо аз панҷараи бузурги болохонаи қадимӣ рақси пағаҳои барфро тамошо мекардам, ки дар шуои чароғи хиёбон сафеду сабук чархзанон ба замин менишастанд ва субҳи барвақт онҳоро бо бел ба канори ҷода мерӯфтам. Рӯзона пой то зону дар барф тани дарахтонро бо лентаҳои пластикӣ мепечидам, то аз мушу харгӯшҳои гурусна амон бимонанд. Ҳафтае як бор ба бозори наздимарзӣ ва ду дафъа аз мағозаи шаҳрак маводи ғизоӣ мехаридам. Намехостам Вера Василевна бароям пулеро бидиҳад, ки бе заҳмат ба даст меояд.

Аҷиб аст, вақте инсон ҳеҷ дағдағае надорад ва зеҳнаш гирифтори андешаҳои «чӣ кор кунаму чӣ бихӯрам ва куҷо биравам?» нест ақрабаки соати умр дар нуқтае бо номи хушбахтиву оромиш ист мекунад.

Он зимистон дар ҳавои Шуберту Мотсарту Рахманинов гузашт, ки бо бӯи қаҳва аз ошхонаи Вера Василевна ба болохона баланд мешуд.

Мавсими кишти маҳсулоти полезӣ ҳам фаро расиду ману Вера Василевна акнун як пой дар ҳота доштему пойи дигар дар бозори ниҳолфурӯшӣ. Ман ҷӯя мекашидаму ӯ меваю сабзаҷоти дӯстдоштаашро кишт мекард. Бо ҳам хуб меомадем. Ҳар бор аз оядаи боғу роғаш суҳбат мекард, тавре ҳарф мезад, ки ингор ман то охири умр бо ӯ мемонам. Аммо магар мешавад? Шояд мардуми хушшонс ин таҷрибаҳоро дошта бошанд. Аммо дар зиндагии ман, ҳамон тавр, ки борҳо мушоҳида кардаам, ҳама чиз, мисли дорӯ таърихи инқизо, ё муҳлати дақиқи истифода дорад.

Бадбахтии ман бо як фиғони ҷонкоҳи нимашабӣ фаро расид. Фарёд аз хонаи рӯ ба рӯ бархост ва баъд гӯиё даҳони фарёдкашро бастанд, ки дафъатан хомӯш шуд.

Бо ҳарос аз зинаҳо ба поён давидам ва дар дами дар Вера Василевнаро дидам, ки осемасар ҷомаашро ба бар мекард.

- Вера Василевна, что это было?

- Не знаю, кажется кричала Маша...может что то с бабушкой, я давно ее не видела.

- Пойдемте, узнаем, может они нуждаются в помощи.

Он чӣ дар ошёнаи аввали хонаи ҳамсоя дидем, хориҷ аз тасаввури мо буд. Маша бо тани бараҳна, дастони маслуб ва пойҳои ба андозаи арзи шонаҳояш боз дар васати толор мехобид ва хун аз сари шикаста ва аз байни ронҳояш берун меомад. Дуртар аз ӯ модарбузургаш якпаҳлу афтида буд ва хир-хир садо мебаровард. Вера Василевна, ки ранг дар рӯй надошт, мисли як ҷисми беҷон ба сандалӣ афтид. Ҳамон тавр, ки дар ҷойе аз достонам гуфтам, ҷасорати ман дар лаҳзаҳои буҳронӣ ғайриихтиёр аз вуҷудам берун мешавад ва хавфу хатарро дар назарам ночиз мекунад. Он шаб низ чунин буд.

- Вера Василевна, звоните в скорую и в полицию!

- Телефон дома оставила... гуфт бо садое нимҷоне, ки шабеҳи овози махмалинаш набуд.

- Звоните со стационарного, вон стоит на столе!

Садоямончунон омирона буд, ки ӯ ба ҷуз аз ҷой баланд шудан чораи дигаре надошт.

Аввалин коре, ки кардам, сари шикастаи Машаро бо дастмоли рӯи миз бастам, намедонам дуруст кардам ё не, болишти кучаки рӯи софаро зери сараш гузоштам. Нафасҳояшро намешунидам. Ногаҳон модарбузурги Маша ба худ омад ва маро диду фарёд зад ва дубора аз ҳуш рафт. Ёрии таъҷили ва пулис тақрибан ҳамзамон расиданд. Машаро бо модарбузургаш бурданд ва аз ману Вера Василевна дар бораи чигунагии ҳодиса пурсиданд. Он чиро, ки медонистем, ба онҳо гуфтем ва ба хона баргаштем.

Маро рӯзи дигар гирифтанд. Замоне ки қабл аз борони ваъдагӣ охирин буттаҳои гуҷаро ба замин менишондем, ҳудуди даҳ нафари мусаллаҳ бо «калашникуф» хонаро муҳосира карданд. Ду тани онҳо маро дар пеши чашми Вера Василевна бо лагад аз пой афтонда, ба дастонам завлона зад.

-Что вы делаете!? В чем он провинился? Вы не имеете права! Он же еще ребенок!

Ӯ ба думболи пулис, ки маро кашон-кашон ба Мини Вани сиёҳ мебурд, медавид ва сайъ мекард пеши роҳи онҳоро бигирад. Аммо коре аз дасташ наомад. Нигоҳаш ба чашмони пурҳарос ва имдодталаби ман афтиду даҳонашро бо кафи даст пӯшид.

Оё шумо боре чашмони барраеро дидаед, ки бо дасту пойи баста бераҳмона ба пушти мошин мепартоянд? Ман он чашмонро боре дида будам. Тамоми эҳсос, тарсу ваҳшат, оҷизӣ, дармондагӣ ва ҳавли ҷон, ҳама дар он чашмон мунъакис мешаванд. Вера Василевна ҳамон тасвирро дар чашмони ваҳшатзадаи ман медид.

Маро бо қундоқи силоҳ телазанон ба утоқе бурданд, ки як миз дошту ду сандалӣ. Марди қадпасте пушт ба мо ва рӯ ба панҷараи хурди шабеҳи тирезаи гармоба сигор мекашид.

-Товарищ полковник, подозреваемый доставлен, разрешите идти?

- Свободны, - гуфт он мард ва сигорро дар гӯшаи миз хомӯш карду аз панҷараи нимабоз ба кӯча ҳаво дод. Сипас аз пӯшаи рӯи миз варақеро берун оварду ному насаб ва соли таваллуди маро хонд. Ҳадс задам, ки шаҳодатномаи маро аз хонаи вера Василевна пайдо карданд.

- Все написано правильно?

Ман сар такон додам.

- Ну, давай начнем, расскажи как все было.

- О чем рассказать, в чем вы меня обвиняете?

- Ах, ты не знаешь в чем... ну к примеру в том, что изнасиловал несовершенолетнюю Машу Воронину, и довел ее бабушку до инфаркта!

- Да вы что! Я Машу всегда защищал, она мне как сестренка!

- Не валяй дурака, ее бабушка пришла в себя и дала показание против тебя, и потом там везде твои следы.

- Я и Вера Василевна побежали туда когда услышали крик, я пытался остановить кров у Маши, конечно там могут быть мои следы. Почему не спросите у Маши кто ее изнасиловал, вместо того, чтобы обвинять первопопавшего.

- Значит, чистосердечного не будет... ну, ну.

- Я не виноват, и не буду давать показания против себя.

Муфаттиш дигар чизе напурсид, варақҳояшро дубора дар пуша гузошту аз уток берун шуд. Ман маъмулан одами мушоҳидакорам, аммо он чӣ аз сарам мегузашт ба андозае тасаввурнопазир буд, ки ҳатто чеҳраи муфаттиш ёдам намонд. Пӯшаро ҷо гузошта буд ва баъди лаҳзае баргашт, ки онро бардорад ва ман ӯро нашинохтам.

Баробари аз дар берун рафтани муфаттиш чаҳор афсари тануманд, ки мисли чанор баланду бузургҷусса буданд, вориди уток шуданду дарро бастанд. Мушти яке ба қафаси синаам рост омаду маро нафасгир кард. Бо бутҳои сангини худ ба сарам ва гурдаам мезаданд. Он қадар латту кӯб шудам, ки дар баданам ҷойи обод намонд. «Это только начало, мы тебе еще покажем как насиловать наших девочек!»- мегуфтанду мекӯфтанд. Тани ман мисли тӯби кафида аз як кунҷи ҳуҷра ба кунҷи дигар меғеҷид ва хунам дар фарш хатҳои каҷукилеб мекашид. Аммо дили он чаҳор нафар ҳеч хунук намешуд.

Саранҷом хаста шуданду ба девори панҷараи нимабоз такя заданд. Аз сар бардоштану нигоҳ кардан ба онҳо метарсидам, танҳо аз бӯи дуд эҳсос кардам, ки сигор мекашанд. Саъй кардам бинишинам, аммо дарди шадиди қафаси сина ва устухони поям маро дубора ба замин хобонд. Шикамамро гӯиё бо корд шикоф карда буданд, ки месӯхт. Он чаҳор нафар сигор мекашиданд ва мисли гург ҳар лаҳза

ба сӯи ман меғуриданд. Ногоҳ дарди баданам рафъ шуд, дигар чизеро эҳсос намекардам, беҳол будам, ё беҳуш шудам? Худро дар боғи Вера Василевна дидам, Мотсарт гӯш мекардаму себ мечидам, Вера Василевна таври маъмул дастҳояшро мисли бол ба ду самт афканда сар такон медод, гӯиё мехост то Мотсарт парвоз кунад.

Касе аз сарам оби сард рехт. Чашм кушодаму худро дар ҳуҷраи тангу тору бадбӯе дидам, намедонистам ин ҷо куҷо аст.

Як тӯда одами бадлибосу бадбӯйро дидам рӯи ман хам шуда, ҳар лаҳза даст ба шалворҳои худ мезананд.

- Отойдите, от него, суда еще не было, вина не доказана.

- Ты че в натуре, Дагистанец, не по понятиям это, он же русскую девочку изнасиловал! - эътироз кард марде, ки чеҳраи хукмонанд ва димоғи кӯтоҳи рӯ ба боло дошт.

- Мусора валять вину на беззащитных, нужно ждать ксиву из центральной хаты, если виновен... будет у вас время посадить его на метлу...

Ӯ бо ишораи сар тахти хоби бағали ташнобро нишон дод. Ман намедонистам ин мард кист ва чаро дигарон аз ӯ итоат мекунанд, аммо ҳар кӣ буд, дар ин ҷаҳаннам танҳо касе буд, ки ғайриаланӣ ба ман тараҳҳум дошт. Тани аз зарбу лат афгорамро басахтӣ то тахти хоб кашондам. Ба маҳзи дароз кашидан дарди шадиде маро такон дод. Дандаҳоям шикаста буданд ва нугҳои тези устухон узвҳои дигарамро озор медод. Дандон рӯи дандон гузоштам, то фарёдназанам. Дарди устухон бо дарду андуҳе, ки шабеҳи санги сиёҳ ба қалбам фишор меоврад, қобили қиёс набуд. Маро бо ҷурме, ки муртакиб набудам, гунаҳкор мекарданд. Муъҷизаеро интизор набудам. Як ҳиссе ба ман мегуфт, ки агар сад ҷон дошта бошам, якеаш ҳам аз ин ҷо зинда бадар намешавад. Зиндониҳо ҳузури маро ба сахтӣ таҳаммул мекарданд. Агар он марди солманд намебуд, шояд маро хомохом мехӯрданд. Ҳар нафаре, ки ба ташноб мерафт, лагаде ба тахти хоби ман

мезад. Тамоми шаб хобам набурд. Дар ин ҳуҷра, ки яке дандон мехоид, яке мисли хук хур-хур мекард, яке бод сар медоду ҳаворо месӯзонд, ман мисли бачаи гунҷишк будам, ки ногаҳон аз лона сарозер шудааст ва аз нотавонӣ пар-пар мезанад. Ҳеҷ гоҳ ба ин андоза Худоро ба ёрӣ нахонда будам. Ҳарфҳои Мисбоҳиддинро ба ёд меовардам, ки мегуфт, ба раҳмати Парвардигор шакк надошта бош, бо тамоми вуҷудат ба ӯ таваккал кун, ҳатман мушкилат осон мешавад. Он шаб ҳазорҳо бор Худо гуфтам. Гуфтам Парвардигоро тавонотар аз ту маъбуде нест муъҷизаатро нишон бидеҳ, ҷони маро наҷот бидеҳ.

Марди солманд, ки дигарон аз ӯ «Дагестанец» ном мебурданд, мисли беморон калавида ба ташноб рафт. Ҳис мекард, ки ман бедорам.

- Спи, парень, такого блага возможно завтра и не будет...

Садои хиррии ин марди солманд, ки эҳтимол тавони бардошти як муштро надошт, аммо дигарон аз ӯ метарсиданд, ҳамроҳ бо чеҳраҳои ваҳшатнок ва чашмони бераҳми зиндониёни дигар мӯйро дар тани ман рост мекарданд.

Ман он замон ҳама чизро дар пардаи хираи меғ медидам. Аммо баъдҳо чеҳраи марди доғистониро аз пораҳои хотиротам ҷамъ овардам.

Намедонам, шояд ӯ як замон қомати болое дошт, аммо ҳоло гарданаш аз кӯзии шонаҳо ба дарун фурӯ рафта, устухони камараш гӯиё аз пойин ба боло ғеҷида, рӯи теғаи шонаҳояш тепае эҷод мекард. Пӯсти чандиру хокистарӣ устухонҳои барҷастаашро мепӯшонд ва чинҳои амиқи атрофи димоғу даҳонаш сурати ӯро сангӣ ва бераҳм нишон медод. Чашмонаш, ки бидуни шубҳа ҳазорҳо балоро таҷруба кардаанд, бозтобе аз руҳи торикаш буданд ва нигоҳаш одамро сӯрох мекард. Ман ин чеҳраро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Рӯи борики дароз ва димоғи уқобӣ дошт он мард. Ҳар дам бинӣ мекашиду аз сулфаи тулонӣ нафасгир мешуд ва сипас тӯдаи балғамро ба

ташти дастшӯӣ мерехт. Дар танаш танҳо шалвор дошт ва тасвири моҳу ситора ва гунбади масҷид дар синаи фурӯрафтааш аз ин гувоҳӣ гувоҳӣ медод, ки ӯ мусалмон аст.

Ҳарфи ӯ рӯи зиндониёни дигар таъсири амиқ дошт, онҳо аз канори ман мегузаштанду бо ғазаб дандон гиз мекарданд, вале ба ман даст намезаданд.

Ду рӯз касе ба суроғам наомад. Гурусна будам, аммо об аз гулуям намегузашт. Аз омаданам ба ин кишвар ҳазорҳо бор пушаймон шудам. «Шояд маро дуои хоҳаронам гирифт, ки онҳоро танҳо гузоштам? Эй кош фирор намекардам! Э кош аз пайи тамошои кусуфи моҳ мерафтам! Эй кош Салоҳиддин маро ба қатор роҳ намедод»!

Нозирон баъди ду рӯз маро дубора барои бозпурсӣ бурданд. Бозпурсие набуд, муфаттиш, як марди фарбеҳи кал, ки мехост аз дигарон меҳрубонтар зоҳир шавад, варақеро пешам гузошт.

- Подпиши, сынок, и на этом закончим дело. В СИЗО тебе не будет покоя, но на зоне будет легче.

Дар гӯшаи варақ ному насаби ман, ҷойи таваллудам ва замони ворид шуданам ба Русия сабт шуда буд. Варақ «Признание» ном дошт.

- Я ни в чем не виноват, мне не в чем признаваться, Машу я люблю как сестру, я бы ее никогда не обидел. Если мне не верите, спросите у Веры Василевны, она может подтвердить, что в тот день, ни днем ни ночью, я не выходил из дома.

Ҳарфам ба ин ҷо расида буд, ки бозҷӯ бо ду ангушт рӯи миз каме нақора зад ва сипас лабханди шайтоние карду аз дар берун шуд. Ба маҳзи баста шудани дар аз паси бозрас, этирофномаро хондам. Худоё, як достони боварнокардание буд аз номи ман. Гӯиё эътироф мекардам, ки Машаро дар толор таҷовуз кардам ва сипас барои пӯшонидани ҷиноятам бо ҷисме ба сараш кӯфтам ва аз ҷойи ҳодиса фирор кардам.

Дастонам аз дарки ин воқеият, ки инҳо саранҷом маро бо ҳар наҳваи дастрас зиндонӣ мекунанд, мисли барги бед

меларзиданд. Дар ин ду рӯз он қадр аз дарди устухон ва гуруснагӣ заиф шудам, ки дар сандали басахтӣ менишастам. Сарам беихтиёр рӯи мизи бозҷӯ хам шуд, хаёлам, ки чашмонаро бибандаму боз кунам ва бубинам, ки ин ҳама танҳо як кобус аст. Аммо аз зарбаи маҳкаме, ки ба пушти сарам рост омад ба кунҷи ҳуҷра ғелидам. Ҳамон чаҳор нозири девсуратро дидам, ки дар тан комуфляш ва дар по бутҳои аз соқ боло дубора ба сарам тохтанд.

- Подпиши бумагу, черножопый, не подпишешь, будем бить по черному, пока не сдохнишь! - гуфт ҳамоне, ки аз дигарҳо ҷаррортар буд ва ҳам рӯзи аввал ва ҳам ҳоло бештар дандаҳоямро ҳадаф қарор медод. Ӯ бо бутҳои низомияш қафаси синаи маро ба замин пахш кард ва ман фарёде задаму аз дард беҳуш шудам.

Аз мавҷи оби сарде ба ҳуш омадам, ки аз сатил рӯи сарам рехт. Агар аз ман пурсед, ки он чаҳор нафарро тасвир кунам, гумон аст, ки тавонам. Он ҳар чаҳор бо чашмони обии ваҳшӣ, суратҳои арғувонӣ ва пӯзаҳои шабеҳи даҳони гурги хашмгин ба ҳам монанд буданд. Гӯиё фарзанди одам набуданд, аз кадом деве ба дунё омадаанд.

- Подпишшиии, щщенок!

Чун мор фашшас зад яке аз онҳо. Туфҳояш ба сару рӯям мепариданд ва нафаси шароболудааш маро хафкон мекард.

- Можете убить... не буду подписывать... я не виновен, спросите у Машы... - гуфтам дар ҳоле, ки хун аз даҳонам фаввора мезад.

Ин охирин каломе буд, ки аз забони ман берун омад. Ҳар чизе, ки пас аз ин иттифоқ уфтод, фаротар аз тасаввурам буд.

- Куда его теперь? - пурсид кадоме аз онҳо.

- В пресс-хату.

Фақат ёдам меояд, ки яке аз нозирон маро бо лагад ба дохил тела дод ва осемасар дарро баст.



Дар баста шуду шаш нафари танумандд, ҳамон тавр, ки гургҳои гурусна ба сари бачаи оҳу хам мешаванд, маро дар ҳалқа гирифтанд. Даҳонашон аз хушҳолӣ то баногӯш гиз мешуд, чашмонашон барқ мезаданд ва дандонҳояшон аз шавқ садо мебароварданд. Фаҳмидам, ки чаро маро ба ин ҷо оварданд ва ҳатто зеҳни меғолудам низ дарк мекард, ки инҳо бо ман чӣ хоҳанд кард. Ман тавони муқовимат бо ин хирсҳоро надоштам ва аз тарс ба девор ҷафс шуда, бо вуҷуди дарди дандаҳо, зонувонамро маҳкам бағал кардам. Онҳо оҳиста ба ман наздик мешуданд, мисли даррандае буданд, ки қабл аз даридан тумаро бозӣ медоронад.

Дар фосилаи ним метр аз ман бозистоданд.

Ман аз мобайни пойҳое, ки ба андозаи арзи шонаҳои соҳибаш боз буд, пеш хазидам. Масофа то дари оҳанин як метр буд. Ғел задаму дарро дудаста кӯфтам ва бо тамоми овоз «помогите!» фарёд задам.

Талошҳои ман онҳоро механдонд.

- Давно не тр...хали черножопого, особенно с узкой дыркой! А, нет вспомнил того жырного кабана, киргиз был, по моему, который сдох от кайфа, все кричал, убейте меня, убейте меня. - гуфт яке аз ин ғӯлҳо, ки мӯйҳои зарди кӯтоҳаш мисли сих рост буданд ва пешонии тангаш аз арақ медурахшид.

Медонистам, ки зӯрам ба ин ғӯлҳо намерасад, гиря кардам, бидуни ашк, ашкҳоям аз тарс гум шуданд, худам низ дар марзи девонагӣ будам.

- Сволочи, ублюдки, нелюди, пусть, бог покарает вас!

Онҳо баланд механдиданд ва ангезаашон барои пора кардани ман бештар мешуд.

- Будьте вы прокляты...

Ин охирин ҳарфе буд, ки аз забони ман берун омад...

Онҳо маро як-як таҷовуз карданд. Хун аз мақъадам ҷорӣ буд ва тамоми суратам аз нутфа ва шошаи он хукҳо касиф мешуд. Дигар зеҳне надоштам, гоҳ боҳушу гоҳ беҳуш

ба атроф нигоҳ мекардам, аммо сарфаҳм намерафтам, ки дар кучоям ва чаро тамоми баданам месӯзад. Мани беҳушу беёдро нозирон каш-кашон ба ҳуҷраи аввалӣ оварда, дар назди ташноб партофтанд ва ба сарам оби сардро сарозер карданд.

Чашмони варамидаам боз намешуд, аммо онҳо аз ҷумбиши танам мутмаъин шуданд, ки ман ҳанӯз зиндаам.

- Принимайте петуха, если не брезгуете, - гуфт яке аз нозирон бо ханда.

Бошандагони ҳуҷра болои сарам ҷамъ шуданд, аммо на аз рӯи тараҳҳум, онҳо як-як ба рӯям туф мекарданд.

- Отойдите от него! - овози хиррии марди доғистонӣ ингор аз дохили кӯза садо медод.

Каргасҳо ғур-ғуркунон ақиб рафтанд. Дигар касе ба ман наздик нашуд. Онҳое ҳам, ки ташноб мерафтанд, талош мекарданд пояшон ба тани ман нарасад. Ман барои ин касифҳо касифтарин будам.

Рӯи замини бағали ташноб дароз кашидам. Бадани ранҷурам аз дард менолид ва руҳи озордидаам бе ашк гиря мекард.

Дарунам пур аз нолиш буд, вале метарсидам садо барорам. Саранҷом чароғ хомӯш шуд ва ҳама сар ба болинҳои сангин гузоштанд.

Танҳо марди доғистонӣ бедор буд.

Намедонам, аввали шаб буд ё нимаи шаб, ки ӯ бо баҳонаи дастшӯӣ обро боз кард ва бо садое, ки ҳатто мани ба девори ташноб наздик онро ба сахтӣ мешунидам, ба гап даромад. Наздиктар ғеҷидам, то бишнавам чӣ мегӯяд. Ба ман нигоҳ намекард, гӯиё бо об ҳарф мезад.

- Плохи твои дела, парень... тебя опустили, осквернили, опетушили... ты теперь входишь в касту обиженных... низшая каста, каста падших, порченных, и на воле и в тюрьме... Не знаю, понимаешь ли о чем я говорью. Беспредельщики осквернили не только твое тело, но и мужское достоинство...

С таким клеймом тебя здесь в живых не оставят, будут насиловать, пока не умрешь. Таковы жестокие законы тюрьмы. Выйдешь на волью, там еще хуже... ты уже не тот кем был раньше, ты опущенный...падший, никто руки неподаст... Для опущенных смерть это благой исход...

Вақте аз канорам рад мешуд, чизеро амдан ба бағалам раҳо кард.

Наштари кӯчаке буд, мисли корди ҷарроҳӣ, ки дастаашро бо навори часб бузургтар карда буданд, то аз даст нағеҷад. «Не забудь сказать ла иллаха иллялах», гуфт ӯ бо овози нимшунаво ва ингор ба ман коре надошт, ки бепарвоёна ба тахти хобаш хазид.

Паёмашро гирифтам. Гуфт, ки ман интихоби дигар надорам. Ҳиммати сарнавишт бо ҳамон рӯзгори хуше, ки бо модарам доштам ва рӯзҳои ширине, ки дар канори акаи Неъмат ва Вера Василевна сипарӣ кардам, тамом шуд. Акнун барои ман чорае ҷуз марг намонда буд. Зиндагиро бо талхиву ширинихояш таҷруба карда будам, аммо маргро намешинохтам.

Намехостам бимирам, аз мурдан метарсидам, андешаи марг мӯйро дар тани афгорам рост мекард. Намехостам домони зиндагиро раҳо кунам. Ман шадидтарин муборизаи дарунии байни маргу зиндагиро таҷруба мекардам. Охир, ҳанӯз бача будам, фалсафаи маргу зиндагиро намедонистам!

Аммо бо ҳамон ақли норасидаам дарк мекардам, ки бо ин ҷисму руҳи ҷариҳадор ва ғурури ҷариҳадор, агар домани зиндагиро бигирам, мурдани тадриҷиро имтиҳон хоҳам кард, ҳар рӯз хоҳам мурд ва худро нафрин хоҳам кард, ки чаро чоқуи марди доғистониро канор гузоштам.

Боре аз Мисбоҳиддин пурсидам, ки Худованд кадом гуноҳи бандагонашро намебахшад. Гуфт, худкуширо. Ва ҳоло худкушӣ ягона гузинаест, ки маро аз ин ранҷу азоб ва беномусӣ раҳо мекунад. Тавони нишастан надоштам, ба девори

ташноб такя задаму остини пероҳани аз хуну нутфа шахшудаамро бардоштам.

Хукҳои ваҳшӣ ҳама дар хоб буданд, магар он марди доғистонӣ, ки аз паҳлу ба паҳлуи дигар мегашт ва сулфаи мартубу хиш-хиши шушҳои аз сигор варамидааш гӯшамро озор медоданд. Медонистам, ки бедор аст ва ин маро хиҷил мекард. Барои худкушӣ ба ҳарими хусусӣ ниёз доштам, мехостам мурданамро касе набинад. Шабеҳи модагове будам, ки аз зоймон дар ҳузури мардум хиҷолат мекашад ва бачааш дар шикамаш банд мемонад.

«Ло иллоҳа иллалоҳ...» гуфтам ва наштар ба раги дасти рост задам, аммо натавонистам, корд аз дастам афтид.

Садои афтидани корд марди доғистониро нороҳат кард. Ман дар такяи ташноб нишаста будам ва тахти хоби ӯ дар шуои нурафканҳои бузурги маҳбас аз ҷойи нишастам намоён буд. Рӯ ба сақф мехобид ва худ ба худ ҳарф мезад.

- Трусы могут жить и в говне... благородные люди не терпят унижений и оставят эту никчемную жизнь без сожаления...

Шояд мунтазири ҳамин такон будам, ки хуни боқимонда дар баданам ба ҷӯш омад ва тасвиреро, ки ӯ чанд соат қабл аз сарнавишти минбаъдаам «наққошӣ» кард, мисли навори филми ошно аз пеши назарам гузашт. Ман дар ин чанд соат борҳо маргу зиндагиро дар ду паллаи тарозу гузоштам, хоҳиши зистан косаи зиндагиро вазнинтар мекард ва ҳарфҳои марди доғистонӣ паллаи маргро. Тарсе, ки маро дар мушти оҳанинаш мефишурд, ногаҳон нопадид шуд ва ман бетардид кордро аз замин бардоштам. Хун аз банди дастам фаввора зад. Шумо медонистед, ки хуни инсон садо дорад? Ман намедонистам, он шаб бори аввал садои хунро шунидам, ки мисли мор фашшос мезад ва аз тани ман берун мехазид ва фазои сарду заҳрогини ҳуҷраи маҳбасро аз бӯи оҳани зангзада пур кард. Оромише вуҷудамро фаро гирифт, ки дер боз дар орзӯяш будам. Гӯшҳоям қуфл заданд, дигар

на садои шушҳои аз дуди сигор варамидаи марди доғистониро мешунидам ва на хир-хири хукҳои ваҳширо. Хоби ширине маро аз ин ғамкада ба дуриҳо мебурд. Модарамро дидам. Дар сараш шоли бузурги сабз дошт ва дар кадом саҳрое пахта мечид. Пахтазор буд, аммо сафедӣ надошт ва модарам ғӯзаҳои нoшукуфтаро аз ниҳолҳои сабзи ба қадаш баробар мебардошт. Шилшилаи шолаш дар ғӯзаҳо мепечиду сарашро урён мекард ва ӯ бо қаҳр шолро пеш мекашиду бо худ арбада мекард.

Дар гузашта ӯро зуд-зуд хоб медидам. Дар он хобҳо ӯ ҳамеша саргардон буд, ба думболи падарам мегашт, ҳамон тавр, ки дар зиндагӣ доим ба думболаш буд. Ҳарф намезад, аммо ман садояшро мешунидам, ки мегуфт, «падаратро надидӣ?» Ман ошиқи он хобҳо будам, ӯро медидаму дилтангиям рафъ мешуд. Аммо баъд гӯиё марзи хобҳои маро гум кард, ки дигар ба суроғам наомад.

Ва ҳоло пас аз моҳҳо ӯро дубора дидам. «Очааа»- фарёд кашидам. Фарёди маро шуниду қоматашро рост карду бо асабоният даст афшонд.

Ҳарф намезад, аммо ман мешунидам, ки мегуфт, «зуд ба хона баргард, шом шудааст, ғизо бихӯру аз пайи дарсҳоят шав». Асабонӣ буду изтироб дошт ва ногаҳон дар байни пахтазор, ки ниҳолҳояш мисли дарахт бузург шуданд, ғайб зад.

Як моҳ дар кумо будам. Дар ин як моҳ мурдаи шиносе намонд, ки ба ман сар назада бошад. То бобову бобокалон ва тамоми ақрабои гузаштаам, ки онҳоро дар умрам надида будам, ба истиқболам омаданд. Халое монанди чарӣ маро аз мурдаҳои қадимиву чадид чудо мекард. Онҳо ҳар рӯз меомаданд, хушлибос буданд, меомаданду дар он сӯи чарӣ, дар паси модарам, ки мисли имоми масчид ду қадам аз дигарон пештар меистод, саф мекашиданд. Падарамро ҳам дидам, танҳо омад, бо тараҳҳум ба ман нигоҳ мекард ва ашк мерехт. Ачаб, аз ин фосилаи дур ашкҳояшро медидам.

На онҳо маро бо худ мебурданд ва на ман хоҳиши рафтан доштам.

Пизишкҳо маро басахтӣ аз коми марг берун кашиданд. Гуфтанд, ки зинда монданам муъҷиза будаст, шаст дарсади хунамро гум кардам ва рӯдаи ростам пора шуда буд. Ман мисле, ки ба луфти яке аз маҳбусон зинда мондам. Ӯ қарибии субҳ мехост дастшӯӣ биравад, вале дар ҳавзи хун лағжиду чароғро рӯшан кард ва мушт ба дар заду аз нозирон кумак хост.

## БАЪЗЕ ВАҚТҲО БЕҲТАР АСТ БАРНАГАРДӢ...

Рӯзе, ки чашм кушодам, зеҳнам дар ғубори меғ фурӯ рафта буд ва намедонистам дар заминам ё дар осмон. Садоҳои ба ҳам махлутро мешунидам, шабеҳи шаршараи лӯлаи обкаш ва ба ҳам бархӯрдани асбобҳои филизӣ, аммо наметавонистам онҳоро дуруст ташхис бидиҳам. Чашмонам ба тирагии панҷараи як гармобаи пур аз бухор буданд ва атрофро хира медиданд. Дар он пардаи меғ нурафканеро медидам, ки чарх мезаду сутуни нурро ба шикамам фурӯ мекард. Мутмаин будам, ки мурдааму дар барзах қарор дорам. Чашмонамро пӯшидам, то модарамро дар лаби ҷарӣ мунтазир накунам.

- О нееет, неееe ухоооодиии, откроййй глазаазааа! - як нафар болои сарам фарёд зад, садои аҷибе буд, мисли овозҳое, ки амдан тағйир медиҳанд то шинохта нашаванд, калимаҳоро мисли одамони мубтало ба нақзи гуфтор каш медод. Суроби хирае дошт ва мисле, ки дар малофаи сефед печида буд. Танҳо садои кафшҳояшро мешунидам, ки ба шиддат аз ман дур мешуд.

Баъд гуфтугӯи ду нафар ба гӯшам расид. Гӯшҳоям тадриҷан боз мешуданд ва ман акнун садоҳоро возеҳтар мешунидам.

- Он только что открыл глаза.

- Может быть показалось?

- Нет... не показалось, он пришел в сознание, я это четко видела, не в первой же!

Оне, ки шакку тардид дошт, ба самти ман хам шуду пилкҳоямро як-як боз кард. Бӯи мулоими атраш ба машомам расид, шабеҳи бӯи атри падарам буд.

- Принеси, пожалуйста, диагностический фанарик, он у меня на рабочем столе.

- Хмм... и действительно, зрачки реагируют на свет, он кажется выходит из «серой зоны», но еще дней пять-шесть будет в бодрствующей коме. Живучий однако... Нужно проверить, как кома повлияла на его нервную систему.

- Доктор, если честно я не думала что он выкарабкается, столько крови потерял...

- Ну, как видите у бога другие планы по поводу него. Следите за динамикой и дайте мне знать, если есть изменения.

Чанд рӯзи дигар гузашт, то дарк кардам, ки дар бемористонам, аммо ёдам набуд, ки чӣ иттифоқе уфтодааст. Нафаре, ки рӯзҳои аввал танҳо садои кафшҳояшро мешунидам, парастори бахши муроқибатҳои вежа буд. Духтари ҳалиму меҳрубон ва бисёр хушандом. Хеле ноз буд, мисли савсани боғи Вера Василевна. Зиёд ҳарф намезад. Лабханди зебое дошт. Рӯзе, ки пурра ба ҳуш омадам, ӯ сурати лоғарамро бо пушти дасташ навозиш кард.

- Ну, с возвращением!

- Что со мной? Почему я лежу без одежды?

Парастор суоли авваламро нодида гирифт.

- Без одежды, потому что это реанимационный отдел.

- Что случилось? Почему моя грудная клетка в гипсе? Что за трубы у меня в животе?

- Ты не помнишь?

- Что я должен помнить?

- Почему ты попал в больницу...

- Нет, не помню...

- Ничего страшного, постепенно вспомнишь... это даже хорошо, что ничего не помнишь, некоторые моменты жизни лучше забывать... Ты пока отдыхай, сегодня будем есть куринный бульон, твой друг принес.

- Мои друг?

- Да, интелегентная женщина в громадной шляпе. Ты ее не помнишь?

- Нет не помню...

- Ну, отдыхай... тебе нужны силы и душевный покой, а память никуда не денется, вернется однажды...

Хотираам ногаҳон баргашт, ки эй кош барнамегашт! Рӯзе баргашт, ки Степан бо сарҳанг ба диданам омаданд. Марди ношиносе онҳоро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ дар бар либоси низомӣ дошт.

- У нас для тебя хорошая новость, Фархад, Машенька пришла в себя и указала на настоящего насильника, так что, ты больше не в подозрении, - гуфт сарҳанг ва сари ношустаи маро, ки ҳанӯз ҳам хуни хушкида дошт, навозиш кард. – И, конечно, Вера Васильевна помогла. Она до пенсии работала начальником отдела кадров областного суда. Она подняла такой шум, что твоим обидчикам трудно будет избежать правосудия.

Тамоми муддате, ки сарҳанг суҳбат мекард, ман чашм аз он марди низомӣ барнамедоштам. Ногаҳон такон хурдам ва ларзаи шадиде вуҷудамро фаро гирифт.

Лаҳзаҳои боздошт, зарбу шатм, зӯроварииву таҷовуз ва чеҳраи марди доғистонӣ мисли радду барқ аз пеши чашмам гузашт ва фиғонам ба осмон печид.

- Я не хочу жить! Почему меня спасли, я не хочу жить, я не могу жить, я опущенный, я опозоренный!

Аз шиддати изтироб сутуни қатрачаконро чаппа кардам ва лӯлаи заҳкашро аз шикамам берун овардам. Ёдам меояд, ки сарҳанг маро ба бистар пахш кард ва бо садои баланд парасторро ба ёрӣ хонд.

Афсурдагии амиқ гирифтам, ангезае барои зистан надоштам. Саҳнаи таҷовуз аз пеши чашмам дур намешуд ва ҳарфҳои марди доғистонӣ шабу рӯз мисли пажвок дар гӯшам садо медоданд. Таъсири мусаккин рафъ мешуду ман дубора мисли паланги захмӣ фиғон мекашидам ва ба дастгоҳҳои пахлуям осеб мерасондам. Дар марзи ҷунун будам. Ин буд, ки дасту поямро ба дастаи тахт бастанд ва дози мусаккинро афзоиш доданд.

Бояд ба сарҳанг адои эҳтиром кунам, ки маро раҳо накард, бароям равоншинос овард ва доруҳои заруриро ҳозир кард. Бечора, зиндагии худро мадюни ман медонист ва саъй мекард «қарз»-ро пурра баргардонад.

Чароҳатҳои танам шифо ёфтанд, аммо захми амиқе, ки дар қалбу руҳам баҷо монд, ҳанӯз хунчакон буд. Андешаи худкушӣ маро раҳо намекард. Шояд бо аҷал хӯ гирифтам, ки марг дар назарам мисли гузашта ваҳшатнок наменамуд. Акаи Муҳаммад ва чанд ошнои дигар, ки тоза аз Ватан баргашта буданд, ба диданам омаданд. Медонистам, ки бо нияти хайр меоянд, аммо аз мулоқот бо онҳо даст кашидам. Ин андеша, ки онҳо низ ҳодисаро медонанд, маро девона мекард. Роҳе барои халосӣ аз ин азоби руҳӣ ва ҷойе барои рафтан надоштам. Чи қадр дилам мехост мисли он наврасони гумшуда дар ҷангалҳои махуфи ин кишвар нопадид шавам ва дигар касе радди пойямро наёбад.

Як моҳро дар бемористон сипарӣ кардам, ки тулонитар аз сад сол буд. Тани ман дигар ба муроқибат ниёз надошт, аммо шояд нуфузи сарҳанг буд, ё талошҳои Степан, ки пизишкҳо маро мураххас намекарданд. Аз бахши муроқибатҳои вежа ба ҳуҷраи маъмулӣ мунтақил шудам, ки ташнобу ҳаммоми алоҳида дошт. Бори аввал душ гирифтам, хунҳои хушкидаи сару танам ба замин рехт ва димоғам дубора аз бӯи маҳбас пур шуд. Аз бадани худ мутанаффир будам, чашмонамро пӯшидам, то тани урёнамро дар оина набинам. Эҳсоси гуноҳ ва хулқи афсурда маро раҳо наме-

карданд, иззати нафсам аз даст рафта буд. Рӯздармиён равоншинос меомад ва соатҳо дунёи осебдидаи маро тагуру мекард, буғзҳои дарунамро то гулуям мебардошт, шояд мехост гиря кунам ва сабук шавам, аммо чашмони пучи ман шабеҳи чашмаи худшкидае буд, ки солҳо боз рӯи обро надидааст. Ҳиқ-ҳиқи дарунӣ доштам ва пас аз ҳар дидор бо равоншинос ҳолам баҳам мехӯрд.

Пиразани меҳрубоне ҳар рӯз утоқро тамиз мекард ва бароям аз ошхонаи бемористон ғизо меовард. Ба модарбузургам шабоҳат дошт. Дилам бо диданаш гарм мешуд. Шифти корашро медонистам: як шабонарӯз кор мекарду ду рӯз истироҳат дошт. Аз кадом деҳкадаи атроф бо утубус меомад, баъзан дер мекарду аз парастор гап мешунид. Дар чунин рӯзҳо худ ба худ гап мезад ва дандонҳои сунъияш бо ҳам бархӯрда «чок-чок» садо мебароварданд.

-Ну как спалось, сынок? - мепурсид бо ӯ бо меҳрубонӣ.

Ман ба манзури «бад нестам» мижа ба ҳам мезадам. Дар бемористон ҳама аз достони ман огоҳ буданд ва суоли «ну, как мы чувствуем себя сегодня?» дар гӯшам мисли «ну как ты себя чувствуешь после изнасилования?» садо медод ва ман аз шарм сар хам мекардам.

Аммо пиразани тамизкор дигар буд, ҳавои кунҷковӣ надошт, вонамуд мекард, ки достони маро намедонад ва ҳеҷ гоҳ намепурсид бо чӣ дарде дар бемористон бистарӣ шудаам.

Рӯзе бароям Библия-китоби муқаддаси масеҳиёнро оварду зери болишт гузошт.

- Я мусальманин...

- Не важно, сынок, у Бога разные имена, но он один для всех. Уповай на него... он вылечит твои раны. Жизнь это божий дар, не пренебрегай даром божьим. Не принимай горе как Божье наказание... принимай как испытание...Ничего в этом мире не происходит случайно, поверь мне... может быть тебе уготовано нечто светлее, нечто лучшее...

Ҳар сухани пиразан мисли барқ зеҳнамро такон медод, ногаҳон ӯро бағал кардам ва сар ба шонаҳояш гузоштаму бо овоз гиристам, ҳамон тавр, ки рӯи ҷасади сарди модарам гириста будам.

- Поплачь, сынок, поплачь, слезы это облегчение, я буду молиться за тебя, свечку поставлю за здравие.

Ҳамон шаб тасмим гирифтам, ки бемористонро тарк кунам ва бидуни худоҳофизӣ бо Степан ва сарҳангу акаи Муҳаммад ба ягон гӯшаи дури ин кишвари паҳновар биравам, ҷойе, ки касе маро нашносад ва достони зиндагиамро надонад. Шояд ба шибҳаҷазираи Чукотка биравам? Бачаҳо мегӯянд, ҳеҷ тоҷике онҷо як ҳафта беш тоқат накардаст. Ман тоқат мекунам...Бигзор сард бошад, муҳим ин аст, ки худиҳоро набинам. Бидуни истироҳат кор мекунам, пулдор мешавам, шояд ному насабамро иваз кунам ва пинҳонӣ ба хоҳаронам пул бифиристам.

Бо ин андешаҳо, ки ба назарам воқеӣ менамуданд, зуд хобам бурд. Аммо ҳамон тавр, ки гуфтам, дар ин дунё ҳеҷ тасодуфе тасодуфӣ нест. Саҳар бедор нашудам, то зуҳр хобидам. Чашм боз кардаму сарҳангро болои сарам дидам.

- Вставай, Фархад, у нас мало времени, нужно успеть вовремя.

- Что случилось? - пурсидам ҳаросон, ки акнун нақшаи зиндагии оянда дар зеҳнам рӯшан мешуд.

- Ничего не случилось, все в порядке, все будет в порядке...

Сарҳанг номафҳум суҳбат мекард, аммо ман магар метавонистам бо ин марди қудратманд, ки фармондеҳи лашкар будааст, баҳс кунам?

Аз ҷой баланд шудаму ногаҳ ба ёдам расид, ки барои берун рафтан либос надорам.

Сарҳанг, ки аз ман чашм намебардошт, бастаеро рӯи тахти хоб гузошт.

- В пакете одежда, одевайся быстрее, я буду ждать на улице!

Либосҳои овардаи ӯро, ки шиму пероҳан, зершалвор ва кафшу ҷӯроб буд, кӯшиш карда мисли сарбоз дар чанд сония пӯшидам ва ба ҳавлии бемористон баромадам.

Сарҳанг бо ишораи сар мошини «Mercedes»-ро нишон дод ва худаш пушти фармон нишаст. Мошинро шинохтам. Ин ҳамон мошине буд, ки рӯзи садамаи деги бухорӣ сарҳангро бо он то бемористон бурдам. «Mercedes»-и сиёҳи мисли арӯс ороста. Дар сандалии ақиб менишастаму чеҳраи пурташаннуҷи сарҳангро, ки осоре аз таркиши деги бухор дар он боқӣ намонда буд, дар оина медидам. Лабонаш ба тангии даҳони ангуштпона фишор хӯрда буд. Ҳарфе намезад, гӯиё мо ҳар ду назри сукут доштем.

Дар фосилаи ҳудудан як километр аз бемористон ногаҳон мошинро нигаҳ дошт ва аз ойина ба ман чашм дӯхт.

- Я буду краток, Фархад, знаю ты пережил серьезную трагедию, слабым, после такой трагедии трудно вернуться к нормальной жизни, но ты не из слабых, я видел тебя на деле. Однако, тебе нельзя оставаться здесь. Расследования по факту насилия над тобой уже началось, но виновные еще на свободе, они будут искать тебя, и давить на тебя и даже могут убить. Ты хороший человек с многообещающим будущем, и я не хочу чтобы тебя сломали. По этому, мы решили отправить тебя как можно дальше, туда, где тебя никто не знает, и ты можешь начинать жизнь с чистого листа...

Мардуми аҷибанд афроди низомӣ, ҳатто баъди истеъфо низ низомӣ боқӣ мемонанд ва рисолати муваққатиашон дар артиш ба хислати якумрии онҳо табдил мешавад. Сарҳанг танҳо забони фармонро медонист. Дарк мекардам, ки хайр - хоҳи ман аст, аммо бо шунидани садояш дарунам такон мехурд. Ӯ тавре ба ман нигоҳ мекард, ки гӯиё мехост даст ба чаккаи сар бубарам ва «итоат сарҳанг» бигӯям.

Боқии роҳро хомӯшона сипарӣ кардем, мошин дар хиёбони ошно, рӯ ба рӯи хонаи сараҳанг истод ва ҳамзамон Степанро дидам, ки аз дари хонаи муқобил ба истиқболи мо

мешитофт. Маро падарвор бағал кард, вале ба сарҳанг аҳаммият надод, маълум буд, ки онҳо имрӯз якдигарро дидаанд.

- Что-то вы долго ехали, проходите в дом, - гуфту худаш пеш гузашт. Чеҳраи ҳамеша бозаш изтироболуд буд.

Толори Степан аз рӯзе, ки ман ин хонаро тарк кардам ба андозаи нашнохтанӣ тағйир карда буд ва бо нимкатҳои нарму курсиҳои роҳат ва наққошиҳои рӯи девор хонаи ашрофҳои навро мемонд. Андрей - писари Степан ва капитани хеши ӯ ба маҳзи боз шудани дар, аз курсиҳои роҳат баланд шуданд.

Андрей ба унвони соҳибхона ҳамаро сари миз даъват кард ва аз зарфи филизии кӯзашакл, ки рӯи газ ҷӯш мезад, ба финҷонҳо қаҳва рехт.

- Во сколько вы должны быть там? - гуфт сарҳанг ва финҷони қаҳваро бо пушти дасташ рад кард.

- Дяд Кирилл, может вам сделать зеленый чай? Есть жасмин с кардамоном.

- Ну, давай зеленый чай. Андрей дар финҷони бузургтар барои сарҳанг чой овард ва ҳама даври миз нишастем. Эҳсос мекардам, ки қаҳванӯшӣ муқаддимаи суҳбати ҷидди-тар аст.

- Мы должны быть у трак-стопа к полудню, - гуфт Степан. Ӯ финҷони доғро ба лабаш наздик бурду вале нанӯшид ва дубора ба рӯи миз гузошт. Сипас сандалиашро ба ман назиктар овард ва даст ба китфам гузошт.

- Фарход, дорогой, я обещал Немату присмотреть за тобой, но увы, не смог выполнить обещание, ты уж прости меня старого болвана...

Степан эҳтимол хиҷолат мекашид, ки маро бе ҷову макони мушаххас аз хонааш берун кард ва моҳҳо ба суроғам наомад. Ӯ канда-канда ва бо сари хам ҳарф мезад, гуиё ҳар калимаашро бармекашид.

- То, что ты пережил, уму непостижимо... Но... я не хочу чтобы у тебя остался плохой осадок о людях, к кому ты от-

носился с теплотой... и уважением, поверь мне, подонки есть в любой нации, и мы не исключение... Мне стыдно перед Немат...он столько для меня сделал, а я... эх...

Степан даст афшонду рӯ ба самти панҷара гардонд. Аз суханони ӯ ба танам рашъа медамид ва буғзҳоям мисли лӯлаи барф ғел мезаду бузург мешуд ва роҳи нафасамро мегирифт. Ман қурт мезадам ва он лӯларо пойин тел медодам. Дар ин авохир қурт додани буғзро балад шудам. Он қадр буғз фурӯ бурдам, ки ингор обистани буғз будам.

Дигар нашунидам, ки чӣ мегӯяд, аммо ҷумлаи охираш маро ба худ овард.

- ...Поедешь, поживешь, может быть понравится...

Рӯ ба сарҳанг овардам.

- Куда я поеду?

- В Финляндию...

- В Финляндию??

- Да, в Финляндию.

- Как в Финландию? У меня даже паспорта нет.

- Поедешь зайцем, без паспорта и без билета.

- Я так не могу, арестуют и отправят обратно в тюрьму!

- Не арестуют, не волнуйся, все договорено.

Аз ин ки худро дубора дар сари дуроҳа медидам, вуҷудамро ваҳм фаро гирифт.

- Ну все, встали, - амр дод сарҳанг ва ҳама аскарвор ҳамзамон аз ҷой баланд шуданд.

- Может присядем на дорожку? - гуфт Степан илтиҷоомез ва ҳама барои чанд сония ба сандалиҳо баргаштанд.

Андрей маро ба гӯшаи толор бурду лифофаи сарбастаеро ба ҷайбам гузошт.

- В конверте немного денег, может понадобится, - гуфт.

Сарҳанг бо мо ҳамроҳ нашуд, дар кӯча бо ман худоҳофизӣ кард.

Ҳарфе назад, танҳо дастамро маҳкам фишурд.

Степан дар сандалии пеш ва ману капитан дар сандалии ақиби мошини Андрей нишастем.

Сарам гиҷ буд. Охир, чигуна метавонам марзи як давлати аврупоиро ба таври қочоқӣ убур кунам? Магар мешавад?

Андрей мошинро дуртар аз тавқифгоҳи комюнҳо манъ кард.

- Ты посиди в машине, слушай музыку, или новости, мы скоро вернемся, - гуфт Степан ва ҳар се ба тарафи мошинҳои борбар рафтанд, ки ҳар кадоме ба андозаи манзили якҳуҷрагӣ бузург буд. Ман ба радио даст назадам, аз соат чашм намекандам. Онҳо пас аз ним соат бо марди миёнсоле баргаштанд. Степан ишора кард, ки аз мошин пиёда шавам.

- Фархад, эта Аймо, он твой гид, твой спаситель, в общем, он поможет тебе во всем, - гуфт капитан. Марди ношинос, ки ба гуфтаи капитан, акнун буду набудам ба ӯ вобаста мешуд, бо дасти лундаи пашмдораш панҷаҳои маро маҳкам фишурд.

- Как дела ваша маладой чаловек? Будем знакоми?

- Фарход...

Ӯ ба ман нигоҳ мекарду дастамро беист такон медод, хушҳол менамуд, ангор ба шоҳзодае муаррифӣ шудааст. Эҳсос кардам, ки дӯстонам достони зиндагиамро ба ин мард ҳам гуфтанд ва ӯ таҳти таъсир қарор дораду намедонад бо ман чигуна рафтор кунад. Лабхандаш асабониям мекард, аммо дастамро аз байни ангуштони сергӯшташ берун наовардам. Ҳамон тавр, ки равоншинос бароям мегуфт, китобро аз рӯи ҷилд ва одамро аз сару либосу андомаш қазоват намекунанд. Хушбахтона, телефони Аймо занг зад ва ӯ «исфините» гуфту аз мо дур шуд. Роҳравиаш аҷиб буд. Ба забони худаш ҳарф мезад ва сураташ аз хушҳолӣ сурхтар мешуд.

Аймо марди ҳудудан чиҳилсолаи миёнақад, фарбеҳ ва сурхинае буд. Чашмони меҳрубон дошт ва сохти сурату лабҳои гӯштдораш тавре буд, ки гӯиё ҳамеша механдад. Теп-

паи сараш ба андозаи ҷойи як тоқӣ мӯй надошт ва навори мӯи боқимонда дар даври сараш мисли алафи ҳарз бидуни шакли мушаххас рушд мекард. Рону зонуҳояш аз фарбеҳӣ ба якдигар часпида, аммо аз зону поён пойҳояш зери бори вазнаш аз ҳам дур мешуданд. Дар тан шалвори кӯтоҳи сабз, пероҳани беостини сурх ва дар пой кафшҳои резинӣ дошт, ки ба сари качалу ришҳои бетартибаш хуб мегуфт ва ӯро шабеҳи бачаҳое мекард, ки дар соҳил аз рег қаср месозанд.

Ниҳоят суҳбаташ бо он сӯи телефон анҷом ёфту ба назди мо баргашт.

- Извините, дочка зфанил, скоро пиредет из Дойчланд. Она учитса на доктор.

Хеле талош кард тугмаи гуфтугӯро хомӯш кунад, духтараш аз он сӯи хати телефон қоҳ-қоҳ механдид.

- Черт, никода не могу привикат к новий телефон, - гуфт ва аз хиҷолат пушти сар хорид. - А чем ми гафарили? О да, встретимса у водочная база за 20 минут, ОК?

- Ок, Аймо, будем следовать за твоей машиной, - гуфт хеши Степан.

Аймо аз Виборг ба Финлонд шаробу шоколад ва оби маъданӣ мебурд. Мо замоне ба анбори шароб расидем, ки ӯ вагонро аз мошин ҷудо карду ба масъулони ширкати содиротӣ супурд. Ман ин ҳаракатҳоро медидам ва андешаҳои саргумам печидатар мешуд. Танҳо чизе оромам мекард, чеҳраи бепарво ва хандони Аймо буд, ки ҳеҷ ба ронандаи қочоқбару марзшикан шабоҳат надошт. Саранҷом вагон боргузорӣ шуд ва ба ҷойи аввалааш баргашт.

Аймо комюнро аз пойгоҳи интиқоли бор берун оварду ишора кард, ки ба думболаш биравем. Аз пойгоҳ хелу дур шудем. Саранҷом аз комюн берун шуд ва даст дар камар ба мо зул зад.

- Ну, с богом, Фарход, пусть, все пройдет гладко... - гуфт Степан ва ману капитан аз мошин пиёда шудем. Аймо дари мошинро боз кард ва ончунон сабук ба дохил ҷаҳид, ки капитан аз ҳайрат «ты смотри!» гуфт.

Комюн аз поён то боло пур аз қуттиҳои бузург буд. Девораш пинҳонгоҳе дошт ба қади ман баробар, борик буд, аммо якпаҳлу мешуд хобид. Аймо маро дар он ҷо кард ва деворро пӯшид.

- До граниси недолго, 50 километр, потом может идти в кабина. Можиш терпет?

....

- Вот и харашо. Ми вернемся в база, нада двер бломба поставит.

Хаёл кардам дар он тангнои тираву тор, ки ҷойи ҷумбидан надошт, нафасгир мешавам. Ба ҷуз садои тапиши қалабам дигар чизеро намешунидам. Мошин аз ҷой такон хӯрду ҳаво аз ҷойе нуфуз кард ва ман бо тамоми неру нафас кашидам.

Мошини борбар мисли наҳанги бузург тоб хӯрду ҳамон тавр, ки Аймо мегуфт, ба сӯи пойгоҳи боргирӣ баргашт. Азбас деворҳои камюн мустаҳкам буданд, намедонистам дар он атроф чӣ мегузарад. Касе ба дохил ҷаҳиду ҷабъаҳоро бо садои баланд як-як шумурд. Аз тарс рагам намеҷумбид, зарабони қалбам дар гӯшу гулуям метапид ва аз ин дар ҳарос будам, ки мабодо ларзиши танам ба девор буруз кунад. Саранҷом дари комюн бо садои баланд баста шуд ва мошин аз ҷой такон хӯрд.

Ҷуғрофиёи сафарро намедонистам, дертар он масирро дар харита пайдо кардам. Дар тули роҳи Виборг то гузаргоҳи марзии Иматра, шаҳре дар сарҳади Русияву Финлонд, ду дафъа заҳракаф шудам. Бори аввал дар сарҳади Русия, бори дувум вақте ки марзи Финлондро убур мекардам. Намедонам марзбонҳои ин ду кишвар бори комюни Айморо, ки то сақфи мошин мерасид чигуна санҷиданд. Аймо дертар гуфт, ки нозирон дар марзи ду кишвар бештар дар ғами риояи расмиятҳои содиротӣ, пардохти молиёт ва боҷи гумрукӣ буданд, то дар фикри он ки Аймо писаракеро қочоқӣ ба Финлонд мебарад.

Ҳарфҳои мақомдорони русро, ки дақиқан дар бағали пинҳонгоҳи ман сӯҳбат мекарданд, возеҳ мешунидам ва таҳдидеро барои худ эҳсос накардам: ҳамааш ҳарфи вазну бочу содироти коло буд. Русҳо сахтгирӣ накарданд ва Аймо ба кабина ҷаҳиду мошинро рӯшан кард. Баъди чанд километр ба гузаргоҳи марзиву гумрукии Финлонд расидем.

Садои аккоси сагҳо возеҳ ба гӯшам мерасид ва заҳракаф будам, ки мабодо онҳо бӯи маро бигиранд, ҷоямро фош кунанд. Финҳо бо садои баланд ва асабонӣ ҳарф мезаданд. Ман аз тарс чанг ба домани Худо задам.

Санҷиши борҳои Аймо дар ин гузаргоҳ тӯлонӣ шуд. Ман он замон лаҳни гуфтори финҳоро балад набудам ва намедонистам, ки гуфтугӯ бо овози баланд ва асабоният, ҳатто дар суҳбатҳои корӣ, як бахши фарҳанги ин мардум аст. Хаёл кардам корам тамом шуд, дубора равонаи зиндон мешавам. Аммо ногаҳон дари комюн пӯшида шуд ва камюн ба пеш ҳаракат кард. Аймо мошинро дар фосилаи даҳ километр аз марз нигаҳ дошт ва маро аз он шикофи танг берун овард.

- Ми прошли 10 километр от гранисa, виходи! - Бо ҳаяҷон фарёд зад ӯ дар ҳоле донаҳои бузурги арақ дар сурати қимизи ӯ, ки акнун мисли девор сафед шуда буд, медурахшид ва ӯ тунд тунд нафас мекашид. Намедонам Степан ва капитан барои Аймо чӣ хизмате кардаанд, ки ӯ худро мадюни онҳо медонист ва чунин рисолати хатарнокро бар дӯш гирифт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ин розро ба ман ошкор накард.

Дар сандалии бағалаи Аймо менишастаму боварам намешуд, ки марзи як кишвари аврупоиро ба ин осонӣ убур кардам. Ранги сурати Аймо тадриҷан ба ҳолати аввала бармегашт. Ӯ чунон ҳаяҷониву хушҳол шуд, ки гӯиё худаш қочоқӣ ба Финлонд ворид шудааст.

- Мы точно прошли границу? Больше нас не будут проверять? - бо шубҳа пурсидам аз ӯ.

Аймо баланд хандид. Ин хандаи одаме буд, ки ҳамин ҳоло фишори шадидеро пушти сар кардааст.

- Успокойся, болше нет проверка. Далше все ОК!

- Может мне вернутся в фуру, так спокойнее...

- Не бойса все ОК!

- Куда мы едем?

- В Лаппеэнранта едем, ешо 50 километр. В мой дом, а далше думаем, что будем делат.

## ЗИНДАГӢ ДАР САРЗАМИНИ ҚӮҲОИ САФЕД

- Познакомса, эта Сафия, моя жена.

Ҳамсари Аймо, ки ба назар мерасид аз дидани як меҳмони нохонда ғофилгир шуда буд, дасти маро такон медод ва ҳамзамон суоломезе ба шавҳараш нигоҳ мекард. Аймо зери лаб ғурунгид. Ман он замон забони онҳоро балад набудам, вале ҳоло ёдам омад, ӯ ба занаш гуфт, ки чараёнро баъдан тавзеҳ медиҳад. Сафия «аҳа» гуфту дигар кунҷковӣ накард.

София як зани миёнақади хушқиёфае буд, ки бо абрувони баланд ва чашмони гирди обӣ тавре ба назар мерасид, ки ингор ҳамеша аз чизе дар тааҷҷуб аст. Мудели мӯи кӯтоҳи писарона, сурати доирашакл, лабҳои пурра ва чолаҳои зебои ду бари рӯяш ба симои ӯ вежагиҳои кӯдакона медод. Ӯ чолокона аз зинаҳо баланд шуду баъди лаҳзаи садои ба ҳам бархӯрдани зарфҳо аз пушти панҷараи боз ба гӯш расид.

-Ты иди на душ я принесу палатнса и одежда.- Аймо маро то дари ҳаммом роҳбаладӣ карду баъди чанде як шалвору пероҳани варзиширо дар даҳлези ҳамом гузошт.

- Не стесняйся, чуствуй как дома, - гуфт.

Хонаи бузурги Аймо аз ду сохтмони муттасили якошёна иборат буд. Хонаи бисёр тозаву озода ва аз ҳад беш мураттаб, гӯё дар ин хона касе чизеро аз ҷой беҷо намекунад. Бод аз кучое бӯи алафи тар ва саргини говро ба машом мерасонд. Он бӯй ҳатто дар айвони барҳаво, ки хонуми Аймо

суфраи шомро боз кард, эҳсос мешуд. Бӯи ғализ ва дилбеҳузуркунанда набуд, танҳо деҳаро ба хотир меовард.

София ғизоҳоро дар токчаи бағали панҷараи ошхона, ки рӯ ба айвон боз мешуд, гузошту сипас ҳамаро як-як рӯи суфра чид. Ба ҷуз ҳасибу панир боқӣ ғизоҳо ҳама аз моҳӣ омода шуда буд. Моҳишӯрбо, моҳибирён, моҳии дӯдхӯрда. Пиззои моҳигӣ.

Аммо ман иштиҳо надоштам, фишори равонии тамоми рӯз тани бе ин ҳам заифи маро беҳол мекард, мехостам зудтар бихобам ва он чиро, ки имрӯз аз сарам гузашт, дубора ба хотир биёварам. Осон аст магар? Ман марзи як кишвари аврупоиро қочоқӣ убур кардам!

София бо ишора ба тарафи ман аз Аймо чизе пурсид. Бо нигаронӣ ба онҳо нигоҳ кардам.

- София спрашивает почему ты не еш? Не наравится?

- Конечно нравится, просто я очень устал...

- Я знаю твой история... капитан расказал. Не приживай, жена сестра «лакимиес», по вашему адвокат, она тебе помогат сделат документ, она сильный лойер. Завтра пойдем на Ҳелсинки.

Барои ман дар ҳуҷраи канори нишемангоҳ бистар омода карданд. Як бистари нарми тоза, ки бӯи пудри шустушӯяш атрро мемонд. Мехостам ҳодисаи имрӯзро бори дигар ба хотир биёварам, аммо сар ба болин гузоштаму дафъатан хобам бурд. Саҳар маро ҳамон насими форами олӯда ба алафи тар ва бӯи ширу саргин аз хоб бедор кард. Аз панҷара ба берун нигоҳ кардаму даҳонам аз ҳайрат боз шуд. Майсазори сабзу хуррам аз домани пайроҳаи бетонии ҳавлии Аймо оғоз мешуд ва ба дуриҳо доман паҳн мекард. Марди шортипӯше подаи иборат аз даҳҳо гови ҳамрангу зоҳиран ҳамвазнро аз канори ҷода ба сӯи таҳдашт мебурд. Дар фосилаи сад - дусад метр аз хонаи Аймо одамони хилъатпӯш ба бинои яктабақаи тулонӣ даробаро мекарданд.

Софияро надидам, шояд аз пайи коре рафта буд, аммо Аймо танҳо дар айвон субҳона мехӯрд.

- Оо доброе утро, молодой человек!

- Доброе утро, дядя Аймо, можете назвать меня Фарҳод.

- Нет проблем, Фарҳод, ты називай меня Аймо, так удобнее, садись на зафтрак. Виходим на дорогу.

Суфра лабрези ғизоҳои рангораг буд, агар модарбузургам ин суфраро медид, мегуфт, дар ин дастархон ба ҷуз шири мурғу ҷони одам ҳама чиз ҳаст! Аммо ман иштиҳо надоштам. Ҳанӯз субҳона ба охир нарасида буд, ки София баргашт. Аз дур даст такон доду ба мо салом гуфт. Бастаи дар дасташ бударо рӯи сандалӣ гузошту аз мошини қаҳвапазӣ барои худаш қаҳва рехт. Зану шавҳар чанд ҷумла радду бадал карданд ва Аймо ба ман рӯ овард.

- София тебе купил одежда переодевайся, пора двигатса.

Ман аз хиҷолат сурх шудам.

- Не надо было, моя одежда новая, я мог и так поехать.

- Нее, ты что, ми идем в адвокатский фирма, там важние люди, нужно хорошо смотретса.

Ман дар умрам чунин либосҳои брендӣ надоштам. Намедонам София он субҳ барои ман чӣ қадар пул сарф кард, ки ҳатто барои як кишвари серу пуре мисли Финлонд ҳам ин колои арзон набуд. Ман бо онҳо хешие надоштам, аммо essentially онҷунон аз ман муроқибат мекарданд, ки ингор додарзодаашон будам. Либосҳоро ба бар кардаму бо гунаҳои қирмиз ва шарманда аз ин ҳадяҳои гаронбаҳо ба айвон баромадам. Зану шавҳар ингор маро бори аввал медиданд. «Voi luoja, kuinka hän näyttää häneltä»!- хитоб кард Сафия ва гӯиё дар муқобили муҷассамаи Марями муқаддас қарор дошт, ки панҷаҳояшро ба ҳам овард.

Фикр кардам, ки мегӯянд, «Худоё, ин либосҳо чӣ қадар ба ӯ мезебад!» Аммо маънии ин хитобу тааҷҷубҳоро рӯзҳои баъдӣ фаҳмидам. Ӯ мегуфт: «Оҳ Худои ман, чӣ қадар ба ӯ монанд аст»!

Тавқифгоҳи хонаи Аймо чандин мошини хурду бузурги борбар, трактору комбайн ва якчанд худрави шик дошт. Барои сафари Ҳелсинки Аймо мошини «Audi» - ро интихоб кард.

- Так быстрее доедем, Мария уже ждет нас. Она сестра Софии по отсовкий линии. У них один отец, но другие мама. Мат Марии полька, она хорошо говорит на русски, она била балерина, очен известная, сейчас на пенсия, старая... уже..

Мошин аз бағали ҷангалзорҳои сабз ва кӯлҳои бузурги кабуд рад мешуд. Ин кишвар он қадр кӯл доштааст, ки ҳисоб надорад. Аймо раҳ ба раҳ шаҳрҳоеро ба ман муаррифӣ мекард ва дар бораи онҳо иттилоъ медод. Аммо ман дар ҳолате будам, ки, ба гуфтаи модарбузургам, овози булбул ҳам ба гӯшам намефорид.

Аслан бояд хушҳол мебудам, ки тавонистам аз он каллабурҳо фирор кунам ва ба як кишвари мутамадин бирасам, ба ҷойе, ки ҳеҷ кас маро намешиносад. Аммо нигарон будам, шояд ба ин далел, ки ҳама чиз мисли афсона ҳамвору боварнокарданӣ буд. Бо таҷрибае, ки аз шебу фарозҳои сарнавишти худ дошам, баъди ҳар як хушиву сабукӣ, бояд интизори як нохушие мешудам. Тамоми роҳ аз ин мулоқоти муҳим дар ҳаяҷон будам. Метарсидам, ки мабодо вакил қазияамро «ношуданӣ» бишмарад ва мани бесанаду бемақом дар миёнаи аъроф бимонам.

Сарнавишти мани бесоҳиб акнун ба хоҳари нотании София, хонуме бо номи Мария вобаста буд, ки намедонам чаро, аммо дар назарам як зани ҷиддии миёнсол, бо айнакҳои бузург, кафшҳои бепошна, кифи чармини оҳараш рехта ва бо мӯйҳои камшумори хокистарӣ зоҳир мешуд. Нохудогоҳ чанд дафъа оҳ кашидам. Аймо даст ба китфам мегузошт ва «фсе будет харашо» мегуфт. Меҳрубониҳои ӯ хориамро меовард. Аймо ҳам мисли акаи Неъмат, мисли Вера Василевна, мисли сарҳанг, мисли Степан аз ҳамон тасодуфҳои ғайритасодуфӣ буд, ки дар замону макони му-

носиб ба зиндагии ман ворид шуд. Бечора, ҳама корашро канор мегузошту аз пайи ҳалли мушкили ман медавид. Саранҷом мошин аз канори соҳили баҳр убур карду дар назди як сохтмони ҳаштқабата бозистод. Моро муншии Мария пешвоз гирифту ба ошёнаи аз ҳама охир ва ба утоқе раҳбаладӣ кард, ки мублаву сандалиҳои нарм дошт. Ӯ бо Аймо як-ду ҷумла раддубадал карду моро танҳо гузошт.

- Мария на переговоре, подождем сдес, - гуфт Аймо ва худро бо тамоми вазн ба курсии роҳат андохт. Ӯ дар бораи хоҳари нотании София бо ифтихор сӯҳбат мекард ва ҳар бор мегуфт, Мария аз вакилҳои беҳтарин аст, ки ҳатто дар телевизион «шоу» дорад. Музокироти хонум Мария бо муштариҳояш бисёр тул кашид, он қадр, ки Айморо дар такяи сандалӣ хоб бурд ва муншӣ ҳам дигар ба суроғи мо наомад. Ман аз панҷараи сохтмони баланд шаҳрро тамошо мекардам. Дафтари Мария дар қисмати зебои пойтахт, наздик ба соҳил ва дар ҳамсоягии бандари начандон бузург ҷойгир буд. Моҳҳое, ки бекор будаму дар ҷустуҷӯи кор ба назди бачаҳои моҳигир мерафтам, қоиқҳои шахсиро медидам ки бо нӯлҳои борики худ синаи обро рахна мекарданд ва аз мавҷ ба мавҷе меҷаҳиданд. Аммо киштии ба ин бузургиро бори аввал медидам. Киштӣ бо назму ором, шабеҳи қу аз шаҳр дур мешуд ва мавҷе, ки аз зери чархҳояш берун меомад, қоиқҳои атрофро такон медоду кафки мисли шир сафедро ба лабҳои соҳил мерехт. Ба мусофироне, ки аз арша ба сӯи шаҳр дастафшонӣ мекарданд, ҳасудиям омад. Хаёлам онҳо хушбахттарин мардуми дунё буданд, бе хиёли санаду мақом, вакилу додгоҳу додгустарӣ...

Ниҳоят дар боз шуду зани ҳудудан 30-35-солаи хушлибос, ки чеҳрааш аз хушҳолӣ гул мекард, бо оғӯши боз ба утоқ ворид шуд. Ӯ аз гунаҳои Аймои хоболуд чалап-чалап бӯсид ва сипас рӯ ба ман оварду ангор кӯдакеро дар гоҳвора дӯстдорӣ мекарда бошад, «кто это у нас такой красавец» -

гуфт. Дастамро такон медоду бо тааҷҷуб ба чеҳраам нигоҳ мекард.

Ӯ ману Айморо ба дафтари кориаш раҳнамоӣ кард, ҳуҷраи барҳавое буд ва панҷараи бузурги рӯ ба баҳр бо равуои киштиву қоикҳо онро зиндаву ҷаззоб мекард.

Мария вакили серкоре будаст, суҳбатро нотамом мегузошту гоҳ ба занги телефон ҷавоб медод, гоҳ рӯ ба роёна меовард, бо факс санад мефиристод. Саранҷом корҳои оҷилашро анҷом доду рӯ ба ман овард.

- Я сегодня выиграла процесс, нужно было закрыть дело, по этому я немного занята, сейчас уже все нормально.

Забони русии Мария лаҳҷа дошт, аммо тақрибан бехато суҳбат мекард.

Аймо бастаи санадҳои маро, ки капитан аз идораи пулису додситонӣ дастрас карда буд, рӯи мизи Мария гузошт. Ӯ ба санадҳо даст назад.

- Расскажи мне что случилось, и почему тебе пришлось бежать?

Тамоми достони зиндагиамро аз марги модарам, то фирори ногаҳонӣ ба Русия, зиндагӣ дар ғурбат ва боздошту иттиҳому таҷовузро ба Мария гуфтам. Чанд дафъа буғз кардаму гиряам омад. Эҳтимол ӯ бо ашку оби димоғи корафтодаҳо одат карда буд, ки истакани об ва ҷаъбаи дастмолро пешам гузошт.

Намедонам нақли достони зиндагиам чӣ қадар тӯл кашид. Мария садои маро дар диктофон сабт мекард ва ҳамзамон дар дафтаре ёддошт мегирифт ва гаҳ-гоҳ аломати савол мегузошт. Бо ҳар аломати савол қалби ман аз синаам поён меғеҷид. Гоҳо сар бардошта ба чеҳраи ӯ нигоҳ мекардам, то таъсири достони худро ба руҳияи вакилам имтиҳон кунам. Аммо чизеро аз чеҳраи ӯ хонда наметавонистам. Мисли табибе буд, ки ағлаб бо маризони маҳкум ба марг сару кор дорад ва ба ноумедиҳои онҳо одат кардааст. Достони зиндагии ман барои Мария қиссаи як паноҳҷӯи навбатӣ буд ва

ӯ эҳтимол достонҳои монанд ба ин ё шояд бадтар аз инро борҳо шунидааст.

- Не плохо, - гуфт ӯ саранҷом ва дафтари ёддоштҳоро пӯшонду дастгоҳро хомӯш кард. Ман оҳи сабук кашидам.

- В твоих документах есть три свидетельство, которые могут убедить миграционную службу и помочь тебе получить статус - это письмо полковника, капитана милиции и твоего работодателя. Это важные моменты. Но есть и сложные моменты - ты еще несовершеннолетний и тебе нужен опекун. Если нет опекуна, тогда государство возьмет тебя под свое попечительство. Тебе придется жить в интернате и там получить какое то образование... что не плохо само по себе. Я могу позвонить в органы опеки и они могут принимать тебя даже завтра.

Бо шунидани номи интернат ба баданам рашъа дамид. Интернат барои бачаҳои бесоҳиб, нобобаста аз ҷуғрофиё, дар зеҳни ман ҳамон муассисаҳои Русияро зинда мекард, ки тасвирҳои ваҳшатнокашро, бо сарҳои пок тарошида, бо таҷовузу латту кӯб, дар интернет тамошо кардаам.

- Не хочу в интернат... у меня нет сил заново пережить, то что я пережил...

- Это не так, как в России, здесь работает закон, учителя строгие они будут следить, чтобы тебя не обижали.

Бо чашмони пури об нобоварона ба Мария нигоҳ кардам. Тасвири ӯ бо пероҳани қирмизаш дар пардаи ашкҳои ман мисли қоиқҳои соҳили баҳр такон мехӯрд. Мижа задаму тасвири ӯ бо ашки бузурге ба гунаам сарозер шуд.

Мария ба Аймо нигоҳ кард ва ба манзури «илоҷи дигаре нест» китф дар ҳам кашид. Аймо мижа заду сар такон дод. Абрӯвони Мария аз ҳайрат боло шуданд. Гунгбозии ин ду нафар маро бештар нигарон мекард.

- Ок. Я подготовлю документы, и сообщу тебе когда состоится собеседование. Не волнуйся, тебе не придется говорить, ты несовершеннолетный, за тебя буду говорит я. В

случае если судя спросить как ты приехал сюда, я скажу тебе как отвечать на этот вопрос.

Дар роҳи бозгашт Аймо зиёд ҳарф назад, тамаркузаш ба роҳи нимахолӣ буду нигарону андешаманд ба назар мерасид.

София моро дар дами дар пешвоз гирифт, чеҳраи ҳамеша мутаҳайираш тавре менамуд, ки ангор аз ҷараёни гуфтугӯи мо бо хоҳари нотанияш хабар дорад. Ӯ бе он ки чизе бигӯяд, аз бозуи ҳамсараш гирифту ӯро ба сӯи мазраъа ҳидоят кард.

Ҳаракатҳои онҳоро аз сандалии рӯ ба мазраа думбол мекардам. Гоҳ меистоданду бо садои баланд ҳарф мезаданд ва даст такон медоданд. Бештар София ҳарф мезад ва Аймо хомӯшона гӯш фаро медод. Ҳадс задам, ки онҳо дар мавриди ман суҳбат мекунанд ва ман дорам барои онҳо дарди сар мешавам. Охир, Аймо танҳо масъули интиқоли ман ба ин кишвар буд на масъули истиқрори ман. Даҳонам аз дарки ин воқеъият, ки сарнавиштам ба дасти дигарон аст ва ҳеҷ чизе дар ихтиёри худам нест, шабеҳи кавири лабташна месӯхт, вале намехостам аз ҷой баланд шавам ва аз ошхона об бардорам, то ҳаракати он ду тан аз назарам дур намонад. Ногаҳон онҳо ба самти чап гаштанду дар паси дарахтҳои баланд нопадид шуданд. Ман мондаму як ҷаҳон ҳадсу гумон ва тасвири сағирхона бо даҳҳо кӯдаки сартарошидаи ношинос, ки на забонашонро балад будам ва на фарҳангашонро.

Зуд барнагаштанд, мани дар изтиробро як соат маътал карданд. Аммо ҳангоме, ки аз паси дарахтони баланд даст дар дасти якдигар намудор шуданд, мусаммаму ором ба назар мерасиданд.

Ман монанди гунаҳкоре, ки барои шунидани ҳукми ниҳоии додгоҳ бо пойҳои ларзон аз ҷой баланд мешавад, чашм ба сӯи София ва Аймо аз ҷой бархостам.

- Фарход, я хотел получит апекнуства на тебя и говорил с Мария, она не одобрила и София тоже говорит эта нехара-

шо. Будет вопрос как ти пришол в Финдланд, и ты должен сказат то что Мария советует. Если я буду апекун, они скажут «ти водител трак, ти кажди ден в России, и ти помог ему приходит в Суоми незаконно»... и я потеряю литсензия для перевозки на Россию...понимаешь?

Ҳарчанд нигоҳи суоломезам ба рӯи Аймо буд, аммо муҳтавои ҳарфҳояшро дарк кардам ва худро бо кӯлворе, ки ба ҷуз як ҷуфт либос чизе дохилаш набуд, дар муқобили дарвозаи дар тасаввури ман оҳанину симхорпечи ятимхона медидам. Саъй мекардам ахмҳоям намоён нашаванд. Охир, ман барои инҳо кӣ будам? Ҳеҷ кас, як бегона! Бечора Аймо бе ин ҳам таваккал карду маро аз марз гузаронд, як шаб дар хонааш нигоҳ дошт, бароям вакил ёфт, магар аз рӯи инсоф аст, ки аз ӯ таваққуи бештар дошта бошам?

Ҳамон тавр, ки ҷасорати гаҳ-гоҳии ман дар ҳолатҳои фавқулода зуҳур мекунад, ҳоло низ якбора ғурурам аз тарсу нотавониам мутанаффир шуд ва як қадам ба пеш гузошт.

- Аймо, спасибо, что спасли мою жизнь, не переживайте за меня, отправьте меня куда требуется, в интернат, детский дом, или лагер для беженцев, мне все равно, я готов... Ин ҳарфҳоро бо сари баланд ва бе ашку ларзиши садо ба забон овардам, ки ҳатто худам тааҷҷуб кардам.

София маро модарвор бағал кард. Бо забони худаш чизе мегуфту шонаҳоямро навозиш мекард. Аз бинии гирифтааш маълум мешуд, ки гиря мекунад.

Он шабро низ дар хонаи Аймо рӯз кардаму саҳар омодаи сафар ба айвон баромадам. Аймо ва София ба маҳзи дидани ман сарбозвор ҳамзамон аз ҷой баланд шуданд ва бо буридани ҳарфи якдигар хабареро гуфтанд, ки аз шуниданаш гармие аз пошнаи по то сарам буруз кард.

- Мы ночью говорили с Мария, она что-то пирдумает для тебя... невалнуйса, давай кушат, фсе будет харашо.

- Мы не поедем сегодня в интернат?

- Нет, интернат не будет, Мария что то делает для тебя.

Аз дирӯз ба худам қавл дода будам, ки боирода бошам, бузург шавам ва ашку оби димоғро аз ёд бубарам, аммо натавонистам! Натавонистам эҳсосотамро пинҳон кунам, аз ҷой бархостаму Софияро бағал кардам, медонистам, ки ин дигаргуниро мадюни ӯям, медонистам, ки Аймо бе изни София коре намекунад.

-Давай зафтракат...я прогаладаса.

## МАРТА

Мария моро дар назди бинои Хадамоти муҳоҷират пешвоз гирифт.

Аймо иҷоза надошт ба бино ворид шавад, қарор кардем, ки ӯ моро дар мошин интизор мешавад. Ману Мария бо осонсур ба табақаи сеюм баланд шудем. Мария бо садои паст дар гӯшам гуфт, ки «дидор бо мақомоти ин ниҳод бисёр муҳим аст ва агар мусоҳиба бе мушкилот пеш биравад, мутмаин бош, ки корти паноҳандагӣ дар ҷайбат аст»

Мусоҳиба, аз он чӣ ман тасаввур мекардам, осонтар гузашт. Ду мақомдор, яке зани зоҳиран солманд ва дигаре марди ҷавон, Марияро бо чеҳраҳои боз пазируфтанд ва давраш парвона мешуданд. Дасти маро ҳам фишурданд ва дар ҳоле, ки Мария достони зиндагиамро бо обу ранги хоси вакилҳо ба онҳо ҳикоя мекард, чеҳраашон тира мешуд бо дилсӯзӣ ба ман нигоҳ мекарданд.

Намедонам, шояд таъсири маъруфияти Мария буд, ё мақомдорони раҳмдиле қазияи маро баррасӣ мекарданд, ки ташаннуҷам фурӯ менишаст ва дар канори Мария эҳсоси амният мекардам. Мусоҳиба зоҳиран анҷом ёфт, аммо касе аз ҷой барнахост, мақомодорон сар ба варақҳо фурӯ карданд ва Мария ҳар лаҳза ба соати дастиаш менигарист. Ниҳоят садои кафшҳои пошнадор аз долон баланд шуд ва Мария хушҳолона аз ҷой бархост. Зане бе ҳеҷ аҷала ва бо чонаи баланд, ки гӯиё мехост дунёро аз вуҷуди худ миннатдор кунад, вориди утоқ шуд. Лоғарандом буд ва қомати чун най росташ то шонаҳои Мария мерасид.

Дар тан либоси мишкӣ ва дар сар кулоҳи кучак дошт, ки тури нафиси сиёҳаш пешонии баланди ӯро мепӯшонд. Агар дастпӯшҳои қирмиз ва лабони мисли тути фарангӣ сурхаш намебуд, хаёл мекардӣ ин зан дар мотами азизе сиёҳпӯш шудааст. Зоҳири ӯ маро ба ёди Вера Василевна андохт, аммо Вера энержие дошт, ки руҳу равонро гарм мекард, аз ин зан сардӣ мевазид. Дар лабонаш табассуме ях баста буд, ки аз лаҳзаи вурудаш ба утоқ ҳеҷ нопадид намешуд. Домани кӯтоҳ пойҳои шабеҳи донаи гугирд нозук ва пероҳани нимаостини шаффоф синабанди қирмизашро нишон медод. Зани қудратманд ба назар мерасид. Он ду корманди муҳоҷират ингор ситораи синаморо дида буданд, ки аз ҷой ҷаҳида ба ӯ хира шуданд. Он зан гунаҳои фурӯрафтаашро ба сурати Мария наздик оварду як ду бӯсаи ҳавоӣ фиристод ва ба дигарон бо ишораи сар салом дод. Дуздида ба ман нигоҳ мекард, лабханди мармузе дар лабонаш чарх мезад.

Аз қаҳвае, ки барояш пешниҳод шуда буд, як ҷуръа нӯшиду муҳри сурхеро дар лабҳои пиёла боқӣ гузошт ва ба ду санади аз қабл омодашуда нахонда имзо гузошт. Ба дунболи ӯ ман низ ба он санадҳо имзо кардам.

- Фарход, познакомся эта моя мама, ее зовут Марта, и она только что стала твоим опекуном! - гуфт Мария вақте мо аз бино берун шудем. Марта бо ҳамон лабханди дар лабонаш часпида ба ман даст дод. Гармии дасташро аз зери дастпӯши қирмиз ҳис накардам, аммо араќи сард пуштамро ларзонд. Ба ёд овардам, ки Аймо мегуфт, модари Мария болерини номдорест, ки дар толорҳои дунё ҳунарнамоӣ мекард. Ҷойи тааҷҷуб набуд, ки чаро чонаи баландаш ҳеҷ пойин намешавад ва чунин аҷибу ғариб ба назар мерасад.

Аймо эҳтимол аз ҳаяҷон натавонист дар мошин чурт бизанад, ки баробари дидани мо муштоқона ба истиқболамон шитофту аз дур бо ишораи дасту сар мепурсид, ки мусоҳиба чӣ тур гузашт. Мария нарангушташро ба Аймо нишон дод ва ӯ шабеҳи одаме, ки қуллаи дастнорасеро фатҳ

кардааст, хам шуду ду даст рӯи зону гузошт. Ба сӯяш давидам ва маҳкам бағалаш кардам. Мехостам ба ин марди меҳрубон, ки ғами маро ғами худ медонист ва шодиямро шодии худ, аз таҳти дил ташаккур кунам. Ман он замон ба ҷуз ашкҳои шӯр, ки самимиятамро ба инсонҳо собит мекарданд, моли дигаре надоштам. Аймо Мартаро, ки бо хандаи сохта худро аз ӯ канор мекашид, маҷбур бағал карду аз сураташ чалап-чалап бӯсид.

Ба ин тартиб, сарпарастии мани ноболиғ бар дӯши Мартаи 65-сола афтид, ки гумон мекунам, муштоқи ин масъулият набуд. Ӯ ҳини худоҳофизӣ ба сӯям нигоҳи сахтгирона андохт ва аз зери лабҳои фишурда пичирроос зад.

- Надеюс, ты не станешь моей проблемой...

Хаёл мекардам, ки наҷвои Мартаро танҳо ман шунидам, аммо вақте ба хона бармегаштем, Аймо гуфт нигарони он зан набошам, сарпарастии ӯ танҳо як расмият аст.

- Жит будеш у нас, идеш в бесплатна школа...

Шиносномаам ду ҳафта баъд расид, бо номи Оскар Олаф, ин номро София бароям интихоб кард, ҳамноми падараш. Бо мақоме, ки акнун доштам, ҳар моҳ аз давлат кумакпулӣ мегирифтам, аз ташхиси сиҳатӣ гузаштаму акнун метавонистам аз пайи таҳсил шавам. Аз омӯзиши курси забони финлондӣ оғоз кардам. Рӯзе чаҳор соат дарс мехондам ва баъд аз зуҳр ба София кумак мекардам. Ӯ барои машқи забони финлондӣ муаллимаи хубе буд, иштибоҳамро безор ислоҳ мекард ва имлоро меомӯзонд. Ин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ аз забони имову ишора ба суҳбат гузаштам ва дар як синфи иборат аз 25 талаба, ки аз чаҳор қораи дунё омада буданд, талабаи беҳтарин шудам. Охир, он ғарибакҳо София надоштанд!

Аз София чорводориро меомӯхтам. Домдории онҳоро дидаму дилам ба ҳоли чорвои деҳкадаи модарбузургам сӯхт, ки танашон олуда ба саргин ва оғилашон пур аз шоша буд. Ба худ мегуфтам «говҳои финлондӣ дар куҷо Худо гуф-

танд, ки чунин зиндагии шоҳона насибашон шудааст». Ғизое, ки мехӯрданд, пур аз витамин буд ва коргар ҳақ надошт бе хилъату моск ба ферма дароянд. София мегуфт, агар худое накарда, касе аз берун вирус ворид кунад ва говҳо мариз шаванд, ширу қаймоқи онҳоро дигар касе намехарад ва садҳо ҳазор хисорот мебинанд.

Ҳисобҳои домдориро Аймо пеш мебурд, ки ҳамеша дар сафар буд ва ҳафтае барои як ё ду рӯз бармегашт. Дар набудани ӯ София асабонӣ мешуду соатҳоро бо ҳисобу китоб сарф мекард, аммо ҳисобаш ҳар бор ғалат мебаромад.

Боре варақҳояшро рӯи миз гузошту аз пайи коре рафт. Бо таҷрибае, ки аз боғдорӣ ва мевафурӯшӣ дар хонаи Вера Василевна андӯхтам, дар набудани София харҷу дахли домдориашро пайдо кардам ва натиҷаро дар як варақи сафед навиштаму ба ӯ нишон додам. Аз он рӯз ба баъд ман шудам ҳисобдори хусусии София ва хушҳол будам, ки некии онҳоро ба як шакле бармегардонам. Ҳар бор сипос мегуфтам ба ҳамон омӯзгори дарси риёзиёти мактаби миёнаи Душанбе, ки ҳарчанд дастҳои моро бо хаткаш мезад, аммо маҷбур мекард шумурданро биомӯзем.

Ман коргари маошхӯр набудам, узви хонаводаи Аймо будам, ки ҳама ниёзҳоямро бароварда мекарданд, таҷҳизоти диҷитолие мисли айфону айпад хариданд, ки ҳатто дар руъёҳоям намедидам. Танҳо як мушкил доштам - ёди хоҳаронам, ки моҳҳо боз барояшон пул нафиристода будам. Чӣ ҳол дошта бошанд хоҳараконе ятими ман?

## ЭЛИ-ИШҚИ АВВАЛИНИ МАН

Элиро бори аввал замоне дидам, ки аз расиданам ба ин мамлакат ду моҳ сипарӣ мешуд. Дар донишгоҳи тиббии Олмон мехонду моҳи август дар поёни имтиҳоноти тобистонӣ барои истироҳат ба назди хонаводааш баргашт. Исмаш Элино буд, аммо ҳама ӯро Эли садо мекарданд. Овози шабеҳи зангӯлаашро борҳо аз тамоси тасвирӣ, ки София рӯздарми-

ён бо ӯ анҷом медод, мешунидам ва аксҳои даврони кӯдакӣ то хатми мадрасаро дар олбуми хонаводагии онҳо тамошо кардам. София тамоми ҷиҳози даврони кӯдакӣ, бо шумули як панҷа мӯй ва дандонҳои ширии Элиро мисли ганҷинаи антиқӣ ҳифз мекард.

Рӯзи омаданашро аз пеш медонистем, аммо вақте ӯ бо як ҷомадони бузург, қафасе бо ду муши сафед ва кулвори пуштӣ аз токсӣ пиёда мешуд, София ва Аймо монанди давандҳои мусобиқоти фосилаи кӯтоҳ чунон бо суръат ба сӯяш давиданд, ки ингор Эли меҳмони ғайримунтазирае буд. Ишқи ин ду нафар ба Эли маро тасхир мекард. Шояд ба ин далел, ки касе маро дар умрам ба ин андоза дӯст надошта буд. Дурӯғ чаро, модарам моро дӯст медошт, аммо он қадр даргири фоҷиаи зиндагии худаш буд, ки гоҳо сарҳои моро навозиш мекарду вале ҳушу ёдаш дар ким-куҷо мерафт.

Эли аввал ба гардани падараш овезон шуду мисли бача алвоҷ хӯрд. Нусхаи асли Аймо буд, гӯиё София дар бордории ин бача ҳеҷ нақше надошт. Ӯро дар бағали Аймо медидаму ҳайратам аз ин шабоҳат дучанд мешуд, Эли мисли ҷавонии Аймо буд, ки дар пахлуи миёнсолиаш меистод. Баъди бӯсобӯсӣ бо София навбат ба ман расид. Эли маро ончунон танг дар оғӯш гирифт, ки гӯиё сад сол боз ҳамдигарро мешинохтем.

Алорағми ин воқеият, ки чоқу сурхрӯю қадпаст буд ва донаҳои арақ, новобаста аз гармиву сардӣ, дар нӯги димоғу пушти лабаш медурахшид, аммо уқдае надошт. Эли аз падар на танҳо зоҳир, балки хайрхоҳияшро низ ба худ гирифта буд. Аз он даста одамоне буд, ки ба истилоҳ сарашон барои кори хайр дард мекунад ва мехост ҳеҷ корафтодае аз мадди назараш дур намонад. Азбас дар ин атроф ягон фарди ниёзманди кумак пайдо намешуд, барои Эли ман беҳтарин бозёфт будам.

Ҷадвали фаъолиятҳои рӯзонаро чунон омода мекард, ки як лаҳзаи холӣ надошт ва ба маҳзи аз мадраса баргаштанам мадрасаи дигаре оғоз мешуд.

Бо ӯ дарси инглисӣ меомӯхтам, истилоҳҳои забони финлондиро аз бар мекардам ва бо фарҳангу шеваи рафтору гуфтор дар ҷомеаи онҳо ошно мешудам. Соатҳо бо дафтару қалам дар мазраа ғел мезадему расм мекашидем, шатранҷ бозӣ мекардем, он қадр, ки наҳору шом аз ёдамон мерафт. Сароҳати ӯ, шӯру шавқаш, меҳрубониҳояш, қобили таҳсин буд ва ман тадриҷан ба ӯ одат мекардам.

Бехабар мондам, ки кай ин одат ба ишқ табдил шуд ва ман ончунон ба Эли дил бастам, ки ҳамаи қубҳаш ҳусн ва ҳамаи нуқсаш дар назарам афзалият ҷилвагар мешуд. Ҳатто мушҳояшро, ки ибтидо аз онҳо ҳазар мекардам, дӯст доштам.

Эли аз ман панҷ сол бузургтар буд, аммо ин маро нороҳат намекард.

Он чӣ нороҳатам мекард, ин буд, ки ман акнун дар ҳузури ӯ дастпоча мешудаму забон гум мекардам, аз иштибоҳҳои забонӣ шармам меомад. Аммо Эли ба ҷуз як ҳадафи бузург, ки чӣ тавр дар як муддати кӯтоҳ аз ман як ҷавони финдлондӣ бисозад, чизи дигареро намедид. Танҳо София буд, ки аз тағйири авзои ман тааҷҷуб мекард. Шабе, ки Эли бо мо бори охир шом мехӯрд ва фардо ба Олмон бармегашт, София дар гӯшаш чизе хонд, ки наздик буд ғизо дар гулуяш дармонад. Нимишаб ба хонаи хобам омад ва ҳамон тавр, ки як табиби ҳозиқ набзи беморро месанҷад, дар лаби тахт нишасту дастамро дар кафҳои нармаш молиш дод ва бо тараҳҳум ба чеҳраи ман нигоҳ кард. Диулоги аҷибе буд, ки ҳеҷ гоҳ аз ёдам намеравад.

«Фарҳод, София гуфт ту ба ман алоқаманд шудаӣ... Ин воқеият дорад»?

Ман хомӯшона чашм пӯшидам.

«Чӣ коре бароят анҷом бидиҳам»?

«Намедонам»...

«Мехоҳӣ, туро бибӯсам»?

Ӯ хам шуду аз пешонии ман бӯсид.

«Агар хоҳӣ, имшаб паҳлуят мемонам, мехоҳӣ»?

Ӯ тавре ҳарф мезад, ки ингор маро на ба ишқварзӣ, балки ба сари мизи шатранҷ мехонад. Чӣ бигӯям, ки барои ин духтар ишқу ҳамхобагӣ низ ношӣ аз дилсӯзӣ буд.

Росташ, ҷаззобияти ҷисмониеро, ки бо он зани рус таҷруба кардам ва бо дидани тани урёнаш таби ман то чил дараҷа боло мерафт, нисбат ба Элӣ надоштам. Ман ӯро барои буданаш дӯст медоштам. Вақте пешниҳод кард, ки бо ҳам бихобем, «не» гуфтаму патуро ба рӯям кашидам.

Субҳ худро ба хоб задаму барои худоҳофизӣ бо Эли аз ҷой баланд нашудам. Аммо баъди рафтанаш пучу гиҷ шудам. Хонаи бузурги Аймо, ки Эли онро бо садои ҷарангосиаш, бо меҳрубониҳояш ва бо хайрхоҳиҳояш пур мекард, якбора холӣ шуд. Аз дилтангӣ мушҳои Элиро аз хонаи хоби ӯ ба ҳуҷраам овардам ва онҳоро дӯстдорӣ мекардам. Эли гаҳ-гоҳе занг мезад, аммо бештар аз дарсҳоям мепурсид ва ин суҳбатҳо мисли муколамаи муаллим бо талаба буд.

Бо ҳамин Элиро пас аз шаш моҳ дидам, замоне, ки барои таътилоти зимистонӣ ба хона баргашт. Бо як ҷавони бонглодешӣ омад, ки сураташ хамири нимашӯридаро мемонд, гӯиё ҷойи даҳону биниву чашму абрӯ дар сураташ иваз шуда буд. Шояд хушқиёфа буд ва ман аз ҳасудӣ ӯро чунин баднамо медидам? Эли маро ба оғӯш гирифту тааҷҷуб кард ва дуртар рафту «инро бубин!» - гуфт. Шояд моҳӣ зиёд мехӯрдам, ё эҳтимол ба падарам рафта будам, ки дар ин ним сол якбора қад кашидам ва қомати Эли акнун то гӯшҳои ман мерасид. Ӯ худро ба гарданам овезон карду чапу рост такон хӯрд ва аз суратам бӯсид. Таваҷҷуҳаш ба ман бо ҳамин тамом шуд. Дигар барои ман вақт надошт, сараш барои ҷавони бонглодешӣ дард мекард. Агар гӯям, ки рашк мекардаму азият мекашидам, пас чизе нагуфтам. Аз ишқу рашк дарди дандон шудам, шабҳо хобам намебурд. София маро ба назди дандонпизишк бурд, ки ҳеҷ нуқсеро дар даҳонам пайдо накард ва бароям мусаккин навишт. Эли бо он бонглодешӣ

ба Олмон баргаштанду ман хуб шудам, ногаҳон хуб шудам. Як субҳ чашм кушодаму акси Элиро дар пардаи компютерам дидам, дуру дароз ба он акс хира шудам, ангор Аймо аз экран ба ман нигоҳ мекард...

Мушҳои Эли ҳам бархӯрди сарди маро бо худ эҳсос карданд, ки якеаш сими компютерро хоиду фирор кард ва дигараш баъде чанде аз танҳоӣ мурд. Хайрият, ки Эли барои таътилоти тобистонӣ ба Бонглодеш рафту мушҳояшро дигар суроғ накард. Будану набудани мушҳо барои София зиёд муҳим набуд.

Бо София ҷону ҷигар шудем, мисли модару писар, ӯ хумори дурии духтарашро дар ғамхорӣ бо ман мешикаст ва ман ҳам садоқатамро ба ӯ бо ҳар роҳи имконпазир собит мекардам. Рӯзе, ки ба синни 17 қадам гузоштам, София маро ба назди портрети падараш бурд ва гуфт, «охир, чӣ тур мумкин аст, ки мо - фарзандон ба падари худ монанд нашудем, аммо ту дар як гӯшаи дигари дунё нусхаи падари мо шудаӣ»?

Намедонам София аз кадом зовия ба ман нигоҳ мекард, аммо ман шабоҳати худро бо он акси бари девор зиёд мушоҳида намекардам. Падари София бо чашмони қаҳварангги ажриқӣ, гунаҳои баланд, лабҳои пурра ва пӯсти барои мардуми ин кишвар тираранг марди бисёр зебо буд. Бештар ба падари ман шабоҳат дошт ва ин шабоҳат танҳо ба зоҳир маҳдуд намешуд.

Ӯ низ монанди падари ман зиндагии дугонае дошт ва замоне, ки София ҳанӯз кӯдакистон мерафт, падараш бо модари Мария, бо ҳамон болерини номдор, пинҳонӣ хонавода ташкил дод.

Ин аз ҳамон мавридҳои ғайри қобили тавзеҳ аст, ки Худованд бо чӣ ҳикмате ду инсонро шабеҳи ҳамдигар меофарад ва дар қораҳои мухталиф маскун мекунад. София аз падараш норозӣ набуд, баръакс аз ӯ миннатдор буд. Олаф ҳарчанд модари Софияро талоқ дод, аммо сарвати ҳангуф-

теро барои духтараш ҷо гузошт. София хоҳари нотаниашро дӯст медошт ва дилаш барои ӯ об мешуд.

Дар хонаи Аймо камиву костие надоштам, танҳо гоҳе шомгоҳон вақте говҳои София аз чарогоҳ бармегаштанд, ғами ноаёне қалбамро мефишурду буғз мекардам. Дилам барои хоҳаронам танг мешуд, он қадр, ки мехостам пар барораму ба сӯи онҳо парвоз кунам.

Мактаб ҳам бо баҳои хубу аъло хатм шуд ва София бо назардошти авлавиятҳоям бароям давраҳои тиҷорату мудириятро тавсия дод. Ба думболи ҷустуҷӯ будам, ки як бегоҳ ғайриинтизор Мария омад, бисёр ғамгин буд, Софияро бағал карду ашк рехт. Маълум буд, ки нохушие ба сараш омадааст. Ман онҳоро танҳо гузоштам, то роҳат суҳбат кунанд. Вале баъд аз муддате София маро садо кард.

Ӯ гунаҳои аз гиря сурхшудаи хоҳарашро мебӯсиду зери лаб дилҷӯӣ мекард.

Марияи ҳамеша қавию мустақил, ки мушкили сад кор-афтодаро ҳал мекард ва эътимод ба нафсаш ба як артиш кофӣ буд, он рӯз як зани паршикастаи бадбахтро мемонд.

София ишора кард, ки бинишинам.

- Марта мариз шудааст...

София бо имову ишора ва гӯшакӣ тавре ҳарф мезад, ки ингор Мария аз маризии модараш хабар надорад.

-Мо бояд ба Мария кумак кунем, - гуфт ӯ бо садои баландтар ва мехост ин бахши ҷумлаашро ҳама бишнавад. Ӯ бар калимаи «бояд» зада гузошт ва маънидорона ба ман нигоҳ кард.

-Ӯ ҷуз мо касеро надорад...

Ҳайрон будам, ки аз ман чӣ мехоҳанд. Аймо сарашро пойин андохта буду ба пойҳош зул мезад, гӯиё сапалҳояшро бори аввал медид.

-Албатта, мо туро маҷбур намекунем... Аммо бисёр хуб мешуд, агар муддате пеши Марта бимонӣ... то беҳтар шудани аҳволаш, албатта...

Ин пешниҳод ба ман нафорид, аммо саъй кардам оромии зоҳириамро ҳифз кунам. Он зани қудратмандро як бор

дидам, аммо ҳамин як бор кофӣ буд, ки аз зикри номаш дилам сиёҳ шавад. Аз будубош дар зери сақфи Марта чизи хуберо интизор набудам... Аммо, содиқона бигӯям, ман тамоми зиндагии навамро мадюни ин хонавода ҳастам ва дарк мекардам, ки ба ман эҳтиёҷ доранд. Магар метавонистам ҳарфи онҳоро рад кунам?

Паҳлуи Мария нишастаму дастмоли коғазиро, ки ӯ бо асабоният мефишурду гардҳояшро рӯи фарши покизаи София мерехт, аз байни панҷаҳояш берун овардам.

-Мария, аз маризии Марта мутаассифам, фақат бигӯед, чӣ коре аз ман бармеояд?

Мария аз ҷаъбаи рӯи миз дастмоли дигареро бардошту башиддат бинӣ афшонд, чеҳраи аз гиря варамида ва бероиши ӯ тухми пӯсткандаро мемонд. Димоғаш гирифта буд ва ҳавои сӯзоне аз байни лабҳои пур аз табхолаш берун меомад. Саъй кард чизе бигӯяд, аммо гиря гулугираш кард ва даст афшонду саршро пойин андохт.

-Мо намехоҳем бори зиёдро бар ту таҳмил кунем, фақат мехоҳем, ки гоҳе авқот, дар тули рӯз ё шомгоҳон, бо Марта вақт бигзаронӣ, то ӯ эҳсоси танҳоӣ накунад, - гуфт София ба ҷойи ӯ.

-Бошад, ҳеҷ мушкиле нест, ман фақат як шарт дорам.

Инро гуфтаму ногаҳон хиҷолат кашидам, ки бо ҳама хубиҳои ин мардум ман боз пеши онҳо шарт мегузорам. - Шарт нест... як хоҳиш аст... намехоҳам аз таҳсил канор бимонам.

-Албатта! Мария туро дар беҳтарин мактаби тиҷоратту мудирият номнавис мекунад, ҳар моҳ ба ҳисоби бонкиат пул мерезад. Зиндагӣ дар пойтахт ҷаззобтар аст, бовар кун... Хонаи Марта мисли қаср аст, хушат меояд. Нигарон набош, ки бори нигоҳубини Марта бар дӯши ту меафтад, ин тур нест. Марта парастор дорад, хидматгор дорад... ҳамин ки ту дар атрофаш бошӣ, барои мо кофист.

София бевақфа ҳарф мезад, абрӯвони бе ин ҳам баландаш болотар рафта, чашмони гирдаш гоҳ резу гоҳ бузург

мешуданд. Ризояти ман барои София, ки намедонист чи гуна ба ин хоҳари сардаргумаш кумак кунад, як таскини бузург, аммо барои ман бозгашт ба мавқеяти аввал ва оғози зиндагӣ аз сифр буд.

## ЗИНДАГӢ ДАР ДУНЁИ ТАҲАВВУМИИ МАРТА

Ду хоҳарон намегуфтанд, ки Марта ба чӣ дарде мубтало аст. Вақте аз Аймо пурсидам, ӯ ҳам забон хойиду «чизи муҳими нест, каме фаромӯшхотир шудаст», - гуфт. Тааҷҷуб кардам, ки наход ин ҳама ашку нолаву гиря танҳо барои «каме фаромӯшхотирӣ»-и Марта бошад?

Саҳари зуд ба роҳ баромадем. Дар тули роҳ Мария ду дафъа занг зад, гӯиё мехост мутмаъин бошад, ки мо аз ин сафар мунсариф нашудаем. Хонаи Марта дар як минтақаи нухбанишин, дар ҳамсоягии як кӯли бузург ва нахлистонҳои сабз ҷойгир буд ва бо тири роҳбанду маҳдудияти убуру мурур мамнуъгоҳро мемонд. Аймо чанд дугмаеро дар дастгоҳи санҷиши астолат пахш карду роҳ боз шуд. Виллаҳои зебои ҷадиду қадимӣ бо ҳавзҳои кабуд ва тавқифгоҳҳои пур аз мошинҳои шик баъди ҳудудан як километр намудор шуданд. Сохтмонҳо яке аз дигаре хушгилтар буд, аммо ин макон бо ҳама қашангиҳояш шабеҳи як шаҳри матрука буд ва дар атроф ҷони зиндае ба назар намерасид. Ниҳоят мошини Аймо ба ҷодае бориктар ворид шуд ва новбар нишон дод, ки то макони дархостшуда 50 метр мондааст. Мо аз канори сарву санавбарҳое мегузаштем, ки дар имтидоди ҷодаи тулонӣ мисли горди ифтихорӣ саф кашида, вурудро ба ин макон бошукӯҳ мекарданд. Чаманистони ду самти ҷода бо ҷастухези малаххо ва парвози санҷоқҳои рангоранг, ки чарх мезадандy туъмаи худро аз ҳаво мебардоштанд, шигифтангез менамуд. Марта ҳавзи бузурге доштаст, ки дар байни чаманзор воқеъ буд. Шояд ӯ то дирӯз мисли як қуи сафед дар ин об ғӯтта мезад, аммо акнун ин ҳавз оинаи осмони обиву абрҳои сафед буд, ки акси худро дар он тамошо мекарданд.

Саранҷом Аймо мошинро дар назди сохтмони бисёр зебо, ки Мария бошитоб аз зинаҳояш пойин мешуд, нигоҳ дошт. Тавре менамуд, ки ӯ ин ҳама вакт чашм ба панҷара дошт.

София иғроқ намекард, вақте мегуфт, ки хонаи Марта шабеҳи қаср аст. Ин сохтмони сафеди дуошёна бо чамани сабзи яксон, муҷассамаҳои кучаки фариштагон бар фарози обнамои мармарин, сутунҳои баланди ду тарафи даромадгоҳ, ки балкони бузурги ошёнаи дуюмро бар дӯш доштанд ва панҷараҳои бешумор шабеҳи сохтмони як теотр буд, то як манзили зист. Аймо сандуқи ақиби мошинро боз карду ҷиҳози маро, ки як замон дар як халтаи пластикӣ ҷой мешуд, вале акнун дар ду ҷомадон басахтӣ мегунҷид, берун овард. Хаёл кардам, бо берун шудани ҷомадонҳоям аз мошини Аймо охирин пайванди ман бо хонаи ӯ, бо Софияи меҳрубон, бо духтари аҷибу наҷиб ва ҳайрхоҳи онҳо ва бо он фазои олуда ба бӯи деҳот гусаста шуд. Ногаҳон чунон андуҳе вуҷудамро фаро гирифт, ки мехостам мисли гург уллос бикашам.

-Биё Фарҳод, роҳат бош, аз ин ба баъд ин ҷо хонаи ту ҳам ҳаст. Мария худро канор кашиду маро ба пеш ҳидоят кард.

Албатта, ҳадс мезанам, ки Марта зани миёнаҳол нест, аммо шукӯҳу шавкати манзили ӯ хориҷ аз тасаввури ман буд. Ман он замон арзиши ин ҳамаро намедонистам, дертар фаҳмидам, ки Марта ошиқи ҷиҳози антиқӣ буд ва барои харидни онҳо пули зиёд харҷ мекард.

Толоре, ки Мария моро ба дохилаш ҳидоят кард, сақф надошт, беҳтар аст бигӯям, сақфи толор дар тоқи ошёнаи дуюм буд ва қандили бузурги васати он дар партави нурҳои хуршед медурахшиду шуои овезаҳои бешумораш дар сақф рангафшонӣ мекард. Фазои хона бо тахту мизу сандалиҳои зарҳалӣ, фаршҳои ҳамранг, пардаҳои ҳарироу махмалин ва мубламони қадимии чӯби булут як хонаи афсонавиро ме-

монд. Тасвири афсонавиро наққошии бузурге комил мекард, ки дар он Мартаи миёнсол, вале зебову ҷаззоб бо пероҳани шоҳзодаҳо ва тоҷе аз гулҳои рангоранг дар сар, аз он баландӣ бо ифтихор ин ҳама шукӯҳу ҷалолро тамошо мекард.

Он ҷӣ ба фазои антиқии толор намезебид, аксҳои замонавии Марта буданд, ки гоҳ дар либоси қуи сафед, гоҳ дар ҷилди қуи сиёҳ, гоҳ ҳангоми таъзими мухтарамона дар толорҳои муҷаллал деворҳоро оро медоданд.

Мария моро ба сӯи роҳпаллаи густардае ҳидоят кард, ки бо фарши қирмиз ва нардаҳои зарҳалӣ зинаи қадамзании ситораҳоро ба ёд меовард. Роҳпалла дар имтидоди роҳ ба чапу пост тақсим мешуд ва дар ҳар ду тараф ҳам чандин ҳуҷра ҷойгир буд. Мо ба самти чап ба сӯи ҳуҷраҳое печидем, ки аз он садои мусиқии классикӣ ба гӯш мерасид. Ман ин оҳанги Френтз Лист «Руъёи ишқ»-ро борҳо дар хонаи Вера Василевна шунида будам.

Мария бо эҳтиёт ба дари ҳуҷраи аз ҳама охир ангушт зад.

-Марта, метавонем ворид шавем? (Намедонам чаро, аммо Мария, дуруст мисли Эли, модарашро бо ном садо мекард.)

Аз дохил овозе шунида нашуд ва Мария дарро оҳиста боз карду моро бо ишораи сар ба ҳуҷра хонд.

Марта дар ин ҳуҷраи зебову муҷаҳҳаз, ки дар шукӯҳу ҷалол аз толори ошёнаи аввал камӣ надошт, пушт ба дар менишаст.

-Бубин, киҳо ба дидани ту омаданд: София, Аймо... Фарҳод ёдат ҳаст? Ун навҷавоне, ки сапарасташ ҳастӣ, ёдат ҳаст?

Аз ин ҳама ёдовариҳо раге ҳам дар тани Марта наҷунбид ва Мария ишора кард, ки аз пеш гузарем.

Тасвири риққатборе пеши чашмам боз шуд.

-Оҳ, Худои ман... - гуфт София ва бетобона ба замин нишаст.

Зане, ки рӯи сандалии ороста менишаст ва новобаста ба гармии ҳаво пойҳояшро ба патуи ғафсе пӯшонида буд, ба Мартае, ки ду сол пеш бо чонаи баланди хоси болеринҳо ва бо қадамҳои сабуки мисли парандагон ва бо шукӯҳи як малика вориди дафтари Хадамоти муҳоҷират шуд, зиёд шабоҳат надошт.

Ӯ ба нуқтаи номаълум хира шуда буд ва мижа намезад, чеҳрааш чизеро ба ҷуз бетафовутӣ мунъакис намекард.

Ин Мартаи дигаре буд, бо шонаҳои уфтода ва қафаси синаи фурӯрафта. Кисаҳои зери чашмаш обилаҳои ношӣ аз сухтагиро ба хотир меварданд. Мӯйҳои рӯшанаш, ки он замон даври кулоҳи тӯрдор ҳалқа мезаданд, акнун монанди пашми беранги беҷон бо торҳои пароканда рӯи шонаҳои пиронааш овезон буданд. Дилам ба ҳолаш сӯхт. «Наход одам дар ду сол ба ин андоза пир шавад»?

Мария поёни пойи модараш нишасту дасти лоғари ӯро, ки рагҳои обии дамидааш шохаҳои рӯдхонаро мемонданд, меҳрубонона бӯсид.

Марта, мисле ки ногаҳон аз хоби гарон бедор шуда бошад, дасташро бо тундӣ аз кафи Мария берун кашид. Ӯ бо чашмони рез як-як ба мо нигоҳ кард, патуро бо ситеза аз рӯи зонуяш дур андохту рӯ ба Мария овард.

-Ин одамоне, ки бо худат овардӣ, кистанд? Ман фурсати пазироии меҳмон надорам, имшаб Жизел ба намоиш медароянд, ман бояд се соат пеш аз оғози консерт дар теотр бошам!

-Ин София аст, духтари Олаф. Ёдат ҳаст Олаф аз ҳамсари аввалаш Лайна як духтар дошт?

Марта аз асабоният ба худ печид, шикофҳои биниаш бузург шуданд. Ӯ дандон ба ҳам совиду аз хашм ба Мария тохт.

-Лайна? Ҳамон аҷузае, ки домани Олафи маро раҳо намекунад? Чаро ин бачаро ба хона роҳ додӣ? Магар намедонӣ, ки модараш қасди ҷони маро дорад? Агар аз ин бача

хоста бошад, ки маро масмум кунад чӣ? Ё ту бо он аҷуза ҳамдаст шудаӣ? Медонам, ту мехоҳӣ маро девона ҷилва диҳӣ ва молу мулкамро соҳиб шавӣ! Аммо г...ҳ хӯрдӣ! Ман ҳолоҳо ҳастам ва рӯи қабри туву ун аҷуза ракс хоҳам кард!

Мо ҳар се шок шудем, ба ҷуз Мария, ки ба манзури «ҳамин аст, ки мебинед» бечораҳолона китф дарҳам кашид ва ишора кард, ки берун шавем. Мо дар зери борони ҳақоратҳои Марта, ки хоки модари Софияро мебехт, ба долон баромадем.

-Мария, ёдат ҳаст, бори охир Мартаро дар ҷашни зодрӯзат дидам, соли гузашта буд, хеле сари ҳол буд, кай мариз шуд, ки мо бехабар мондем? - пурсид София, ки зоҳиран таҳқирҳои Мартаро нодида гирифт.

-Аломатҳояшро хеле пештар мушоҳида кардам, рӯзе, ки дар бораи кадом намоиш ҳарф мезад, аммо натавонист, номи қаҳрамонашро, ки солҳо тасвирашро офаридааст, ба ёд биёрад. Баъдан аломатҳо рӯшантар шуданд: ағлаб калиди хонаашро гум мекард, калиди мошинашро намеёфт. Ба хизматгорҳо машкук мешуд, ба ман эътимод намекард. Дидам, ки бадтар мешуду беҳтар не, бо эҳтиёт гуфтам, ки ба назди духтури асаб биравем. Девона шуд, ба ман туҳмат зад, ки мехоҳам ӯро ба тимористон бифиристаму дороиҳояшро азхуд кунам.

Бо сад зориву тавалло билохира ӯро розӣ кардам. Ташхис он чиро нишон дод, ки ман аз шуниданаш метарсидам - олзоймер. Ӯ ҳоло дар васати ин беморист, давраи асабоният ва пархошгарӣ. Солҳои умраш башуморанд - се ё чаҳор сол... ё ҳатто камтар аз ин. Худо кунад, ки рӯзноманигорон аз бемории Марта огоҳ нашаванд, вагарна шабу рӯз пушти дар мехобанд, то «чеҳраи нав»-и ӯро бо сад дурӯғи дигар дар матбуот нашр кунанд.

Марияи бечора ҳатто дар ин вазъият ҳам бар обрӯи модараш меандешид.

-Духтурҳо тавсия мекунанд, ки Мартаро ба хонаи солмандони равонӣ бифиристам... мегӯянд ӯ ба муроқибати

вежа ниёз дорад, аммо ман наметавонам, дастам ба ин кор баланд намешавад... ӯ, охир, модари ман аст...

Ашк дар гулуи Мария печид ва ӯ гӯиё бадбахтии худро акнун дарк карда буд, ки башиддат сар такон доду аз зинаҳо поён давид, то мо фиғонашро нашнавем.

Аз лаҳзае, ки Мартаро дар он вазъияти ғамангез дидем, Аймо бо тараҳҳум ба ман нигоҳ мекард ва норозиёна ба ҳамсараш. Ӯ дар ин мулки бароям ношинос ягона соҳибдараки ман буд ва намехост сахтиҳоеро таҷруба кунам, ки ба равони бе ин ҳам ҷариҳадорам осеб расонанд.

Нигарон будам, ба ҳадде, ки ҳеҷ аломату ишорае дар ин муҳит аз назарам пинҳон намемонд. Дидам, ки Аймо ноаён Софияро ба гӯшае кашид. Бо садои паст ҳарф мезад, мисле, ки илтиҷо мекард. София ҳарфҳои ӯро бо лабҳои фишурда мешунид ва баъд бо абрӯвони баландаш чунон ба сӯи ӯ теғ кашид, ки Аймо хомӯшона аз ӯ дур шуд.

Вақте бо онҳо худоҳофизӣ мекардам, Аймо маро ончунон маҳкам дар оғӯш гирифт, ки гӯиё сарбозе будаму ӯ маро ба ҷанг бадрақа мекард.

Мария як ҳафта аз кор мураххасӣ гирифт. Ба аҳдаш вафо карду маро ба мактаби тиҷорату мудирият, воқеъ дар панҷкилометрии виллои Марта, номнавис кард. То оғози таҳсил ду-се ҳафтаи дигар монда буд ва Мария аз ман хост дар ин муддат шаҳодатномаи ронандагӣ бигирам, зеро дар ин атроф на автобус буд, на метро. Бечора, ба ҳама кор розӣ буд, то аз ҳамнишинӣ бо модараш даст накашам.

Борҳо аз худ суол кардам, ки чаро маҳз ман?

Танҳо як далел метавонист интихоби маро тавҷеҳ кунад. Ӯ метарсид, ки саранҷом хадиму надим аз пархошгариҳои Марта безор мешаванду рӯзе таҳаммули худро аз даст медиҳанд ва ба модараш зулм мекунанд. Мария ба ман эътимод дошт.

Ба ҷуз ману Мария чанд нафари дигар ба ин хона меомаданду мерафтанд. Яке парастори юнонитабор Пандора

буд, ки саҳар меомаду бегоҳ бармегашт. Як зани тамизкори сербистонӣ ҳам ҳафтае се дафъа меомаду ин вилои бузургро тоза мекард. Бо касе ҳарф намезад, эҳтимол забони финлондиро намедонист, ё табиатан одами камгап буд, бесадо меомаду бесадо мерафт. Аз боғи зебои Марта боғбони миёнсоле муроқибат мекард, ки хушандом, аммо ношунаво буд. Бо ҳавои гӯшҳои караш баланд ҳарф мезад ва момоҷавобаки толори бузурги Марта акси садои ӯро ба тамоми хона паҳн мекард. Ва хонуми солманди лаҳистонӣ Богуслава, ки солҳо барои Марта, ба гуфти худаш, ғизои «гунҷишк» мепӯхт. Ӯ як зани гавдадори ҳафтодсола буд, ки кам андар кам лабханд мезад, вале соатҳо дар ошпазхона зери лаб мусиқиҳои барои ман ношиносро замзама мекард. Бойгонии зеҳнаш гунҷоиши танҳо ду-се оҳангро дошт ва ӯ аз субҳ то шом ҳамон оҳангҳои такрориро мехонд. Оҳангҳои Богуславаро он қадр зиёд шунидам, ки гоҳе нохудогоҳ ман низ онҳоро замзама мекардам.

Соле, ки Марта ӯро аз Лаҳистон бо худ ба Финлонд овард, Богуслава акнун сисола мешуд. Чиҳил солро дар хизмати Марта сипарӣ кард ва мегуфт, агар теъдоди финҷонҳои қаҳваро, ки Марта дар ин чиҳил сол ба сӯи ӯ парт кардааст, ҷамъ кунем, аз бурҷи Эйфил баландтар мешавад. Зани танҳое буд, касеро надошт. Гоҳе дуру дароз ба як нуқта хира мешуд ва мӯйҳои кунҷи лабашро бо нӯги нохун пайдо мекарду он қадр сареъ меканд, ки ингор онҳо метавонистанд ҷойе фирор кунанд. Боғбони кар бештари вақти худро дар гирди ошпазхона мегузаронд, то дар боғ ва Богуслава майлҳои дастнохӯрдаи занонаашро дар шакли ғизоҳои хушмаза ба ӯ пешниҳод мекард.

Мария намехост Марта аз зиндагии иҷтимоӣ канда шавад ва дар ҳамон як ҳафтаи мурахxасиаш шому наҳори муштарак ба роҳ монд. Тули як ҳафта Богуслава дар ошхонаи муҷаллал суфраи шоҳона боз мекард ва моро ба наҳору шом мехонд. Аммо ҳар бор шому наҳори мо бо косашиканӣ хатм мешуд.

Марта ин ҳама нозу неъматро медиду бо чашмони рез ба Богуслава зул мезад.

-Аз ибтидо медонистам, ки ту пиразани девона барои рақибони ман ҷосусӣ мекунӣ. Медонам, ту аз онҳо дастур гирифтӣ, ки дар остонаи намоиши «Фунтуқшикан» маро чоқ кунӣ! Чӣ қадар пул гирифтӣ, пиразани хиёнаткор?

Чеҳраи Богуслава аз ғазаб сурх мешуд ва ман садои ба ҳам бархӯрдани дандонҳояшро мешунидам. Вале Мария ангушт ба лаб мегузошт, ки «хомӯш бош». Намедонам, шояд иштибоҳ кунам, аммо эҳсосам ин буд, ки Богуслава нисбати Марта укдаи бузурге дорад. Шояд дар чиҳил соли ҳамзистӣ Марта ӯро зиёд озор дода буд, ки акнун Богуслава аз ӯ интиқом меситонд.

Марта ба ман таваҷҷуҳ намекард, беҳтар аст бигӯям, маро аслан намедид, ё вонамуд мекард, ки намебинад. Ё шояд майдони диди ӯ танг шуда буд ва тасвири ман аз он меафтид? Намедонам далелаш чӣ буд, вале ҳар чӣ, ки буд, ба нафъи ман буд.

Таҳсил ҳам оғоз шуд ва шаҳодатномаи ронандагӣ ҳам гирифтам. Мария барои яке аз мошинҳои Марта ба ман ваколатнома дод ва ман акнун фаротар аз ин макон ба маркази шаҳр мерафтам ва бо ҳамсабақи навам Меҳдӣ, ки рӯзи аввали таҳсил бо ӯ ошно шудам, дар соҳил сайругашт мекардему яхмос мехӯрдем. Зиндагӣ дар назарам ҷолиб мешуд.

## МЕҲДӢ - ҲАЛҚАИ НАҶОТИ МАН

Агар гӯям, ки беҳтарин бозёфтам дар ин кишвари аз хонаи ман ҳазорҳо километр дур ҳамин Меҳдӣ аст, иштибоҳ намекунам. Ӯро рӯзи оғози мадраса дидам, ки дар телефон суҳбат мекард ва ман ногаҳон мутаваҷҷеҳ шудам, ки баъзе каламоти ошноро мешунавам. «Буру, бобо!», - гуфту гӯширо хомӯш кард ва чун «бобо» мегуфт, аз зеҳнам гузашт, ки шояд бо падарбузургаш даъво мекард. Он рӯз ба ӯ наздик нашудам, аммо субҳи дигар вақте дар гӯшаи ҳавлии мадра-

са чашмаш ба чаҳор тараф duздона сигор мекашид, ба наздаш рафтаму «салом» гуфтам. Ҷавони сабзинаи лоғарандом ва сермӯй буд, чашмони сиёҳ ва ҳамон тавр, ки модарбузургам мегуфт, «қошони сиёҳи қаламӣ» дошт. Маро диду қоматашро рост кард ва ба тақлид аз авбошҳои кӯчагӣ сигори нимасӯхтаашро бо худнамоӣ ба лаб бурд ва тавре вонамуд кард, ки аз касеву чизе наметарсад.

-Салом. Эронӣ ҳастӣ?

-Ман аз Тоҷикистонам.

-Аз куҷо?

-Тоҷикистон.

-Намедонистам чунин кишваре вуҷуд дорад.Чаро ба забони мо ҳарф мезанӣ?

-Ман бо забони худам гап мезанам...

-Исмат чийе?

-Номам Фарҳод аст. Ту аз куҷо ҳастӣ? Чӣ ном дорӣ?

Ӯ сигорро ба замин партофту бо нӯги кафш хомӯш кард.

-Исми ман Меҳдӣ аст, ирониам, иронитабори финлондӣ.

Ман аз сигори нимсӯхтаи Меҳдӣ, ки ҳанӯз дуд мекард, чашм намекандам, билохира сабрам саромад ва сигорро хомӯш кардаму ба зуволадони канори девор андохтам.

-Бо ин хушахлоқӣ бояд писари Қосимоғо мешудӣ!

-Қосимоғо кӣ аст?

-Падари ман!

Занги дарс садо доду мо ҳар ду дар синфхона аз ҳам ҷудо шудем. Ӯ дар дуртарин гӯшаи синф, ҷойе, ки чашми устод камтар меафтид, менишаст. Ман ба тахтаи синф наздик будам, то навиштаҳоро ёддошт кунам. Меҳдӣ маро бо ишораи даст ду-се дафъа ба мизи худ даъват кард, дид, ки гӯш ба карӣ задам, худаш омаду паҳлуи ман нишаст.

Баъд аз дарс, вақте мошинро рӯшан мекардам, баногоҳ мисли гурба ба сандалии паҳлуӣ ҷаҳид.

-Мошин моли туйе?

-Мошини як дӯстам аст, ман танҳо ваколатнома дорам.

-Олӣ аст! Рафтем!

Бо ҳамин, мо ба гуфтаи Меҳдӣ, «дугоникҳои сиёмӣ» шудем. Тамоми рӯз ва ҳатто баъзе шомҳоро бо ҳам сипарӣ мекардем. Ӯ маро бо хонаводааш ошно кард, бо падараш Қосимоғо, ки як инсони дустдоштанист. Бо модараш Заҳрохонум, зани меҳрубону сағирапарвар, бо модарбузургаш Марям, як хонуми порсо ва мазҳабӣ ва бо хоҳаракаш Нозанин, ки воқеан як пора ноз аст. Хонаводаи Айморо дӯст медорам, аммо эҳсосеро, ки аз ошноӣ бо аҳли оилаи Меҳдӣ доштам, чизи дигаре буд, мисли овои хун буд, мисли як биҳишти гумшуда, ки ногаҳон пайдо кардам. Қосимоғо дар гӯшаи хиёбони наздик ба хонааш як дукони баққолӣ дошт ва маҳаллаи атрофро, ки сокинонаш бештар мардуми осиёӣ буданд, бо маҳсулоти ширӣ ва қаннодӣ таъмин мекард. Лоғарии маро медиду дилаш ба ҳолам месӯхт, хаёл мекард, ки ман дар ин мулки ғарибӣ гуруснагӣ мекашам ва ҳар рӯз ба дасти Меҳдӣ бароям як «сендвич» мефиристод.

Ману Меҳдӣ бо ҳам умумияте надоштем, ӯ гӯиё як инсони баръакси ман буд: дар раҳи рост дурӯғ мегуфт, барои чизҳое дурӯғ мегуфт, ки кирои дурӯғ намекарданд, пинҳонӣ аз хонаводааш сигор мекашид, қиссаҳои мазҳабии модарбузургашро бо сари хам ва ашк дар чашм гӯш мекард, аммо дар ғиёбаш онҳоро «афсонаҳои ҳазору як шаби Марямхонум мегуфт», духтарбоз буд, ба андозае, ки чашмаш мисли дарё ба думболи ҳар духтари зебо ҷорӣ мешуд. Ба шеваи гуфтори ман механдид ва мегуфт: «Фарҳод, додош, нороҳат нашу, аммо бояд беҳет бигам, ки забонат ифтизоҳе».

Аммо дар ботин бародаре буд содиқ, ҳомӣ ва ҷону ҷигар! Касе на дар мадраса ва на дар хиёбон ҳақ надошт ба ман каж нигоҳ кунад. Дарҳол ба ҷанг мехесту тарафро ба маъзаратхоҳӣ маҷбур мекард. Ман дар хонаводаи ӯ хонадони гумкардаи худро ёфтам ва дар симои ӯ додареро, ки ҳеҷ гоҳ надоштам. Махсусан ба Марямхонум муҳаббат бастам. Пиразани доное буд. Вақте ӯро бори дувум дидам, дари ҳуҷрааш боз буд, чизе медӯхт. Даст пеши бар ба ӯ салом додам.

-Биё, ту.

Ҳуҷраи зебое буд, бо тахти кӯрпаҳои мураттаби рӯи тоқ, фарши пурнақшу нигор, болиштҳои гулдӯзӣ, сандуқи қадимӣ, синиву офтобаи ҳаккокишуда. Гӯиё Марямхонум ин хонаро бо худ аз Эрон оварда буд.

-Писар, аз суратат бармиёд, ки зиндагӣ боҳот чандон меҳрубон набуде ва туро мисли дон зери санги осиёб фишор доде. Дуруст мегам?

Ман каме сукут кардам. Дилам пур аз дард буд, аммо намедонистам дардамро ба кӣ бигӯям. Меҳдӣ интихоби хубе набуд, ҳарфҳои ҷиддиро ҳам ба шӯхӣ мекашид.

Ба Қосимоғо дарди дил намекардам, метарсидам, ки таҳаммули маро ба писараш намуна биёрад ва ба гуфтаи худаш «ҳамаро лу бидиҳад».

-Оре, Марямхонум, зиндагӣ бо ман зиёд лутф намекунад, ағлаб кутакам мезанад, дурӯғ чаро, гоҳе ҳам дасти навозиш бар сарам мегузорад. Ошноӣ бо хонаводаи шумо аз ҳамин навозишҳост.

Дар тамоми муддате, ки достони зиндагиамро ба ӯ мегуфтам, боре ҳам каломи маро қатъ накард.

-Таваккул бар Худо кун, писар, ӯ донову биност, баъд аз ҳар сахтӣ ба бандааш сабукӣ медиҳад. Парвардгор туро беосеб ба ин ҷо расонд, шукр кун, Худованд бандаи шукргузорро дӯст медорад...

Қосимоғо маро писари дуюми худ медонист ва мегуфт, ки ман рӯи Меҳдӣ таъсири хуб мегузорам.

-Ин падарсӯхте таҳсилро балад набуд, на дафтар доштуу на худкор. Ҳоло дарс михуне, машқи шаб анҷом миде, ҳисобу китобро балад шуде. Худо туро ҳефз кунад, писар.

Намедонам таъсири ман рӯи Меҳдӣ чигуна буд, аммо ӯ рӯи ману аъсоби ман таъсири баде мегузошт. Гӯширо ба ман медоду мегуфт ба Қосимоғо дурӯғ бигӯям, ки мо дар китобхонаем, дар ҳоле, ки мо савори мошин ба беруни шаҳр мерафтем, ё дар канори баҳр будему оббозӣ мекардем. Меҳдӣ

ошиқи мошин буд, Қосимоғо хулқу хӯи писарашро медонист, ки ба ӯ мошин намедод ва ба гуфтаи Меҳдӣ «сивичи мошин»-ро мисли тумор дар гарданаш мегардонд. Меҳдӣ ишқи ронандагиро дар мошини ман, беҳтар аст бигӯям, дар мошини шики Марта, мешикаст. Мошинро барои ним соат мегирифту ба дидори кадом духтаре мерафт ва маро тамоми рӯз дар соҳил мунтазир мекард. Баъд аз дур ахмҳои гирифтаамро медиду дастҳояшро мисли бол мекушод. «Додош, як моч бидеҳ»! мегуфту маро ба зӯр ба оғӯш мекашид, қилқилак мекарду қаҳрамро фурӯ менишонд. Танзпардоз буд ва тавре латифа нақл мекард, ки ман аз ханда ғел мезадам.

Гоҳо, фикр мекунам, агар Меҳдӣ намебуд, шояд аз он чӣ дар хонаи Марта кашидам, девона мешудам.

Марта ногаҳон мутаваҷҷеҳи ҳузури ман шуд, ки, эй кош, намешуд!

Рӯзе аз мактаб бармегаштам, ки шабаҳи ӯро пушти панҷара дидам, гоҳ пайдо ва гоҳ пушти парда нопадид мешуд, мисли одаме, ки ҷосусӣ мекунад. Дари хонаро боз кардаму Мартаро дар такяи нардаҳои ошёнаи дуюм дидам, ки шоли нафисе рӯи шонаҳояш бо ишва лабханд мезад.

-Олаф, ишқи ман, чаро имрӯз дер омадӣ? Медонӣ, ки таҳаммули дурии туро надорам...

Дар остонаи дар ҳайкали ях шудам ва наметавонистам аз ҷой такон бихӯрам. Садои Богуслава, ки чун ҳамеша дар ошпазхона мусиқии такрориашро замзама мекард, якбора қатъ шуд. Марта аз паллаҳо оромона ба истиқболи ман меомад ва раҳ ба раҳ мӯйҳои камшуморашро тавре ба сомон меовард, ки ингор на «чаҳор тор пашм», балки ҳалқа-ҳалқа гесу дошт. Ӯ дастҳои лоғарашро даври гарданам ҳалқа карду лабҳояшро ба лабҳои аз изтироб хушкшудаи ман часпонд. Бӯи шири турш ба машомам расид. Бо гӯшаи чашм Богуславаро дидам, ки корди бузурге дар даст, бо даҳони боз ва чашмони аз тааҷҷуб бузургшуда ин саҳнаи ҳайратоварро тамошо мекард. Марта ниҳоят лабҳояшро аз лабони

ман бардошту бо чашмони пур аз ишқу алоқа ба ман нигоҳ кард ва ҳамзамон ба Богуслава амр дод, ки мизеро бо шамъу шароб барои мо омода кунад.

-Олаф, ишқам, бирав душ бигир, бо ҳам шоми афсонавие хоҳем дошт.

Ба маҳзи аз зинаҳо боло шудани Марта ба ошпазхона давидам. Богуслава гӯш ба карӣ зада буду гӯшт пора мекард. Гӯиё маро намедид. Бо изтироб бозуяшро такон додам.

-Явош, ҷавон, наздик буд ангуштамро қатъ кунӣ!

-Богуслава, бигӯ ман чӣ кор кунам?

-Чаро аз ман мепурсӣ? Ман чӣ медонам! Ба духтараш бигӯ, ки бо баҳонаи «модарам аз ман мутанаффир аст», масъулияти ин девонаро бар дӯши мо гузошту рафт!

-Ин ҳарфҳо ба ман кумак намекунанд, ба раҳнамоӣ ниёз дорам, ки чӣ гуна бо Марта бархӯрд кунам?

Богуслава мисли қассобҳои ҳирфаӣ кордро дар тахтаи чӯбин фурӯ карду ду даст зери бағал рӯ ба ман овард. Шояд дар ин хона то ҳол касе аз ӯ машварату раҳнамоӣ нахоста буд, ки чеҳрааш тобиши оқилона гирифт ва лаҳзае сукут кард.

-Писар, ман намедонам ту бо инҳо чӣ додугирифте дорӣ, ки ба ин андоза мадюнашон шудаӣ, аммо агар аз ман бипурсӣ, мегӯям, агар ду пой дорӣ, ду пойи дигар қарз бигиру аз ин хона бигрез. Ин девона ҳоло-ҳолоҳо мурданӣ нест ва пеш аз он, ки бимирад, чандин одами солимро ба он дунё мефиристад.

Ӯ ногаҳон хомӯш шуд ва бо нигоҳ ба дари вурудӣ ишора кард. Пандора - парастори Марта озими рафтан буду дар остонаи дар кафшҳояшро иваз мекард.

Ба думболи Пандора ба ҳавлӣ баромадам. Маро диду бозистод.

-Ба ман коре доред?

-Марта дучори таваҳҳум шудааст, маро ҳамсари худ мепиндорад, намедонам чӣ кор кунам... Шумо духтур ҳастед, беҳтар медонед, дар ин чунин ҳолатҳо чӣ кор бояд кард.

Пандора як зани ҳудудан чиҳилсолаи юнонитабори хушандом буд, ки бо чашмони сиёҳи бодомшакл, абрӯвони камонӣ ва ҳайкале, ки ҷаззобияти ҷавониро ҳифз карда буд, бештар занҳои турку эрониро ба ёд меовард.

Ӯ бо тараҳҳум ба ман нигоҳ кард.

-Охир, чаро ин масъулияти сангинро бар дӯш гирифтӣ? Ту барои муроқибат аз беморе мисли Марта хеле ҷавонӣ, ӯ туро мешиканад. Марта ҳоло ба мароҳили вахимтари ин маризӣ нарасидааст, ҳаюлое мешавад, вой бар ҳоли онҳое, ки дар он марҳила дар бараш бошанд. Марта...

Пандора ҳанӯз ҳарфашро ба итмом нарасонида буд, ки шишаи сангине аз рӯи сари мо парид ва як қадам дуртар ба замин бархӯрду шикаст. Фазо пур аз бӯи шароби қирмиз шуд. Сар бардоштаму Мартаро дидам, ки чиррос мезад ва ҳар чизи ба дасташ уфтодаро аз панҷара ба поён парт мекард.

Пандора ин саҳнаро диду осемасар ба сӯи мошинаш қадам бардошт ва раҳбараҳ узрхоҳӣ кард, ки наметавонад ба ман кумак кунад.

-Хеле маъзарат мехоҳам, бояд наваамро аз кӯдакистон бигирам. Ӯ номи мусаккини Мартаро дар расиди хариди бензин навишт ва панҷараи мошинро он қадр сареъ пӯшид, ки гӯиё метарсид ӯро аз гиребонаш берун мекашам.

Мустақим ба назди Богуслава рафтам. Аъсобаш аз ин сару садоҳо хароб буд ва мушакҳои сураташ аз қаҳр таранг мешуданд. Ҳарфе назад ва мо пасопеш аз паллаҳо баланд шудем.

Марта хонаро ба ҳам рехта буд. Ӯ бо пойи урён рӯи пораҳои шикастаи кӯзаи булурин роҳ мерафт ва ба думболи худ дар фарши норинҷӣ нақшҳои қирмиз мегузошт. Гӯиё дардеро эҳсос намекард. Дар тан либоси шаффофи хоб дошт ва бо тасвирҳои дурӯғине, ки дар мағзи маризаш буруз мекард, барои як шаби ошиқона омодагӣ мегирифт.

Богуслава бо танаффуре, ки неруяшро ҳатто ман эҳсос мекардам, гоҳ ба Марта нигоҳ мекард, гоҳ ба бесарусомо-

нии эҷодкардаи ӯ. Дар ғазаб буду ҳаш-ҳаш нафас мегирифт ва бораҳои васеъшудаи димоғаш, мисли димоғи маркаби дар ҳоли дав, бо ҳар нафас болову поён мешуд.

Ӯ бе ҳеҷ тардид Мартаро, ки тамоми умр шарикони рақсияш бо назокат ва мисли пари қу боло мебардоштанд, шабеҳи гунҷишк бардошту ба тундӣ рӯи тахти хоб партофт ва даст бардошту мехост силлие ба сураташ бизанад. Марта мисли санҷоб аз гӯшае ба гӯшае мепарид ва аз дасти болошудаи Богуслава чашм намеканд. Ҳар ҷо, ки мехазид, қатраҳои хун ба думболаш мерафтанд. Дасти баландшудаи Богуславаро дар ҳаво бардоштам.

-Ин корро накунед, ӯ бемор аст, охир!

Богуслава ба манзури «бало ба пасат!» бо ситеза ба сӯи ман даст афшонду аз ҳуҷра берун шуд, то ба тамизкор тамос бигирад. Ман мондаму Марта, ки зонувонашро бағал карда буду чеҳраи кӯдаки тарсидаро дошт. Мусакинро бе муқовимат бо як-ду ҷуръа об нӯшид. Ӯро рӯи даст ба хонаи хоби Мария бурдам, монанди пари қу сабук буд. Захмҳои пояшро бо доруи зидди уфунат дармон кардам. Ором шуда буд ва ҳар дам бо тааҷҷуб мепурсид, ки «ту кӣ ҳастӣ»? Чашмони аз хастагӣ нимабозаш маро ба ёди модари маризам меандохт, ки дар моҳи ахири зиндагиаш гоҳ бо худ буду гоҳ бе худ, гоҳ моро мешинохт ва гоҳе аз шикофи чашмҳои нимроғаш бо ҳайрат ба мо нигоҳ мекард. Ҳамон тавр, ки соатҳо сари аз дармони шимиёӣ каммӯйи модарамро навозиш мекардам, мӯйҳои камшумори Мартаро бо панҷаҳоям шона мезадам ва рухсораҳои фурӯрафтаашро навозиш мекардам. Ашк дар чашмонам ҳалқа мезад ва аз косаи лабрези дидагонам ба пероҳани шаффофи Марта мечакид. Дергоҳ барои модарам ва хоҳарони танҳоям нагириста будам, музтариву муҳтоҷии Марта аламҳоямро тоза мекарданд. Зиндагӣ на танҳо бо инсонҳои содае мисли ман, балки ба ситораҳои бузурге мисли Марта, ки замоне бути озарии миллионҳо буд, раҳм намекардаст. Ниҳоят хобаш бурд. Хоб ӯро ба куҷоҳое мебурд,

ки гоҳ хушҳолона лабханд мезад ва гоҳ пешонӣ чин мекард, дуруст мисли бачаҳои навзод. Модаркалонам мегуфт, «ин фариштаҳоянд, ки бо кӯдакони навзод шӯхӣ мекунанд. Вақте мегӯянд модарат рафт, модарат нест, кӯдак гиря мекунад, вақте мегӯянд, шӯхӣ кардем, модарат ин ҷост, бача дубора механдад». Марта ҳам дошт табдил ба як кӯдак мешуд.

Саҳар дар долон бо Пандора рӯ ба рӯ шудам, ӯ аз ҳуҷраи Марта берун меомад. Хиҷолатзада менамуд, хоҳиш кард, ки дар бораи ҳодисаи рӯзи гузашта ба Мария чизе нагӯям.

-Духтари ман маъюб аст... фарзанди ягонаашро ба танҳоӣ бузург мекунад, агар ин ҷойи корро аз даст бидиҳам, пули иҷораи хонаро дода наметавонем, дар кӯча мемонем. Лутфан...

Хостам аз Марта хабар бигирам ва ангушт ба дар задам.

-Бифармоед...

Марта пушт ба дар ба дастонаш крем мемолид, аз ҳолати дирӯза дар ӯ осоре намонда буд. Гӯиё дар пушти сараш чашм дошт, ки медонист кӣ ба хона ворид шудаст.

-Чӣ ҳол дорӣ, ҷавони зебо, зиндагиат дар хонаи ман хуш мегузарад?

-Хубам, ташаккур. Шодам, ки Шумо имрӯз сариҳол ҳастед.

-Оре, имрӯз хубам...

-Пас... ман рафтам, дарсҳоям баъди соате шуруъ мешаванд.

Пой аз ҳуҷраи ӯ берун гузоштам, ки дубора садояшро шунидам, оҳанги гуфтораш фарқ мекард.

-Иштибоҳ мекунӣ, агар фикр кунӣ, ки ман ҳодисаи шаби гузаштаро фаромӯш кардам. Ман ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ чизро фаромӯш намекунам.

Бо он, ки шаби гузашта ӯро аз силии Богуслава наҷот додам ва бо ӯ меҳрубон будам, пуштам аз оҳанги таҳдидомезаш арақ кард. Аз ин бармеояд, ки на ҳамаи чинҳои мағзи ӯ ҳамвор шудаанд ва ҳоло ҳам баъзе ҳодисаҳоро ёддошт мекунад.

Рӯзҳои баъдӣ ҳоли Марта ба таври шигифтангез хуб шуд ва ӯ ба он пиразани афсурдае, ки рӯзи аввал дида будам, шабоҳат надошт. Рӯзе ороишгар даъват карду худро оро дод ва шолу кулоҳ карду савори мошин куҷое рафт. Метарсидем, ки ба далели заволи ақл роҳи хонаро намеёбад, вале ӯ беосеб баргашт, хушҳол буд, рафтори боназокат дошт ва як дарза пулро аз кифаш берун оварду ба ҷайби Богуслава ва Пандора андохт. Чун навбат ба ман расид, лабханди мармузе заду пулҳои боқимондаро гашта ба кифаш гузошт.

Богуслава бо оринҷ оҳиста ба паҳлуи Пандора «нихта» зад ва бо ишораи сар паллаҳоро нишон дод, ки Марта аз онҳо хушҳолона баланд мешуд.

-Мисле, ки ақлаш ба ҷояш баргаштаст, хидматгорро аз меҳмон фарқ мекунад...

-Ҷойи хушбинӣ надорад, ин танҳо як беҳбудии муваққатӣ аст...

Пандора дуруст мегуфт, ин охирин боре буд, ки мо Мартаро дар қолаби як инсони дорои ақли солим медидем. Рӯзи дигар Мария омад ва хеле моро бозпурсӣ кард, ки медонем модараш бо кӣ мулоқот дошт. Гуфтем хабар надорем. Ӯ ба ошёнаи дувум рафту баъди лаҳзае фиғони Марта баланд шуд. Мария бо ҷаъбаҳои гаронқиммат, бастаҳои пул ва дусе пӯша, ки дар онҳо маъмулан санад нигаҳ медоранд, аз зинаҳо ба поён давид ва раҳбараҳ фарёд зад, ки дарро ба думболаш бубандем.

-Ҳм... ҳатто дар ҳамин шароит ба алмосҳои модараш фикр мекунад, - ғур-ғур кард Богуслава ва Мартаро мисли арӯсак сари китф бардошту ба хонаи хобаш бурд, то Пандора ба ӯ мусакин бизанад.

Марта хотираи кӯтоҳашро тадриҷан гум мекард, аммо зиндагии сӣ-чиҳил соли пеш, дуруст замони авҷи маъруфияташ ҳамчун «прима-балерина» ва замонеро, ки маҷнуни падари София буд, бо хурдтарин ҷузъиёт дар ёд дошт. Богуслава мегуфт, дар тамоми умраш касеро ба андозаи Мар-

та бадрашку ҳасуд надидааст. «Шабе, ки Олаф намеомад, ӯ девона мешуд, бо сару пойи бараҳна ба мошин менишасту ба хонаи Олаф мерафт ва он марди бечораро аз ҷогаҳи ҳамсараш берун меовард, он қадр аз ин бебандубориҳо кард, ки Лайна ба ҷон расиду Олафро талоқ дод».

Марта акнун бо хотираи чиҳил соли пеш зиндагӣ мекард ва ман «марди орзуҳояш» будам. Гоҳо маро «Олаф, ишқам» мегуфту дастҳояшро даври гарданам ҳалқа мекард ва гоҳо дер ба хона бармегаштаму ӯ девона мешуд ва сангу сафолро ба сарам мезад. Захмҳое аз зарбаҳои Марта дар пешонӣ ва сарам боқӣ монд, ки ман онҳоро зери мӯйҳои баланд пинҳон мекунам.

Хулоса, бо Марта рӯзгори нооромe доштем ва ҳамеша гӯш ба овоз будем, ки ё хонаро оташ мезанад, ё худро аз панҷара берун меафканад.

Гоҳ дар дили шаб ногаҳон меомаду шабеҳи гурба ба бағалам мепарид, даст ба дохили шалворам мекарду намегузошт ҳатто барои қазои ҳоҷат аз ҷой баланд шавам. Гоҳ бо ман қаҳрӣ мешуд ва аксҳои муштаракаш бо Олафро пора мекард. Саъй мекардам шабҳо дари ҳуҷраамро бубандам, аммо ӯ то субҳ пушти дар меистод ва фарёд мезад: «Олаф, медонам, он ҷодугари Лайна бо ту аст, дарро боз кун, вагарна хонаро оташ мезанам»!

Зиндагиам дар хонаи Марта шабеҳи «реалити-шоу», ё намоиши воқеии телевизионӣ буд, ҳамон намоишҳое, ки модели рафтори инсонро дар шароити хос имтиҳон мекунанд. Ҳама дар он хона, ба ҷуз ман, тамошобин буданд, гоҳо медидам, ки байни ҳам шӯхӣ мекунанду ба ҳоли ман механданд.

Ташаннуҷи ногаҳонӣ ва фарёдҳои гӯшхароши Марта бар равони ман таъсири амиқ мегузошт, асабонӣ будаму хобу иштиҳоро гум мекардам.

Шабҳо мисли наҳанг тоб мехӯрдаму хобам намебурд. Субҳи зуд, замоне, ки чашмони аз бехобӣ варамкарда-

ам акнун баста мешуд, хона аз садои баланди мусиқии Чайковский ва Адолф Адан меларзид. Марта бо домани парпарӣ ва кафшҳои шоҳӣ, шабеҳи санҷоқ дар имтидоди роҳравҳо ҷастухез мекард ва худро дар толорҳои теотрҳои бузурги дунё медид. Маҳоратеро, ки тамоми умр ҷамъ карда буд, тадриҷан фаромӯш мекард ва бо ҳаракатҳои берабту беназм як раққосаи ҳаваскорро мемонд. Гоҳе соатҳо наметавонист банди кафшҳои шоҳияшро бубандад, баъд худро ба замин мепартофт ва мисли бачаҳо пой такон медоду гиря мекард.

Гоҳе ба либосҳои рақсияш хира мешуду онҳоро намешинохт ва ҷиғ мезад: «Кӣ ин ҷандаҳоро ба тани ман пӯшонд»! Дертар ақлаш то андозае хира шуд, ки бехабар дар шалвораш шош мекард...

Мария ҳар ҳафта меомад, аммо намехост бо модараш мулоқот кунад. На ин ки намехост, мехост, аммо метарсид, ки Марта ӯро мебинаду дубора дучори ташаннуҷ мешавад. Намедонам, шояд иштибоҳ кунам, аммо аз мароҳили маризии Марта бардоштам ин буд, ки беморони монанди ӯ як нафарро барои парастиш ва дигареро ба унвони душмани қасамхӯрда интихоб мекунанд. Ба аввалӣ мисли шуллук мечаспанд ва сояи дигареро аз девор метарошанд. Мария эҳтимол азоби виҷдон дошт, ки наметавонад аз модараш муроқибат кунад. Аз ман розӣ буд, гоҳе маро барои як финҷон қаҳва берун мебурд ва соатҳо худро «сафед» мекард. Дилам ба ҳолаш месӯхт.

Ду соли умрам, ки мисли баробар ба сад сол буд, бо ҳамин девонагиҳо гузашт. Ман ҳатто иваз шудани фаслҳои солро эҳсос накардам ва ҳатто бехабар мондам, ки чӣ тавр нуздаҳсола шудам! Дигар на ба сарпарасте ниёз доштам, на ба муттакое. Бо пуле, ки Мария ду сол ба ҳисоби бонкиам рехт ва кумаке, ки аз давлат мегирифтам, метавонистам як зиндагии тозае оғоз кунам ва ҷойе биравам, ки дилам ме-

хоҳад. Аммо наметавонистам. Бо ҳама девонагиҳои Марта, ки рӯзгорамро сиёҳ мекард, намехостам касе аз рӯи хусумат ё асабоният ӯро кутак бизанад. Ман дар симои ӯ модари маризамро медидам.

Саранҷом гувоҳиномаи давраи дусолаи омӯзиши тиҷорат ва мудириятро ҳам гирифтам ва дар ҷустуҷӯи кор будам, ки Мария бароям дар бахши ҳисобдории як корхонаи қаннодӣ кор пайдо кард. Намехостам аз Меҳдӣ ҷудо шавам ва аз Мария пурсидам, ки оё ҷойи дигаре ҳам ҳаст, ки як дӯстам бо ман якҷо кор кунад. Гуфт мушкиле нест, санадҳояшро биёр. Бечора Мария он қадр мадюни ман буд, ки ҳар кореро мехостам, бидуни чуну чаро иҷро мекард.

Аммо вақте фаҳмидам, ки ин корхонаи маъруфи қаннодӣ бо фурӯшгоҳҳое дар ҳар гӯшаи Финлонд мутааллиқ ба Марта аст, шигифтзада шудам. Инро Богуслава ба ман гуфт, ки тамоми асрори ин хонадонро медонист. Ӯ ба хушҳолии ман аз кори ҷадидам писханд зад.

-Хеле содалавҳ ҳастӣ, писар... Мария зinduced заранг аст, дуруст мисли модараш, коргари беминнату камхарҷ мехоҳад, то дар он ҷо бароят «чашму гӯш» бошад ва пули зиёд ҳам напурсад. Кӣ беҳтар аз ту, ки ду сол аз модари девонааш муроқибат кардӣ ва ҳоло, ки Марта пой бар лаби гӯр мегузорад, Мария бароят рисолати дигар пайдо кардааст.

Ба ҳарфи ин зани укдай, ки даруни торикаш буғзу нафрати чиҳилсола дорад, бовар накардам, ман Марияро беҳтар аз ӯ мешинохтам.

Вазъияти Марта рӯз ба рӯз вахимтар мешуд. Олзаймер ӯро бо охирин пораҳои хотирааш фурӯ мебурду ғаризаҳои зотиашро аз мағзаш пок мекард. Дар дунёи хаёлӣ мезист, таваҳҳум дошту ҳазён мегуфт ва наметавонист бидуни кумак аз ҷой баланд шавад. Гоҳе мисли тифл дастҳои ларзонашро оҳиста баланд мекарду ба панҷаҳояш хира мешуд ва тааҷҷуб мекард, ки инҳо чӣ бошанд? Кӯдаке шуда буд, бо ин тафовут, ки соати умри ӯ ба ақиб мерафт ва аз ақлу шахсия-

таш чизе боқӣ намемонд. Дигар барои пархош неру надошт. Аз тамоми афроде, ки дар тули зиндагиаш бо ӯ буданд, танҳо Олафро фаромӯш накард ва дар ҳазёнҳояш номи ӯро ба забон меовард. Марта дигар касеро намешинохт.

Мария барои машварат муъруфтарин духтури асабшиносро овард. Намедонам чаро духтур овард, вақте ҳатто Богуслава, як одами бе дипломи дуктурӣ, медонист, ки аз умри Марта чизе боқӣ намондааст. Намехостам бадгумонӣ кунам, аммо ба назарам менамуд, ки Мария беш аз дигарон ба марги модараш манфиатдор аст. Хаста шуда буд аз вазъияте, ки ба руҳу равонаш ва кору фаъолияташ таъсир мегузошт. Хулосаи профессори асабшиносро нашунидем, аммо Мария ҳамон бегоҳ бо ҷомадони либосҳояш ба хонаи модараш кӯчид.

Марта пас аз як ҳафта мурд, дуруст замоне, ки дигар на об аз гулуяш мегузашт ва на обе аз ӯ хориҷ мешуд. Шабона дар хоб даргузашт. Пандора саҳар Марияро бедор карду хабари марги Мартаро ба ӯ расонд. На касе фиғон кашид ва на касе ғаш кард. Мария ҷасади модарашро бо аҷала ба сардхона интиқол доду пас аз соате пероҳани сиёҳ дар тан хабари марги ӯро дар зинаҳои хона ба матбуот эълон кард. Он қадар рӯзноманигор рехт, ки роҳи убуру мурур баста шуд. Дар канори паллаҳо портрети думетрии Марта бо либосҳои рақсӣ дар ҳоли таъзими амиқ, насб шуд ва хабарнигорон ин акси нодирро аз ҳар зовия аксбардорӣ мекарданд. Баъди лаҳзае дунё бо ҳамин акс, ки ингор охирин эҳтироми Марта ба ҳаводоронаш буд, аз марги «прима балерина» бохабар шуд ва мавҷи таъзияҳо, аз раиси ҷумҳур то вазиру кабир, мустанадҳо ва аксҳои нодири Марта телевизиону интернетро пур кард. Ҷанозаи бошукӯҳе дошт Марта, ҳазорон нафар ба кӯчаҳои пойтахт рехта, ҷанозаи ӯро бо адои эҳтиром кафкӯбон ба роҳи охират гусел карданд. Мария саъй мекард рафтани модарашро мисли парвози як парвона зебову латиф ҷилва диҳад. Ӯ дар телевизион мегуфт, ки мода-

раш то охири умр балетҳои дӯстдоштаашро тамошо мекард ва зери навои «Нозанини хуфта» аз дунё даргузашт. Аммо ҳеҷ кас намедонист, ки пушти деворҳои ин виллои муҷаллал тайи ду соли гузашта зане бо номи Марта зиндагӣ мекард, ки на танҳо балети «Кӯли қувон», балки номи худро фаромӯш карда буд. Инро ман медонистаму Пандора ва Богуслава... ки акнун бояд виллоро тарк мекардем ва аз пайи кору зиндагии ҷадид мешудем.

Қосимоғо аз ин хушҳол буд, ки барои Меҳдӣ дар корхонаи қаннодӣ кор ёфтам ва вақте фаҳмид, ки хонаи иҷора меҷӯям, утоқеро дар манзили худаш пешниҳод кард.

-Маге ҷойе беҳтар аз хонаи мо пайдо мише? Ин ҷо туро ҳама медонанду дӯст медоранд.

Розӣ нашудам, баъди зиндагии пур аз фишор дар хонаи Марта ман ба оромиш ниёз доштам. Мехостам гӯшае дошта бошам танҳо мутааллиқ ба худам, ки ҳар вақт бихоҳам аз хоб баланд шавам ва агар нахоҳам тамоми рӯз дар тахти хоб ғел бизанам.

Ҷомадонҳоямро бастаму хостам бо Мария худоҳофизӣ кунам. Ӯро бо як соғари шароб дар ошпазхона ёфтам. Як рӯз пеш Пандора ва Богуславро ихроҷ карда буду акнун дар ин виллои бузург танҳо мезист. Намедонам, гуфтам ё не, Мария ду дафъа издивоҷ карда буд, аммо фарзанд надошт, эҳтимол худаш намехост, ба далеле, ки корашро беш аз ҳар бачае бештар дӯст медошт. Ошпазхонаи бузург бе садои таронаҳои такрории Богуслава мисли гӯристон сокит буд. Мария як ҷуръа менӯшиду ангуштро даври соғар мечархонд, гӯиё мехост хомӯшии ин виллои бузургро бо садои нозуки булур бишканад. Шабеҳи одаме буд, ки ба маҳзи расидан ба ҳадафи барояшон бисёр муҳим, ногаҳон эҳсоси пучӣ мекунад. Маро диду бечораҳолона лабханд зад.

-Марта ҳам рафт... Хаёл мекардам, дромаи Марта ва мушкилоти ношӣ аз маризии ӯ ҳеҷ гоҳ тамом намешавад. Аммо ҳама чиз дар ин дунё дер ё зуд тамом мешудаст.

Ӯ дар соғари дигар барои ман шароб рехт ва бо алоқамандии як хоҳар ба чашмонам нигоҳ кард.

Эҳсос мешуд, ки ширакайф аст ва майл ба ошкоргӯӣ дорад.

-Ман Мартаро дӯст медоштам... Бовар кун. Бо вуҷуди табиати ғайри қобили таҳаммулаш бароям бисёр азиз буд. Ҷояш дар зиндагиам холӣ шуд...

-Мария, ман бо шинохте, ки аз ту дорам, ҳеҷ гоҳ ба муҳаббату вафодориат ба Марта машкук набудам. Ту барои реҳлати ороми ӯ ба он дунёи ҷовидон ҳар кори аз дастат омадаро анҷом додӣ, Марта аз ту розӣ аст, ман инро медонам.

Мария аз ҷой бархосту маро хоҳарвор бағал кард.

-Инсони беназиру хушқалбе ҳастӣ, Фарҳод... Боре як кори кучакро бароят анҷом додам, воқеан коре душвор набуд, бо нӯги худкор ҳал мешуд. Аммо ту сад баробари онро ба ман баргардондӣ ва маро барои якумр мадюни худ кардӣ.

Барои Марта ту беҳтарин ҷоиза будӣ, аз ҳама волотару болотар. Марта аз ин дунё бо ин тасаввур рафт, ки гӯиё бори дигар бо Олаф зиндагӣ кард.

-Ту инро аз куҷо медонӣ?

Мария лабханд зад.

-Фаромӯш мекунӣ, ки ман як ҳуқуқдони ҳирфаиям, худам ин ҷо набудам, аммо Марта аз мадди назарам дур набуд. Ӯ саҳифаи телефонашро боз кард, ҳар хона ва ҳар гӯшаи вилло таҳти назари дурбин қарор дошт.

-Мария... ман эҳтимол дар манотиқи наздик ба ҷойи кор ягон опортмон иҷора мекунам. Хостам бигӯям, ки дар куҷое бошам, шумо хонаводаи ман ҳастед ва ҳамеша метавонед рӯи ман ҳисоб кунед.

Зиёд думболи хонаи иҷора нагаштам, аввалин опортмони панҷарааш ба баҳр наздикро интихоб кардам. Дар фосилаи ду истгоҳ аз ҷойи корам ҷойгир буд. Ба мошин ниёз надоштам, аммо Меҳдӣ, ки аз рӯзи аввал бархе аз васоили

худро ба хонаи ман овард, ташвиқ мекард, ки мошин бигирам ва ба сайри фаротар аз пайтахт биравем. Як Nissan Qashaqai - дасти дуро, ки даҳ сол умр дошт, аз як пирамарди қавоқӣ харидем. Аз суръату сифати мошин суол кардем, нороҳат шуду аз мо рӯй гардонд. Мисле ки дудила буду наметавонист аз молаш дил биканад. Меҳдӣ бо оринҷ зери бағалам нихта зад, ки пеш гузарам.

-Вел кун, бобо, ин пиракӣ мошинфурӯш нест!

Аммо ҳанӯз аз ҷой такон нахӯрда будем, ки пирамард назарашро иваз кард.

-Бигиред, мошин моли шумо!

Ӯ бори охир оинаи мошинашро навозиш карду калидро ба Меҳдӣ дод. Ҳисси аҷибе доштам, билохира ин аввалин мошини ман буд, ки аз баракати Меҳдӣ ҳеҷ гоҳ мошини ман нашуд!

-Нукаратам, додош, шумо фақат амр кун, ҳар ҷо дилат биход, мисле бод мирасонамат.

Хуллас, баъди афсурдагиҳои ду соли ахир рӯзгоре оғоз мекардам ширину пурмуҳтаво. Дар маҳалли кор низ талаботи ширкат ва масъулияти худро осон аз бар кардам. Раҳбари ман як зани меҳрубон ва боназокате буд, як ҳафта маро тамрин доду гуфт, ки боқиро дар ҷараёни кор меомӯзӣ. Бечора Меҳдӣ ба дасти як солманди хӯрдагир афтода буд, ки ҳисобу китобашро борҳо мегардонд ва маҷбур мекард, гузоришро дубора нависад.

-Пиракӣ зиёд рӯи мухи ман роҳ меравад, аге тарс аз Қосимоғо набуд, Худо шоҳид, бо ҳамин дастом хафаш мекардам!

Ман аз ханда метаркидам ва Меҳдӣ вонамуд мекард, ки нороҳат шудааст.

-Биханд, лабханд бизан, мартаки фурсатталаб, ба ту миган додош?

Охири ҳафта беҳтарин фурсати зиндагии мустақилонаи мо буд. Тамоми шаҳрҳои атрофро гаштем. Дар як моҳ

ду бор ба хонаи Аймо рафтем, бори аввал онҳоро ғофилгир ва шодикаф кардем ва бори дувум ба зодрӯзи Эли даъват шудем. Элиро бори охир ду сол пеш, замоне дида будам, ки ошиқи он ҷавони бонглодешӣ буд ва сараш дигар барои ман дард намекард. Худоё, он қадар лоғар ва ҷаззоб шуда буд, ки ҳатто ӯро нашинохтам! Мисли гузаштаҳо ба гарданам овезон нашуд, бо назокат аз суратам бӯсид. Ман Меҳдиро ба ӯ муаррифӣ кардам. Намедонам ишқ дар нигоҳи аввал буд, ё ин ду нафар девона буданд, ки дар ҳамон ду рӯзи меҳмонии мо, мисли гурбаҳои фарвардинӣ думдуми якдигар мегаштанд ва соатҳо дар мазраъа нопадид мешуданд. Вақте ба хона бармегаштем, Меҳдӣ гуфт, бо Эли издивоҷ мекунад. Ҳеҷ латифае хандадортар аз инро нашунида будам!

Баъдан иттифоқе уфтод, ки зиндагии маро ба куллӣ тағйир дод.

Як рӯз Мария бо ман дар тамос шуд ва барои як финҷон қаҳва ба тарабхонаи воқеъ дар ошёнаи аввали дафтари корӣ даъват кард.

Дар гӯшаи наздик ба панҷара Мария, Аймо ва Софияро дидам, ки бо чеҳраҳои ошуфта аз ҳам чашм намеканданд. Ман аз мулоқоти якҷоя бо ин се нафар хотираи хубе надоштам ва нигарон шудам, ки боз аз ман чӣ мехоҳанд.

Мисли гузаштаҳо маро ба оғӯш накашиданд, танҳо бо ҳам даст додем.

-Бишин, Фарҳод, - гуфт Мария. Ӯ сандалии худро ба Аймову София наздик бурд ва ишора кард, ки ман дар сандалии муқобил биншинам. Ҳайрон шудам.

Мария тоқати ҳошияравӣ ва муқаддимачинӣ надошт, ки рост ба чашмонам нигоҳ кард.

-Фарҳод, ту медонистӣ, ки Марта моликияташро ба номи ту навиштааст?

Аймо бо ахмҳои гирифта ба замин чашм дӯхта буд. Ду ҷуфт чашми дигар бо шубҳа ба ман нигоҳ мекарданд. Шок

шудам, хаёл кардам боми тарабхона бар сарам фурӯ рехт. Бо дидагони аз ҳайрат бузургшуда ба ду хоҳар, ки ингор маро бозҷӯӣ мекарданд, чашм дӯхтам. Дарунам аз хашм меҷӯшид ва ҳамон ҷасорати пинҳониям дубора сар баровард.

-Шумо маро кӣ хаёл кардед? Шояд ба далели ҷавонӣ хеле чизҳоро намефаҳмам, аммо як чизро хеле хуб ёд гирифтаам, ки хубиро бо хубӣ ҷуброн кунам. Мария, агар фикр мекунӣ, ки ман пушти сари ту бо Марта муомилоте доштам, иштибоҳ мекунӣ. Беҳтар аст, агар сабти дурбинҳоятро дубора бубинӣ.

-Нигарон набош, Фарҳод, мо ба ту эътимод дорем, фақат хостем бидонем аз ин мавзуъ хабар дорӣ? Аймо сандалиашро пеш кашиду дасташро рӯи шонаам гузошт, ҳамон тавр, ки рӯзи убури марз дасти пургӯшту гармашро рӯи шонаи ларзони ман гузошта буд.

- Марта мариз буд, ба чолиш кашидани васиятномаи ӯ барои Мария мушкил надорад, аммо Мария намехоҳад номи модараш ба ин шева вирди забонҳо шавад. София чун ҳамеша хоҳарашро тавҷеҳ мекард.

-Чӣ коре аз ман бармеояд? Ҳар чӣ бигӯед, иҷро мекунам, зарур бошад, дар додгоҳ шаҳодат медиҳам.

Мария хомӯш буд, ба ҷои ӯ София посух дод.

-Додгоҳе даркор нест, дар як варақ аз мерос ба фоидаи Мария даст бикашӣ ва дар идораи нотериалӣ муҳр гузорӣ, кофӣ аст.

Ӯ аз ҷаъбаи Мария коғазеро берун оварду бо худкор рӯи миз гузошт.

Он чиро, ки аз ман талаб мешуд, бо диктаи София навиштам.

-Поспуртам дар дафтар аст, агар аҷала надоред, метавонам биёрам.

Касе лаб нагушод.

-Зуд бармегардам...

Ба маҳзи ворид шудан ба осонсур, ларзаи шадиде вуҷудамро фаро гирифт, дилам беҳузур шуд ва наздик буд рӯи

фарши осонсор қай кунам. Худро базур то аввалин ташноб расондам ва наҳоре, ки хӯрда будам, аз даҳону димоғам берун омад. Хаёлам тамоми бино бӯи туршӣ гирифт. Танҳо тавонистам, ба Меҳдӣ занг бизанам, баъд аз ҳуш рафтам.

Дар бемористон ба худ омадам. Аз ягона панҷараи утоқ медидам, ки берун торик шудаст. Синаи урёнам бо электруд ва симҳои бешуморе ба дастгоҳи назорати қалб васл буд. Дастгоҳ «бип-бип» садо мебаровард ва корсети захими даври гарданам намегузошт ба чапу рост бичархам ва ман ба ҷуз панҷараи рӯ ба рӯ ҷойи дигарро намедидам. Аз бутрии тоқи қатрачакон моеи шаффофе коҳилона ба шарёнам мечакид. Аз ин ҳама дастгоҳу симу банду бор маълум мешуд, ки ташаннуҷи ҷиддиеро аз сар гузарондам.

Мегӯянд, дар як шабонарӯз 6200 андешаи мухталиф аз зеҳни одам мегузарад ва мағзи инсон монанди бастабанди фурӯшгоҳ онҳоро ба мавзуъҳо тақсим мекунад. Аммо он рӯз танҳо як андеша ҳазорҳо бор дар зеҳнам чарх мезаду чашмонамро пури об мекард, ки чӣ гуна Мария тавонист ба ман шакк кунад? Ба мане, ки ду сол бо баҳои равони зайифи худ аз модари девонаи ӯ муроқибат кардаму лаб ба шикоят накушодам. Мария зани боҳушест, медонист, ки Марта амдан ин васиятномаро тартиб дод, аммо намехост инро эътироф кунад...

-Додош... додош? Зиндаӣ?

Бо он ки пучу гиҷ будам, аз шунидани садои Меҳдӣ офтобе дар қалбам рӯшан шуд. Ҳеҷ гоҳ натавонистам Меҳдиро, ҳатто дар ҳолатҳое, ки ҳарфи муҳимме мезанад, ҷиддӣ бигирам. Нарангушти дасти ростамро ба тарафи садои ӯ баланд кардам.

-Худоро сад мартаба шукр! Э калаки номард, валлоҳ моро заҳракаф кардӣ! Бубин кӣ ба диданат омада: Қосимоғо, Заҳрохонум, Аймо, София, Мария, ҳатто Эли! Аз ҷой такон нахӯрдам, аз корсети даври гарданам миннатдор бу-

дам, ки маро аз дидани баъзе чеҳраҳои бароям нохушоянд наҷот медиҳад.

Як ҳафта дар бемористон будам, дар баданам ҷойе намонд, ки ташхис нашуда бошад, то ҳуҷайраҳои мағзу аъсобам таҳқиқу баррасӣ шуд. Табибони финлондӣ ҳам, мисли русҳо ба натиҷае расиданд, ки мушкили ман бештар равонӣ аст, то ҷисмонӣ, яъне ҳамон «ҳамалоти ваҳшату ҳарос».

Аймо аз сари болинам дур намешуд, борҳо ба ҷойи София ва Мария аз ман узр хост. Гуфт, ҳайф, ки онҳо маро то ҳол нашинохтанд.

Рӯзе, ки дар ташноб аз ҳуш рафтам, Мария, Аймо ва София чанде дар тарабхона мунтазирам буданд. Сипас дар ҷустуҷӯи ман ба дафтари корӣ рафтанд. Мутмаин буданд, ки ман фирор кардам ва дар телефон бо Меҳдӣ тунд ҳарф заданд. Танҳо дар беруни бино мутаваҷҷеҳ шуданд, ки омбуланс маро ба бемористон мебарад. Инҳоро Меҳдӣ бароям қисса кард ва бо муҳаббате, ки ба Эли дошт, гуфт «ин як суитафоҳуми кучак буд».

Аз бемористон хориҷ шудаму бо поспуртам ба дафтари Мария рафтам, то кореро, ки дар тарабхона оғоз карда будем, ба анҷом расонам.

Муншии Мария дар остонаи дар ба ман хабар дод, ки раҳбараш ҷаласаи муҳим дорад ва наметавонад аз утоқи корӣ берун шавад. Аз берун ба Мария паёмак задам ва гуфтам, ки дар назди бино мунтазираш мешавам. Зуд ҳозир шуд, дар фосилаи камтар аз 5 дақиқа.

Мария маро мисли ҳамеша хоҳарвор ба оғӯш гирифт. Аммо ман лаззатеро, ки қаблан аз оғӯши хоҳарвори ӯ мечашидам, дигар эҳсос накардам. Як чизи бисёр муҳим дар равобити мо хароб шуда буд ва мо ҳар ду инро дарк мекардем.

Вакили Мартаи худобиёмурз бори дигар васиятномаи ӯро дар ҳузури ману Мария ва нотариус қироат кард ва сабти видеоиро намоиш дод. Дар он навор Марта маро мерос-

бари тамоми амволи манқулу ғайрманқулаш эълон мекард ва мегуфт духтараш Мария аз мерос маҳрум аст. Дороиҳои Марта, бо шумули ҷавоҳироту ҳисобҳои бонкӣ ва корхонаи қаннодӣ, миллионҳо евро ҳисоб мешуд. Нотариус ду санадро рӯи миз гузошт ва ман бидуни ошноӣ бо муҳтавои онҳо дар паҳлуи номи Оскар Олаф имзо гузоштам. Гӯиё кӯҳе аз шонаҳоям поён шуд, оҳи сабук кашидаму аз ҷой бархостам.

-Бишинед, мо ҳанӯз тамом накардем,- гуфт нотариус.

Ӯ санадеро хонд, ки муҳтавояш афсонаро мемонд. Мария аз саҳми панҷоҳ дарсадии модараш дар корхонаи қаннодӣ, бист дарсадашро ба ман ҳадия мекард. Корхона моли Марта буд, ӯ чанд сол пеш панҷоҳ дарсади саҳмияҳояшро ҳамчун ҳадияи зодрӯз ба духтараш дод. Мария акнун бо ҳаштод дарсади саҳмияҳо молики аслии корхонае буд, ки фоидаи ҳангуфте дошт.

-Муборакат бошад, аз доштани шарики содиқе чун ту ифтихор мекунам!

Мария аз чеҳраи ман бӯсид. Дар ҳоле, ки дарунам аз ҳайрат меларзид, зоҳирамро он қадр ором нишон додам, ки ингор ҳар рӯз аз ширкатҳои бузург саҳмия ҳадия мегирам.

Агар бигӯям, ки аз ин ҳадия хушҳол набудам, дурӯғ аст. Дар ҳоли шок будам! Боварам намешуд, ки ин афсона метавонад ҳақиқат бошад.

Он шаб, ки ман бо сад доллари хоҳарам аз хона задам берун, кӣ медонист, ки Салоҳиддин маро ба қатор менишонаду ман дар зиндони Русия аз ҳафт дарвозаи ҷаҳаннам мегузарам, то саранҷом ба ин ҷо мерасам!

Сарнавишт чизи аҷиб будаст. Хаёл мекунӣ, ҳар иттифоқи хубе, ки меуфтад, хушбахтии тасодуфӣ аст, аммо ин тавр нест. Ҳеҷ чизе бе мӯқалами наққоши азал рух намедиҳад, вагарна ман куҷову Финлонд куҷо!

-Фардо ин хабарро дар ҳузури руасои воҳидҳои тавлидотӣ эълон мекунам.

Аз сиҳатии ман напурсид, бо он кӣ медонист буҳрони ҷиддиеро аз сар гузаронидам, ҳатто узрхоҳӣ ҳам накард.

Ҳушу ёдаш банди мероси модараш буд... Шояд изтиробе-ро, ки ӯ дар ин як ҳафта дошт, бадтар аз он чӣ буд, ки ман кашидам. Тасаввур кунед, агар ин ҳама доро́ӣ ё ҳатто ними онро аз даст медод!

-Медонам, он чӣ ту бо мероси Марта кардӣ, қимати бештар дорад, аммо бовар кун доштани саҳмияи бистдар-садӣ дар синни ту оғози хеле хуб аст. Шояд дар оянда бо ин сармоя ширкати худро бисозӣ, ман ҳамеша дар паҳлуят хоҳам буд, кумак хоҳам кард...

Аз мошини Мария дар назди хонаи Қосимоғо пиёда шудам.

Дар бораи ҳадияи Мария чизе нагуфтам, интизор шу-дам, ки суфраи наҳорро бардоранд. Вақте аҳли хонавода баъди қурмасабзии хушмаза финҷонҳои чойро бо пораҳои қанди сафед пеш кашиданл, ҳодисаро ба онҳо нақл кардам. Қосимоғо ба фикр фурӯ рафт, гӯиё намедонист чӣ бигӯяд. Заҳрохонум ва Марямхонум «мошоллоҳ» гуфтанду ба ни-шони таҳсин сар такон доданд. Танҳо Меҳдӣ аз хашм мушт ба девор мезаду хоки ҳафт пушти Марияро мебехт.

-Медонистам, ки ту як хинги худоӣ, аммо на ба ин ҳад! Миллиунҳо юро! Охир чаро ин ҳамаро ба Мария додӣ!? Ху-дои ман, дорам девона мешавам! Ҳадди ақалл барои нисфи мерос бо ӯ муомила мекардӣ!

-Ба ту чӣ, писар! Заҳрохонум, мебинӣ чӣ ҳаюлое аз суфраи ту буланд мише? - гуфт Қосимоғо, ки аз рафтори Меҳдӣ хушаш наомад.

-Чӣ тур ба ман чӣ!? Фарҳод додошаме, чаро бояд як зан сари додоши ман кулоҳ бизоре!

Дар хонадони Қосимоғо ҳарфи охирро Марямхонум мезад.

-Кори дурусте кардӣ, писар, Парвардгор аҷрашро ба ту бармегардонад. Бандаи мусалмон наметавонад чизеро беш аз он чӣ Худованд барояш ато кардааст, дошта бошад,

- гуфт Марямхонум ва ишора кард, ки дар паҳлуяш бинишинам.

-Мориё ҳам хонуми мунсифе будааст, вагарна метавонист ҳамаро бигирад, ба ту чизе надиҳад, эҳтиромашро ба ҷо биёр. Қадимиҳо мегуфтанд, ҷойе намак хӯрдӣ, намакдонро нашкан, дуруст ҳам мегуфтанд, поси намак воҷиб аст, писарам.

Агар то он замон аз Мария барои беэътимодиаш дилхӯр будам, баъди насиҳатҳои Марямхонум нармтар шудам. Бо вуҷуди суитафоҳуме, ки байни мо рух дод, ман зиндагиамро дар як кишвари обод ва муҳимтар аз ҳама озодиямро мадюни Мария будам. Агар ӯ намебуд, кӣ медонад сарнавиштам чӣ мешуд. Фардои он рӯз, вақте дар долони идора ба сӯям бағал кушод, самимона ва монади як додар ӯро ба оғӯш кашидам.

Ду соли тамом тул кашид, то Мария маро ба умури соҳибкорӣ ва мудирияти тиҷорат дар бозори қаннодӣ ворид кард. Ҳамзамон давраи омӯзишии назди Донишгоҳи олии иқтисодиро хатм кардам. Сохтори кор дар корхонаи қаннодӣ, бо анвои мухталифи маҳсулот, дақиқу бо назм буд ва ниёз ба назорати доимӣ надошт. Ин буд, ки Мария тадриҷан ба кори вакилиаш баргашт ва бахше аз масъулиятҳояшро бар дӯши ман гузошт. Ҳамон тавр, ки Богуслава мегуфт, ман акнун дар ин корхона «чашму гӯш»-и Мария будам.

## ХОҲАРАКОНИ МАН, КУҶОЕД?

Аввалин хонаамро пас аз се соли кор дар ширкат харидам ва аз рӯи салиқаи худам оро додам. Ҳама чиз доштам: мошин, хона, ҳисобҳои бонкӣ, пулу саҳом. Аммо хушбахт набудам, як гӯшаи дилам ҳамеша хиҷил буд.

Гоҳе дар балкони барҳавои рӯ ба халиҷи Фин менишастаму орзу мекардам, ки эй кош хоҳаронам бо ман буданд, бо ҳам шом мехӯрдем, қиссаҳои кӯдакиро ёд меовардем ва савори кишти ба сайри ҷаҳон мерафтем. Марямхонум боре

шикоят аз пирӣ кард ва гуфт, «вақт барои ҷавонҳо мутаваққиф мешавад, ингор дар оғози як роҳи беохир қарор дорӣ. Аммо дар пирӣ рӯзҳо дар фурсати як мижа задан мегузаранд».

Пир набудам, аммо солҳои умри ман низ бо шитоб мегузаштанд, гӯиё ҳар субҳ аз тақвими деворӣ на рӯз, балки солеро хат мекашидам.

Агар аз ман мепурсед, ки дар тули ин солҳо аз хоҳаронам ёд мекардам, мегӯям, рӯзе набуд, ки ба онҳо фикр накунам. Ман ҳеҷ гоҳ онҳоро аз ёд набурдам. Аммо бо гузашта ҳар сол тарсу хиҷолатам аз мулоқот бо онҳо бузург мешуд ва ман барномаи бозгаштро аз сол ба соли дигар мегузоштам. Дуруст мисли як марди тоҷик, ки 25 сол дар Русия гуму гӯр буд ва рӯзе ёди зану фарзанд кард. Аз ӯ пурсиданд, ки «чаро ин ҳама сол ба назди хонаводаат барнагаштӣ», гуфт «баргашта нашуд». Ҳама ба ҳолаш хандиданд. Ман ӯро дарк мекунам. Баъзе ҳолатҳоро наметавон тавзеҳ дод, ҳатто барои худат. Шояд инро ба хотире мегӯям, ки виҷдонамро ором кунам. Аммо зеҳнам мегӯяд, чӣ баҳонаи содалавҳонае, «дил бисӯзад, аз чашми кӯр ҳам об меравад»!

Тобистон тӯи Эли ва Меҳдӣ баргузор шуд. Меҳдӣ қадам ба 25 гузошт. Эли аз ӯ шаш сол бузург буд, вале зоҳиран ҳамсол менамуданд. Ба унвони хеши Мария, мавқеи Меҳдӣ дар ширкат якбора боло рафту дастёри мудири аршади бахши бозаргонӣ шуд. Эли ҳам аз Олмон бо дипломи ҷарроҳ баргашт ва акнун ҳар ду барои як хонаи пур аз бача барнома мерехтанд. Мария тӯйи хоҳарзодаашро дар як киштии бузург баргузор кард, ки саропо гулу гулкорӣ буд ва меҳмонро дастафшону покӯбон аз бандари Ҳелсинки то соҳилҳои Балтик мебурд. Ҳатто Марямхонум ҳам дар он киштӣ буд ва гоҳе дасти маро навозиш мекарду мегуфт: «Худованд туро аз ун вари дунё ба ин вари дунё овард, то ба зиндагии наваи ман сомон бидиҳӣ».

Барои Меҳдӣ хушҳол будам, ки бо хонаводаи хубе аҳди хешӣ баст. Хеле роҳат ва осон.

Рӯзи тӯй пинҳонӣ аз Қосимоғо шароб нӯшиду маро ба як гӯшаи киштӣ бурд.

-Фарҳод, додош, михом азат чизе бипурсам... аммо қувл бидеҳ, нороҳат нашӣ...

-Қавл медиҳам...

- Солҳост туро мешиносам, аммо гоҳи авқот эҳсос мекунам, ки на ҳама чиро дар мавриди ту медонам. Бо ҳам даҳҳо клубу консерт ва ними дунёро гаштем, аммо боре надидам, ки аз духтаре хушат биёяд. Додош... агар ту аз уное ҳастӣ, ки дар гӯши росташон гӯшвора доранд, ба ман бигӯ, воллоҳ додошами.. туро ҳамон гуна, ки ҳастӣ мепазирам...

-Чӣ дорӣ мегӣ девона!? Кадом гӯшвор?

-Ҳамоне, ки баъзе мардҳо ба гӯш меовезанд...

Хеле хандидам. Ба Меҳдӣ гуфтам, ки барои итминони хотираш фардо дар гӯши чапам гӯшвор мезанам.

Кӣ медонад, эҳтимол ҳамаи ёру ошноҳо, хонаводаи Қосимоғо, хонаводаи Аймо ва ҳатто Мария, маро ҳамҷинсгаро мепиндонанд. Ҳақ доранд. Ман, охир, дар тули ин солҳо боре ҳам духтареро ҳамчун дӯсти худ ба онҳо муаррифӣ накардам, касе маро бо зане дар хиёбон надидааст.

Вале ин тавр набуд... Чашми ман ҳам мисли дарё ба думболи занҳои зебо ҷорӣ мешуд, дарунам аз шавқ ҷӯш мезад.

Гоҳи авқот аз бӯи атри зане дар хиёбон ба ваҷд меомадам, хаёлам ба думболи ин накҳат ҳар ҷойе маро мебарад, биравам. Аммо бо занҳо ошно мешудаму чун кор ба ишқварзӣ мерасид, метарсидам ва худро ақиб мекашидам. Ё ба авҷи ваҷд мерасидаму нируи мардонаам билофосила фурӯкаш мекард...

Баъд аз он ҳодисаи зиндон, ки дар руҳу ҷони ман асари маҳвношуданӣ гузошт, солҳо боз на хоби шайтоние дидам ва нутфае аз ман хориҷ шуд. Тадриҷан уқдаӣ шудам ва амдан аз наздикӣ бо занҳо парҳез мекардам.

То ки як шаби боронӣ дар рӯшноии чароғи мошин занеро дар хиёбон дидам, ки даст такон медод, ки мошин нигаҳ

дорад. Чатр надошту аз сар то пояш об мерехт ва пероҳани ба танаш часпида ҳайкали зебояшро бараҳна нишон медод. Соат яки бомдод буд. Ибтидо фикр кардам, ин зан аз ҳамон «парвонаҳои шабгард аст», ки дар канори соҳил ба думболи мардҳои гирифтори бехобӣ, ё сайёҳони ишқварз мегарданд. Аммо мутаваҷҷеҳ шудам, ки дар даст борхалта дорад.

Мошинро нигаҳ доштам. Ӯ сарашро аз панҷараи боз дохил кард.

-Аз қатор ҷо мондам, хоҳиш мекунам маро ба наздиктарин меҳмонхона бубар, лутфан. Токсиҳо намеистанд, мусофири аз сар то по тарро намехоҳанд...

Он зан дар назди меҳмонхонаи Holiday Inn Helsinki, наздик ба соҳили Ҳиетаниеман пиёда шуд. Ман як километр пеш рафтам, то аз гардиши наздиктарин дубора ба масири хонаам ворид шавам. Аммо дар роҳи бозгашт боз ҳамон занро дидам, ки зери борон меистод ва аз сару танаш об мечакид.

Дубора роҳро чарх задаму мошинро дар наздаш нигоҳ доштам.

-Ҳотел ҳуҷраи холӣ надоштаст...

- Бишинед.

Бечора ҳаминро мехост, ки зуд ба сандалии ақиб нишаст.

-Нигарон набош, ман тавре нишастам, ки об ба замин мерезад, рӯкаши мошини шумо тар намешавад.

-Муҳим нест.

Напурсид, ки ӯро ба куҷо мебарам, шояд ба ман эътимод кард, ё шояд ҳар ҷойи дигар аз зери борон барояш беҳтар буд.

Дар тули ним соат то манзили ман ҳар ду хомӯш будем. Азбас тамоми роҳ дар андешаи рӯпӯши сандалӣ буд ва ҳар дам ба пойин мелағзид, гармии нафасҳояшро пушти сарам эҳсос мекардам. Бо осонсор аз гораж ба ошёнаи дувум баромадем, мехостам либосҳои тарашро иваз кунаду душ бигирад. Як ҷуфт либоси шалвор ва ҳулаеро рӯи мизи ҳаммом гузоштам ва гуфтам, ки роҳат бошад.

Ман мисли аксар мардҳои муҷаррад берун аз хона ғизо мехӯрдам, вале он шаб бо умеди муъҷизае дари яхчолро боз кардам, ки шояд чизи хурдание пайдо кунам. Ба ҷуз як пора паниру маска ва чанд тухми мурғ чизи дигаре набуд. Ноилоҷ аз дукони шабонарӯзӣ пиззо фармоиш додам. Пиззо дар ним соат расид, вале меҳмон ҳамоно берун намеомад, аз садои об маълум мешуд, ки ҳоло ҳам зери шаршараи душ аст.

Ниҳоят сабрам сар омаду ангушт ба дар задам.

-Ҳама чӣ хуб аст? Кумаке ниёз надоред?

-Кумаке даркор нест, ҳамин ҳоло берун мешавам!

Дар садои ӯ изтироб эҳсос мешуд, шояд метарсид, ки мехоҳам бо ӯ душ бигирам ва фаротар аз ин, ӯро таҷовуз кунам. Агар медонист, ки ман аз наздик шудан ба тани урёни як зан мисли аҷина аз бисмиллоҳ метарсам, шояд аз ханда мемурд. Билохира садои фенро шунидам, меҳмон мӯйҳояшро хушк мекард. Пиззоро дубора гарм кардаму рӯи миз гузоштам ва ҳамон тавр, ки дар меҳмониҳо қабул аст, шароби қирмиз ва ду соғар овардам.

Меҳмонро то ҳол танҳо дар рӯшноии чароғи мошин дида будам, дар гаражу осонсор ба ӯ нигоҳ накардам, то аз ман бардошти ғалате накунад.

Ӯ хиҷолативу нобоварона вориди толор шуд.

Бо чашмони танг, гунаҳои баланд, сурати нозук ва шалвору пероҳани ман шабеҳи занҳои ветномӣ буд, ки дар мазрааҳои биринҷ кор мекунанд. Барои комил шудани ин тасвир танҳо як кулоҳи хасӣ намерасид. Гесувони сиёҳи фатилааш мисли шаршара ба рӯяш хамида буд ва чеҳраи бе ин ҳам нозукашро бориктар мекард. Гуфтори финлондиаш каме лаҳҷа дошт.

-Бубахшед, дар хона чизе барои хӯрдан набуд, маҷбур шудам пиззо супориш диҳам, намедонам пиззоро хуш доред ё не.

-Одами гурусна ба санг ҳам гоз мезанад, ин ки пиззо аст. Ташаккур, бисёр заҳмат кашидӣ.

Хеле гурусна буд, дар фурсати кӯтоҳе, ки ман дар ошхона ба думболи дастмоли коғазӣ мегаштам, ӯ пораи бузурги пиззоро тамом кард. Ноаён пораи дигарро ба бушқобаш гузоштам. Ба шароб даст назад.

-Аз саҳар чизе нахӯрда будам...

Мехостам пурсам, ки нимашабӣ дар он минтақаҳои сайёҳнишин ба думболи чӣ мегашт? Аммо нахостам фузулӣ кунам. Меҳмон зоҳиран одами боҳуше буд ва медонист, ки ҳузури нимашабиаш дар як хиёбони хилват тавзеҳ мехоҳад.

-Ман аҳли шаҳри Турку ҳастам, саҳари зуд Ҳелсинки омадам ва бегоҳ бояд ба хона бармегаштам, аммо қаторро аз даст додам. Баъд борон сар шуд... Агар маро аз хиёбон намебардоштӣ... то саҳар зери борон мемондам.

Аз зеҳнам гузашт, ки Турку аз Ҳелсинки он қадар дур нест, агар мехост, метавонист бо утубус баргардад.

- Барои муоинаи тиббӣ омада будам. Корам тул кашид. Қатори ман соати ҳашти бегоҳ ба Турку баргашт. Имрӯз эҳтимол рӯзи ман набуд, ки дар истгоҳи утубус ҳам билет наёфтам, меҳмонхона ҳам ҳуҷраи холӣ надошт... Билохира ту ба заҳмат афтодӣ.

Ҳар ду хомӯш шудем. Намедонистам бо ин зан чӣ гуна рафтор кунам. Меҳмон ҳар чизеро, ки ба донистанаш кунҷков будам, тавзеҳ дод, акнун навбати ман буд, ки суҳбатро идома диҳам. Аммо ман аблаҳона сукут кардам ва пораҳои филфили дулмаиро, ки хуш надоштам, аз пиззо берун мекашидам. Агар Меҳдӣ ҷой ман мебуд, ҳоло то шаҷараи хонаводагии ин зан мерасид ва аз ҳафт пушташ бохабар мешуд.

-Барои Шумо дар утоқи меҳмонҳо ҷой омода кардам.

-Беҳуда заҳмат кашидӣ, ман метавонистам рӯи ҳамин канапа бихобам... субҳ ҳам наздик аст.

Билохира розӣ шуду ба ҳуҷраи хоби меҳмонҳо гузашт. Акнун фаҳмидам, ки чаро дуру дароз дар душ манъ шудааст. Бечора пероҳану зершалворӣ ва синабандашро мешуст. Дар

душ ҷойе барои либосовезӣ надоштам, меҳмон пероҳани шоҳиашро, ки обаш бо ҷафидан кам намешавад, бар дари душ овезон карда буд. Қатраҳои об аз зершалвор ва синабанди шаффоф ба замин мечакид. Нохудогоҳ зершалвории ӯро, ки мисли пари қу сабук буд, ламс кардам, майли аҷибе дар вуҷудам ҷӯш зад. Онро оҳиста бӯй кардам, бӯи аҷибе дошт, бӯе ки маро ба ваҷд меовард. Ин ҳамон эҳсосе буд, ки аввалин бор дар шонздаҳсолагӣ бо хонуми рус таҷруба кардам. Айни худаш буд. Зершалворро дар мушт мефишурдам, ингор тасвири мармарини он зани русро медидам. Мушакҳоям таранг шуданд, набзам дар ҳар гӯшаи танам дил мезад. Ваҷд маро аз пӯстам берун мекард, чашмҳоям чаппагардон мешуданд. Ин ҳол чанд дақиқа идома кард, аммо барои ман кофӣ буд, ки то осмон баланд шавам ва дубора ба замин фуруд оям. Ман дубора бо ғаризаҳои аз даст додаам ошно мешудам.

Солҳо бо чунин хастагии ширин нахуфта будам. Саҳар вақте аз хоб баланд шудам, аз борони шаби гузашта асаре набуд ва дарахтон сабз мисли занҳои аз гармоба беруншуда тару тамиз ва ҷаззоб буданд. Як рӯзи офтобии зебое буд. Ногаҳон ба ёди меҳмон афтодам, ки ҳатто номашро намедонам. Дари ҳуҷра бозу тахти хоб мураттаб, аммо аз меҳмон дараке набуд. Ӯ дар пушти нусхаи доруе бароям нома гузошта буд.

«Субҳ ба хайр, дӯсти ношинос! Бубахш, ки бидуни худоҳофизӣ рафтам. Нахостам туро беш аз ин ба заҳмат андозам. Бобати шаби гузашта миннатдорам, ту инсони шарифе ҳастӣ, ҳамеша ҳамин тур бимон. Рақами телефонро менависам. Шояд рӯзе гузорат ба Турку афтад, шод мешавам, агар меҳрубониатро ҷуброн кунам.

Бо эҳтиром Ясмин».

Номаи Ясминро бо оҳанрабо рӯи яхчол задам ва бо табъи болида озими дафтар шудам.

Дар пасманзари он чӣ, ки ман шаби гузашта таҷруба кардам, бе худоҳофизӣ рафтани як меҳмон бароям чандон аҳамият надошт. Аммо телефонашро барои як рӯзе ёддошт кардам.

Он рӯз шаш моҳ баъд, дар оғози як зимистони сард фаро расид. Ба Турку сафари корӣ доштаму корам дар як рӯз анҷом нашуд, ноилоҷ ҳотел гирифтам. Ман ин шаҳрро хуб медонам. Тобистоне, ки аввалин мошинамро харидам, бо Меҳдӣ тамоми гӯшаву канорашро тай задем, қалъаву осорхонаҳоро дидем ва тайи як ҳафта дар «Archipelago Turku», маҷмааи ҷазоири Турку, ки садҳо ҷазираи маскуниву матрука дорад, саёҳат кардем. Сафар бо Меҳдӣ ҷолиб аст, ки раҳбараҳ тарона мехонаду латифа мегӯяд, ба худиву бегона тақлид мекунад ва як сафари маъмулиро ба тафреҳ табдил медиҳад. Ҳайф, ки ин ҷо нест, вагарна, ба гуфти худаш, «ҳул мекардем». Дар хиёбони сарди маркази Турку беҳадаф қадам мезадам, ки ногоҳ ба ёди Ясмин афтодам.

Гӯширо баъд аз занги сеюм бардошт. Аз ҳаяҷон дастпоча шудам.

-Ээ... салом, чӣ ҳол доред? Умедворам хубу сари ҳол бошед, шояд маро ёд надоред... ман...

-Марди Борон...

-Бубахшед?

-Номатро намедонистам, туро барои худ Марди Борон ном гузоштам.

-Ҷолиб аст...

-Гумон мекардам, номаро бо шумораи телефон дар сатили ахлот андохтӣ.

-Агар мехоҳед, он шабро ҷуброн кунед, шонс доред, ман ҳоло дар Турку ҳастам.

-Шӯхӣ мекунӣ?

-Дар меҳмонхонаи Radisson Blu Marina Palace Hotel, вақт доштед, биёед бо ҳам шом мехӯрем ва дар соҳили рӯдхона гардиш мекунем.

-Гардиш дар ин яхбандон?

-Метавонем дар тарабхонаи ҳотели ман шом бихӯрем.

-Зуд мерасам.

Ӯ бо нимтанае аз пӯсти самур, чакмаҳои аз зону боло ва кулоҳи қубадор, ки бораҳои пашминааш то абрӯвонаш мехамид, як зебосанами муғулро мемонд, ангор аспашро дар гӯшае баста ва қамчинро ба мӯзааш фурӯ карда буд.

-Хеле гуруснаӣ? - пурсид баъди салом.

-Хеле гурусна нестам, метавонам бо қаҳва ҳам қаноат кунам.

-Он шаб ман меҳмони нохондаи ту будам ва мутеона ба думболат рафтам. Ин ҷо ман раҳнамоям.

Ӯ маро ба тарабхонае бурд бо номи Rioni Turku, ки ғизоҳои гурҷӣ пешниҳод мекард. Фазои дӯстона дошт тарабхона. Ингор меҳмонҳо ба хонаи худ меҳмонӣ омада буданд. Даста-даста менишастанд, аз лаби хачапурии доғ газ мегирифтанду панирро ғоз медоданд ва бо садои баланд ба забони русиву гурҷӣ суҳбат мекарданд.

Нолаи ҳазини дудук, ҳамон нойи гирёни гурҷӣ, аз зери садои ба ҳам задани корду чангаку бушқоб, ба гӯш мерасид ва андуҳи деринро дар ман бедор мекард. Гӯиё нолае буд барои аз даст рафтаҳо. Иштиҳоям баста шуд. Фақат шароби гурҷӣ фармоиш додам. Нолаи ной маро аз тарабхонае дар як гӯшаи дигари дунё ба зодгоҳам бурд, ба ҷое, ки модарам буду хоҳаронам, хонаи кучакамон ва падарам, ки гоҳ-гоҳ меомаду зиндагии модарам хуршедӣ мешуд. Дилам якбора барои ин ҳама гум зад... аз Ясмин узр хостаму ба ташноб рафтам. Хайрият, он ҷо касе набуд. Обро сар додаму дар такяи лагани дастшӯӣ сар хам кардам. Ин шароби гурҷӣ буд, ки маро ба ин ҳад афсурда кард, ё билохира сабрам барои дидани хоҳаронам сар омадаст? Сар бардоштаму акси худро дар оинаи ташноб дидам, буғз гулуямро фишурд. Солҳост, ки ошиқи оина нестам, махсусан вақте нимашаб бедор мешавам. Тасвири худро дар оинаи роҳрав мебинаму

намешиносам. Ба худ мегӯям: «Ту кӣ ҳастӣ? Ин ҷо чӣ меҷӯӣ? Решаҳоят куҷоянд»? Ҳасрати талхе вуҷудамро фаро мегирад, ингор ҳама ғами дунё дар синаи танги ман ҷо мешавад. Ҳоло низ ҳамин эҳсосро доштам. Бо аҷала ба суратам чанд панҷа об задаму ашкҳоямро фурӯ нишондам. Ман, охир, меҳмонӣ омадам, на худхурӣ. Боз коре накунам, ки муғулдухтари бечора аз ман нороҳат шавад!

Ясмин зани боҳуше буд, мутаваҷҷеҳи тағйири авзои ман шуд, аммо худро ба нодонӣ зад.

-Мехоҳӣ каме пиёдагардӣ кунем?

-Оре, хеле хуб мешуд.

Ҳаво хеле сард буду дамосанҷ 20 дараҷаро нишон медод. Рӯдхонаи Ауро, ки мо аз бағалаш мегузаштем, зери лояе аз ях мехобид ва домани қоикҳои пой дар завлонаро сар намедод. Мо дар хиёбонҳои сарди Турку паҳлуи ҳам қадам мезадем ва бехабар мондем, ки чӣ тавр дастонамон ба ҳам омаданду бозувонамон ба якдигар ҷафс шуданд. Ҳавр аз даҳону димоғам мисли дуди паровоз берун меомад, аммо танам ончунон тафсида буд, ки мехостам болопӯшамро берун бикашам. Он қадар роҳ рафтем, ки ман гармии тани Ясминро ҳатто аз зери нимтанаи пӯсти самураш эҳсос мекардам. Ӯ ҳам дар ҳаяҷон буд.

Саранҷом дар назди хонаи қадимисохте таваққуф кардем, ки бо бому дарахтони барфпӯш шабеҳи кулбае дар ҷангал буд ва аз дудбарояш дуди сафеде ба осмон баланд мешуд.

Дастҳои мо дар остонаи дар аз ҳам ҷудо шуданд, Ясмин дарро кушоду маро ба дохил раҳнамоӣ кард.

Чӣ хонае қашанге буд. Толори барҳаво бо сақфи пур аз нақшунигор, фаршҳои рангоранд, тахти бузурги пур аз болиштҳои зарҳалӣ ва панҷараҳои камоншакли хоси масоҷид, ҳисси маро дар мавриди аз қавми муғул будани Ясмин тақвият медод.

-Ин хона моли шумо аст?

-Хонаи модарбузурги марҳумам буд, бале, акнун моли ман аст. Хонаро бо ҳамон шевае, ки модарбузургам оро додааст, нигаҳ доштам.

Маро рӯи ҳамон тахти пур аз болишт нишонду болопӯшамро аз танам берун овард. Толор чизе аз сабки шарқӣ ҳам дошт, мисле ки ман чунин ороишро дар гузашта дида будам. Нигоҳам ба гӯшаи муқобил афтод, ки дар баландии ду палла ҷойгир буд ва тахти дигаре дошт, пур аз лӯлаболиштҳои хурду бузург ва ду мизи хурди қаҳванушӣ. Ҳисси кунҷковиам боло гирифту болиштҳои ҳар ду тахтро шумурдам - 30 дона! Тааҷҷуб кардам.

Намедонистам ин шом мани укдаиро, ки аз танҳо мондан бо занҳо метарсидам, ба куҷо мебарад. То ин ҷояш ором будам ва замоне ҳаяҷонӣ шудам, ки Ясмин дар як даст шамъу шамъдон ва дар дасти дигар сурохии зарҳалӣ аз роҳраве, ки эҳтимол ба хонаи хоб мебурд, берун омад. Ба он зани шармгине, ки шаш моҳ пеш дида будам, монандӣ надошт. Ӯ пероҳани нимашаффофи қирмиз пӯшида буд, ки яхаи муҳрадораш қариб то ноф мерасид. Шамъ рӯшан шуду чароғ хомӯш. Ясмин аз ҷевони гӯшаи толор ду қадаҳ бардошту моеи ғализтар аз шароби қирмизро ба ду соғар рехт. Якеро ба ман доду дигареро рӯи каф бардошт. Нӯги забонашро ба шароб фурӯ карду сипас соғарро ба лабҳои ман гузошт. Мане, ки ҳеҷ гоҳ аз пиёлаи дигарон ҷой наменӯшидам, шаробро бетардид дам кашидам. Ширин буд, такшинаш гулуямро фишурд. Ишора кард, ки ба соғари дуюм забон бизанам. Ӯ шароби лабзадаро он қадр бо ишқу иштиёқ дам кашид, ки гӯиё на шароб, балки забони маро дам мекашид. Ман дар тарабхонаи гурҷӣ ду қадаҳи бузурги шароб нӯшида будам ва сарам аз қадаҳи навбатӣ чарх зад. Он қадр махмур будам, ки нафаҳмидам ҳар ду чӣ тавр урён шудем. Ӯ бо забони бароям ношинос дар гӯшам чизе мехонд ва маро ба сӯе раҳнамоӣ мекард, ки бори аввал ҷасурона ба истиқболаш рафтам...

Ҳар ду то рӯз нахобидем.

-Ин чӣ буд, ки ту ба ман нӯшондиву девонаам кардӣ?

Ясмин ончунон баланд хандид, забонаҳои шамъ аз тарс ларзиданд.

-Шароби маъмулӣ набуд, дурда буд, такшини шароби даҳсола, падарбузурги марҳумам омода мекард. Насиби ту будаст. Хушат омад?

-Хеле...

Агар бигӯям, ки хушбахт будам, яъне чизе нагуфтам. Эҳсосе доштам, ки наметавонистам барояш ном пайдо кунам. Фақат медонистам, ки вақте ба хонаи Ясмин мерафтам, одаме будам бо равони ҷариҳадор ва уқдаи бузурги камбинӣ, аммо аз хонаи ӯ марде берун шудам мутмаъин, розӣ аз худ ва бо эътимод ба нафс.

Баъди он шаб Ясминро ҳар ҳафта медидам. 160 килотерро тай мекардаму ба Турку мерафтам, то як шаби афсонавиро бо ӯ саҳар кунам. Гоҳо ӯ ба Ҳелсинки меомад, як шаб бо ман мемонду фардояш бармегашт. Аз якдигар чизе намехостем ва дар мавриди якдигар чизе намедонистем. Ман танҳо медонистам, ки ӯ аз тоторҳои Финлонд аст. Дигар ҳеҷ. Якдигарро девонавор мехостем. Ман аз дидани ӯ ба ваҷд меомадам. Ин як эҳсоси махмуркунандае буд, ки онро дигар бо ҳеҷ зане таҷруба накардам. Аз ҳама дур шудам, мехостам ҳамеша бо ӯ бошам. Меҳдӣ шӯхӣ мекарду мегуфт, ки он турки камарбаста туро ҷоду кардааст. Як сол байни Турку ва Ҳелсинки ҳай рафтему омадем, он қадр, ки ҳар порчаи роҳро аз бар кардем.

Баъдҳо ӯ тадриҷан аз ман фосила гирифт. Сабабашро пурсидам, гуфт, ки робитаи мо оянда надорад, ӯ аз ман ҳашт сол бузург асту бачадор намешавад. Гуфт, бобати шабҳои хуше, ки бо ҳам доштем, аз ман миннатдор аст. Барои зарурати бо ҳам будан даҳҳо далел овардам, қабул накард.

Ҷудоӣ аз он турки камарбаста ингор баробар ба кандани ҷон буд. Моҳҳо хаёливу афсурда шудам. Дилам ба-

рои Ясмин танг мешуд, хумори бӯсаҳояш сарамро ба дард меовард. Он қадар ошиқаш будам, ки ҳатто бо шунидани исми Турку дилам гум мезад... Ман он эҳсоси ошиқ будан ва дарди ҳиҷрон кашиданро дӯст доштам. Намехостам сиҳат шавам. Аммо нашуд, ҳамон тавр, ки замон ҳамаи дардҳоро даво мебахшад, дарди маро ҳам дармон кард. Аммо чизе дар дарунам бебозгашт тағйир карда буд.

Баҳори 28-уми умрам якҷо бо хабари бачадор шудани Эли фаро расид. Хешу табор ҳама пушти панҷараи зоишгоҳ ҷамъ шудем. Парастор гуфт, ки ҳама ба хона биравед, аздусар Эли то субҳ таваллуд намекунад. София, Аймо ба хонаи Мария ва Қосимоғо бо аҳли оилааш ноилоҷ ба хонаи худ баргаштанд. Ман мондаму Меҳдӣ, ки як шаби бехобиро пушти панҷараи зоишгоҳ бо фарёдҳои гӯшкаркунандаи Эли то ба саҳар расондем. Борон шашқатор меборид. Мо он қадар хаставу гиҷ будем, ки бехабар мондем кай кӯдак ба дунё омад. Парастор ба шишаи панҷара нохун заду як пора гӯшти сурхи сару дасту почадорро ба мо нишон дод. Ҳоли Меҳдиро медидед! Ҳолливуд пеши ӯ шарманда буд. Ба замин зону заду мисли намозгузороне, ки сар ба суҷуд мебаранд, хаму рост мешуд, бо ашкҳои шашқатор сар такон медод.

Саранҷом парастор тифлро бурду ман Меҳдиро аз замини лойолуд баланд кардам.

-Намоиш ба итмом расид, Меҳдӣ, ҷунам, пардаи теотр пойин омад, буланд шу, - гуфтам бо шеваи худаш.

Агар як вақти дигар мебуд, ӯ хашмгин мешуду тамоми лаҳазоти шармовари рӯзгорамро ба рӯям мекашид ва маро хоки замин мекард. Аммо ҳоло он қадр хушбахт буд, ки чизе ба ҷуз хомӯшии баъди фарёдҳои Эли ба гӯшаш намедаромад.

Эли баъди се рӯз бо як нусхаи худаш аз зоишгоҳ мураххас шуд. Қосимоғо дар гӯши кӯдак азон хонду гуфт, «исми ту Нозӣ аст». Ин номро Марямхонум барои ҳавасаш ин-

тихоб кард. Ӯ нусхаи Эливу Айморо бағал мекарду мегуфт, «чӣ қашангӣ, чӣ нозӣ, моҳро мемонӣ»!

Ман Нозиро хеле дӯст доштам. Шояд ба ин далел, ки модарам хоҳаракам Шаҳнозро гоҳо Нозӣ садо мекард ва ман эҳтимол хумори он Нозиро дар ин Нозӣ мешикастам. Шояд ҳам ба ин далел, ки дар тули сездаҳ сол бори аввал шоҳиди оғози як зиндагии ҷадид мешудам. Чизе буд, ё набуд, Нозии чоқу ширин маро ба дидори худ муътод мекард. Ҳар шом то ӯро набинам, ба хона барнамегаштам, рӯзона борҳо занг мезадаму ба Элӣ мегуфтам Нозиро пушти экрани роёна биёрад. Нозӣ маро ба дидани хоҳаронам ва бозгашт ба Ватан шавқманд мекард.

Ҳамон вақт буд, ки бори аввал барои бозгашт фикр кардам. Ин майл ҳамон тавр, ки ҷанини Нозӣ тадриҷан дар батни Эли бузург шуд, ҳар рӯз дар зеҳни ман бузург мешуду дасту по такон медод, то ҳадде, ки дигар вуҷудам барояш тангӣ мекард. Масъулиятамро ба Мария супурдаму аз Марямхонум дуо гирифтам ва аз пайи хариди билет шудам. То лаҳзаи аз замин канда шудани чархи ҳавопаймо ва фурудоияш дар Душанбе бовар надоштам, ки ин сафар рӯзе сурат мегирад.

## WELCOME TO TAJIKISTAN

Афсари марзбони фурудгоҳи Душанбе шиносномаи маро бодиққат омӯхт, шаффофияташро рӯ ба чароғ санҷид, аз компютер гузаронд ва сипас ба чеҳраи тоҷикии ман хира шуд.

Ин аз ҳамон мавридҳои дилгиркунандаи фурудгоҳ аст, ки мусофир бо изтироби дохилӣ ва оромии зоҳирӣ шабеҳи гунаҳкорон рӯ ба даричаи марзбон қарор мегирад ва медонад, ки дар ин қаламрав чизе ба ӯ вобаста нест. Марзбон 21 саҳифаи шиносномаро варақ зад ва ба гӯшаи лаб хандаи таънаомезе кард. Далели лабхандашро фаҳмидам: дар ҳар саҳифаи шиносномаи кишвари Финлонд акси гавазн ва дар варақи дигар акси ҳайвоне дарҷ аст, ки дар табиати ин

кишвар вуҷуд дорад. Марзбон бо лабханд ба ҳамтояш дар ғуфраи бағалӣ рӯ овард:

-Финҳо акси тамоми ҳайвонҳоро дар паспортшон ҷо кардаанд, аку биёву бигир, ки кадомиш соҳиби паспорт аст.

Ҳар ду хандиданд.

-The purpose of your visit,- пурсид ӯ ниҳоят, ки ҳанӯз механдид ва дандонҳои резааш аз зери мӯйлабҳои сиёҳ мисли донаи биринҷ менамуд.

-Tourist.

Ӯ муҳрро бо ситеза ба саҳифаи холии шиноснома пахш карду гӯиё ба ман диплом медод, ки санадро бо тантана ба дастам дод.

Аз дар берун шудаму худро дар миёни мавҷи мардум дарёфтам. Ҷамъияти мутанаввеъ буд, маълум намешуд, кӣ сафар дорад ва кӣ аз сафар баргаштааст. Бахше ҳам ронандаҳои таксӣ буданд, ки дар чеҳри ҳар раҳгузар муштариро медиданд ва чанд қадам ба дунболаш мерафтанд. Дар зеҳни ман ин лаҳза ба ҷуз як нах сигор чизи дигаре намеғунҷид. Дар гӯшаи дур аз издиҳом сигор рӯшан кардам ва танҳо пас аз як дуд хонуми олмонӣ ба ёдам расид. Ман ӯро дар Истамбул гум кардам ва дар Душанбе, дар сафи хориҷиҳо пайдо кардам, ки аз назорати гузарномавӣ мегузашт. Ба тарафи ман даст афшонд ва ишора кард, ки якдигарро дар берун мебинем. Аммо ба маҳзи дур шудан аз даричаи афсари марзбон ӯро аз ёд бурдам, дуруст мисли мусофире, ки ба дарди дили ҳамсояааш гӯш медиҳад, вале аз ҳавопаймо берун мешаваду ӯро аз ёд мебарад. Ман маъмулан одами муаддабе ҳастам, аммо ҳоло ҳавсалаи касеро надорам. Эҳсоси махшуше вуҷудамро фаро гирифтааст, ки намедонам тарс аст ё ҳаяҷон. Намедонам куҷо биравам, аз куҷо шуруъ кунам. Бо ҳавас ба онҳое нигоҳ мекунам, ки аз мусофират баргаштаанд ва ақвоми худро дар дами дари фурудгоҳ хушҳолона ба оғӯш мегиранд. Аммо ман барои ин шаҳр, барои ин сарзамин як ғариб будам, бегонае дар байни худиҳо... як турист...

Соати сутуни баланди фурудгоҳ чаҳори субҳро нишон медиҳад.

Дуди сигор ларзиши танамро каме рафъ карду ронандаеро, ки бештар аз дигарон ба дунболам буд ва ҳоло аз ман чашм намеканд, бо ишораи даст «биё» гуфтам.

-То меҳмонхонаи «Душанбе» мебаред?

-Хориҷӣ нестӣ?

-Не, тоҷикам.

-Хиёл кардам хориҷӣ бошӣ, - гуфт ӯ, ки зоҳиран аз тоҷик будани ман нороҳат менамуд.

-Чаро хаёл кардед, ки хориҷӣ ҳастам?

-Охи, фақат хориҷиҳо як сумка дар китф ба Тоҷикистон меоянд, одамои мо чамодони бисёр меоран.

-Ҳмм...

-То гастинсаи «Душанбе» шаст сомонӣ мешава...

-Пули тоҷикӣ надорам...

-Даҳ доллар буте, басай.

-Доллар надорам, евро мешавад?

-Мешава, бшин!

«Opel»-и қадимӣ бо ғурриш аз ҷой такон хӯрд ва тасбеҳи дарози рӯи оина ба шишаи пеши мошин бархӯрд. «Opel» маро аз хиёбонҳои нимарӯшан ба самти меҳмонхонаи «Душанбе» мебурд. Аз он ҷо то хонаи мо ду қадам роҳ аст! Дилам дубора ба бозӣ даромад.

Ронанда таваҷҷуҳи маро ба роҳу биноҳои атроф диду лабханд зад.

-Кай аз Тоҷикистон рафта будӣ?

-Понздаҳ сол пеш...

-Оҳ бача, хела гашта будаӣ...

-Да Расия будӣ?

-Дар Русия ҳам будам...

-Хай и зиндагӣ ҳамиай, наҷумбӣ намешава, зану фарзанд, падару модар, гушнагӣ одама ба куҷоҳое, ки намебара, - гуфт ӯ мисли солмандон.

-Ҳашт сол дар Росия кор кардум, дар стройка, дар у зимистоной хунук, ними чӯраҳом касал шудан, на шиш монд на устуғони дасту по. Чан кас ай ҳаму баландӣ лухшида мурд... Гуфтум, э гумуш кун, мурдани бошум, да ҳаму Ватан мурум. Инами мошинака харидум, шукри Худо, меёвум ризқу рӯзима, майда-майда.

-Издивоч кардаед?

-Лабай?

-Зан доред?

-Ҳо, ду кӯдакам дорум.

-Барвақт хонадор шудаед..

-Бисту якда будум, занум додан, духтари калоним шашсолаай.

Ман аз сандалии ақиб ба ин чавон, ки аз пушт шабеҳи навраси 15-16 аст, бо дилсӯзӣ нигоҳ мекунам. Бо он ки рӯи болиште нишаста буд, гардани лоғарашро ҳар бор ба пеш меёзонад, то роҳро дурусттар бубинад. Бечора, хеле бори сангин бардошт, ки қоматаш аз рушд монд. Аммо боз ба худ мегӯям, эҳтимол аз ман дида хушбахт аст, ки он чиро ман аз сар гузарондам, тачруба накардааст...

Ин мавзуъ барои ҳар дуи мо хушоянд набуд, ки сукут кардем. Ронанда родиоро рӯшан кард. Марде бо садои чарангосӣ вазъ мехонд ва бо зикри гуноҳу хатои бандагон онҳоро аз рӯзи қиёмат ҳушдор медод. Ронанда «Субҳоналлоҳ» гуфту садои радиоро болотар бурд. Панчараи мошинро боз кардам, то шаҳрро, ки сохтмонҳои чадидаш соя бар биноҳои қадимӣ афканда буданд, дурусттар бубинам.

Шаҳре, ки як замон дар назарам ба андозаи як дунё бузург буд, акнун ғайри қобили тасаввур кучак менамуд. Шояд ба ин далел, ки ман бузург шудаам, ё шояд зеҳнам зодгоҳи маро бо шаҳрҳои дидаам муқоиса мекунад.

-Метавонем шаҳрро чарх бизанем?

-Вазминтон намеғалта?

-Нигарони пул набошед.

-Гап нест, ай куҷо сар кунум?

-Аз истгоҳи роҳи оҳан...

Намедонам чаро, аммо ин ронандаи ҷавон ёди Салоҳиддин, ҳамон раҳбаладди қатори Душанбе-Маскавро дар зеҳнам зинда мекард. Шояд шеваи гуфтораш шабеҳи ҳам аст, ё ҷуссаҳои лоғарашон. «Куҷо бошад Салоҳиддин»? Хотироти Салоҳиддин бароям хандадор буд, шуъбадабозиҳояш, ришваситониҳояш.

Ронанда аз паҳлуи бинои осорхона ибтидо мошинро ба тарафи рост ва дар дуроҳа ба самти чап тоб дод, роҳе, ки моро мустақим ба истгоҳи роҳи оҳан мебурд. Ман ин ҷодаҳоро, ки ҳам макони гаштугузор ва ҳам роҳ ба сӯи мадрасаам буд, ҳазорҳо бор тай задаам. Модарам ҳар субҳ мани хоболудро аз ин ҷодаҳо ба боғчаи бачаҳо ва солҳои баъдӣ ба мадраса мебурд. Як субҳ аз падарам, ки он шаб меҳмони мо буд, хост маро то мадраса бирасонад. Хушҳол шудам, ки мошинсавор ба мактаб меравам ва дар назди ҳамсинфҳоям худнамоӣ мекунам. Аммо ӯ гуфт, ки кор дорад ва маро дуртар аз мадраса пиёда кард. Аз ин воқеият, ки падарамро аҳён ба ёд меорам ва дилам барояш танг намешавад, дар тааҷҷуб нестам, ман, охир, ӯро зиёд намедидам. Дар бораи мо чизе намедонист. Ҳатто надид, ки чӣ гуна ҷавони наврас шудаму пушти лабам хати нафисе сабзид, ҳатто ташхис надод, ки садоям тағйир кардааст...

-Дар пеши вагзал маън кунум?

-Не, то истгоҳ нарафта ба самти чап бигардед.

Ҷода хилват буду танҳо марде аробаи пурборро, ки ба чолаҳои роҳи валангор бархӯрда садо баланд мекард, ба пеш тела медод.

-Ҳоло ба тарафи рост биравед, ба самти биноҳои чаҳорошёна.

Мошин аз паҳлуи сохтмони мо убур мекард. Қасд надоштам пиёда шавам, фақат мехостам хонаамонро аз дур бубинам. Аммо натавонистам.

-Ҳамин ҷо нигаҳ доред, барои чанд дақиқа пиёда мешавам...

Ронанда бидуни кунҷковӣ мошинро мутаваққиф кард.

Чанд қадам пеш рафтаму дар рӯ ба рӯи дари вурудӣ қарор гирифтам. Субҳ кам-кам медамид, аммо мардум ҳанӯз дар хоб буданд, боди форами саҳаргоҳӣ пардаи панҷараҳои бозро такон медод. Аз кадом хонае садои сулфаи пирона ба гӯш мерасад. Чароғи хонаи мо дар ошёнаи сеюм хомӯш аст. Шояд хоҳаронам хобидаанд? Аз рӯи ҳисобҳои ман, хоҳарони кучакам яке 24 ва дигаре 22-сола аст. Шояд донишҷӯ бошанд ва хоҳари бузургам, ҳамон тавр, ки модарам одат дошт, кӯрпаҳоро базӯр аз рӯяшон дур мекунад, то саҳархез шаванд. Хоҳари бузургам... 34-сола аст... кӯдаки маъюб дошт, он кӯдак сиҳат шуда бошад?

Худоё, чи гуна онҳоро бубинам? Ангушт ба дар бизанам ва бигӯям «салом, маро нашинохтед? Ман Фарҳод! Бубахшед маро... ки дер омадам»... Намешавад... Шояд маро напазиранд... Ҳақ доранд, охир, ман понздаҳ сол гуму гӯр будам! Эҳтимол аввалин суоле, ки мепурсанд, ин хоҳад буд, ки ин ҳама сол куҷо будӣ? Агар зинда будӣ, чаро паёме нафиристодӣ? Гуноҳи ман дар баробари хоҳаронам он қадр бузург аст, ки барои бахшиш танҳо як узрхоҳӣ кофӣ нест. Шояд ҳамроҳи акаи Неъмат биёям? Ӯ одами оқил аст, сахттарин шароитро нарм мекунад.

Аз ин ҳама «шоядҳо» хаставу ноумед шудам, бехобии дурӯза маро гиҷ мекард, ки ҳеҷ андешаи солиме аз зеҳнам берун намешуд. Ноилоҷ ба мошин баргаштам.

-Кадом тараф ҳай кунам?

-Маро ба меҳмонхона бубаред.

-Шаҳра тамошо намекунӣ?

-Дафъаи дигар...

-Гап нест...

Толори пазириши меҳмонхона тақрибан холӣ аст. Танҳо дар гӯшае се-чаҳор нафари шабеҳи кӯҳнавард, ё сайёҳи кӯҳ-

гард, ба кулборҳои бузург такя зада ғанаб мерафтанд. Дар мизи пазириш касе набуд ва аз дари бози утоқи пуштӣ низ садое ба гӯш намерасид. Пештоқи миз пур аз ҷузва, харитаи шаҳр ва адабиёти таблиғотӣ буд. Ҷузваи рангорангеро бардоштам, ки аз таърихи Қалъаи Ҳисор ва шаҳри қадимии Ҳулбук бо се забон: форсӣ, инглисӣ ва русӣ маълумот медод. Аксҳои зебое дошт ин ҷузва, ҳатман якчанд дона аз ин буклету брошураҳо бо худ мебарам, то дӯстонам аз таърихи Ватанам огоҳ шаванд. Меҳмонхонаи ороме будааст, на садои шир-шири об ба гӯш мерасид ва на қадамзании меҳмонон. Хомӯширо танҳо садои билборди таблиғотӣ халалдор мекард, ки кӯҳҳои сар ба фалак, ёдгориҳои таърихӣ, боғҳои пурмева ва бозорҳои пур аз мағзу мавизро намоиш медод ва сайёҳонро ба дидани ин маконҳо ҳавасманд мекард. Ногоҳ дар ҷоям шах шудам, ингор маро барқ гирифт, зани нонфурӯш, ки сайёҳе аз ӯ акс мебардошт, шабеҳи хоҳари бузургам буд! Дар сураташ ҳусни изофӣ дошт, механдиду ду чолаи кучаке дар гӯшаҳои лабонаш зоҳир мешуд, дуруст мисли хоҳари ман. Аммо дар сол бузургтар менамуд, шояд зери чиҳил буд, ё болотар аз он. Бештар ба модарам монанд аст ин зан. Он қадр монанд аст, ки намешуд ба ин воқеият шакк кард. Навори бозор хеле кӯтоҳ буд, шояд чанд сония, сипас ровӣ сайёҳонро ба тамошои Искандакӯл даъват кард. Мехостам навори бозорро дубора бубинам ва дар ҷустуҷӯи пулт рӯи миз ва пештоқи пазиришро чарх задам, аммо пултро наёфтам.

Ин дам дари вурудӣ боз шуд ва марде бо садои баланд «Кто едет в Бадахшан»? - гуфт. Сайёҳони дар ҳоли ғанаб чун тир аз ҷой ҷаҳиданд ва кулборҳои ба қад баробари худро пуштора карда, бо аҷала ба берун шитофтанд. Марди роҳбалад ба чаҳор тарафи толор нигоҳ кард ва ниҳоят чашмаш ба ман афтид.

-Бадахшан?

Ман бо ишораи инкор сар такон додам. Ӯ ба ман наздик шуд.

-Стучать надо, может она уснула.

-Thank you, I will. (Чаро ба зеҳни худам нарасид?) Бо ангушт ба рӯи миз табл задам. Баъди лаҳзае аз дари бози ҳуҷраи пуштӣ як духтари ҷавон берун омад, ки раҳбараҳ домани кӯтоҳашро пойин мекашид. Ӯ хушаи гесувонашро бо қалами рӯи миз дар теппаи сараш ҷамъ кард. Шояд дар рахти беболишт мехобид, ки як бари рӯяш сурх ва ғиҷим шуда буд.

-Бубахшед, ман Шуморо соати сеи саҳар интизор будам, азбас наомадед, хаёл кардам барномаҳоятон иваз шуданд, - гуфт ӯ ба забони англисӣ.

-Айбе надорад.

-Метавонам шиносномаи Шуморо бубинам?

Ӯ сареъ кор мекард, чашмаш дар экран буд, вале ангуштонаш рӯи сафҳакалиди компютор медавиданд. Корткалиди ҳуҷраро ба ман супурд ва бори дигар маъзарат хост.

Дар назди лифт ба ёди навори таблиғотӣ афтодам.

-Аз навори таблиғотӣ хушам омад, мехостам аз як порчааш акс бардорам, имкон дорад?

-Кадом порчаро дар назар доред?

-Ҳамон зани ҷавонро, ки дар бозор нон мефурӯхт....

-Мушкил нест, аз корманди фаннӣ хоҳиш мекунам акси он наворро омода кунад. Фардо аз ҳамин мизи пазириш бигиред.

-Сипосгузорам..

Ҳуҷраи интихобкардаам дар ошёнаи панҷум ҷойгир аст ва панҷарааш рӯ ба хиёбони марказӣ боз мешавад. Сареъ душ гирифтаму панҷараро боз кардам. Аз ин баландӣ хиёбони камодам чун дар кафи даст менамуд. Мошини бузурге ба ҷодаҳо об мепошид ва бӯи хоку ҳаври асфалти гармро ба атроф пахш мекард. Шаҳр ҳанӯз дар хоб буд, шояд ба ин далел, ки имрӯз якшанбе аст ва шаҳриҳо аз хоб дертар бедор

мешаванд. Тарсу ҳаросе, ки дар фурудгоҳ доштам, тадриҷан фурӯкаш мекард ва манзараҳои ошно ба равонам оромиш мебахшид. Саранҷом бехобии ду рӯзи гузашта бар ман чира шуд ва то бистари нарм расидаму билофосила хобам бурд.

Тулонӣ ва ором хобидам, дар ҳеҷ меҳмонхонаи дигаре ба ин хубӣ нахобида будам ва агар хумори қаҳваю сигор намебуд, гумон аст, ки ба ин зудӣ аз тахти хоб баланд шавам.

Ман маъмулан субҳона намехӯрам, тамоми ниёзам як финҷон қаҳва бо шир аст.

-Эспрессо? Американо? Turkish coffee? - пурсид маъмури лобби бар, ки бо мӯйҳои баланду попюн (галстуки шапарак) шабеҳи раҳбари оркестр буд.

- Espresso with milk. Is it allowed to smoke here?

-No, only outside, - гуфт маъмур ва бо ангушт тарафи дари даромадро нишон дод

Қаҳваро росто нӯшидам ва ба берун шитофтам. Хиёбоне, ки бомдоди имрӯз бо покизагиву ҷаззобӣ нозанини хуфтаро мемонд, акнун бо мавҷи раҳгузарҳо ва буғ задани мошинҳои беҳисоб мисли бозори бузург буд. Ҳама ба куҷое шитоб доштанд. Беихтиёр аз зинаҳо поён шудаму ба тарафи роҳи зеризаминӣ рафтам. Марде дар зинаи аввали зерзаминӣ бо чашмони пӯшида ғижжак менавохт ва ба садои тангаҳое, ки гаҳ-гоҳ ба қуттии холиаш мерехтанд, таваҷҷуҳ намекард. Гунаи лоғар ва нотарошидааш бо ишқ рӯи чонаи ғижжак мехобид, ингор ғижжак маъшуқаш буд, ки онро бо меҳр навозиш мекард. Ба оламу одам коре надошт, танҳо барои худаш менавохт. Пиразане мисли кӯдаки раҳгумзада ба ҳар раҳгузар чашм медӯхту дурудароз аз думболашон нигоҳ мекард. Дар тан либосҳои фарсуда ва барои фасли тобистон номуносиб дошт, хаставу бенаво буд. Маро диду оҳиста ба наздам омад.

Чизе нагуфт, танҳо беҷуръатона ба тарафи ман даст дароз кард. Сигори нимкашидаро ба хокистардон андохтаму ба ёдам расид, ки пули тоҷикӣ надорам. «Ризқаш чизе

бошад», - гуфтаму даст ба ҷайб бурдам, искиноси 20 евро берун омад.

Пиразан гаҳ ба пул нигоҳ мекарду гоҳ ба ман.

-Бахшиш, пули тоҷикӣ надорам, аммо 20 евро пули хуб аст, дар ягон саррофӣ ба пули тоҷикӣ иваз кунед.

Пиразан ситоиши дурударозе хонду ба тамоми авлоду аҷдодам дуои нек фиристод.

Пушти ҳам ду сигор кашидам ва беихтиёр ба самти рост, ба сӯи истгоҳи роҳи оҳан қадам бардоштам.

## КУ ХОҲАРАКОНИ МЕҲРУБОНАМ КУ?

Бо гомҳои баланд роҳ мерафтам. Медонистам, ки агар суръати қадамҳоямро кам кунам, мумкин аст назарам иваз шавад ва кори имрӯзро боз ба фардо бигузорам. Саҳни ҳавлии сохтмони мо, ки дар гузашта орому тозаву тамиз ва сабзу дилкаш буд, ҳоло пур аз хоку ҷанг ва бо доду фарёди кӯдакони зиёд саҳни мактаби деҳаро мемонд. Дар ин чордаҳ сол хонаи мо мисли пири бесоҳиб ҷандапӯшу фартут шуда аст. Ман онро ба сахтӣ шинохтам. Бе тардид ба сӯи даромадгоҳ қадам бардоштам. Дари хона иваз шудааст, аммо ҳарфҳое, ки мо дар кӯдакӣ рӯи девор харошида будем, бо вуҷуди рангу бор ҳанӯз побарҷо буданд. Занги дарро пахш кардаму ду қадам ақиб рафтам, аз ҳаяҷон нафасгир мешудам, қалбам мисли девонаҳо метапид. Аммо касе дарро боз накард. Ин бор ангушт ба дар задам ва гӯш фаро додам, ки шояд садое бишнавам. Аммо хона хомӯш буд. Бо аҷала дари Игнат Степановичро задам. Касе дарро накушод. Нигарон шудам. Бо ҳамон аҷала ва хотири ошуфта аз сохтмон берун рафтам. Суроғи хоҳаронамро аз кӣ бигирам, нашавад, охир, хона ба хона бигардам. Рӯи ҳавлӣ чашмам ба духтараки ҳудудан 7-8-сола афтод, ки дар арғунчак албонҷ мехӯрд. Оҳани фарсуда ғиҷ-ғиҷ садо мебаровард ва бо ҳаёҳуи атроф ҳамнаво мешуд.

-Салом, Маҳнозро мешиносӣ, ҳоо хонааш дар ошёнаи сеюм аст.

Духтарак ба тарафе, ки ман ишора кардам, бо шубҳа нигарист ва бо аломати инкор сар такон дод. Бо умед ба атроф нигоҳ кардам, ки суроғи хоҳаронамро аз ягон нафари болиғ бигирам. Занеро дидам, ки бо борхалтаҳо оҳиста ба тарафи хонаи мо қадам мезад. Шояд аз бозор меомад. Дид, ки ба тарафаш меоям, борҳояшро лаби ҷӯйбор гузошту суоломез ба ман нигоҳ кард. Гуфтам, ки хоҳаронамро меҷӯям.

-Занг задам, касе дарро боз накард, шояд бозор рафтаанд? Онҳо дар табақаи сеюм зиндагӣ мекунанд, дар муқобили хонаи Игнат Степанович.

Ҳайрати зан бо ҳар исме, ки аз забони ман садо медод, бештар мешуд.

-Даҳ сол мешавад дар ин бино зиндагӣ мекунам, аммо ин номҳоро бори аввал мешунавам. Хонае, ки Шумо нишон додед, моли як марди тоҷир аст, хонаи рӯ ба рӯ ҳам. Аммо солҳо боз дар ин хонаҳо касе зиндагӣ намекунад. Боре лӯлаи кадоме аз ин хонаҳо кафид ва об ба ошёнаи дувум рафт. Касе суроғи соҳиби хонаро надошт, ки биёяд ва дарро боз кунад. Як ҳафта баъд омад ва калиди хонаҳоро ба ҳамсояи ошёнаи дувум дод, ки, агар ҳодисае шавад, хонаро боз кунанд.

Ин хабар маро карахт кард, забонам ёрои гуфтор надошт, дарунам аз изтироб меларзид.

-Апаҷон, аз ҳамсояҳои қадимӣ касе инҷо зиндагӣ мекунад? Дар ошёнаи аввали даромадгоҳи сеюм ҳамсинфи ман Фаридун зиндагӣ мекард, падараш коргари пулис буд. Онҳоро мешиносед?

-Мешиносам, як сол пеш хонаашонро фурӯхтанд. Соҳибкоре ин бино ва ҳо ун биноҳои дигарро харид, мегӯянд инҳоро тахриб мекунад ва ба ҷояш маркази тиҷоратӣ месозад... ҳама рафтанд... Додар, ҳолатон хуб аст?

Ӯ хам шуду аз борхалтааш як бутрии обро баровад ва маҷбур кард, ки якчанд ҷуръа бинӯшам.

-Агар хоҳед, аз ҳамсоя хоҳиш мекунам дарро боз кунад...

-Бояд соҳиби хонаро пайдо кунам, шояд ӯ медонад хоҳарҳои ман куҷо рафтанд.

-Шумо чанд сол боз онҳоро надидаед?

-Хеле боз…

-Дар ин нимкат бишинед, ман адреси соҳиби хонаро аз ҳамсоя мегирам.

Зани хубе будааст, ҳам рақами телефони он марди тоҷирро овард ва ҳам як доруи мусаккин.

-Ин доруро бихӯр, дилат дур наравад, ман парасторам, медонам чӣ мегӯям. Доруро хӯрдаму каме ба худ омадам.

-Ташаккур, апаҷон, барои кумак, ман бояд биравам.

Зан бо дилсӯзӣ даст ба китфи ман гузошт.

-Додарҷон, фикри бадро аз сарат дур андоз, замона осоишта аст, хоҳаронат сӯзан нестанд, ки гум шаванд, шояд ҷойи беҳтаре кӯчидаанд.

Ёдам нест, ки чӣ тавр то меҳмонхона расидам. Эҳсос мекардам, иттифоқи баде уфтодааст ва хоҳаронам аз ноилоҷӣ ломакон шудаанд, вагарна чаро бояд ягона дороии худро бифурӯшанд? Хонаро ҳамон соли фирори ман ё чанд моҳ баъд аз он фурӯхтаанд.

Телефонро пеш кашидаму шумораи он тоҷирро, ки Соҳиб ном дошт, гирифтам.

-Салом, акаи Соҳиб.

-Салом... нашнохтум Шумора.

-Шумо маро намешиносед, як мушкил дорам, ки танҳо шумо метавонед осонаш кунед.

-Шумо кӣ ҳастед? Шумораи телефони маро аз куҷо гирифтед?

-Шумораи Шуморо аз ҳамсоя гирифтам...

-Хуб?

-Ман аз раҳи дур омадам, аз Финдлонд, ин ҷо се хоҳар дорам, хонаашонро ба Шумо фурӯхтаанд... Он хона дар

наздикии истгоҳи роҳи оҳан аст. Ёдатон ҳаст? Ман хоҳаронамро намеёбам, хоҳиш мекунам кумак кунед. Метавонем ҳамдигарро бубинем?

Соҳиб ҳарфи маро то охир сабурона шунид.

-Ростӣ, намедонам чӣ кумаке аз ман бармеояд. Хоҳарони Шуморо ҳеҷ гоҳ надидаам, хонаро аз марде бо номи Саидалӣ харидам. Санадҳои хонаро овард, нотариус рафтем, пулро гирифту калиди хонаро дод.

-Саидалӣ? Ман касеро бо ин ном намешиносам.

-Намедонам, шояд хоҳарҳои Шумо хонаро нахуст ба ин мард фурӯхтанд. Мантиқан бояд ҳамин хел бошад. Санадҳои Саидалӣ қонунӣ буд, ман ҳамаашро санҷидам.

-Хонаро кай харидед?

-Ҳамон соле, ки мӯйсафеди ҳамсояатон мурд, ду хонаро ҳамзамон харидам, агар хато накунам 13 ё 14 сол пеш буд.

-Шумо рақами телефони Сайдалиро доред?

-Телефонашро дар куҷое навишта будам, бегоҳ занг занед, шояд пайдо кунам.

Намедонистам вақтро то бегоҳ чигуна кӯр кунам, об аз гулуям намегузашт. Пушти ҳам сигор мекашидам, аз равуо дар байни ҳуҷра ва кунҷи дари вурудӣ билохира хаста шудам ва ба қаҳвахонаи тобистонаи меҳмонхона гузаштам, ки он ҷо сигор кашидан иҷозат аст.

Навбатдори пазирой пакети калонҳаҷмро бо акси зани нонфурӯш ба ман дод.

Ҳоло ин акс беш аз ҳар чизи дигар бароям муҳим шудааст. Намедонам бо чӣ умеде озими бозор шудам, шояд он зан дар асл хоҳари ман нест.

Аз меҳмонхона то он бозор бо мошин ҳамагӣ даҳ дақиқа роҳ аст. Ман ин бозорро медонам, танҳо ҷойи нонфурӯшҳо дигар шудаст. Ба писараки аробакаш, ки бо аробаи холӣ ба дунболам мегашт ва кумак пешниҳод мекард, каме пул додаму гуфтам маро ба бахши нонфурӯшҳо бубарад.

Бозори нон ва анвои маҳсулоти ордӣ дар ҷойи дастрас, дар тарафи рости даромадгоҳи бозор қарор дошт ва харидорони саросема, ки ниёзе ба бозоргардӣ надоштанд, нони гармро аз сари роҳ мебардоштанду бо шитоб мерафтанд. Бо нонфурӯшҳо самимона ҳолпурсӣ мекарданд, мисли муштариҳои қадимӣ буданд.

- Ака, нони гарм бигирен, ҳозир ай дегдон кандем, - гуфт духтари ҷавон ба марди хушлибоси миёнсол, ки аз бағали растаи нонфурӯшӣ мегузашт. Ба харидор монанд набуд, аммо чашмаш ба чеҳраи ҷаззоби духтар афтоду дилаш об шуд.

-Агар нонҳоят мисли худат хушрӯ бошанд, албатта, мехарам, - гуфт ӯ ва гӯиё нон хуш мекард, аммо дар асл аз ҳайкали зебои нонфурӯш чашм намеканд. Духтарак кори худро балад буд, шояд муддатҳост нон мефурӯшад. Чашмони беқарораш шабеҳи чашми тоҷире буд, ки сангро «қанд» гуфта ба муштарӣ мефурӯшад. Ӯ бо ду ҳарфи ширин як бастаи калонро ба марди хушлибос дод, ки шояд буҳрони миёнсолиро таҷруба мекард ва домони ҷавонии рафтаро сар намедод. Даҳони мард гиз шуд ва чашмони ғармиҷозаш аз хушҳолӣ барқ мезаданд.

-Акаҷон, боз биёед, - гуфт духтар ва даст рӯи синаҳои дамидааш гузошту нимтаъзим кард ва дафъатан рӯ ба муштарии навбатӣ овард, ки нонҳоро бо дастони ношустааш ламс мекард. Марди миёнсол аз ҷояш такон нахӯрд, аммо ниҳоят фаҳмид, ки лабханду ишваҳои духтар чизе бештар аз тарфанди тиҷоратӣ нест, ноумед шуду рафт.

Мехостам акси нонфурӯши шабеҳи хоҳарамро ба ин занҳо нишон бидиҳам, аммо харидорон меомаданду мерафтанд ва фурсате намедоданд, ки бо яке аз онҳо суҳбат кунам. Ниҳоят чашмам ба фурӯшандае афтод, ки аз ароба нон мефурӯхт ва харидоре надошт.

-Ду дона нони гарм мехоҳам.

-Ҳозир, додар! - гуфт он зан, ки бисёр хаставу лоғар буд ва ҳалқаҳои сиёҳи зери чашмаш ӯро афсурдаву пир нишон

медоданд. Ӯ дастархони пластикиро аз рӯи нонҳои мисли сарбоз сафкашида бардошт. Чӣ бӯе доштанд ин нонҳо! Ман аз дирӯз ба ҷуз қаҳва чизе дар даҳон надоштам ва беихтиёр аз лаби нони гарм, ки он зан бароям интихоб кард, як гоз гирифтам. Ӯ лабханд зад, аммо лабхандаш ҳам мисли худаш хаста ва пирона буд. Пули нонро аз будаш бештар додам, аммо аз ӯ дур нашудам

Суоломез ба ман нигоҳ кард.

-Боз ҳам нон мехоҳед?

-На, кумак мехоҳам...

-Чӣ кумаке?

Ман акси чаҳорқадшудаи зани нонфурӯшро аз ҷайб берун овардам.

-Шумо ин занро намешиносед? Дар ҳамин бозор нон мефурӯшад.

Ӯ шабеҳи одаме, ки бидуни айнак хат намехонад, чашмонашро рез карду ба акс хира шуд, чеҳрааш намуди нигаронӣ гирифт.

-Ба ин зан чӣ кор доред?

-Ӯро дар билборди таблиғотӣ дидам...

-Дар чӣ? - ҳарфамро бурид ӯ.

-Дар видеорекламаи ҳамин бозор... ба хоҳарам монанд аст.

Дар ҳоле, ки бо шубҳа ба ман нигоҳ мекард, як зани дигарро, ки дар гӯшаи наздик ба даромадгоҳи бозор нон мефурӯхт, бо ишораи даст ба сӯи худ хонд.

-Ин ҳамон зани кофарниҳонӣ нест?

Дӯсташ фаъолтар ва зирактар менамуд. Аксро бодиққат омӯхт.

-Монандӣ мекунад ба ҳамун зани кофарниҳонӣ... барои чӣ мепурсӣ?

-Ин додарам дар борааш мепурсад.

-Номашро намедонед? - пурсидам бесаброна.

-Не, бахудо, ман номша намедонум. Охир, бисёр намеоя, гоҳ-гоҳ кулча меора, медонум ай Кофарниҳон меоя. Як дақиқа исте…

Ӯ аксро гирифту ба тарафи нонфурӯшҳои дигар давид. Ман ҳам ба думболаш рафтам. Ингор ҳама он занро дидаанд, аммо касе номашро намедонад. Ноумед шудам.

-Гӯш кун, додарҷон, номери телефонта мон, ҳами ки дидемуш, зангут мезанем, чӣ гуфтӣ?

-Хуб аст.

Шумораамро навиштам ва пойи пиёда ба меҳмонхона баргаштам. Ҷойе барои аҷала набуд.

Медонистам, ки ин сафар дигаргуниҳои ғофилгир дорад, аммо он чӣ рух медиҳад, фаротар аз тасаввури ман аст. Хоҳари бузургам хонаро дуруст баъди фирори ман фурӯхтааст, ин ба маъноест, ки бадбахтие ба сараш омадааст, вагарна чаро бояд ягона дороии хонаводаро бифурӯшад. Хоҳаронам куҷо рафтанд? Мо ба ҷуз ин хона ҷое барои рафтан надоштем. Ақрабои модарам ба далели издивоҷи ӯ бо як марди зандор солҳо пеш, ҳатто пеш аз таваллуди ман, аз мо рӯ тофтанд, ба ҷуз модарбузургам, ки гоҳ-гоҳ пинҳонӣ аз писаронаш ба дидани мо меомад.

Холаҳоям мегуфтанд, модарам онҳоро пеши хешу табор шармсор кард. Ӯ як бародар ва як додари дигар ҳам дошт, ки ман онҳоро танҳо як бор дар ҷанозаи падарбузургам дидам. Бинобар ин, андешаеро, ки эҳтимол ятимҳои модарамро хонаводааш зери пар кардаанд, аз зеҳнам дур андохтам. Бадии кор ин аст, ки ман наметавонам ба пулис муроҷиат кунам ва аз онҳо кумак бихоҳам. Аввалин пурсиши мантиқӣ дар пулис ин хоҳад буд, ки исми воқеиям чӣ аст ва чаро ному насабамро иваз кардам. Ба ҳеҷ далеле намехоҳам ҳувиятам ошкор ва таҳқиқ шавад. Ягона роҳ таҳқиқи хусусӣ аст, бе кумаки пулис. Бо ин таҳлилҳои бесару бун рӯз ҳам бегоҳ шуд ва ман ба ҳуҷра баргаштам, то аз телефони меҳмонхона бо Соҳиб дар тамос шавам. Аз те-

лефони ҳамроҳ занг назадам, то ӯ рақами ношиносро рад накунад.

Соҳиб маро зуд шинохт ва дарҳол гуфт, ки рақами Саидалиро ёддошт кунам.

Ба он мард, ки Соҳиб аз ӯ Саидалӣ ном бурд, ду бор аз телефони мобил ва як дафъа аз телефони меҳмонхона дар тамос шудам, телефон занг мехӯрд, аммо касе гӯширо намебардошт. Дастонам аз изтироб меларзиданд. Саидалӣ метавонист сарнахи ин калобаи печидаро боз кунад. Шояд шумораш иваз шудааст? Ё шояд куллан кишварро тарк кардааст? Пас ман чӣ хоке ба сарам бизанам, хоҳаронамро чи гуна пайдо кунам? Танҳо гузинаи собит дидор бо ақрабои модарам аст, ки эй кош ғайри ин роҳи дигаре мебуд! Сафари ман барои як ҳафта барномарезӣ шудааст, аммо бо ин вазъият эҳтимол як муддат инҷо мондагор мешавам.

Ҳавсалаи гаштугузор надоштам, аммо ин чордевор ба равонам фишор меовард. Душ гирифтаму либос иваз кардам ва акнун мехостам аз дар берун шавам, ки телефони меҳмонхона занг хӯрд.

-Ассалому ъалайкум, аз ҳамин рақам касе ба ман занг задаст, - марде бо садои ҳалқии хоси Мисбоҳиддин, ҳамон муллобачае, ки дар Русия дида будам, ҳарф мезад. Каме дастпоча шудам.

-Ман тамос гирифтам, мехостам бо Саидалӣ суҳбат кунам... Шумо?

-Ман Саидалӣ.

-Худоро шукр! Акаи Саидалӣ, номи ман Фарҳод аст, дар ҳотели Душанбе ҳастам, вақт доред, ки ҳамдигарро бубинем? Кори воҷиб дорам, хушҳол мешавам, агар не нагӯед.

Ӯ ибтидо каме дудила шуд, аммо баъди лаҳзае маро дар ҳайрат гузошт.

-Чаро не, ман дар ҳамин атрофам, дар фурӯшгоҳи «Садбарг», каме кор дорам, пас аз ним соат мерасам.

-Ташаккур, акаҷон, Шуморо дар қаҳвахонаи ҳавлии меҳмонхона интизор мешавам.

Бо ачала ба қаҳвахона шитофтам. Ҷавони пешхизмат, ки аз саҳар бароям қаҳва меовард ва ҷаъбаҳои холии сигор-ро аз рӯи миз мебардошт, маро диду лабханд зад. Хиҷолат кашидам, шояд аз зеҳнаш гузаштааст, ки ман як одами хасисам ва меъдаамро бо қаҳва фиреб медиҳам.

Саидалӣ пештар аз вақти ваъдагӣ омад. Ман ӯро билофосила шинохтам, шояд ба ин далел, ки бо пероҳану шалвори сафеди мазҳабӣ ва риши кӯтоҳу мураттаб ба бошандагони ин меҳмонхона монанд набуд. Чоқу шикамдор буд ва бор ба пушт роҳ мерафт. Шабеҳи одаме, ки ба мулоқоти кӯр-кӯрона меравад, каме мутаҳаййир менамуд. Ба истиқболаш шитофтам гӯиё ӯро сад сол боз мешинохтам, ки самимона ҳолпурсӣ кардам. Ҷавони пешхизмат меҳмонро диду дарҳол бо феҳрасти ғизоҳо ҳозир шуд ва баски аз ман умеди зиёд надошт, феҳрастро ба меҳмон дод. Саидалӣ феҳрастро нагирифт.

-Чӣ ғизои хушмаза доред? - пурсид ӯ бо ҳамон садои ҳалқӣ, ки бо ҷусааш мегуфт.

-Хомшӯрбо, шашлик, кабоби дегдонӣ, пелмен, катлет по киевски...

-Як коса хомшӯрбо биёр ва барои ғизои дуюм... кабоби гӯшти буз, доред?

-Кабоби гӯшти буз дорем, - гуфт пешхизмат ва ба ман нигоҳ кард.

-Ман оши палав мехоҳам, агар бошад.

Абрӯвони пешхизмат, ки то ин соат маро меҳмони хориҷӣ мепиндошт, аз ҳайрат баланд ва гӯшаи лабонаш сарозер шуд.

-Не, акаҷон, ош соати 12 тамом мешавад.

-Пас барои ман ҳам шӯрбо биёред.

-Чӣ ҳол дорӣ, додар. Хуб ҳастӣ? - пурсид Саидалӣ ба маҳзи дур шудани пешхизмат.

-Ташаккур, ака, хубам.

-Дар телефон гуфтӣ, ки ба ман чӣ коре дорӣ...

-Бале... аммо намедонам аз чӣ оғоз кунам, бисёр масъалаи печида аст...

Саидалӣ кунҷкоб шуд.

-Нигаронам кардӣ, бача, ин масъалаи печида ба ман дахл дорад?

-Аз як ҷойе ба Шумо ҳам рабт мегирад. Ман аз Финлонд омадам, дар ин ҷо се хоҳар дорам, солҳо боз онҳоро надидаам. Ин саҳар ба умеди дидори хоҳаронам ба хона рафтам, аммо на онҳоро пайдо кардам ва на хона дигар моли мост. Бо акаи Соҳиб, нафаре, ки акнун хона моли ӯст, дар тамос шудам, хаёл кардам аз хоҳаронам маълумоте дорад. Аммо ҳайҳот! Ӯ гуфт, хонаро чордаҳ сол пеш аз Шумо харидаст... Ба ин тартиб, аввалин харидори хона Шумо будед ва шояд хоҳаронамро дидаед...

Меҳмон шигифзада шуд.

-Дар ин чордаҳ сол бо хоҳаронат дар тамос набудӣ?

-Достони ман, акаҷон, бисер тулонӣ аст, далелҳое доштам, ки бозгаштамро душвор мекарданд. Аммо ҳоло бояд хоҳаронамро пайдо кунам. Шумо аз онҳо чизе медонед?

Саидалӣ марди боназокат будаст, кунҷковӣ накард, танҳо чашмонаш рез шуданд. Ӯ риши сахиму қатрониашро бо ангуштонаш шона зад ва ба фикр фурӯ рафт.

-Он хонаро солҳо пеш, шояд 14 сол пеш, аз як марде харида будам, ки исмаш дуруст дар хотирам нест, ё Аъзам буд ё Азим... Аммо санади муомиларо як духтари ҷавон имзо кард. Ҳоли вахим дошт, кӯдаки хурде дар бағалаш мисли мор печутоб мехӯрд ва чиррас мезад. Дуруст ёдам нест, аммо, ба назарам, бо он мард хешигарӣ дошт, ки ӯро «ака» садо мезад. Хонаро бо ҷиҳозаш фурӯхтанд, аҷала доштанд, бо нархи арзон фурӯхтанд. Ман як тоҷирам, он хонаро барои зист нагирифтам, каме пули изофӣ ба дастам афтид, хостам ҷойе сармоягузорӣ кунам, то беҳуда нест нашавад.

-Хоҳарони ман кучо рафтанд?

-Намедонам, додар, онҳо барои холӣ кардани хона ду-се рӯз вақт пурсиданд, гуфтам ачала надорам, ҳар қадар зарур бошад, зиндагӣ кунанд. Росташро бигӯям, дилам ба ҳоли он духтар сӯхт, бисёр афсурдаву мазлум буд. Калиди хонаро як ҳафта баъд ҳамон мард овард. Дигар онҳоро надидам...

-Аз он Аъзам ё Азим шумораи телефон ё одресе надоред?

-Доштам, аммо шумораҳо зиёд шуданд, нодаркорашро пок кардам.

-Рақами кӯҳнаро аз рӯи таблуграммаи зангҳо мешавад барқарор кард...

-Мешавад... ҳмм ... аммо он рақам бароям муҳим набуд, барои ҳамин рӯфтамаш.

-Агар барқарор мекардед, ман ҳамаи харочоташро мепӯшондам, - бо илтичо ба чашмонаш нигоҳ кардам.

Пешниҳодамро нашнида гирифт ва рӯи косаи хомшӯрбо, ки пешхизмат бо ду кулча ва як лаълӣ сабзавоти тоза рӯи миз гузошт, сар хам кард. Ман ба ғизо даст назадам ва ҳанӯз ҳам чашмам ба Саидалӣ буд. Ӯ як кулчаро дохили шӯрбо хурд карду бо қошуқ ҳам зад, аммо хӯрдани ғизо дар зери нигоҳи ман барояш сангинӣ кард, ки сар бардошту хандид.

-Шӯрборо бихӯр, баъд суҳбат мекунем.

Косаҳоро хомӯшона холӣ кардем ва аз лаълии гӯштбирён ба чуз дандаҳои буз чизе боқӣ намонд. Меҳмон риши равғанолудашро аввал бо дастмоли суфра ва сипас бо рӯймолчаи сафеде, ки аз чайб берун овард, пок кард. Домуллои олуфтае буд.

-Агар бекор бошӣ, фардо ба ширкати мобилӣ сар мезанем, бубинем чӣ мегӯянд. Хеле мардуми баҳоначӯ ва нокораанд.

Аз хушҳолӣ нимхез шудам.

-Ман коре надорам, дар ҳар замони муносиб омодаам Шуморо ҳамроҳӣ кунам. Пул пешниҳод мекунем, корро сареътар анчом медиҳанд.

-Бошад. Пагоҳ соати ҳашти саҳар туро дар он тарафи роҳ, назди «Садбарг» интизор мешавам, дер накунӣ, ки ман вақти беҳуда надорам.

-Ҳазор раҳмат, акаҷон, нигарон набошед, сари вақт мерасам.

Саидалиро то пеши мошини «Jeep», ки ҷудо аз мошинҳои дигар дар як гӯшаи амн қарор дошт, бадрақа кардам.

-То пагоҳ, - гуфту дасташро барои хайрухуш баланд бардошт ва ба зинаи баланди мошин мисли чавандозҳо по гузошту худро сареъ ба сандалӣ партофт. Мошини ба ин бузургӣ зери бори ӯ такон хӯрд. Ба манзури «то дидор» сигналро пахш кард ва мошинро ба самти хиёбони марказӣ чархонд. Аз Саидалӣ хушам омад. Шояд ба ин далел, ки одами худотарс асту солҳо пеш ба хоҳари мазлуми ман дилсӯзӣ кардааст ва ҳоло ҳам дилаш нашуд маро бо бадбахтиям танҳо гузорад.

Дар ҳузури ӯ сигор накашидам. Шунида будам, ки мардуми мазҳабӣ сигорро гуноҳ медонанд. Вақте аз хоҳарам суҳбат мекард, дастам беихтиёр ба ҷайбам мерафт. Ба сахтӣ худдорӣ кардам. Ҳоло ҳар чизе, ки тарафи муқобилро аз ман дур мекард, бароям музир буд. Мошини Саидалӣ дар хамгашт тоб хурду ман дар паси дукони пирошкифурӯшӣ, ки аз ҳар кунҷаш бӯи равған меомад, сигор рӯшан кардам. Аҷиб аст, дар Финлонд беибо дар кӯча сигор мекашидам, аммо ин ҷо истиҳола мекунам ва шабеҳи наврасе, ки пинҳонӣ дуд медиҳад, ба чаҳор тараф чашм медавонам.

Намехостам ба меҳмонхона баргардам ва бо андешаҳои печидаам танҳо бимонам. Қабл аз омадан ба худ мегуфтам, ки тамоми шаҳрро тай мезанам, ба ҷойҳое меравам, ки дар кӯдакӣ дӯст медоштам, вале касе маро ба он ҷо намебурд. Пойи пиёда озими маркази шаҳр шудам. Соат ҳашти шом аст ва ҳарорати чилдараҷаӣ фурӯкаш карда, шаҳр дар партави чароғҳои рангоранг нафаси осуда мекашад. Ҷодаҳо

пур аз мардумест, ки хонаводагӣ гардиш мекунанд ва аз хурд то бузург раҳбараҳ бастанӣ мехӯранд. Шаҳр накҳати амнияту оромиш дошт. То фурӯшгоҳи марказӣ, ки акнун дар паҳлуи биноҳои бошукӯҳ ва фурӯшгоҳҳои муҷаллал пири қоматхамидаро мемонад, қадам задам. Гардиш ҳоламро беҳтар кард.

Аммо он шаб хоби нооромe доштам, борҳо бедор мешудаму ба соат нигоҳ мекардам. Метарсидам, ки мабодо дар хоб бимонам ва Саидалиро мунтазир кунам. Ҳамон изтироб, ки аз замони зиндонӣ шуданам дар Русия домангири ман аст, дубора вуҷудамро фаро мегирифт. Мусаккин дорам, аммо агар дору бихӯрам, гумон аст, ки саҳар аз хоб баланд шавам. Гоҳ хобу гоҳ бедор шабро то саҳар бурдам. Қаҳваи саҳариро росто нӯшида, соати 7:45 дар назди бинои «Садбарг» ҳозир шудам. Саидалӣ дақиқан соати 8 аз зинаҳои фурӯшгоҳ пойин омад ва маро диду лабханд зад.

-Ту бача, ба фикрам, имшаб дар ҳамин ҷо хобидӣ! -шӯхӣ кард. Ӯ муҳтоҷии маро дарк мекард.

-Ассалому ъалайкум, - гуфту дастамро самимона фишурд.

Маро дар сандалии пеши ронанда нишонд. Бӯи мулоими рӯкашҳои чармӣ якҷо бо рӯғани шамъдонӣ ба димоғам зад. Эҳтимол мошинро ба тозагӣ харидааст. Мошинаш ҳам мисли худаш олуфтаву тамиз буд.

Ӯ акнун пой дар рикоби Jeep мегузошт, ки телефонаш занг хӯрд.

-Оҳ, бача! Як дақиқа, ба ҳамин занг ҷавоб диҳам, муштарии бисёр муҳим аст!

Он қадр бо аҷала ва сабук аз мошин дур шуд, ки гӯиё гӯште дар тан надошт.

Садояш шунида намешуд, аммо аз ғамзаҳояш маълум буд, ки «муштарӣ»-и он сӯи хати телефон қатъан мард нест. Мисли навраси ошиқ дастпоча мешуд, гоҳ бо нӯги кафш за-

минро хат мекашид, гоҳ ришашро мехорид ва гоҳ лабханди ширин дар лабонаш гул мекард. Ним соат суҳбат кард ва билохира бо гунаҳои сурх ва чашмони шарарбор ба мошин баргашт.

-Мебахшӣ, додар, туро мунтазир кардам... кори тиҷорат ҳамин аст...

-Айб надорад.

Ончунон хушҳол менамуд, ки кам монда буд суруд бихонад.

-Бисмиллоҳу раҳмону раҳим, - гуфту калидро тоб дод ва салони мошин аз садои ҷаззоби қории Қуръон пур шуд. Сардии рашъадоре пуштамро ба ларза овард. Қироати сураҳои Қуръон хотироти марги модарам ва хонаамонро, ки мотамсарое буд, дар зеҳни ман зинда мекунад. Мардум рӯзу шаб меомаданду мерафтанд ва додарзодаи падарам, ки садои хубе дошт, бо расидани ҳар нафар китобашро боз мекарду аз Қуръон сура мехонд. Садои ӯ ашкҳои маро сарозер мекард. Ҳоло ҳам бо аламе, ки аз гум шудани хоҳаронам доштам, буғз гулуямро фишор медод ва чашмонам пур мешуданд. Саидалӣ худ ба худ лабханд мезад, эҳтимол дар гӯши ӯ садои дигаре нағмасароӣ мекард.

Ҳалли як мушкил дар ширкати мобилӣ, ҳамон тавр, ки ӯ мегуфт, кори осон набудаст. Мо дар сафи муштариҳо нафари ҳаштум будем, аммо сафи тулонӣ ҳеҷ кӯтоҳ намешуд. Корафтодаҳо бенавбат сар ба равзана мезаданд ва маъмуре, ки дархости муштарии сафи аввалро баррасӣ мекард, сар аз коғазҳо бармедошт ва ба пурсиши чандин нафари дигар посух медод. Саидалӣ ба манзури «гуфта будам» сар такон дод. Ман аз ин нигарон будам, ки ӯ саранҷом «кор дорам» мегӯяд ва аз ёфтани шумораи даркорӣ мунсариф мешавад.

Ҷавони маъмур ҳамин тавр мушкили даҳ-дувоздаҳ нафарро ҳал кард, то навбат ба мо расид. Ӯ ба дархости Саидалӣ гӯш доду дарҳол гуфт, ки ин кори осон нест, як ҳафта вақт мегирад.

-Акаи Саидалӣ бо худ санаде доред?

-Паспортам дар мошин аст, илтимос, паспортро биёред.

Ман аз ғарами формҳои пештоқи равзана якеро бардоштаму дар дохилаш 200 евро гузоштам ва ба маъмур додам.

-Ин рақам барои мо бисёр зарур аст, хоҳиш мекунам кумак кунед. Ӯ варақро боз карду мисли наврасе, ки бори аввал акси зани урёнро мебинад, сурх шуд ва варақро бо аҷала пӯшонд.

-Таблограммаи кадом сол, кадом моҳҳо даркор?

-Соли 2009, моҳашро бародарам медонад.

Саидалӣ шиносномаро оварду ба маъмур гуфт, ки аз моҳи сентябр то январро бубинад.

-Шумо бо он рақами даркорӣ бисёр занг мезадед?

-Не, мумкин чор ё панҷ дафъа, на бештар аз ин.

-Ман як пешниҳод дорам, аз ин моҳҳо танҳо рақамҳоеро мегирам, ки шумо то даҳ маротиба бо онҳо дар тамос шудед. Агар ҳамаашро бихоҳед, бисёр тулонӣ мешавад.

-Пешниҳоди оқилона, - хушҳол шуд акаи Саидалӣ, ки аз тамос бо садҳо шумора нигарон буд.

-Баъд аз як соат биёед, коғазҳоро омода мекунам, гуфт маъмур ва муштарии баъдиро даъват кард.

-Ба ин нокора чӣ қадар ришва додӣ, ки зуд қобил шуд?

-200 евро, - гуфтам бо лабханд, ки аз натиҷаи кори худ розӣ будам.

-Зиёд додаӣ, бача, ту ин порахӯрҳои моро бо евро одат накунон, ки дигар сад сомонии моро ба назар намегиранд! Хуб, чӣ кор кунем? Субҳона хӯрдаӣ?

-Танҳо қаҳва нӯшидам.

-Дар ҳамин наздикиҳо як қаҳвахонаи хуб аст, субҳонаи хушмаза дорад, мехоҳӣ он ҷо биравем?

-Ҳар чӣ Шумо бигӯед.

Маъмури ширкати мобилӣ варақеро бо 20 шумори телефон ба мо дод.

Мехостам дафъатан ҷойе бинишинем ва як-як бо ин шумораҳо дар тамос шавем, аммо Саидалӣ гуфт, ки бояд ба дуконҳояш баргардад.

-Ду рӯз боз ман меҳмони ту будам, ин бегоҳ ман туро меҳмондорӣ мекунам. Омода шав, соати шаш дар назди меҳмонхона интизорат мешавам.

Ҳарчанд ҳеҷ тарабхонаву меҳмондорӣ дар дилам намегунҷид, аммо ночор даъваташро пазируфтам.

Саидалӣ ба ин муносибат либосҳои шики бренд пӯшида буд, ӯро қариб нашинохтам. Бо лабханд ба пероҳанаш, ки моли Louis Vuitton буд, ишора кард.

-Инро пӯшидам, ки хабари шалвори кашоли маро то Финлонд набарӣ!

-Бисёр зебидаст, бо ин либос Шумо хеле ҷавон менамоед.

Тарабхона бо мусиқии зинда, шеваи чидани мизҳо ва ҳатто наҳвае, ки пешхизмати хушлибос ғизоро ба муштарӣ мерасонд, шику замонавӣ, аммо пурсарусадо буд.

Овозхоне дар пасманзари ҳаёҳуй ва сар ба сар задани соғарҳои шароб бо сӯзу гудоз аз ишқ месуруд. Ду нафар дар ҳавои ин мусиқии орому ғамангез, ки ҳеҷ барои рақс муносиб набуд, бо шавқ дасту по мезаданд.

Саидалӣ мизро дар гӯшаи дуртар аз садои мусиқӣ ва хандаву шӯхии як гурӯҳи бузург, ки маъракаеро ҷашн мегирифтанд ва ҳар лаҳза аз ҷой баланд шуда каф мезаданд, интихоб кард. Нигоҳашро аз ман, ки шавқманди хабари шумораи телефон будам, мегурезонд. Нороҳат шудам, аммо ба хотири заҳматҳои Саидалӣ, ки ду рӯз боз бо ман саргардон аст, саъй кардам эҳсосотамро нишон надиҳам. Магар мешавад?! Нохудогоҳ абрӯ ба ҳам кашидам.

-Азимро ёфтам!

Саидалӣ инро гуфту мисли одаме, ки мехоҳад моҷаро боз ҳам ҳаяҷонбарангез шавад, ҳарфашро идома надод ва бо нӯги ангушт пешхизматро ба наздаш хонд.

-Хоҳараки акаш, меҳмони хориҷӣ дорам, ҳамин мизро бо ғизоҳои пеши пеш пур кун! - гуфту ба тарафи ман чашмак зад. Духтари пешхизмат, ки яқаи амиқаш пеши бари чун шир сафедашро намоиш медод, бо ноз лабханд зад.

-Я вас поняла, все будет сделано в лучшем виде.

-Акаи Сайдалӣ, мурдам аз кунҷковӣ, бигӯед билохира чӣ шуд?

-Биё, то омода шудани миз ба айвон бароем, кайф мекунӣ, ин хел манзараҳоро дар Финлонд дар хоб ҳам намебинӣ.

Айвони барҳаво дар боми бинои дувоздаҳошёна қарор дошт ва тасвири шаҳрро дар пасманзари ғуруби офтоб шигифтангез мекард.

-Дидӣ манзараро?

-Воқеан маҳшар аст.

Мо дар курсиҳои роҳати айвон нишастем. Аз шафақи зарҳалӣ чашм бардоштан душвор буд.

-Акаи Сайдалӣ, метавонам сигор бикашам?

Саидалӣ гардани бо илтиҷо каҷшудаи маро диду бо садои баланд хандид.

-Ту барои тоҷик будан бисёр хиҷолатӣ ҳастӣ, бикаш, ман ба он андозае, ки ту фикр мекунӣ, муҳофизакор нестам.

-Акаҷон, Азим чӣ гуфт?

-Аз ту чизе нагуфтам, ҳатто нагуфтам, хонаро фурӯхтам. Гуфтам, милеса чанд бор омада пурсид, ки дар ин хона се хоҳар буд, куҷо шуданд. Ҳис кардам, ки тарсид. Гуфтам гапи телефонӣ нест, ҷойи корам биё, суҳбат мекунем. Ваъда кард, ки пагоҳ саҳар меояд.

-Ман ҳам бо Шумо биёям?

Туро набинад, беҳтар аст. Одреси хоҳаронатро мехоҳӣ? Ман худам инро бароят анҷом медиҳам.

Аз ӯ ташаккур кардам, аммо як ҳиссе ба ман мегуфт, ки Азим ба мулоқот намеояд.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Саидалӣ нимаи рӯз занг заду гуфт, ки Азим наомад, гузашта аз ин телефонашро хомӯш карда-аст ва ба зангҳо ҷавоб намедиҳад.

-Аз дасти ман дигар коре барнамеояд...

-Ташаккур, акаи Саидалӣ, агар кумаки Шумо набуд, то ин ҷо ҳам намерасидам, ба ман бародарӣ кардед, сипосгузорам.

-Ҳоло чӣ кор мекунӣ?

-Ба ширкати мобилӣ меравам, маъмур гуфта буд, ки суроғаи муштариро аз рӯи шумораи телефон пайдо мекунад.

-Худо мададгор, додар, коре доштӣ, хиҷолат накаш, ба ман бигӯ.

Худоро шукр, ки корам дар ширкати мобилӣ зуд анҷом шуд. Навбат тулонӣ буд, аммо маъмури дирӯза маро диду мисли одами «худӣ» бо ишораи сар «биё» гуфт. Варақро бо шумораи телефон ба ӯ додам. Суроғаи Азим баъди як дақиқа дар ҷайбам буд. Ин бор ба маъмур пул надодам, мехостам, аммо аз ҷамъяти бузург, ки пушти сарам буд, истиҳола кардам. Вақте аз дафтари ширкати мобилӣ берун меомадам, соат чаҳори баъд аз зуҳр буд ва офтоб шаҳрро дар тобаи доғ месӯзонд. Чунин гарморо дар умрам надида будам. Дамосанҷи гӯшаи фурӯши маводи сӯхт 43 дараҷаро нишон медод, аммо гармо 50 дараҷа эҳсос мешуд. То расидан ба истгоҳи таксӣ, ки ду қадам роҳ буд, пероҳанам арақ карду дар танам часпид ва ман эҳсоси нороҳатӣ мекардам.

Таксӣ зиёд буд, аммо муштариҳо нахуст мепурсиданд, ки мошин кондитсианер дорад? Дар ин гармои ғайри қобили таҳаммул тоби интихоб надоштам ва ба аввалин токсие, ки дар наздам мутаваққиф шуд, нишастам. Ҳавои дохили таксӣ сарду форам буд. Адресро ба ронанда додам ва пурсидам, ки ин хона дар кадом минтақаи шаҳр аст. Ронанда варақро боз карду мошинро баъди сад метр нигоҳ дошт.

-Ин адреси кӯчаи шаҳр нест, коди почтаро бинед, Душанбе ин хел код надорад.

Ӯ ба куҷое дар тамос шуду коди пострo дикта кард. Телефон дар баландгӯ буд ва шунидам, ки нафари он тарафи хати телефон мегуфт, ки ин коди пости ноҳияи Кофарниҳон аст.

-Мебахшӣ, додар, зонаи мо дохили шаҳр аст, Кофарниҳон рафта наметонум. Таксиҳои Кофарниҳон пеши фурӯшгоҳи Садбарг меистан, агар хоҳӣ то ҳамуҷара мебарум.

Чораи дигар надоштам, розӣ шудам. Аз сӯи дигар, ҳеҷ намехостам аз ҳавои форами дохили мошин ҷудо шавам.

Ронанда маро дар назди таксиҳои Кофарниҳон пиёда кард ва сарашро аз панҷара берун оварда ба якчанд ронанда, ки роҳи наҷот аз гармиро дар сояи дарахте ёфтанд, муроҷиат кард.

-Ҳамин одам Кофарниҳон рафтанӣ аст, ягон мошини бекор аст?

Ронандаҳо коҳилона ба тарафи ӯ чарх заданд, аммо ангор касе озими он минтақа набуд.

-Мошинои Кофарниҳон саҳар қати меоян, соатои 7-8 биё, меёвишон, - гуфт кадоме аз онҳо.

Jeep-и Саидалӣ дар ҷойи ҳамешагиш меистод, аммо нахостам ӯро дубора саргардон кунам. Ба худ гуфтам, агар имрӯз мошин пайдо накардам, фардо саҳар ба роҳ мебароям.

Дар ҳавои тафсон истоданам бефоида буд, хостам ба меҳмонхона баргардам, аммо ҳамон ронандае, ки мегуфт саҳар биё маро садо кард.

-Э бача, уна ҳаму амакӣ ай Кофарниҳонай, пурсуш яке мерава, - гуфт ва ба тарафи як «Жигули»-и қадимӣ ишора кард, ки зоҳиран ҳамсоли соҳибаш буд. Мӯйсафеди лоғаракe роҳпулии чаҳор мусофир: як зани ҷавон, як пиразани қоматхамида ва як наврасу як марди миёнсолро чанд бор шумурд, аммо ҳисобаш ҳеҷ рост намеомад. Зани ҷавон дар бағал кӯдаки ширмак дошт, ки бо гардани борик ва сари аз танаш бузургтар шабеҳи маризони модарзод буд. Дар сари

шонаи модараш чиррос мезаду мисли мор печутоб мехӯрд. Коҳилии мӯйсафед марди миёнсолро асабонӣ кард, ки пулҳоро аз кафи мӯйсафед берун кашиду дона-дона ҳисоб кард.

-Сӣ, шаст, навад, яксаду бист! Бо чӣ мехоҳӣ мӯйсафед? - гуфт ӯ ва искиносҳоро бо ғазаб ба ронанда баргардонд.

-О, ана аку дуруст шуд, - хандид мӯйсафед ва ягона дандонашро, ки мисли мехи зангзада ҷоғҳояшро аз фурӯ рафтан нигаҳ медошт, намоиш дод.

-Инсофу имон дигар на дар пир мондаст, на дар ҷавон, - ғур-ғур кард марди миёнсол ва дасти кампири қоматхамидаро гирифту оҳиста ба сӯи таксиҳои шаҳрӣ рафт.

-Амак Кофарниҳон меравед? - пурсидам аз мӯйсафед, ки билохира танҳо монд.

-Се-чор нафар ҷамъ шавад, баъд меравам, як нафар пули бензина намебарорад.

-Ман пули чор нафарро медиҳам.

Ӯ бо шубҳа ба ман нигоҳ кард, аз сар то поямро омӯхт ва айнаки хамидаашро, ки як гӯшмонаш бо сим иваз шуда буд, боло бардошт.

-Ин хел бошад, бишин...

Ӯ ҳатто напурсид, ки ба кадом қисмати Кофарниҳон меравам, чаҳор панҷараро боз карду гозро чунон фишор дод, ки наздик буд сарам ба шишаи пеши мошин бархӯрад. Бо ҷонаи баланд рӯи фармон хам зада, аз ҷода чашм намебардошт, аммо ба ягон ҳарфу аломати роҳ эътибор намедод. Ҳар бор, ки дандаро иваз мекард, мошин такон мехӯрд ва рӯдаҳои холии ман дар пуштам мечаспиданд.

- Ҳаво имсол беҳад гарм омад, радио саҳар мегуфт, ки ин хел гармӣ дар сад соли гузашта нашуда буд. Як ҳафтаи дига ҳами хел гарм шава, ҳама долу дарахт месӯзад.

Ман аслан ба ҳарфаш гӯш намедодам, ду чашмам ба ҷода буду поям дар тормози хаёлӣ. Дилам ба ҳоли он чаҳор

мусофир, махсусан кӯдаку пиразан, сӯхт, ки ин ҳама гармо ва даккаҳои мошинро чӣ тавр таҳаммул карданд.

-Чанд сол боз ронандагӣ мекунед?

-Эҳ... - гуфт ӯ бо ҳасрат, - тамоми умрам дар паси рули мошини ЗиЛ гузашт!

Мӯйсафед инро он қадр бо ифтихор гуфт, ки ингор умре сарнишини ҳавопаймо буд.

-ЗиЛ воқеан мошин буд, инҳо чӣ? Инҳо як бозича ҳастанд.

Ӯ ҳар ду дасташро аз чамбари мошин бардошта суҳбат мекард. Аз зеҳнам гузашт, ки агар боз ҳам аз ӯ суол кунам, мумкин аст то Кофарниҳон нарасем. Мисли бача пурэнерживу беқарор буд пирамард.

Эҳтимол дар масири Душанабе - Кофарниҳон бисёр равуо дорад, ки афсари пулис бо ханда ба ӯ «салут» дод ва баъзе мошинҳо ӯро дида зуд аз сари роҳаш канор мерафтанд.

Алорағми нигарониҳоям, ӯ маро солиму беосеб ба маркази ноҳия расонд. Танҳо забонам аз хушкӣ дар комам ва пероҳани арақолудам аз намӣ дар танам мечаспид.

Пирамард маро дар назди истгоҳи таксиҳо пиёда кард.

- Қарорамон ин набуд, бояд маро ба ҳамон суроғае, ки гуфтам, мебурдед.

-Бачам, ман роҳҳои шаҳра хуб намедонам, боз раҳгум назанем, ки овора шавӣ.

Ӯ аз мошин пиёда шуду ба назди яке аз таксиҳо рафт ва баъди лаҳзае ҳамроҳи як ҷавони қоматбаланди сабзина баргашт.

-Ин бача писари ман аст, ҳар ҷое хостӣ, мебарад ва агар хостӣ, ба Душанбе ҳам мебарад.

Адресро ба писари пирамард додам, роҳҳоро хуб балад будаст, баъди понздаҳ дақиқа ба кӯчае ворид шуд, ки дар он хонаҳои замонавии ҷадид дар ҳамсоягии кулбаҳои гилӣ қад кашидаанд. Ӯ мошинро дар назди хонаи қадимие нигоҳ дошт, ки ҷӯйбори тирае бо арзи як метр аз бағалаш убур ме-

кард. Тӯдаи кӯдакон мисли моҳӣ дар он оби гилолуд шино мекарданд ва аз гармо наҷот меёфтанд.

-Адреси гуфтагиатон ҳамин аст, ман истам ё биравам?

-Мошинро дар сояи дарахтҳо монед, ман ин ҷо зиёд намемонам, ба Душанбе бармегардам.

Дари вурудӣ боз буд ва зане дар як гӯшаи ҳавлӣ бо кафгири филизӣ дег мекофт ва бӯи хушмазаи пиёзи бирёнро ба атроф паҳн мекард. Аз дохили хонаи қадимӣ овози гиряи тифли навзод ва аллаи пиронае ба гӯш мерасид.

Ангушт ба дар задан кори беҳуда буд, пой ба дохил гузоштам ва бо овози баланд «соҳибхона!» садо кардам. Бечора зан, шояд зеҳнаш банди андешае буд, ки аз ин садои ногаҳонӣ як қад парид. Одами бегонаро дар дами дар диду чоки гиребонаш дар даст ду-се қадам пеш гузошт. Зани бисёр ҷавон ва зебо буд.

-Салом хоҳар, ба Азим кор доштам, дар хона ҳаст?

-Не, нестанд, саҳар Душанбе рафтанд, ҳолиям наомаданд.

-Намедонед кай бармегардад?

-Бо мошин рафтанд, то бегоҳ меоянд...

-Шумо ҳамсари Азим ҳастед?

-Бале... - гуфт зани ҷавон ва шармгинона сарашро пойин андохт.

-Ба ман як пиёла об медиҳед?

-Гузашта шинед, ман ҳозир об меорам.

Ӯ ба кати чӯбине ишора кард, ки палосу якандоз ва якчанд лӯлаболишт дошт ва ҷӯйборе, ки кӯдакҳо дар он оббозӣ мекарданд, аз зери ҳамин кат мегузашт. Хона пастаку қадимӣ, аммо ҳавлӣ хеле бузург буд. Як бахши ҳотаи бузург кишти полезӣ дошт, ки дар ин гармии тоқатфарсо аз беҳолӣ сар ба зер афканда, ё рӯи ҳамдигар мехобиданд. Регу лойи канори дигари ҳота, қолабҳои чӯбин ва тепаи хиштҳои навсохта ба ин далолат мекард, ки соҳибхона дар пайи сохтмонаи хонаи ҷадид аст.

Дар лаби кат амонат нишастам. «Кӣ бошад ин Азим? Ба хоҳари ман чӣ нисбат дорад»? Се хоҳари модарам дар Душанбе зиндагӣ мекарданд ва як хоҳару ду додараш дар хонаи падариашон дар ноҳия. Чеҳраҳои онҳоро хира ёд дорам, ҳар яке ба гунае шабеҳи модарам буданд. Аммо касеро бо исми Азим ёдам намеомад.

Хонуми хона дар як даст косаи об ва дар дасти дигар дастархони бузург дар зинаҳои нимаободи хонаи қадимӣ кафшҳояшро басахтӣ пайдо кард. Даст пеши бар обро ба ман дод ва мехост дастархон боз кунад.

-Дастархоне даркор нест, обро менӯшаму меравам.

Зани ҷавон бо дудилагӣ ду қадам дуртар рафт.

Ин дам мошине дар кӯча буғ зад ва зан дастпоча шуд.

-Азим омад, - гуфту ба сӯи хона шитофт. Ман ҳам нохудогоҳ аз ҷой бархостам.

Марди қоматбаланде аз дар ворид шуд, ки салобату сиёсаташ ба ҷисми лоғараш созгор набуд. Аввал ба ман нигоҳ кард ва баъд ба ҳамсараш, ки аз саросемагӣ пояш ба пойи дигараш печиду як кафшаш ба гӯшае парид.

Дар ҳоле, ки нигоҳаш ҳанӯз ҳам ҳамсарашро таъқиб мекард, чаҳор ангуштро барои салом ба сӯям дароз кард.

-Салому алайкум... нағзӣ меҳмон?

-Салом.

Мо дар рӯ ба рӯи ҳам қарор гирифтем. Мехостам ба ёд биёрам, ки ӯро дар ҷое дидаам?

Агар хато накунам, бист сол аз ҳамсараш бузург буд. Бо мудели мӯи кӯтоҳ ва пероҳани варзишӣ саъй мекард ҷавон намудор шавад. Аммо он чӣ синни воқеияшро ошкор мекард, чашмони дар тӯри ожанг дармондааш буданд. Дуруст мегӯянд, ки чашму даст пеш аз узвҳои дигари инсон пир мешаванд. Азимро бори аввал медидам.

-Бишин, меҳмон, - гуфт ӯ ва дар гӯшаи дигари кат, дар муқобили ман нишаст.

-Худатро нашинохтам, аз хешои Сарвиноз мешавӣ? - пурсид бо шубҳа ва ба тарафи дари хона ишора кард, ки

лаҳзае пеш ҳамсари ҷавонаш дар паси он монанди оҳуи рамида нопадид шуд. Шаку тардид дар чеҳрааш buruз мекард ва сураташ ранг мебурду ранг меовард. Эҳтимол бартарии ҳамсари ҷавон ва зебояшро бар солҳои рафтаи умри худ дарк мекард, ки аз дидани як марди ҷавон дар паҳлуи ӯ бисёр нороҳат буд.

-Акаи Азим, ман ҳамсари Шуморо намешиносам, ба Шумо кор дорам.

Лабони фишурдаи Азим каме нармтар шуд, хост чизе бипурсад, аммо садои гиряи ҷонхароши кӯдакро, ки аз дохили хонаи қадимӣ ба гӯш мерасид, шуниду парешонхотир шуд.

-Чизе гуфтӣ, додар, дуруст нашунидам, гуфтӣ ба ман кор дорӣ?

-Қарор буд ин саҳар бо акаи Саидалӣ мулоқот кунед, аммо наомадед...

-Дар хона кӯдаки навзод дорем, тамоми шаб дар таб месӯхт, модараш парастор аст, аммо натавонист табашро поён биёрад. Саҳар аз пайи духтуру доруву дармон шудам, мулоқот аз ёдам рафт. Бегоҳ рафтам наздаш, мошинаш дар тавқифгоҳ буд, аммо гуфтанд, ки куҷое рафтаст.

-Исми ман Фарҳод аст, додари Маҳноз ва бародари Гулнозу Шаҳноз. Чанд рӯз боз ба думболи хоҳаронам мегардам, аммо ингор дуд шуданду ба осмон рафтанд, ки ради пои онҳоро намёбам. Шумораи Шуморо аз акаи Саидалӣ гирифтам. Гуфт, 13-14 сол пеш хонаи моро аз Шумо харидаст. Ба ин тартиб, Шумо охирин нафаре ҳастед, ки хоҳарони маро дидаед... Ман ба он хона коре надорам, мехоҳам хоҳаронамро пайдо кунам...

Даҳони Азим аз ҳайрат боз шуд. Ӯ бо чашмони гушодшуда ба ман зул мезад ва ҳарфе аз забонаш берун намеомад, ингор лол шуда буд.

Оби косаро, ки ҳамсараш барои ман овард, бетанаффус дам кашиду каме худ омад.

-Фарҳод? Додари Маҳноз, ҳамон бачае, ки солҳо пеш гум шуд? Ин ҳама муддат куҷо будӣ?

-Достонаш дароз аст... Шумо медонед хоҳаронам куҷоянд?

-Хешонат фикр мекарданд, ки ту муддатҳо пеш мурдаӣ. Тавба, ин хел ҳам мешудаст!

....

Ӯ риши нотарошидаашро хеле молиш дод, мисле ки намедонист қиссаро аз куҷо шуруъ кунад.

-Баъди нопадид шуданат хоҳаронат мотам гирифтанд, корашон шабу рӯз гиря буд, ҷойе намонд, ки накофта бошанд. На хонаи хешутабор монд, на хонаи ҳамсинфҳоят, на бемористону сардхона. Хоҳари бузургат бештар ранҷ мекашид. Зиндагиашон бисёр сангин буд, ноне барои хӯрдан надоштанд. Хешони модаратро медонӣ, онҳо дар зимистон ба одам барф намедиҳанд.

-Шумо ин ҳамаро аз куҷо медонед??

-Чӣ хел надонам? Бародари калониам Раҳим, Худо раҳматаш кунад, шавҳари холаи Гулистонат буд ва рӯзҳои тираи хоҳаронат, нонталабии онҳо дар пеши чашмам мегузашт! Баъди гум шудани худат ду ё се моҳ бо ин ҳол зиндагӣ карданд. Аммо ин магар зиндагӣ буд? Худо душмани одамро ба чунин рӯз гирифтор накунад, на падар, на модар... махсусан, агар ақрабо беномус бошанд. Маҳноз як кӯдаки маъюб дошт, намедонам ёдат ҳаст ё не... наметавонист ҷойе кор пайдо кунад, хоҳарони хурдиатро вақти хӯрдану сабзиданашон буд. Ин буд, ки холаат Гулистон гӯшдаро шуд ва хоҳаратро ташвиқ кард, ки хонаро фурӯшаду як хонаи хурдтар бигирад ва боқии пулро то пайдо шудани як ҷойи кор барои ғизо ва либос сарф кунад.

Бародарам мухолиф буд, аммо холаҳоятро медонӣ, онҳо ҳарфи шавҳарро ба як тин намехаранд. Ман он вақт таксӣ мезадам. Янга аз ман хоҳиш кард, ки харидор пайдо кунам ва хонаро бо ҷиҳозаш бифурӯшам. Медонистам,

ки агар ман рад кунам, дигареро пайдо мекунад. Хонаро ба Саидалӣ фурӯхтам, панҷ ҳазор доллар шуд, пулҳоро дар ҳамон идораи нотариус ба Маҳноз додам ва гуфтам, ки ҳифз кунад, рӯзҳои наздик ягон хонаи якҳуҷрагӣ меёбам.

Як ҳафта нагузашта хона ёфтам, аммо вақте барои пул омадам, Маҳноз гуфт, пулҳора холааш гирифту барои бор ба Туркия рафт. Фаҳмидам, ки сарнавишти пулу хона бо ҳамин тамом шуд...

Ҳарфҳои Азимро бо ларза дар ҷон мешунидам. Моту маҳбут будам. Боварам намешуд, ки ин достони талх саргузашти хоҳарони бадбахти ман аст. Ашкҳоямро базӯр фурӯ мебурдам, он қадр, ки дарунам пур аз гиря шуд. Мехостам аз ин ҷо фирор кунам, идомаи достонро нашнавам, ҳамон тавр, ки 15 сол пеш хоҳаронамро танҳо гузоштаму фирор кардам.

Азим он рӯзҳоро дубора зинда мекард, ки чеҳраи лоғараш акнун дар назарам пиртар менамуд. Ӯ оҳи бадард кашид. Метарсидам бипурсам, ки баъдаш чӣ шуд?

Аммо ӯ ба суол ниёз надошт, ғарқи эҳсосот буд ва ингор мехост ҳар чиро ёдаш буд, бигӯяд ва хотираашро аз як достони ғамангез пок кунад.

Холаат баъди ду ҳафта аз Туркия баргашту гуфт, ки бори овардаашро савдо мекунад ва пули хоҳарзодаҳояшро бармегардонад. То замоне пул дар дасташ буд, хоҳаронатро ба хонааш роҳ дод, аммо баъд гуфт, «банкрот» шудаст ва бо ҳамин дигар қазияи пулро ба забон наовард. Ним сол ҳузури хоҳаронатро таҳаммул кард, баъд ду хоҳари кӯчакатро ба ятимхона супурд ва Маҳнозро дар ҳамсоягии мо ба як марди занмурдаи калонсол ба занӣ дод. Кӯдаки маъюбаш дар хонаи ҳамон мард аз дунё гузашт...

Азим достони хоҳаронамро то ин ҷо расонду ба чашмони ман нигоҳ кард ва сарашро гунаҳкорона пойин андохт. Шояд манзуре надошт, аммо нигоҳаш дар назарам тавре намуд, ки мегуфт, «дидӣ, ту беномус, бо хоҳаронат чӣ кардӣ»?

Ногаҳон эҳсоси сармо кардам ва баданам ларзид. Ман ин аломатҳоро мешинохтам, бори аввалам набуд ва медонистам ба думболаш чӣ иттифоқ меуфтад. Ларзиши баданам то андозае буд, ки дандонҳоям ба ҳам бархӯрданд. Азим бо таҳайюр аз ҷой нимхез шуд. Хостам лабханд бизанам, аммо оби талхе аз ҳалқам берун омаду якпаҳлу рӯи якандоз афтидам.

-Фарҳод? А бача, чӣ кор кардӣ?

Дасти ларзонамро ба манзури «нигарон набош» такон додам ва аз ҳуш рафтам. Фақат шунидам, ки Азим бо овози баланд ҳамсарашро садо кард. Ёд надорам беҳушиям чанд дақиқа идома дошт. Аз бӯи тези маҳлули омуние, ба ҳуш омадам, ки ҳамсари Азим ба димоғам наздик меовард. Чеҳраи зебои ӯро дар ғубори меғ медидам. Аз он, ки маро дар чунин ҳолат мебинанд, хиҷолат кашидам ва саъй кардам аз ҷой баланд шавам. Аммо ӯ монеъ шуд. Ба тарафи дигари кат гузашту фишори хунамро санҷид.

-Фишораш фуромадаст, ҳозир як стакан кофе бинӯшад, дуруст мешавад.

Янга рост мегуфт, қаҳва ҳоламро беҳтар кард. Бо Азим муқобили ҳам менишастем. Хомӯш будем. На ман тавоне доштам идомаи достонро бишнавам, на ӯ ҷуръате дошт ҳарфашро ба охир расонад.

-Таксиро ҷавоб додам, кор доштаст, бетоқатӣ кард, -гуфт ӯ ниҳоят.

-Маро то шаҳр мерасонед?

-Мебарам, аммо ҳоло каме истироҳат кун, ягон ғизо бихӯр, неру бигир, баъд то куҷое хоҳӣ, мерасонам.

-Иштиҳо надорам, ҳолам хуб нест, хоҳиш мекунам, маро то меҳмонхона бубаред.

Ман аз кӯдакӣ тамошои саҳнаҳои тарсноки филмҳоро дӯст намедорам, ҳангоми намоиши саҳнаҳои тарснок аз ҳуҷра берун меравам, то ҳодиса тамом шавад, ё телевизион-

ро хомӯш мекунам. Шунидани достони зиндагии хоҳаронам бароям сахтар аз дидани саҳнаҳои як филми тарснок буд.

Дар тули роҳи аз Кофарниҳон то меҳмонхона ҳар ду сукут кардем.

-Ҳолат беҳтар шуд, тамос бигир... ман дар ҳамин гирду вано кор мекунам, - гуфт Азим замоне, ки аз мошинаш пиёда мешудам.

Ба аломати ризо сар такон додам.

Аз ӯ хиҷолат мекашидам, хиҷолат хеле ҳарфи сабук аст, ман дар муқобили ӯ шарманда будам, барои фирори ногаҳониям, барои зиндагии барбодрафтаи хоҳаронам, барои марги хоҳарзодаам, барои гӯри пур аз хасу хори падару модарам ва барои ин, ки гумон аст акнун чизеро дигар карда тавонам...

Медонистам, ки рӯзҳои оянда бо касе тамос намегирам. Худро дар чаҳордевор маҳбус мекунам. Замонро ба ақиб мечархонам ва бармегардам ба ҳамон рӯзе, ки ногаҳон фирор кардам. Ва шуруъ мекунам ба «агару он гоҳ». Агар намегурехтам, шояд хоҳаронам ба ин андоза бадбахт намешуданд, агар мисли бачаҳои дигар дар бозор бор мекашондам, халтаи плостикӣ мефурӯхтам, ё мошин мешустам, шояд метавонистам зиндагии хоҳаронамро таъмин кунам ва Игнат Степановичро аз гуруснагӣ наҷот бидиҳам. Агар ман болои сари хоҳаронам мебудам, шояд холаам аз ҷабру ситам ба онҳо худдорӣ мекард.

«Агару онгоҳ», ки матраҳ карданаш дигар на ба дарди хоҳаронам мехӯрад ва на бори гуноҳи маро сабук мекунад.

Гоҳе худро сафед мекунам, ки он қадр одами худхоҳ набудам, ду сол нахӯрдаму напӯшидам, барои хоҳаронам се дафъа пул фиристодам. Бори аввал ба дасти акаи Неъмат ва ду дафъаи дигар тавассути бачаҳои муҳоҷир. Намедонам чаро он пулҳо ки қариб ҳафт ҳазор доллар буд, ба дасти хоҳаронам нарасид.

Барои дувоздаҳ соли Финлонд тавҷеҳ дорам, амдан худро барои ҳама гуму гӯр кардам. Аз ҳама пинҳон шудам: аз акаи Неъмат, аз акаи Муҳаммад, ки фарзандвор дӯсташон медоштам, аз Степан, аз сарҳанг, ки маро аз Русия фирорӣ доданд. Ба Аймо савганд додам, ки ҳаргиз аз ман ба касе даҳон накушояд. Мехостам, ки маро мурда ҳисоб кунанд, мехостам аз ёдҳо биравам. Ҳамеша саҳнаеро тасаввур мекардам, ки акаи Муҳаммад бо хушҳолӣ мегӯяд, «аз Фарҳод нома гирифтам» ва чанд нафар бо тамасхур мепурсанд: «Кадом Фарҳод? Ҳамоне, дар СИЗО к...ашро дарронданд»?

Худхурӣ дар Финлонд зеб доштаст, ки агар нахоҳӣ, касе даратро ҳафтаҳо намекӯбад. Аммо ин ҷо Тоҷикистон аст ва одамон дардҳоро бо ҳам илтиҳом мебахшанд. Саҳар аз дафтари пазироӣ занг заданд, ки меҳмоне маро дар қаҳвахона интизор аст. Ҳадс задам, ки акаи Саидалӣ аст. Хуб шуд, ки омад. Шаби гузашта нахобидам ва барои худам ва хоҳаронам як нақшаҳое кашидам. Аввалин коре, ки бояд анҷом бидиҳам, иҷораи як опортмон аст, ки хоҳаронамро дар онҷо бемалол бипазирам. Баъдан бояд бо дафтари иҷораи худравҳо дар тамос шавам ва мошине иҷора кунам. Саидалӣ ин корҳоро беҳтар аз ман балад аст.

Бо ӯ дар қаҳвахона субҳона хӯрдем, ман қаҳва нӯшидам, ӯ субҳонаи муфассалро нӯши ҷон кард. Дар бораи иҷораи опортмон ва мошин ҳарфи маро шунид ва дарҳол хонаву мошини худашро пешниҳод кард. Хушҳол шудам. Кӣ беҳтар аз акаи Саидалӣ аст, ки ӯро ҳам мешиносам ва ҳам корам бидуни шартномаву коғазбозӣ анҷом мешавад? Барои коғазбозӣ вақт надоштам, бояд тамоми мушкилотро қабл аз анҷоми визаи якмоҳа ҳал кунам.

-Метавонӣ ҳамин ҳоло ба он хона бикӯчӣ, шароиташ хуб аст, тозаву мураттаб. Як хонум ҳафтае як бор хонаро тамиз мекунад, барои мустаҷири қаблиам ғизо мепухт, агар хоҳӣ, барои ту ҳам чизе омода кунад.

-Бошад, агар чизе хостам, ба он хонум мегӯям.

Опортмони сеҳуҷрагии Саидалӣ, бо дару панҷараҳои оҳанӣ ва ҳуҷраҳое, ки бо шеваи аврупоиву шарқӣ тарроҳӣ шудаанд, дар ошёнаи дуюми сохтмони муқобили боғи миллӣ аст. Ӯ маро аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар раҳнамоӣ мекард ва бо ифтихор мегуфт, ки ин ҷиҳозро аз Дубай овардааст ва онашро аз Туркия. Гӯиё ба думболи таҳсин буд, ки ҳар бор мепурсид, «маъқул шуд»? Эҳсос мешуд, ин хона барояш бисёр арзишманд аст.

-Хона балкон дорад?

-Ду балкон дорад, балкони хурд ба тарафи порк боз мешавад, айвон ба ҳавлии бино.

Саранҷом гашту гузори мо дар опортмон ба поён расид ва Саидалӣ аз мошини қаҳвасоз ду финҷон қаҳва оварду ман бо хушҳолие, ки дигар ба кӯча намедавам, сигор рӯшан кардам.

Саидалӣ қаҳваро росто нӯшид ва шиносномаи маро бо худ бурд, то барои мошин ваколатнома биёрад.

Аз айвони рӯ ба ҳавлӣ хушам омад. Мисли ҳамаи ҳуҷраҳои дигар кондисионер дорад, қаҳвасоз ҳам дар дастрас аст, камоди ошпазхона пур аз анвои шириниву кулчақанд. Хулоса, барои дар ин ҳавои чилдарача берун рафтан ниёзе нест. Ҳавои тафсон хурду калонро аз кӯча ба хонаҳо ронда буд ва дар ҳавличаи пушти айвони Саидалӣ, ки дар сояи дарахтҳои пиру каҷукилеб қарор дорад, ба ҷуз як модасаг ҷони зиндае ба назар намерасид. Дар пеши саг на косаи об буд на ғизое. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Мағозаҳои ин атрофро аз ёд медонам, калидро бардоштаму ба ҳавлӣ фаромадам. Саг ингор тангнафасӣ дошт, ки шикамаш бо суръат пасту баланд мешуд ва забонаш дар кунҷи пӯзааш овезон буд.

Аз дӯкони зери сохтмон ширу ҳасибу об ва ду косаи пластикӣ харидам.

-Дар ин атроф дукони ғизои ҳайвонот бошад? - пурсидам аз фурӯшанда, ки ҳасибро бароям хурд мекард.

-Ҳамаи супермаркетҳо авқоти саг доранд, - гуфт ӯ ва кордро як сӯ гузошту маро ба назди дар садо кард.

-Ҳо ана ҳамон бинои баландро мебинӣ?

-Бале, дидам..

-Супермаркет дар ошёнаи аввали ҳамон бино аст.

Дар як коса барои саг об рехтам ва дар косаи дигар ҳасиб. Бечора саг он қадар ташна буд, сар аз об намебардошт. Тулае дар атроф наменамуд, аммо модасаг зоҳиран чанде пеш таваллуд кардааст, ки пистонҳояш овезон буданд.

-Вот вы их кормите, а они заходят в подъезды, разводят блох и всякую заразу.

Садо аз пушт меомад, баргаштаму пиразанеро дидам, ки дар бар пероҳани атласи сиёҳу сафед дошт ва мӯйҳои камшуморашро дар пушти сараш ғунча карда буд. Гап мезаду чонааш аз хашм меларзид ва ангушти таҳдидро ба сӯи саг такон медод. Саг тарсиду обро раҳо кард ва ба зери буттаҳои пакана паноҳ бурд. Эҳтимол ӯ сагро озор додааст ки, оби даҳонаш барои ҳасиб мерехту аммо чашмаш ба сӯи пиразан буд.

Ман даҳон во накардам, бигзор, гумон кунад, ки забони ӯро намефаҳмам.

-Нужно позванить в мерию, чтобы отправили живодеров!

Пиразан кифи кӯчаки баррокро ба банди дасташ овезон карду хориҷиҳои сагпарастро ҳақоратkунон ба даромагоҳи рӯ ба рӯи модасаг ворид шуд.

Бечора модасаг одамҳоро он қадр шинохтааст, ки хубу бадро осон ташхис медиҳад. Ба маҳзи дур шудани кампир ба сари косаи ҳасиб омад.

Чашмонаш он қадр ғаму андӯҳ дошт, ки дилам аз дард фишор хӯрд. Шояд ба ин далел, ки ин саги бесоҳиб хоҳаронамро ба ёдам меовард. Хоҳаракҳои бечораи ман...

Сагро навозиш мекардаму чашмонам нам мекашид. Пистонҳои пучаш пур аз шир мешуд.

Саидалӣ маро дар ҳамин ҳол пайдо кард ва чашмони пуробамро диду лаб накушод. Ваколатномаро бо шиносномаам баргардонду худоҳофизӣ кард.

Ҳар қадр барнома мекашидам ва мулоқотро аз рӯи бартарии мавзуъ ҷо ба ҷо мекардам, вале намедонистам дидор бо Маҳнозро дар кучои ин барнома ҷой диҳам. Ҷараёни ин дидор хориҷ аз тасаввури ман буд. Агар маро бинаду «хок бар сари бародари беномусе мисли ту»! - бигӯяд чӣ кор кунам? Дубора ба ҳамон нуқтаи аввал баргаштам, барои мулоқот бо хоҳаронам ба ҷуръат ниёз доштам.

Саҳар ба Қурғонтеппа меравам, ба хонаи акаи Неъмат. Ӯ гуфта буд, ки се ҳазор долларо ба Маҳноз дод ва боз гуфт, ки хоҳаронам аз хушҳолӣ пар даровარданд. Аз маоше, ки Степан барои нигоҳубини хонааш дод, ду ҳазор доллар, аз пули кор дар замин ҳазор доллар ва аз сохтмони дачаи ун марди девона панҷсад доллар ба дасти одамҳои боварибахш ба хоҳаронам фиристодам, аммо Азим мегӯяд хоҳаронат гуруснагӣ мекашиданд.

Акаи Неъмат пир шудааст, ӯро нашинохтам. Хеле пир шудааст, пиртар аз оне, ки тасаввур мекардам. Ӯ маро зуд шинохт ва ба манзури «дидӣ зиндагӣ бо ман чӣ кард», лабханди дардолуде зад.Чашмони дудиаш зери болҳои шикастаи абрӯвонаш пинҳон буд ва аз байни чанд дандоне, ки дар даҳон дошт, ҳамон дандони тилоияш хира медурахшид. Гунаҳояш аз лоғарӣ фурӯ рафта ва риши камнумуи чун шир сафед наметавонист он чолаҳои амиқро пӯшонад. Маро ба оғӯш кашиду бо овоз гиря кард. Хостам ҳайратамро дар паси хандаи хушҳолона пинҳон кунам, аммо акаи Неъмат дарк мекард, ки аз диданаш дар шигифт шудаам.

-Янгаат гузашту ҷони маро ҳам бо худ бурд... кош, ман ба ҷойи ӯ мемурдам ва аз ин пучӣ ва зиндагии маҷбурӣ раҳо меёфтам. Бечора, дилаш як зарра шудааст, ки буғз мекарду дубора домани гиряро сар медод. Ӯро бағал кардам, қоматаш то шонаҳоям мерасид. Бағали гарме, ки бароям мисли

як дунё бузург буд, акнун сарду фурӯрафтаву кучак менамуд.

Ӯ ашкҳояшро бо рӯймоли гулдӯзии даври гарданаш, ки шояд кори дасти ҳамсараш буд, пок кард ва дар меҳмонхонаи нимарӯшан рӯ ба рӯи ман нишаст.

-Янгаат рӯи дастони худам ҷон дод. Даст афшонду лабханд зад... гуфт, «ғами маро нахӯр... ман хобамро дидаам, ҷойи беҳтаре меравам... худатро хор накун... зан бигир».

Буғз намегузошт, ки дардҳои акаи Неъмат аз вуҷуди пур аз ғусааш берун шаванд. Ӯ ҳиқ-ҳиқ мекард ва канда-канда ҳарф мезад.

Панҷаи меҳрубонаш, ки сари мани ятими куллро борҳо навозиш кардааст, акнун чун ҷорӯби хушкида ашкҳои худашро меруфт. «Чаро ин қадр, ба гуфти худаш, гандапир шудааст? Ӯ эҳтимол ҳамагӣ шаст сол дорад»!

Акаи Неъмат аз дари боз ба ҳавлӣ нигоҳ кард.

-Келин, чою нон биёр, меҳмон аз роҳи дур омадааст.

Зани ҷавони зоҳиран обистан дар саҳни ҳавлии начандон бузург сари по либос мешуст ва ҳар лаҳза рост мешуду камарашро молиш медод. Ӯ «ҳозир» гуфт ва бо қадамҳои сангин ба сӯи хонаҳои қадимии похсадевор рафт.

-Акаи Неъмат, чойе даркор нест, ман дар ошхонаи сари роҳ наҳор хӯрдам...

-Келин ҳамсари Фарҳод аст, ёд дорӣ, писари бузурги ман ҳамноми ту аст?

Бо ҳузне, ки якбора қалбамро фишурд, ба чашмони акаи Неъмат, ки ожанг дар гирди онҳо тӯр партофтааст, нигоҳ кардам. Чи гуна ба ӯ бигӯям, ки ман муддатҳост дигар Фарҳод нестам ва баъид аст, агар касе дар хиёбон маро бо ин ном садо занад, ман баргардаму нигоҳ кунам.

-Албатта, ки ёдам ҳаст!

Чашмони акаи Неъмат аз ишқ лабрез шуд.

-Писарам муддатҳост, ки дар Русия кор мекунад, хона месозад. Акнун ӯ нонавари хонадони мо аст. Худаш он ҷосту ҳамсараш инҷо, дуруст мисли ману модари марҳумаш.

Келини акаи Неъмат, ки шояд моҳҳои охири бордориашро аз сар мегузаронд, шириниву мағзу мавизро дар лаби долон гузошт ва дастархони бузургеро боз карду кулчаҳои равғанинро болои ду фатири пурнақшу нигор чид. Аз лаби долон синиҳоро як-як оварду дар ду гӯшаи дастархон гузошт. Оҳиста роҳ мерафт ва ҳар лаҳза гиребони пероҳанашро пеш мекашид, то шиками дамидааш нанамояд.

-Янга, хоҳиш мекунам, ғизо наоред, ҳамин чой кофӣ аст. Ман фурсати зиёд надорам, лутфан...

Фикр кард, ки ман таоруф мекунам ва бо шубҳа ба падаршӯяш нигоҳ кард. Аммо ишорае нагирифту оҳиста аз ҳуҷра берун шуд.

-Чаро ин қадар аҷала дорӣ? Шаб бо мо бимон, солҳост, ки туро надидам. Охирин боре, ки дидамат, ҳанӯз бача будӣ...

Ӯ тоқии чоргӯшаашро аз сар бардошту рӯи зонуяш гузошт ва сари пок тарошидаашро бо гӯшаи рӯмоли даври гарданаш молиш дод. Дурудароз ба ман нигоҳ кард. Он қадр, ки ман хиҷолат кашидам ва ҳарчанд сер будам, пораи кулчаро ба даҳон гузоштам. Аз як ҷойе эҳсос кардам, ки на ба ман, балки ба хотироти он солҳо хира шудааст.

-Медонӣ... дар он иттифоқе, ки ба сарат омад, ман худро муқассир медонам, - ниҳоят лаб ба сухан боз кард ӯ. - Агар он ҷо мебудам, ҳеҷ иттифоқе намеуфтод. Туро танҳо гузоштам, ба Степан умед бастам, маро бубахш, писар, дар баробари ту кӯтаҳӣ кардам. Ба хотири ҳамсари маризам аз рафтан ба Русия даст кашидам, аммо ӯро ҳам натавонистам наҷот бидиҳам, ман як одами беарзише ҳастам, Фарҳод...

-Акаи Неъмат, дар он чӣ бар сари ман омад, Шумо тақсире надоред. Муддатҳост ба натиҷае расидаам, ки он иттифоқи мудҳиш дар сарнавиштам барномарезӣ шуда буд ва бо ин роҳ, ё бо роҳи дигар, ҳатман рух медод, ман бояд ин бадбахтиро таҷруба мекардам, ки кардам... Марги янга ҳам гуноҳи Шумо нест, ӯ ҳамон муҳлатеро, ки барояш ҷудо шуда буд, зиндагӣ кард. Янга аз Шумо розӣ буд, бо Шумо

хушбахт буд, фарзандони хуберо ба ёдгор гузошт. Магар ғайри ин аст?

Ман ҳарфҳоеро ба забон овардам, ки худам солҳо орзуи шуниданашро доштам, орзу доштам ин ҳарфҳоро яке ба ман бигӯяд, то захмҳои руҳу танам илтиҳом ёбанд. Ман ҳарф мезадам ва ашкҳои акаи Неъмат аз чашмони дудиаш ба ришҳои сафедаш метаровиданд ва шонаҳояш аз ғусса меларзиданд.

-Ту ҳамеша бештар аз солат боҳуш будӣ, Фарҳод, аммо бо ин идрок, ки акнун дорӣ, ҳадс мезанам, зиндагӣ туро хеле шикаста ва дубора сохтааст. Ҳарфе дорам, ки намехостам бигӯям, аммо мебинам марди болиғ шудаӣ ва метавонӣ ҳар ҳақиқати талхро таҳаммул кунӣ. Ёдат ҳаст, гуфта будам, пулҳоро ба хоҳаронат додам?

-Ёдам ҳаст, гуфта будед...

-Дурӯғ гуфта будам... Рӯзи сеюми баъди бозгашт ба Душанбе рафтам, ба ҳамон адресе, ки бо паёмак фиристодӣ. Дари хона баста буд, ҳарчанд ангушт задам, касе боз накард. Ба ҳамсояи рӯ ба рӯ дар задам, як мӯйсафеде рус дарро боз кард, ба назарам мариз буд. Гуфтам аз Фарҳод ба хоҳаронаш паём овардаам. Дуру дароз ба ман нигоҳ кард, мушакҳои сураташ аз хашм таранг шуданд, гӯиё саъй мекард ҳарфи баде аз забонаш берун наояд.

«Слишком поздно он вспомнил о своих сестрах, слишком поздно»... гуфт ва дарро ба рӯям баст. Тавре ҳарф мезад, ки ангор иттифоқи баде уфтодааст. Дар ҳавлии бино якчанд занро дидам, ёдам нест, чӣ мекарданд, шояд нон мепухтанд, аз онҳо дар бораи хоҳаронат пурсидам. Бо шубҳа ба ман нигоҳ карданд, гуфтанд, кайҳо аз ин сохтмон рафтаанд. Дигар надонистам чӣ кор кунам, ба деҳа баргаштам. Баъди дусе моҳ янгаат дар бемористони Қарияи Боло бистарӣ шуд ва ман рӯзе дар соати истироҳати ӯ дубора ба ҳамон хона рафтам. Дар баста буд ва аз торҳое, ки анкабут дар сақфи

дар метанид, маълум мешуд, ки моҳҳо боз касе дарро боз накарааст. Ба ту чизе нагуфтам, чун намехостам нигарон шавӣ. Пулҳоятро бо худ нигоҳ доштам. Баъд он ҳодиса рух дод ва ман туро гум кардам. Пулҳоят ҳоло ҳам бо мананд, ҳар бор харҷ мекардам ва боз ҷояш пур мешуд. Бо пули ту Фарҳодро зан додам, хайру худоии янгаатро гузарондам, дасти набераамро ҳалол кардам. Пули ҳалол, ки аст, мисли тилисм боз ба ҷояш бармегашт.

Акаи Неъмат аз ҷой бархосту аз ҷевони қадимии гӯшаи меҳмонхона, ки оҳани шикастааш дари рангбохтаро басахтӣ нигаҳ медошт, бастаеро берун овард.

-Мебинӣ, ин пораи рӯзнома аз ҳамон сол аст. Пули ҳалол, ки аст, омадани соҳибашро интизор шуд.

Рӯзномаи «Новости Выборга»-ро дидаму ингор морро дидам, ки ба танам рашъа дамид. Аз ин рӯзнома, ки саҳифаи шармовари зиндагиамро ёдрас мекард, бо кароҳат рӯ гардондам. Дӯсти боҳуши ман, ки замоне маро бекалом дарк мекард, ҳоло намефаҳмид, ки ҳатто як нигоҳи кӯтоҳ ба ин коғази зардшуда ҳоламро баҳам мезанад.

-Акаи Неъмат, ман ин пулҳоро намегирам, моли Шумост.

-Чаро? Ин пеши ман амонат буд, ҳоло, ки омадаӣ, пулатро бигир.

-Ин бастаро ба ҷевон баргардонед, бигзор, ба хонаводаи Шумо хизмат кунад... лутфан... Лифофаеро, ки аз қабл барои акаи Неъмат омода карда будам, рӯи он пулҳо гузоштам.

-Ин покетро ҳам бардоред, барои наваҳои Шумост, хостам ҳадя бигирам, вакт надоштам, бубахшед, ки дасти холӣ омадам.

Ӯ ба дохили лифофа нигоҳ карду аз тааҷҷуб моту маҳбут шуд.

-Моро шарманда кардӣ, Фарҳод. Дар назарат фақир намудам? Дилат ба ҳолам сӯхт?

Чашмони акаи Неъмат дубора пур шуд. Ман ӯро бағал кардам.

-Акаи Неъмат, ман наметавонам ҳатто як дарсади хубиҳои Шуморо ҷуброн кунам. Шумо ба ман падарӣ кардед. Ҳеҷ пули дунё наметавонад ба хубиҳои Шумо баробар шавад. Шумо як инсони беназир ҳастед ва ман шукр мекунам, ки сарнавишт моро дар як фосилаи замонӣ ба ҳам овард. Як умр мадюни Шумо хоҳам буд.

Ман ҳарф мезадам ва ӯ мегирист, мисли кӯдак бо ҳиқ-ҳиқ ва шонаҳои фурӯрафтааш бо ӯ мегиристанд.

Аз хонаи акаи Неъмат малӯл баргаштам. Нороҳат будам, ки ҳарфи муҳимро аз ман пинҳон кард. Агар ҳақиқатро мегуфт, ҳамон сол аввали баҳор ба назди хоҳаронам бармегаштам ва на маҳбас иттифоқ меуфтод, на чаҳордаҳ соли ғурбат дар Финлонд. Тару қокро бо хоҳаронам якҷо мехӯрдам, бо ҳам роҳи зиндагиро пайдо мекардем.

Баъд аз андешаҳои бесарунӯг, ки ҳеҷ хулосаи мантиқӣ надоштанд, шумораи Азимро гирифтам.

-Салом акаи Азим, мехоҳам Маҳнозро бубинам, малол набошад роҳи хонаашро бо паёмак бифиристед. Шуморо захмат намедиҳам, мошин иҷора кардаам.

Аз он сӯи хати телефон садое наомад.

-Акаи Азим?

-Шунидам ҳарфи туро. Бо мошинат то хонаи мо биё, маслиҳат мекунем.

-Бошад, фардо саҳар мерасам.

Саҳар баробари тулуи офтоб аз хоб баланд шудам. Бо финҷони қаҳва ба балкон баромадаму дидам, ки модасаг аз рӯ ба рӯи даромадгоҳи кампири хашин, наздиктар ба балкони Саидалӣ кӯчидааст. Қаҳваро бо аҷала нӯшидаму роҳи фурӯшгоҳро пеш гирифтам. Чанд намуд ғизои хушку тар ва се косаи оҳанӣ харидам. Модасаг маро диду ба истиқболам аз ҷой баланд шуд.

Пистонҳояш имрӯз пури шир буд. Ба саг ғизо додаму роҳи хонаи Азимро пеш гирифтам. Мошини Саидалӣ нов-

бар надошт ва ман роҳро танҳо то истгоҳи токсӣ балад будам. Аз он ҷо ба Азим занг задаму бо раҳбаладии ӯ роҳи хонаашро пайдо кардам.

Ӯ барои дуямон рӯи кат суфра боз кард. Мехостам барои заҳматҳои дирӯза аз ҳамсараш ташаккур кунам, аммо Сарвинозхонум аз ошпазхона берун намешуд. Танҳо суробашро аз паси пардаи пластикӣ медидам, ки дирӯз вуҷуд надошт, аммо имрӯз ба дари ошпазхона кашида буданд. Одами аҷиб аст Азим, дирӯз ба занаш иҷоза дод, ки набзамро бисанҷад, даст ба бозуям бизанад, аммо имрӯз ӯро дар паси парда пинҳон мекунад. Азим байни ошхонаву кат хеле равауо кард, то суфра аз анвои ғизо лабрез шуд. Вақте маро ба сари суфра даъват кард, пушт ба ошпазхона нишастам, то роҳат субҳона бихӯрад. Субҳонаи воқеан шоҳона буд. Бечора янга бо он тифли мариз кай барои пухтупаз вақт ёфт?

Азим аз одамҳое набудаст, ки меҳмонро ба чашидани ину он ғизо ташвиқ кунад. Ӯ пиёлаи чойро пешам гузошту танҳо як бор «бигир» гуфт.

Бо сари хам кабоби мурғ мехӯрд, пойи мурғро дар хуриши занҷабилу сир меғӯтонд ва боиштиҳо газ мегирифт. Мушакҳои сураташ таранг мешуданд ва устухони мурғ дар зери дандонҳояш қарч-қарч садо медод. Дар ростои дидор бо Маҳноз, ки ҷараёнаш бароям ғайри қобили пешбинӣ аст, об аз гулуям намегузашт. Танҳо барои эҳтироми соҳибхона, ки ин ҳама заҳмат кашидааст, аз чинии нашаста, ғизои дӯстдоштаи даврони кӯдакиам, як ду қошуқ бардоштам.

-Лаълиро бигиред, - овози янга аз паси парда баланд шуд. Азим бо аҷала ошпазхона рафт ва аз онҷо лаълии лабрез аз пирошки баргашт. Аз рӯзе, ки азми сафари Ватан кардам, ба ёди пирошкиҳои харидаи акаи Неъмат ба худ гуфтам, аввалин ҷойе, ки меравам, дукони пирошкипазӣ аст. Аммо ҳама чиз на он тавр ҷараён мегирад, ки мо мехоҳем.

-Пирошки бигир, - гуфт Азим ва сарашро рӯи сарчоқ хам карду аз гӯшаи пирошкии шабеҳи кафк дамида як гози

калон гирифт. Шираи гӯшту пиёз ба рӯи дастмол рехт. Ғайриихтиёр дастмоли дигарро ба ӯ дароз кардам, то лабу ришҳои нотарошидаашро аз равғани мурғбирён ва оби пирошкӣ пок кунад.

Ман ӯро дарк мекунам. Дарди ман дарди ӯ нест. Ӯ шабеҳи нафарест, ки маризеро пеши табиб мебарад ва медонад, ки ҳама гуна ташхиси кушанда мустақиман ба бемор таҳдид мекунад, на ба ӯ. Ӯ ҳамон тавр, ки аз дари бемористон солим ворид шуда буд, ҳамон тавр берун меояд.

Азим саранҷом пиёларо чаппа карду гӯшаи дастархонро ба рӯи нону пирошкиҳо кашид.

-Рафтем?

Ман кайҳо интизори ҳамин ҳарф будам ва сареъ аз ҷой бархостам.

-Роҳ то таги теппа пур аз пастиву баландӣ аст, бо мошини худат равем беҳтар аст.

-Бошад, Шумо паси фармон бишинед, ман ин роҳҳоро балад нестам.

Азим пушти фармон нишасту ҳайрон шуд, ки мошинро чӣ гуна бе калид рӯшан кунад.

-Биё, додар, худат бишин, ман ин мошинҳои навбаромадро намешиносам, боз ягон ҷояшро хароб мекунам.

-Ман кумак мекунам, бо ин тугма мошин рӯшан мешавад. Тормузро пахш кунед, мошин хомӯш мешавад, пойро бардоштед, худаш ба кор медарояд.

Азим ба мошини, ба гуфти худаш, навбаромад зуд одат кард, хушаш омад, бо виқор мошин меронд.

Ман аз ин, ки кӯркӯрона ба дидори хоҳарам мерафтам, изтироб доштам.

-Дар ин ду рӯз Маҳнозро надидед?

-Ду бор рафтам пешаш, хона набуд, шавҳараш гуфт, ки сари замин рафтаст.

-Ҳм..

-Шавҳараш мариз аст, базӯр роҳ меравад...

-Мо ҳоло куҷо меравем?

-Сари замин.

-Маҳноз фарзанд надорад?

-Надорад, мӯйсафед бебаҳра аст.

-Бечора Маҳноз, ба марди калонсол издивоҷ кард, ки хоҳаронашро зери пар кунад, аммо нашуд. Раҳбарҳои ятимхона шароити хуб надоред гуфта, бачаҳоро надоданд.

Ҳар ду сукут кардем. Мошин роҳеро убур мекард, ки на қоида дошт, на низоми ҳаракат, ароба пеши роҳи мошинро мегирифт ва пиёдагардҳо тавре шоҳроҳро убур мекарданд, ки ингор қасди худкушӣ доранд.

-Мошин радио дорад, ки ягон ахбор ё мусиқӣ гӯш кунем?

Тугмаро пахш кардам. Радио барномаеро аз олами ҳайвонот пахш мекард. Ровӣ мегуфт, «ишқи модар шабеҳи ҳеҷ ишқи дигаре нест, танҳо модар аст, ки бачаашро ба қимати ҷонаш ҳифз мекунад».

Ман дар тули умрам борҳо аз яъсу ноумедӣ нақши модарамро, ки ба мо зиндагӣ дод, вале баъди сари худ ба сахттарин санҷишҳо рӯ ба кард, зери суол бурдаам. Ӯ медонист, ки падарам, агар намемурд, дер ё зуд пушти моро холӣ мекард, медонист, хонаводааш такягоҳи собите нест, медонист, пуле надорад, ки ояндаи моро таъмин кунад, ҳатто медонист, ки аз умраш рӯзҳои башумор боқӣ мондаанд, вале ҳамаро ба дӯши Маҳноз гузошту рафт. Гӯиё барояш муҳим набуд, ки баъд аз сари ӯ мо чӣ мекашем.

Азим бодиққат ба радио гӯш медод ва гаҳ-гоҳ «ина бин» мегуфт.

«Аз ҳама модари хуб дар байни ҳайвонҳо орангутанг аст», - мегуфт ровии барнома. «Орангутанг дар ҳашт сол як бор бача мезояд ва бачаашро то дусолагӣ, ҳатто барои як сония ҳам, аз худ дур намекунад. Фили Осиёӣ ҳам модари хубе аст, фарзандашро 22 моҳ дар шикамаш бузург мекунад, се сол шир медиҳад ва то қоидаҳои ҷангалро наомӯзад,

аз ӯ дур намешавад. Бачаи фил ба сурати умум бачаи ҳамаи галлаи филҳо ҳисоб мешавад ва агар хатаре ба филбача таҳдид кунад, галла ба ҳимояташ бармехезад».

-Филҳо аз мо дида одамтар будаанд...

Азим ба гӯшаи лаб хандаи тамасхуромез кард, вале ҳарфашро идома надод, вонамуд кард, ки ҳавосаш ба роҳ аст. Мошин аз роҳи мумфарш ба самти рост гашт ва хок аз зери чархҳояш ба ҳаво баланд шуд. Чанд метр ҷулутар як мошини боркаш чангу хокро ба осмон бардошта, дар ин ҷодаи пур аз чола калавида пеш мерафт. Даҳ дувоздаҳ нафар, зоҳиран зану кӯдак, дар болои мошин ба бораҳо часпида ба чапу рост мечархиданд ва хок мехӯрданд. Азим гашти мошинро суст кард, то гарду ғубор фурӯ нишинад.

-Маҳноз аз ин роҳ чӣ тавр ба сари замин меравад?

-Мисли ҳама, мисли ҳо ана ҳамон занҳои болои мошин. Дар сари роҳ дастафшонӣ мекунанд, то ягон ронандаи савобҷӯ онҳоро то киштаҳо расонад.

-Мегӯӣ Маҳноз бача надорад, пас ин қадар нахӯду лӯбиро кӣ мехӯрад?

-Маҳсулоти донагиро мефурӯшанд, ё бо орду биринҷу равған иваз мекунанд... Гаҳ-гоҳ нон мепазад ва бозори шаҳр мебарад.

«Пас дар ҳамон навори меҳмонхона Маҳноз будаст... Бечора хоҳарам, чи рӯзгори сахте дорад, шавҳари пири барҷомонда, на бача, на зиндагии ҳалол, танҳо чолаву киштаву гоҳо бозору нонфурӯшӣ».

Киштаҳо дар ду самти роҳ то таги теппаи баланд доман афрохта буданд. Гоҳе пардаи ғубор тунук мешуд ва медидам, ки занону бачаҳо бо даҳону димоғи баста буттаҳоро дар гӯшае ҷамъ мекарданд ва гурӯҳи дигар дар атрофи ғарами буттаҳо ҳалқа зада, донаҳоро аз ғилоф берун меовард. Тасвири зебое набуд, ҳузну афсурдагӣ эҷод мекард.

Даҳ-понздаҳ дақиқаи дигар дар ҷодаи гардолуди ноҳамвор мошин рондем ва саранҷом Азим муҳаррикро хомӯш карду интизор шуд, то ғубор фурӯкаш кунад.

-Ту ин ҷо бош... ман аввал Маҳнозро омода кунам, ба ин содагӣ ҳам нест, охир ӯ хаёл мекунад ту муддатҳо пеш мурдаӣ...

Азим эҳтимол дарк намекард, ки ман на камтар аз Маҳноз ба омодагӣ ниёз дорам. «Хуб» гуфтаму аз мошин пиёда шудам. Jeep-и Саидалӣ ба дараҷае дар хок гум буд, ки ҳатто рангаш наменамуд, гӯиё аз сабқати ҷаҳонии мошинҳо баргаштааст. Хайрият, ки Саидалӣ мошинаашро дар чунин ҳол намебинад.

Занҳо дар ин ҳавои чилдараҷаӣ бо сарҳои хам нахӯду лӯбиё медаравиданд. Аз байни ҷӯяҳо садои гиряи кӯдакҳо шунида мешуд. Тӯдаи парандаҳо аз навдаи дарахтони пури хок ба сӯи нахудзор ҷив-ҷив мекард, вале аз тарси одамон ба киштаҳо наздик намешуд. Онҳо донаҳои ҷаршударо аз лаби ҷода ба минқор мегирифтанду бо аҷала парвоз мекарданд.

Сигорро рӯшан кардаму нигоҳам ба думболи Азим рафт, ки аз байни буттаҳои дар замин хобида ба сӯи мазрааҳои зери теппа ҳаракат мекард. Фосила байни мошин то он заминҳо зиёд набуд, аммо эҳтимол Азим бори аввал ба ин киштаҳо омада буд, ки суроғи Маҳнозро раҳ ба раҳ аз занҳои дигар мегирифт. Саранҷом таваққуф кард ва зане аз замин бархосту дастпӯшро берун овард ва бо Азим салом кард. Сигор аз дастам афтид. Маҳноз буд, худи худаш буд! Ман аз ин дурӣ ҳам ӯро шинохтам, ҳамон тавр, ки қомати модарамро аз дурӣ ташхис медодам.

Дарунам аз изтироб тагурӯ шуд. Азим дасти Маҳнозро раҳо накард ва сар такон медоду чизе мегуфт. Шояд ҳошия мерафт ё муқаддимачинӣ мекард. Ногоҳ хоҳарам ҳайкали ях шуд, тавре ба Азим нигоҳ мекард, ки ингор ӯро бори аввал мебинад. Азим шонаҳои ӯро такон дод ва садояш ба гӯшам расид, ки аз касе об мепурсид. Ниҳоят Маҳноз ба тарафи мошин чархид ва чашмаш ба ман афтод. Нохудогоҳ ба сӯяш давидам, пойҳоям дар буттаҳои хушк мепечид, пешпо мехӯрдам, аммо ҳамоно медавидам. То расидан ба ӯ чанд қадами

дигар монд, сураташ аз ҳайрати омехта бо изтироб чун девор сафед шуд ва мисли шохаи аз дарахт бурида ба замин афтид.

Сарашро рӯи зонуям гузоштам, мӯйҳои бармаҳал сафедшуда ва чеҳраи ранграпидаи ӯро навозиш кардам, буғз доштам, мехостам фарёд бизанам ва аз ин тӯдаи буғз, ки солҳо дар гулуям ҷамъ шудааст, раҳо ёбам. Дар як дам занҳои зиёде болои сари мо ҷамъ шуда, яке Маҳнозро бод медод, дигаре дастони шахшудаашро мемолид ва занҳои дигар бо тааҷҷуб ба мо нигоҳ мекарданд.

Саранҷом Маҳноз чашмонашро боз карду гӯиё аз хоби гароне бедор шуда бошад, ба замин нишаст ва бо ҳайрат ба ин ҳама мардум, ки болои сараш ҷамъ шуданд, нигоҳ кард. Мардумаки сиёҳи чашмонаш бузург шуда, ранги обии дидагонашро ба як ҳалқаи борик табдил медод. Дастонаш чун ях сард буданд ва танаш беист меларзид.

-Маҳноз, ҳарфамро дуруст шунидӣ? Ин мардаки хушрӯ додарат аст, Фарҳод, зинда аст, аз раҳи дур ба суроғи ту омадаст. Мешунавӣ ҳарфҳои маро?

Азим мисли одаме, ки бо ношунавое суҳбат мекунад, хам шуда дар гӯши Маҳноз фарёд мезад. Маҳноз бо нигоҳе, ки дар он ба ҷуз пучӣ ҳеҷ эҳсоси дигаре хонда намешуд, бегонавор ба ман хира шуд. Шабеҳи гаҳвораҷунбон ба чапу рост такон мехӯрд ва буттаҳои паҳлуяшро бо ангуштонаш решакан мекард. Азим ба занҳо ишора кард, ки аз пайи кори худ шаванд.

-Додараки гумшудаам, хоҳараконии бесоҳибам, ятимакҳои модари ҷавонмаргам, вой, вой, вой, кош мемурдаму ин ҳамаро намедидам.

Ӯ мушт ба зону мезаду мӯя мекашид, ҳамон тавр, ки солҳо пеш, ҳар бомдод ба марги модарам овоз меандохт. Хостам ӯро аз ҷой баланд кунам, аммо Азим ишора кард, ки бимон дилашро холӣ кунад.

Паҳлуяш нишастаму ӯро бағал кардам, дастони харошхӯрдаашро бӯсидам, синаамро аз бӯи ӯ пур кардам. Маҳноз бӯи модарамро медод.

Ӯ ногаҳон ба самти ман баргашту ингор аломатҳои дар ёдаш бударо меҷуст, ки суратамро, чашмонамро, холҳоямро, мӯйҳоямро ламс мекард.

-Фарҳод... ин туӣ? Ё ман дорам хоб мебинам?

-Манам, Маҳноз... манам...

-Ман барои ту тамоми ашкҳои дар чашмам бударо рехтам, пероҳанатро мисли тани беҷон васати хона гузоштаму овоз андохтам. Он қадр, ки ҳамсояҳо аз нолаҳои ман афсурда шуданд. Натавонистам аз ту муроқибат кунам, натавонистам хоҳаронамро зери пар бигирам, натавонистам бачаамро наҷот бидиҳам, ман зиндагии ҳамаи шуморо бар бод додам... ман як одами беарзишу беурзаам... Мебинӣ? Ҷигарам аз ғусса лах-лах мешавад, аммо ашке надорам, ки ба пойи ту бирезам.

Азим мисли бача гиря мекард ва ашкҳояшро бо ангушт, ҳамон тавр, ки арақро аз ҷабин мерубанд, ба замин мерезонд.

Ҳар ду хеле нола кардем, дар бағали якдигар тапидем ва агар Азим моро аз ҷой баланд намекард, шояд шабро бо мӯяҳо рӯи буттаҳои нахӯд то рӯз мебурдем.

-Ин ҳарфҳо тамомӣ надоранд, барои гуфтугӯ фурсат зиёд аст, баланд шавед, дар хонаи мо як пиёла чой бигирем, ба худ биёед, баъд маслиҳат мекунем.

Тамоми роҳ то хонаи Азим дасти ман дар панҷаҳои шахшӯли Маҳноз буд, ингор метарсид, ки агар дастамро раҳо кунад, дубора гум мешавам. Дастамро мебӯсиду ба дидаҳояш мемолид.

-Фарҳод, ин туӣ? - мепурсид ва холи модарзодии ангушти ишоратиамро мебӯсид.

-Вақте ту таваллуд шудӣ ва модарам туро аз таваллудгоҳ ба хона овард, аввалин чизе, ки ба чашмам хӯрд, ҳамин холи зебоят буд. Ба модарам гуфтам, додаракам хол дорад, мо ҳеҷ гоҳ ӯро гум намекунем, аз рӯи ин холаш меёбем. Чи куфре гуфтам!

Ҳамсари Азим Маҳнозро диду боҷуръат берун омад ва чойники сардшударо бардошта, бо ишораи абрӯ ҳамсарашро ба думболи худ хонд.

-Фарҳод, намедонам дар заминам ё дар осмон, солҳо боз хушҳол набудам, ин эҳсосро фаромӯш кардам, ҳоло одат кардан ба шодӣ бароям сахт аст... зиндагии ман саропо як бадбахтӣ аст, ман бо бадбахтиҳоям канор омадам, бо онҳо одат кардам... шудам як ҳайкали бузурги бадбахтӣ.

Ҳамсари Азим ғизоҳои сардшударо бардошт ва чой оварду мағзу мавизу ширинӣ ва як табақ мева. Ӯ имрӯз дар тан пероҳани осмонӣ дошт, гиребони чаҳоркунҷаи мухрадораш бо чеҳраи сафеду гунаҳои гулобиаш бозӣ мекард. Азим ба гӯшаи чашм ба ҳамсараш тавре нигоҳ кард, ки ӯ сареъ яқаашро дар мушт гирифту бо аҷала ба сӯи ошхона рафт. Азим «бигиред»-и маъмулияшро гуфту лаълии пистаро пеш кашид. Ҳадс задам, ки агар ҳоло ба пистахурӣ шуруъ кунад, то холӣ шудани лаълӣ сар намебардорад. Ман аҷала доштам, мехостам Маҳнозро бо худ ба шаҳр бубарам. Нахостам дар ҳузури Азим аз сарнавишти хоҳаронам суол кунам, метарсидам, ки дубора дучори ваҳшатзадагӣ мешавад, ё Маҳноз дубора ғаш мекунад.

-Акаи Азим, истгоҳи шустушӯи мошин дар куҷо бошад, мошинро мешустем...

-Ин ҷо аз ун истгоҳҳои гуфтагиат нест, ба ҳамин бачаҳои пушти дар ду-се сомон бидеҳ, аз карвош беҳтар мешӯянд, профессионал шудагӣ.

Бачаҳо воқеан ҳам мошинро ба истилоҳ лесиданд ва сад сомониро гирифта, даст пеши бар борҳо ташаккур гуфтанд ва хушҳолона ба тарафи мағоза давиданд. Барои хушбахтии онҳо ҳамин сад сомонӣ кофӣ буд.

-Маҳноз, бо ман ба Душанбе меравӣ?

Чашмони хоҳарам аз шодӣ барқ заданд, ба гунаҳояш сурхӣ дамид ва лабханди ширинаш чолаҳои зебои ду бари

рӯяшро амиқтар кард. Аммо ин хушҳолӣ ба ҳамон суръате, ки дар чеҳрааш зоҳир шуд, бо ҳамон суръат фурӯ нишаст.

-Намедонам... мӯйсафед иҷозат медода бошад? - гуфт ӯ маъюсона.

-Мехоҳӣ ман бо ӯ суҳбат кунам?

-Не-не! Одами бадфеъл аст, туро меранҷонад... Ман худам ба ӯ мефаҳмонам.

Манзили Маҳноз дар даҳдақиқагии хонаи Азим, дар кӯчаи танге ҷойгир буд, ки мошини ба ин бузургӣ роҳашро басахтӣ убур мекард, то оинаҳои ҷонибӣ ба дару тирезае барнахӯрад. Хонаҳои ду тарафи ин ҷодаи танг мисли дугоник ба ҳам монанд буданд, пасту фарсуда бо панҷараҳои кучаки хира ва бомҳои лойии пур аз коҳу коҳдарза. Кӯча аз бачаҳои хурду бузург, ки бо шӯру шавқ ба думболи як тӯби дамаш баромада медавиданд ва арақ аз сару рӯяшон саросер мешуд, пур буд.

-Ҳамин ҷо нигоҳ доред.

Маҳноз бо аҷала аз мошин пиёда шуд. Чӣ кулбаи фақиронае доштаст хоҳари ман! Хонаи гилини ӯ аз паси похсадевори начандон баланди бесархорӣ, ки бо гузашти солҳо обшуставу ҳамвор шудааст, чун дар кафи даст намоён буд. Оҳаки рӯи девори хонааш, ки эҳтимол замоне якрангу якнавохт буд, акнун чун тани гирифтори барас лаккаҳои сафеду хокистарӣ дошт. Кати васати ҳавлии начандон бузург, ки як пояи кӯтоҳашро дар такяи санге ба пояҳои дигараш мусовӣ карда буданд, ба ин далолат мекард, ки марди хона дасти ба кор надорад. Ҳавлӣ ба ҷуз дарзаҳои пасмондаи наҳӯду лӯбиё дар зери шипанги рӯ ба сукут дигар чизе надошт.

Ҳамсари Маҳноз, марди ришсафеди сергӯшт ва рафидарӯ, ки дар ин ҳавои гарм дар тан ҷемпир дошт, дар такяи девори дари вурудӣ, рӯ ба офтоб пинак мерафт. Малҳами зардранге аз пойҳои докапечи ӯ берун метаровид ва асое ҳам дар бағал дошт, ки дастааш мисли пойҳои соҳибаш латтапеч буд. Ӯ аз садои сигнали Азим, ки барои аз мошин

дур кардани бачаҳои кунҷков пахш кард, як қад парид ва чашмаш ба ҳамсараш афтод. Ибтидо мутаваҷҷеҳ нашуд, ки Маҳноз аз ҳамин мошини зебо пиёда шудааст, аммо эҳтимол инро ҳадс зад, ки ба ӯ ахм кард.

Маҳноз ду даст рӯи зону ба самти мӯйсафед хам шуда, гоҳ бо гардани каҷ ва гоҳ бо сари хам гунаҳкорона «ҳисобот» медод. Чеҳрааш пурра намудор набуд, садояш ҳам ба гӯш намерасид. Аммо аз қиёфаи туршу гирифтаи мӯйсафед маълум мешуд, ки аз хабари омадани додари ҳамсараш хушҳол нест. Ӯ ҳарфи хоҳарамро гоҳ бо чашмони рез ва гоҳ бо даҳони нимабоз гӯш мекарду зуд-зуд мижа мезад. Саранҷом асоро аз бағалаш пойин фаровард ва дар такяи он аз ҷой баланд шуд.

-Агар рафтӣ, раҳи ин хонара фаромӯш кун! - гуфт ӯ бо садои баланд, ки гӯиё мехост қарори ӯро ҳама бишнавад ва бо ситеза ба тарафи Маҳноз даст афшонд.

Мӯйсафед шабеҳи кӯдаки навроҳгард «тай-тай по-по» ба хона даромаду дарро пӯшид Маҳноз пушти дар ҳайрон монд. Ӯ ноилоҷона китф дарҳам кашиду бо чашмони маҳзун ба тарафи мо нигоҳ кард.

-Чӣ кор кунем? Мӯйсафед аз хари шайтон намефурояд, ман ӯро медонам, бисёр мағруру якрав аст, - гуфт Азим ва мошинро хомӯш кард.

-Маҳнозро бо худ мебарам, ба ҳамон хонаи иҷора... ба иҷозаи ин пиракӣ ниёз надорам!

Дар тамоми муддате, ки Азимро медонам, барои аввалин бор дар ҳузураш бо лаҳни тунд сухбат кардам. Ӯ лаб зери дандон ришҳои дамидаашро хорид ва сипас рӯ ба ман овард.

-Як чизро дар назар бигир, ки ту меоиву меравӣ, Маҳноз ин ҷо мемонад... бечора дубора саргардон нашавад, мегӯям...

-Акаи Азим, дигар ба касе иҷоза намедиҳам, ки хоҳаронамро хор кунад. Мисли кӯҳ пушташон меистам.

-Ин хел бошад, рав биёр Маҳнозро, бечора раҳгум задааст.

Қотеъияти ман ба Азим хуш омад.

-Ман бо ин либосҳои гардолуд чӣ тавр ба шаҳр меравам?

Маҳноз мехост либос иваз кунад, аммо ҷуръат надошт ба хонааш ворид шавад.

-Нигарони либос набош... ҳар чӣ дилат бихоҳад, бароят мехарам.

Ба маҳзи расидан ба Душанбе Маҳнозро ба фурӯшгоҳе бурдам, ки аз ошёнаи аввалаш барои модасаг ва тулаҳояш ғизо харида будам. Ошёнаи дувуми фурӯшгоҳ пур аз сару либоси милливу аврупоӣ буд.

Намехост барояш пул харҷ кунам, хиҷолат мекашид ва молҳои арзоншударо ламс мекард. Барояш беҳтарин колоҳоро харидам, ин камтарин коре буд, ки дар ҷуброни бадбахтиҳояш анҷом додам. Бадахтиҳое, ки ман низ ба онҳо ҳиссагузор будам.

Хонаи Саидалӣ ба ӯ писанд омад, аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар мегузашт, ба ҷиҳози гаронбаҳо хира мешуд ва онҳоро бо эҳтиёт ламс мекард. Шояд зиндагӣ дар чунин опортмон орзуяш буд, аммо чизе намегуфт, ҳавасҳояшро бо лабханди хиҷолатомез мепӯшонд.

Билохира ӯро ба душ фиристодаму аз пайи фармоиши ғизо шудам. Шир-шири оби душ ва ҳузури Маҳноз дар канорам қалбамро аз шодӣ лабрез мекард. Гуфтани ин, ки ин лаҳза ман хушбахттарин инсони рӯи дунё будам, чизе нагуфтан аст.

Суфраро бо ғизоҳое, ки аз тарабхона фармоиш додам, дар балкон боз кардам. Ҳар хӯрдании дар яхчолу ҷевонҳои ошпазхона бударо рӯи суфра чидам. Мехостам хоҳарам, азизтарин касам, каму костагие набинад.

Мехостам ҳар чӣ зудтар тамоми саргузашти хоҳаронамро аз Маҳноз бишнавам. Аммо аввал бояд шомро тановул кунад, то луқмааш бо гиря олуда нашавад.

Маҳноз аз ҳаммом мисли парӣ берун шуд. Мӯйҳои тар торҳои сафедро пинҳон мекард ва ӯ ҷавону ҷаззобтар ба назар мерасид. «Охир, чаро ту бояд ҳамсари як мӯйсафеди мариз бошӣ»?

-Дар чанд сол барои аввалин бор мӯйҳоямро бо шампун шустам...

Дилам ба ҳолаш сӯхт. Баланд шудаму мӯйҳояшро бӯидам, то ашкҳои ҷамъшуда дар чашмонамро пинҳон кунам.

Ин дам чашмам ба модасаг афтод, ки сари по нишаста буду ба сӯи балкони мо нигоҳ мекард. Аз пайи мушкилоти худ сагро аз ёд бурдам.

-Маҳноз ғизо сард мешавад, ту бе ман шуруъ кун, ман зуд бармегардам.

Модасаг маро диду аз ҷой баланд шуд ва думи хоколударо дӯстона такон дод, пӯзаашро ба дастонам молид.

Аз мошин ғизоҳои хушку тарро ба косаҳо рехтам ва бутрии обро ба косаи дигар. Саг лаб ба ғизо назад ва сарашро гоҳ ба як сӯ ва гоҳ ба сӯи дигар хам мекард ва бо муҳаббат ба ман зул мезад.

-Бубахш, рафиқ, хонаи худам мебуд, туро кайҳо мебурдам, ман ин ҷо як меҳмонам, соҳибхона манзилашро аз худаш бештар дӯст медорад. Қавл медиҳам, хона мехараму туро бо худ мебарам. Азоби бесоҳибӣ ва бесарпаноҳиро ман ҳам чашидаам. Худованд одамҳои хуберо бароям фиристод, ки маро аз хок баланд карданд. Агар бо ин ҳама нигарониҳоям Худованд таваҷҷуҳи маро ба ту ҷалб кард, пас он маъбуди беҳамто сарнавишти беҳтареро бароят рақам задааст.

Саг бодиққат ба ҳарфҳои ман гӯш медод, гӯиё ҳар суханамро мефаҳмид. Ман инро аз чашмонаш хондам. Дар он чашмони то дирӯз андуҳгини саг нури умед ҳувайдо буд.

Маҳноз моро аз балкон тамошо мекард, намедонам аз зеҳнаш чӣ мегузашт, аз лаҳзаи по гузоштанаш ба ин манзил мехост худро хушҳол нишон диҳад, аммо нигарониҳое-

ро дар чашмонаш мехондам. Шомро бо ҳам хӯрдем. Ман ду финҷон қаҳва овардаму сигор рӯшан кардам. Ниҳоят ҷуръат кардам ва аз ӯ дар бораи Шаҳнозу Гулноз пурсидам. Каме дастпоча шуд.

-Худо шоҳид, намехостам ин шабро бо достонҳои ғамангез хароб кунам, аммо, чӣ илоҷ! Ҳоло намепурсидӣ, фардо ин суол ҳатман матраҳ мешуд. Ҳамон сол холаам Гулистон қавл дод, ки агар ба домоди ёфтааш издивоҷ кунам, бо шавҳараш машварат кардаасту хоҳаронамро ба фарзандӣ мехонанд ва бузургтар, ки шуданд, онҳоро ба ман медиҳанд. Гуфт, ки мӯйсафед ҳам ба ин шарт розӣ аст.

Маро дар як мошин бо як-ду куртаи кӯҳнаи худаш ба Ваҳдат фиристод ва рӯзи дигар хоҳаронамро, ки яке нуҳ ва дигаре ёздаҳсола буд, ба ятимхона дод.

Мӯйсафед одами дилтанге будаст. Гиряҳои кӯдаки маризи маро басахтӣ таҳаммул мекард. Шабу рӯз дар хизматаш будам, то рӯзе хоҳаронамро саробон шавад. Аммо рафторашро медидаму рӯз ба рӯз ба ояндаи худам ва хонаводаам ноумед мешудам. Намегузошт бачаи маризам бо мо дар як ҳуҷра бихобад ва иҷоза ҳам намедод, ки шаб дар бари бачаам бошам. Гиряашро аз хонаи дигар мешунидам, диламро гургҳо тала мекарданд, аммо то мӯйсафедро хоб намебурд, аз бистар баланд намешудам. Духтаракам се моҳ баъди издивоҷам бо ин пиракӣ як шаб дигар садо набаровард ва саҳар тани сардашро пайдо кардам. Пеши мӯйсафед шарт гузоштам, ки агар хоҳаронамро аз ятимхона нагирад, дигар як лаҳза ҳам дар ин хона намемонам. Ӯ саҳар бо холаам ба ятимхона рафт ва бегоҳ бо табъи хуш баргашт. Гуфт, ки ба далели синни баланд ва надоштани шароити мусоид бачаҳоро ба ӯ надоданд. Хеле ғусса хӯрдам, холаамро барои ин ситамгориаш нафрин кардам.

Баъд роҳи берун рафтан аз хонаро дар нонфурӯшӣ ёфтам, мӯйсафед одами пулдӯстдор аст, гуфтам ҳар чӣ аз фурӯши нон ба даст биёяд, як тин кам нокарда ба ӯ медиҳам.

Ҳафтае ду бор ба шаҳр нон мебурдам ва ба дидори хоҳаронам мерафтам, барояшон нону ширинӣ мебурдам, хеле лоғару афсурда буданд. Бо ин ҳол як сол сипарӣ шуд. Як бегоҳ милисаи маҳаллӣ бо як зан хона омад ва гуфт, Шаҳноз аз ятимхона фирор кардааст ва агар ин ҷо бошад, ӯро зуд баргардонем. Хаёл кардам осмон бар сарам фурӯ рафт. Ҷои наҷустаам намонд: хешу табор, ёру дӯст, ҳаққу ҳамсояҳо ҳамаро сар задам, аммо нишоне аз Шаҳноз набуд. Дар авҷи кофтуков ба ятимхона рафтам ва талаб кардам, ки Гулнозро ҳамин ҳоло ба ман бидиҳанд. Ходиму парасторҳо дар ҳар кунҷ пинҳон шуданд. Ниҳоят раиси ятимхона омад ва гуфт, хонаводаи сарватманде Гулнозро ба фарзандӣ хонд ва ятимхона аз рӯи қонун ҳақ надоранд ному суроғаи нави Гулнозро ошкор кунад. Ман мисли девонаҳо шудам, сар ба девор мезадам, мӯю рӯямро мекандам. Раиси ятимхона зани таҷрибадоре будаст, баъзе ҳарфҳое гуфт, ки дар муқобили мантиқи ӯ чизе барои гуфтан надоштам. Гуфт, ки хонаводаи нав метавонад Гулнозро хушбахт кунад, ба таҳсил фаро бигирад, ӯро ба хостаҳояш бирасонад. Ман чӣ дорам? Ҳеҷ! Шароити зиндагиамро дидӣ.... як зани бадбахти бехонаву дар ва бе пулу мол...

Маҳноз рамида ба ман нигоҳ карду сарашро гунаҳкорона пойин андохт. Шояд ӯ мунтазири ҳамдардӣ буд, аммо ман гиҷ будам, намедонистам чи гуна рафтор кунам.

Ӯ дар тамоми бадбахтиҳои ба сари мо омада худашро муқассир медонад ва дуруст мисли ман солҳоро бо эҳсоси гуноҳ зиндагӣ кардааст.

-Шаҳноз чӣ?

-Шаҳноз... Шаҳнозро дигар пайдо накардам. Сураташро ба милисахона бурдам, ӯро дар ҷустуҷӯ элон карданд... борҳо аз милисаҳо пурсидам, гуфтанд, ки то ҳол пайдош накарданд. Ду сол пеш ҳамсари холаи хурдӣ гуфт, ки гӯиё Шаҳнозро дар як тарабхона, дар ҷамъи занҳои сабукпо дидааст... намедонам ин хабар то куҷо сиҳҳат дорад.

Ногаҳон эҳсоси нобудӣ, пучӣ ва беҳудагӣ вуҷудамро фаро гирифт. Сигор рӯшан кардаму тирезаи балконро кушодам. Модасаг рӯ ба осмон оҳиста уллос мекашид, шояд шир дар синаҳояш медамид ва тулаҳои гумшудаашро ба ёдаш меовард.

То ҳол аз бадбахтиҳои Маҳноз шокӣ будам, аммо ҳоло чизҳои сангинтар аз бадбахтиҳои ӯро шунидам. Ҳоло чӣ кор кунам? Чӣ гуна ин ҳамароислоҳ кунам?

Аз кӣ кумак бихоҳам? Мушкили Шаҳноз ва Гулноз ба ин содагӣ нест, ки худам даст ба кор шавам. Фардо бо Саидалӣ ҳарф мезанам, хиҷолатовар аст, ки тамоми мушкилотамро бар дӯши ӯ бор мекунам, аммо дигар касеро надорам.

Шабе, ки мехостам бо Маҳноз то рӯз бо варақ задани хотираҳо сипарӣ кунам, то ним норасида хароб шуд. Маҳноз хомӯшона ба хонаи хоб гузашт ва ман мондаму балкону дуди сигорҳои пай дар пай.

Саҳар ҳанӯз чашм боз накарда будам, ки Саидалӣ занг зад.

-Читур ҳастӣ, Фарҳод, ягон камбудӣ надорӣ?

-Ҳама чиз хуб аст, ташаккур, ки пурсидед.... акаи Саидалӣ... мехостам Шуморо бинам, имрӯз вақт доред?

-Соати даҳ мешавад?

-Соати даҳ хуб аст, куҷо биёям?

-Агар зид набошӣ, ягон ғизо мегираму хона меоям, ман то ҳол субҳона нахӯрдам.

-Бисёр хуб, интизор мешавам.

Саидалӣ аз достони хоҳарони кучакам мутаассир шуд ва дигар ба субҳонаи хушрангу бӯ, ки бо худ оварда буд, даст назад. Ӯ як финҷон қаҳва нӯшиду бо нафаре қарори мулоқот гузошт.

-Агар ҳамин одам розӣ шавад ва бозҷӯиро бар дӯш бигирад, бовар дорам хоҳаронатро пайдо мекунӣ. Аз кормандони собиқи пулис аст...

-Акаи Саидалӣ, ба ӯ пули хуб пешниҳод кунед. Ман аҷала дорам, наметавонам муддати тулонӣ ин ҷо бимонам,

мехоҳам то як ҳафтаи дигар хоҳаронамро сарҷамъ кунам. Хоҳиш мекунам, кумак кунед...

Бо нафари Саидалӣ бегоҳи ҳамон рӯз дар қаҳвахонаи «Сегафредо»-и дар рӯ ба рӯи фурӯшгоҳи марказӣ мулоқот кардем. Ба «детектив», ё корогоҳи зирак ва чусту чолок, ки барои дарёфти маълумот заминро бо бинӣ шудгор мекунад, монанд набуд. Як марди бознишастаи сустҳаракат буд. Чанд дақиқа қуфли кифи чарминашро боз карду покети пулро бо эҳтиёт байни варақҳо гузошт ва ҳамин тавр хеле зӯр зад, то қуфлро дубора бубандад.

Эҳтимол шакро дар чашмони ман мушоҳида кард, ки бо хиҷолат лабханд зад.

-Кифро писарам аз Маскав фиристодаст, то ҳол бо ҳам хӯ нагирифтаем.

Ӯ бадани сангинашро коҳилона аз сандалӣ баланд карду ба зеру рӯи миз чашм давонд, то чизеро ҷо нагузошта бошад.

-Ба маҳзи пайдо кардани маълумоти муҳим бо Шумо дар тамос мешавам, - гуфт ва бо қадамҳои сангин аз қаҳвахона берун рафт. Аз дунболаш нигоҳ кардам. Роҳро аз зеризаминӣ убур накард, аз байни мошинҳои раҳгузар хазида ба тарафи муқобил гузашт. Ба натиҷаи кораш хушбин набудам, аммо интихоби дигар ҳам надоштам.

Худо ба Саидалӣ хайр бидиҳад, ки ба ҳама мушкилотам расидагӣ мекард. Мехостам ба номи Маҳноз дар шаҳр хонае бигирам, аммо ба андозаи кофӣ пули нақд надоштам. Саидалӣ дар хориҷ ҳисоби бонкӣ доштаст, гуфт агар маблағи заруриро ба ҳисобаш бирезам, ивазаш ба ман пули нақд медиҳад. Хонаро ҳам худаш пайдо кард, дар ҳамсоягии хонаи худаш. Дар қабати сеюми як бинои замонавӣ. Соҳиби хона аҷала дошт ва хонаро бо тамоми ҷиҳозаш, ки тарҳаш шабеҳи хонаи Саидалӣ буд, ба фурӯш гузошта буд. Ман барои ҷиҳозонидани хонаи хоҳарам вақт надоштам ва ин пешниҳодро зуд пазируфтам. Мушкил овардани шинос-

номаи Маҳноз буд. Нахост, ки ман ё Азим бо мӯйсафед мулоқот кунем.

-Танҳо меравам... медонам чӣ бигӯям. Кайҳо боз дар орзуи фурсате будам, ки ҳарфҳои дар дилам ҷамъшударо чун санг бар сараш бизанам, ҳоло ин фурсат фаро расид.

Маҳнозро дуртар аз хонааш интизор шудем, зуд баргашт, сураташ мисли лола сурх буд, изтироб дошт, лабонаш меларзиданд. Аз он хона, ки солҳо сарпаноҳаш буд, ба ҷуз як тубаки гули шамъдонӣ ва кифи чармини модарам, ки дар дохилаш санад нигаҳ медошт, бо худ чизи дигаре нагирифт. Мӯйсафед ҳам ба думболаш наомад.

Вақте санади хонаро ба Маҳноз супурдам, шодиву ғуссаҳояш ба ҳам омехта шуд ва сар ба шонаҳоям гузошту бо овоз гиря кард.

Рӯзи дигар модасагро ба хона овардам. Дуруст замоне ба ҳавлии Саидалӣ расидам, ки ду корманди хоҷагидории ноҳия чӯбу банд дар даст ба думболи саг медавиданд. Саг ба тарафи онҳо дандон гиз мекарду худро ба ҳар тараф мезад. Якчанд зану мард дастҳо зери бағал ин манзараро бо бачаҳояшон тамошо мекарданд. Кампири айнакӣ сар аз панҷараи хонааш бадар карда, бо садои баланд маъмуронро раҳнамоӣ мекард, ки сагро дар кадом гӯша гирифтан осонтар аст.

-Чӣ кор мекунед бо ин ҳайвони бегуноҳ? - гуфтам ва пеши роҳи мардеро, ки чӯби ҳалқадорро ба тарафи саг дароз мекард, гирифтам.

-Одамони ин хона шикоят карданд, мегӯянд саг ҳорӣ аст ва ба кӯдакон дармеафтад.

-Ин ҳарф сиҳат надорад, бечора саг аз сояи худаш меҳаросад, чӣ бирасад ба ҳамла ба кӯдакон. Даст бардоред, сагро бо худ мебарам.

Саг маро диду бо аҷала ба сӯям давид ва пӯзаашро ба кафшҳоям молид. Чӣ қадар риққатовар буд ин саҳна! Ӯро бағал кардаму ба пушти мошин нишондам. Тамошогарон

тавре ба ман нигоҳ мекарданд, ки гӯиё девонае будам. Онҳо бо тамасхур сар такон дода, дар паси дарҳои вурудӣ ғайб заданд.

Маҳноз сагро дар остонаи дар диду тааҷҷуб кард. Ӯ гоҳ ба пашми пахмоқу хоколуди саг нигоҳ мекард, гоҳ ба фарши қирмизӣ, ки ингор ҳамин ҳоло аз дастгоҳи қолибофӣ берун шуда буд. Модасагро худам шустам, бо доруи зидди кайку кана, ки раҳбараҳ аз доруханаи ҳайвонот гирифтам, дармон кардам ва барояш дар гӯшаи балкон ҷой сохтам. Он қадр боақл буд, ки аз балкон ба дохили хона қадам намегузошт.

Модасаг акнун аз фишори равонӣ ба худ меомад, ки беҳолона дароз кашид.

Ин бечора ҳам мисли ман аз афсонае, ки ба воқеъияташ бовар кардан душвор аст, дар байни замину осмон мегашт. Эй кош, Шаҳнозу Гулнозро ҳам ба ин хонаи зебо биёрем...

Барои саг афзори гаштугузор харидем ва хостем ба кӯча барорем. Ду пойро дар замин мехкӯб карду аз ҷой такон намехӯрд. Бечора метарсид, ки ӯро дубора ба кӯча мепартоянд.

-Биё берун, натарс, мо туро раҳо намекунем, биё...

Хеле зорӣ кардем, то ором шуду бо мо ба кӯча баромад. Ду қадам мегузошту моро ба сӯи хона мекашонд. Шояд замоне саги хонагӣ буд, медонист чаро ӯро ба кӯча мебаранд, пушти ҳар дарахт, ҷойе, ки сагҳо аломатгузорӣ кардаанд, корашро анҷом медод ва бӯи шошаи ҳамтоҳояшро мешамиду ба дунболаш мерафт. Ба хона баргаштему хушҳолона дум такон дод ва дарҳол ба ҳамон кунҷе нишаст, ки Маҳноз барояш омода карда буд. Чашмонаш аз хушҳолӣ медурахшиданд.

Омадани Маҳноз, зиндагӣ дар хонаи нав ва наҷоти саг бояд руҳияи маро дигар мекард, аммо роҳат набудам, аз ноилоҷӣ ва бехабарӣ аз хоҳаронам асабонӣ мешудам. Намедонистам ба чӣ ва ба кӣ умед бубандам. Медонистам, ки агар

ин ҳамаро раҳо кунаму ба хона баргардам, ранҷ мекашам ва дубора руҳам мешиканад.

Бо гузашти се рӯз аз «детекив»-и тавсиядодаи Саидалӣ хабаре нашуд. Доштам кам-кам ноумед мешудам. Ба қароре расидам, ки Маҳнозро ба хонаи холаам бифиристам, то ҳар чиро аз сарнавишти хоҳаронам медонанд, ба мо бигӯянд. Аммо рӯзе, ки Маҳноз озими хонаи холаам буд, корогоҳ занг зад ва дар ҳамон қаҳвахонаи муқобили фурӯшгоҳи марказӣ мулоқот таъин кард.

Аз хонаи ман то қаҳвахона ду истгоҳ роҳ аст, хостам каме қадам бизанам. Сарам пур аз афкори манфӣ буд, ки агар ин мард бигӯяд, «мебахшӣ додар, корам омад накард, пулатро бигир», ман бояд чӣ кор кунам?

«Детектив» пеш аз ман ба ҷойи мулоқот расида, барои худаш яхмос фармоиш дода буд.

-Яхмосҳои ин қаҳвахона фавқулода хубанд, мехоҳед барои Шумо ҳам фармоиш бидиҳам?

-Ташаккур, ман қаҳва мегирам... гуфтам ва ба ӯ чашм дӯхтам. Детектив сарашро рӯи паймона хам карда, мисли бачаҳо бо шавқ яхмос мехӯрд. Дандон ба ҷигар гузоштаму то охирин чумча сабр кардам. Саранҷом чумчаро лесиду памонаро ба гӯшаи миз тела дод ва пӯшаи зардеро аз кифи чарминаш берун овард.

-Хуб, додари мо, ки бошӣ… - гуфт ва пӯшаро ба ман дод. Ё хаташ нохоно буд, ё ман ҳаяҷон доштам, ки ҳарфҳо ба ҳам мепечиданд ва натавонистам навиштаҳоро дуруст бихонам. Танҳо акси даврони наврасиҳои хоҳаронамро шинохтам, ки аз охирин дидорам бо онҳо зиёд тафовут надошт.

-Росташ, изтироб дорам, навиштаҳои Шуморо хонда натавонистам... худатон бигӯед, ки чӣ пайдо кардед.

-Ҳм... Шаҳноз Восиева… дар маҳаллаи «Зарафшон» зиндагӣ мекунад... шуғли доимӣ надорад... дар як тарабхона суруд мехонад. Ҳмм... чи хел бигӯям, ки ба иззати нафси Шумо нарасад?..

-Ҳамон тавре, ки ҳаст бигӯед, истиҳола накунед.

-Солҳо қабл милитсия ӯро ба феҳрасти руспиҳои ноболиғ ворид карда буд... бо талаби дафтари мубориза бо ҷиноятқорони ноболиғ ду дафъа аз ташхиси бемористони венерологӣ гузашта, сиҳат баромадаст. Ба ҷуз вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, яъне руспигарӣ, ҷинояти дигар содир накардааст ва доғи судӣ ҳам надорад.

Ҳар калимаи «детектив» чун корд ба синаи ман мехалид, танам меларзид ва хун ингор дар шарёнам лаъл мебаст. Корогоҳ одами бо назокат будаст, саъй мекард ба ман нигоҳ накунад.

Ӯ ин ҳамаро гуфту оҳи сабук кашид ва дастмолеро аз ҷайбаш берун оварда, араҷи сару рӯяшро пок кард.

-Ҳаво бисер гарм аст... одам нафасгир мешавад...

-Аз Гулноз чӣ хабар доред? - пурсидам аз ӯ бо садое, ки аз гулуи хушкидаам дупӯста берун омад. Корогоҳ сар аз варақ барнамедошт, гӯиё дар маҷлиси ҳисоботӣ гузориш медод.

-Гулноз Набиева дувоздаҳ сол пеш аз тарафи хонаводаи Набиевҳо ба фарзандӣ пазируфта шуд. Дар оилаи одамони таҳсилкарда бузург шуда, падараш профессор ва модараш духтур аст. Гулноз ҳоло дар курси дуюми донишгоҳи тиббӣ мехонад. Адреси ӯро ҳам бо хати сурх ишора кардам. Метавонед бо худаш мулоқот кунед, шаҳрванди болиғ аст ва тамос бо ӯ бо қонун муғоират надорад.

Бо корогоҳ, ки баъди ду мулоқот ҳоло ҳам номашро намедонистам, ташаккур кардам ва бори дигар ба дурустии мақоле, ки «ба китоб набояд аз рӯи муқоваааш баҳо дод», тан додам.

Пас аз ду ҳафтаи иқоматам дар Душанбе, билохира муаммои марбут ба хоҳарони кучакам боз шуд. Тасмим гирифтам, ки аввал ба думболи Шаҳноз биравам, ба ин далел, ки дидани ӯ ва ҳатто суҳбат бо ӯ воқеитар ба назар мерасид.

Дар як гӯшаи тарабхона менишинам ва чашм аз ӯ барнамедорам, то мутаваҷҷеҳ шавад ва баъд худро ошкор мекунам.

Аммо на ҳама чиз ба ин содагӣ будаст. Тарабхонае, ки Шаҳноз дар он ҷо ичро дошт, зоҳиран аз маконҳои хушгузаронии ҷавонҳои пулмасти шаҳр аст. Инро аз мошинҳои гаронбаҳои тавқифгоҳи назди бино ва духтарҳои хушлибос, ки аз ин мошинҳо пиёда мешуданд, мушоҳида кардам. Мисли салони намоиши моркҳои маъруфтарини дунё буд. Дар толор аз ин ҳама чароғҳои рангоранги дар ҳоли чархиш ва паропару сару садо саргиҷа шудам. Ин макон ба ном тарабхона, вале дар асл клуб буд. Ин ҷо касе садои касеро намешунид, магар ки бо тамоми овоз фарёд бизанад. Толор лабрези меҳмон буд ва деромадаҳо ба ҷуз нишастан дар сандалиҳои бағали гӯшаи майфурӯшӣ чораи дигар надоштанд. Ман сандалии наздик ба саҳнаро интихоб кардаму оби ҷав фармоиш додам. Ҳамсояҳоям ду марди миёнсоли хориҷӣ гаҳ-гоҳ ба соғари виски лаб мезаданд ва ба духтарони ҷавон, ки танҳояшон дар рақс печутоб мехӯрд ва доманҳои кӯтоҳашонро болотар мебурд, ҳарисона чашм медӯхтанд.

Маконҳои пур аз сарусадоро хуш надорам. Дӯстам Меҳдӣ ошиқи рақсу клуб аст, агар Қосимоғо клубро барояш «қатаған» намекард, эҳтимол аз он ҷо берун намеомад. Одати баде дорад, каме шароб нӯшид, то баста шудани садояш «ҷиғ» мезанад ва фардояш садояш аз гулу мисли овози хурӯси мариз берун меояд. Ҳамон тавр, ки гуфтам, хонаводаи Меҳдӣ ба ман эътимод дорад. «Бо Фарҳод буру, ӯ бачаи оқил аст, аҳли ин қиртибозиҳо нест», - мегуфт Қосимоғо ва Меҳдӣ аз ин суиистифода мекард. Маро маҷбур ба клуб мебурд ва ба хонаводааш мегуфт, ки «бо Фарҳод қаҳванӯшӣ кардем». Аммо магар метавонист Қосимоғои таҷрибадорро гул бизанад? «Меҳдӣ, писарам, ку бигӯ «бале бобо»! Ба маҳзи шунидани садои гирифтаи Меҳдӣ, Қосимоғо дампоиҳояшро ба тарафи ӯ парт мекард ва ба ман мегуфт, «Фарҳод, дорам кам-кам аз ту ҳам дилсард мишавам».

Аммо ҳоло ба хотири Шаҳноз маҷбурам ин сару садоҳоро таҳаммул кунам.

Ниҳоят диҷей ба силсилаи таронаҳои гӯшхароши рақсӣ, ки ҳар оби дар тани раққосаҳо будаâро ба сару рӯяшон кашид, хотима доду саҳнаро барои оҳангҳои ором боз кард. Ҷавони хушсимое бо гитор таронаи машҳури «Чак-чаки боронро»-ро суруд. Ба думболи ӯ духтараке бо як гурӯҳи раққосаҳо саҳнаро гарм кард. Аммо аз Шаҳноз хабаре набуд. Аз зеҳнам гузашт, ки шояд беҳуда омадам, иҷрои Шаҳноз имрӯз дар барномаи тарабхона нест.

Меҳмононе, ки ним соат пеш устухонҳои худро бо «курбазм»-и диҷей гарм карда буданд, хостори мусиқии рақсӣ шуданд ва диҷей бо «ҳойу ҳуй» баландгӯро дубора рӯшан кард.

-Тарабхона соати чанд баста мешавад? - пурсидам аз бармен, ки зарфи сарбастаи пур аз шаробу ях ва лимуро мисли артисти сирк аз як даст ба дасти дигар ҳаво медод ва «коктейл» омода мекард.

-Ҳар вақт ҳар хел, ба муштариҳо вобаста аст, ҳар қадар зиёд бимонанд, барои мо хуб аст, пули бештар кор мекунем.

-То охир ҳамин диҷей ҳунарнамоӣ мекунад ё иҷроҳои дигар ҳам ҳаст?

-Албатта, ҳаст, консерт дар пеш аст, баромадҳои хуб дертар мешавад, то муштариҳоро нигаҳ дорем.

-Ягон иҷрои ҷолиб дар назар аст?

-Сабр кунед, ҳатман маъқул мешавад,- чашмак зад бармен.

Шаҳноз соати яки шаб рӯи саҳна баромад, дуруст замоне, ки ҷавонон аз ҳаёҳуй ва ҷастухез хаста шуда, муштоқи оромишу гӯшакиҳои ошиқона ва бӯсаҳои беҳаёона буданд.

-Инак рӯи саҳна ситораи шаб ва бонуи хушовоз Нозиро даъват мекунам! - эълон кард диҷей ва сутзаниву ташвиқу тамҷид толорро мунфаҷир кард.

Қалбам дар сина ба бозӣ даромад. Шаҳноз дар даст ливоне дошт ва бо лабханди шигифтангез аз кунҷи саҳна чун моҳ бадар шуд.

Бо пероҳани нуқрагуни доманаш заминбӯс, гесувони печ дар печи чун шаб сиёҳ ва сурати ҷаззоб, зеботарин зани кулли тарабхона буд.

Ба унвони ҳунарманде, ки арзиши худро медонад, хиромон ба назди баландгӯ омад ва ба тарафдоронаш як бӯсаи ҳавоӣ фиристод. Чӣ садое дошт! Боварам намеомад, ки соҳиби ин садои ширину расо хоҳари ман аст!

Ӯ се тарона хонд, яке таронаи ошиқона, ки хеле ғамангез буду дилбохтагонро девона мекард ва ду суруди рақсӣ, ки маҳфилро ба шӯр овард. Тарафдоронаш «Нозӣ, Нозӣ!» мегуфтанд ва дархост мекарданд, ки ба иҷро идома диҳад. Баъзеҳо рӯи саҳна баромада, мехостанд бо ӯ акс бигиранд.

Ман ҳам ба саҳна наздик шудам ва нохудогоҳ фарёд задам, ки «Шаҳноз, ин манам, Фарҳод»! Шояд ба назарам намуд, аммо нигоҳаш як лаҳза ба ман афтод ва сипас дар иҳотаи тарафдоронаш, ки шояд аз «нухбагон» буданд, пушти саҳна нопадид шуд. Нигаҳбон нагузошт ба думболаш равам. То баста шудани тарабхона интизор шудам, аммо дигар ӯро надидам, на дар тарабхона ва на дар берун аз он. Шояд аз дари пуштӣ берун шуда буд.

Маҳноз талошҳои маро медиду хиҷолатмандона сар хам мекард. Шояд чизҳоеро медонисту ба ман намегуфт. Аммо розӣ шуд, ки ҳамроҳ ба дидани Шаҳноз биравем.

Саҳар сагро берун бурдаму Маҳнозро бедор кардам.

-Ба ин барвақтӣ куҷо биравем? Бимон хобашро бигирад, гуфтӣ-ку то дили шаб суруд мехонд. Биё, лоақал субҳона омода кунам...

-Бошад, ман қаҳва мепазам, дигарашро худат медонӣ.

Хонаи Шаҳноз дар бинои навсохти як гӯшаи пойтахт будаст. Охирин сохмоне, ки баъди он заминҳои пахтазор шуруъ мешавад.

Дарро базудӣ боз накард. Ҳамсояи рӯ ба рӯ, як зани фарбеҳ, ки ҳаш-ҳаш нафас мекашид ва олуда бо обу арақ фарши назди дари хонаашро мешуст, бо кароҳат ба мо ни-

гоҳ кард, мушакҳои чеҳраи қирмизаш аз ғазаб таранг шуданд. Ҳамин монда буд, ки ба рӯямон туф кунад. Ӯ сатилро бо ситеза аз замин бардошту қатраҳои бузурги оби тираро ба фарш рехт ва дари хонаашро ончунон сахт пӯшид, ки гарду ғубори оҳак аз сақф ба замин афтид. Ниҳоят Шаҳноз дарро боз кард ва дар ҳоле, ки ҳанӯз дуруст бедор нашуда буд, нимхобу нимбедор ба мо зул зад.

-Шаҳноз, салом, азизам, ин манам Маҳноз, хоҳарат... ин…

-Маҳноз?

Хоб аз чашмони зебои Шаҳноз парид, ӯ беҳолона ба дар такя зад ва нигоҳаш дар чеҳраҳои мо ях баст.

-Чӣ мехоҳед? - пурсид ва абрӯ ба ҳам даркашид.

-Омадем туро бубинем, метавонем ба хонаат дароем?

Шаҳноз дарро боз гузошту пушт ба мо ба дохили хона рафт.

Хонааш аз даҳлез мустақим ба ҳуҷраи пазирои мебурд ва аз он ҷо ба як утоқи дигар, ки шояд ҳуҷраи хоб буд. Ҷиҳози хона, мублаву сандалиҳои роҳат, пардаву қолин ҳама содаву арзонак, аммо тозаву озода буд. Ӯ ба сандалии канорӣ нишаст ва бо тамасхур ба мо чашм дӯхт. Ҳатто даъват накард, ки бинишинем.

Маҳноз мисли гунаҳкоре, ки ҷурми худро медонад, аз рӯи мақоли гардани хамро шамшер намебурад, дар муқобили Шаҳноз бо сари хамида меистод. Дилам ба ҳолаш месӯхт.

-Шаҳноз, ин манам, бародарат Фарҳод...

-Ҳм... Дишаб садоятро шунидам, хеле хотираамро тагурӯ кардам, то ба ёд биёрам, ки оё Фарҳоде дар зиндагиам буд? Хуб... омадед, ки чӣ?

Мехостам суҳбатро оҳиставу нарм пеш бубарам, аммо Маҳноз корро хароб кард.

-Омадем, ки туро бо худ бубарем, Фарҳод барои мо хона харид, ҳама якҷо мешавем, аз ин бебандуборӣ раҳо меёбӣ...

Эй кош, ин ҳарфро намегуфт!

Шаҳноз якбора оташ гирифт. Чашмонаш аз хашм бузург шуда лабонаш «пир-пир» мепарид.

-Шумо кӣ ҳастед, ки ба ман таънаи бебандуборӣ мезанед? Шумо аз ман чӣ медонед? Шумо ҳама поку беолоишу баномус, ман русвои фосид!? Шумо аз ман ҳичӣ намедонед! Намедонед ман чӣ кашидам! Шуморо боре то беҳушӣ латтукӯб кардаанд? Дар таҳхона бе обу нон рӯзҳо муҷозот шудаед? Медонед дар ёздаҳсолагӣ таҷовуз шудан чӣ ваҳшат аст??? Феҳрасти бадбахтиҳояро идома бидиҳам? Ҳмм.. Нашнавед, беҳтар аст, оре, аъсоби нозуки шумо аз ин заҷрҳо латма мебинанд...

Ӯ мисли муҷассамаи хашму ғазаб аз ҷой қад кашид ва бо чашмони сарду сурати сангӣ ба мо нигоҳ кард.

-Маҳноз манзуре надошт, танҳо мехост бигӯяд, бо ҳам бошем, беҳтар аст ва дуруст ҳам мегӯяд, ҳеҷ кас наметавонад моро ба андозаи хоҳару бародар дӯст дорад...

-Ҳеҷ яки шумо ҳақ надоред ба ман таъна бизанед. Ту, бародари носеҳи ман, дар тиратарин рӯзҳо моро партофтиву фирор кардӣ... имрӯз аз куҷое пайдо шудаӣ ва ба ман аз ишқу бародарӣ ваъз мехонӣ? Куҷо будӣ, вақте мани сездаҳсола дар таҳхонае кӯдаки мурда ба дунё овардам? Ту, хоҳари азизам, шавҳар кардиву рафтӣ... боре ба ёдат наомад, ки сарнавишти мо - ятимакҳо чӣ шуд? Биравед, то ин хонаро ба сари шумо хароб накардам, дур шавед аз назарам!

Ӯ дари вурудиро боз карду бо ангушт ба тарафи кӯча ишора кард...

Мо бо сарҳои хамида озими рафтан шудем.

-Як лаҳза...

Бо умед ба ӯ нигоҳ кардем, ки шояд ин ҳама ҳарфҳои тунд хашмаш фурӯкаш карда бошад.

-Зинҳор ба думболи Гулноз наравед, ӯ фарзанди як хонадони обрӯманд аст, бигзор, онҳо надонанд, мо аз кадом г...ҳе сабзидаем! Акнун метавонед биравед!

Аз дидор бо Шаҳноз ду рӯз пакар будам. Аммо рӯзи сеюм, соати ҳашти саҳар дубора занги дари ӯро пахш кардам.

Дарро боз карду бо ҳамон шеваи қаблӣ бе калом ба меҳмонхона гузашт. Боз ба ҳамон сандалӣ нишасту суоломез ба ман чашм дӯхт. Нигоҳаш имрӯз нармтар буд.

Зиёд ҳошия нарафтам.

-Шаҳноз... Ман ҳам заҷрҳои шабеҳи ранҷу азоби туро кашидаам. Дар шонздаҳсолагӣ бе ҳеҷ гуноҳ маҳбус шудам... дар зиндон мавриди таҷовузи гурӯҳӣ қарор гирифтам, ончунон, ки рӯдаҳоям пора шуданд. Як далели ин ҳама сол нопадид шуданам низ ҳамин ҳодиса буд. Вақте як занро таҷовуз мекунанд, баданаш касиф мешавад, худро таҳқиршуда мебинад, аммо бо гузашти солҳо он ҳодиса шояд дигар мисли қабл барояш бузург нанамояд. Таҷовуз шудани як мард мисли бемории ҷузом аст, ки одамро радди маърака мекунад ва дигарон худро аз ӯ канор мегиранд, то олуда нашаванд. Ман дар зиндагӣ дастовардҳои хуб доштам, худро аз сифр сохтам, пулдор шудам, аммо ҳеҷ гоҳ натавонистам бо худ ифтихор кунам. Ҳамеша садое дар гӯшам мегӯяд: «Ту кӣ ҳастӣ? Ҳамон муттаҳами маҳзуф ва русвошуда»? Захмҳои танам сиҳат шуданд, аммо ин ҷароҳат барои якумр дар равонам боқӣ монд. Бо ин умед пешат омадам, ки шояд бо дардҳои муштарак якдигарро хубтар дарк кунем ва ба захмҳои якдигар малҳам шавем...

Достони ман абрӯвони зебои хоҳарамро ба ҳам овард ва дилсӯзиеро дар чашмонаш дидам. Аммо баъди лаҳзае дубора ба ҳамон муҷассамаи сард табдил шуд.

-Расвоии таҷовуз, бародари ман, мисли сояест, ки доим ё ба думболат мегардад, ё аз пеши поят баланд мешавад. Ба ҷинс кор надорад. Ба ман нагӯ, ки дарди марди таҷовузшуда сангинтар аз дарди як зан аст. Солҳост, ки ман танҳо як хобро мебинам, дар кӯчаҳои тираву тор, дар хонаҳои матрука аз таъқиби таҷовузгаре мегурезам, меафтаму дубора баланд

мешавам, аммо натиҷа ҳамон якест, шаллоқ мехӯраму таҷовуз мешавам. Вақте чашм боз мекунам, қалбам девонавор метапад ва нафас дар гулуям мепечад, аз худам ва аз тани касифам мутанаффир мешавам.

Ман шабеҳи як модагурги танҳоям, ки захмҳоямро худам мелесаму илтиҳом мебахшам... бидуни кумаки касе. Бозгашт ба сӯи шумо, яъне бозгашт ба хотироти дардоварест, ки саъй кардам, то он ҷое мумкин аст, дар дуртарин гӯшаи зеҳнам дафнаш кунам, вагарна пойи маро ба тимористон мекашонад.

Ман ҳеҷ эътирозе на ба ту дорам, ки дар мушкилтарин марҳилаи зиндагии мо фирор кардӣ, на ба холаам, ки моро ғорат кард ва сипас мисли тулаҳои касифи як саг ба хиёбон андохт, на ба Маҳноз, ки чун ҳамеша пушти бечорагиҳояш пинҳон шуду моро дигар суроғ накард, на ба модарам, ки ба мо зиндагӣ дод, аммо чӣ зиндагие - як кӯҳи дарду ранҷ ва на ба падарам, ки ҳеҷ гоҳ ба мо падарӣ накард. Ман аз шумо тавaққуе надорам, ба шумо эътирозе ҳам надорам... фақат мехоҳам ҳама чизро ҳамон тавр, ки ҳаст, бигзоред. Агар ман ин ҳама сол нахостам касе аз шуморо бишиносам, эҳтимол барои ин далели мустаҳкаме доштам.

Аз ятимхона, аз он ҷаҳаннам чанд ҳафта баъд аз он ки Гулнозро хонаводае ба фарзандӣ пазируфт, фирор кардам. То он замон як дафъа таҷовуз шудам ва як дафъа то мурдан шаллоқ хӯрдам.

Ман, охир, ҳамагӣ як бача будам, модарам моро мисли гулҳои хонаӣ бузург кард. Аз бадии инсонҳо ва аз хатарҳое, ки метавонем рӯ ба рӯ шавем, ба мо панде нагуфт. Он сол ба андозае заҷр кашидам, ки ингор аз оташи дӯзах гузаштам. Агар Гулноз намебуд, шояд барвақт мемурдам.

Вақте мудир гуфт, ки як хонаводаи обрӯманд Гулнозро фарзанд мехонад, намедонӣ чӣ қадр барояш хушҳол шудам! Ду сол бо ӯ зери як рӯпӯш хобидем, тахти хобаш дар утоқи дигар буд, аммо ними шаб гиря мекарду пешам меомад, ман

ӯро бағал мекардам ва барояш бо овози паст афсона мегуфтам, аз хушбахтӣ, аз шиками сер, аз хонаи зебое, ки мо се хоҳар дар он зиндагии хуберо оғоз мекунем... Мани дувоздаҳсола барои Гулноз мисли модар будам, мӯйҳояшро шона мезадам, ғизоямро намехӯрдаму ба ӯ медодам, домани даридаашро медӯхтам. Дилам ба ҳоли худам намесӯхт, дилам барои хоҳаракам об мешуд, охир, ӯ сазовори ин заҷрҳо набуд!

Бехабар мисли гург хашину сахтҷон шудам, эътироз мекардаму шаллоқ мехӯрдам.

Аз ятимхона нимашаб, вақте фирор кардам, ки бачаҳои дар орзуи муъҷизаи як зиндагии зебо чашмҳои худро бастанд ва мураббиҳо сарҳои аз фиғони кӯдакон сангинро ба болин гузоштанд. Агар медонистам, ки чӣ балое ба сарам меояд, шояд тоболиғ шудан дар он муассиса мемондам.

Ҳоло ҳам ин саргузашти талхро ба ту қисса мекунаму боварам намеояд, ки ин ҳама аз сари ман гузашт...

Ман сигор рӯшан кардам.

-Ба ман ҳам як дона бидеҳ.

Шаҳноз як дуди амиқ кашиду ба достонаш идома дод.

Дар бағали роҳи хилват мисли одамони хобгард бе ҳадаф қадам мезадам, барномае надоштам, намедонистам ин роҳ маро ба куҷо мебарад. Ногоҳ ҷода равшан шуд ва дидам, ки мошине бо чароғҳои фурӯзон оҳиста ба ман наздик мешавад.

Ронанда тирезаи бағалиро боз карду пурсид, ки куҷо меравам. Гуфтам намедонам, аз ятимхона фирор кардам. Чашмонаш дар торикии шаб мисли чашмони гурба медурахшид.

«Бо ман меоӣ? Ман хонаи бузург дорам, бо бачаҳои ман зиндагӣ мекунӣ, туро онҷо касе намеёбад», - гуфт. Мани гӯл бидуни ҳеҷ фикри бад ба мошин нишастам. Охир, ӯ як марди аз падарам бузургтар буд, гумон кардам, ки ба ҳоли ман раҳмаш омадаст.

Марди занмурда буд, як духтар дошт, ки моҳе як бор бо фарзандҳои хурду бузургаш ба дидани падараш меомад.

Он мард маро рӯзона дар таҳхона нигаҳ медошт ва шабҳо ба бистари худаш меовард, дасту даҳонамро мебаст ва маро таҷовуз мекард. Ҳамаи дарҳояш мисли зиндон қуфлу калид дошт. Хеле эҳтиёткор буд. Ду дафъа аз чангаш раҳидаму бо фиғон ба сӯи дарвоза давидам, бо чӯбе ба сарам заду маро беҳуш кард. Дигар ба хонаи хобаш намебурд, худаш ба таҳхона мефаромад. Дар ҳамин таҳхона обистан шудам, таҳдид кардам, ки агар рӯзе фирор кунам, рост ба идораи пулис меравам. Намедонист бо ман чӣ кор кунад, сахт тарсида буд. Баъд он қадар доруе ба ман дод, ки кӯдаки чормоҳа бо лахтҳои хун пора-пора аз дарунам берун омад. Як моҳ мариз будаму таб доштам. Саранҷом ба худ омадам. Намедонам, қабл аз он ки фирор кунам, чанд баҳору тобистон дар он таҳхона гузашт. Аз он зиндон тасодуфан фирор кардам. Як шом духтараш ба меҳмонӣ омаду наваи кунҷковаш дари таҳхонаро боз кард ва ман мисли девонаҳо аз бағали он навраси моту маҳбут бо суръат рад шудаму ҷонсарак ба кӯча давидам.

Ин ҳама вақт намедонистам, ки хонаи он мард дар шафати истгоҳи роҳи оҳан, дар оғози кӯчаест, ки мо дар он ҷо манзил доштем. Садои қаторро мешунидам, аммо азбас бо ин садо бузург шудам, гумон мекардам, ки тамоми шаҳр пур аз роҳи оҳан аст.

Шабро дар истгоҳи роҳи оҳан рӯз кардам ва дар ҳамон ҷо бо зане шинос шудам, ки дар қаҳвахонаи роҳи оҳан тамизкорӣ мекард. Дид, ки гуруснаам, бароям ғизо дод, дилҷӯӣ кард. Тамоми достонамро ба ӯ гуфтам. Ба ҳоли ман раҳмаш омад ва маро бо худ ба хонааш бурд. Бевазани бефарзанд буд. Дар хонаи он зан ман бо хоҳарзодааш ошно шудам. Сарнавишти он духтар низ ба сарнавишти ман монандиҳое дошт, ятимаки дар кӯча монда, танҳо бо як тафовут, ки Худо холаи ғамхореро ба ӯ дод. Чаҳор сол аз ман бузургтар ва бисёр зарангу хушқиёфа буд. Гӯиё дар корхонаи тавлиди макарон кор мекард, рӯзона мехобид ва шом барои

шифти шаб аз хона берун мешуд. Пулдор буд, пулҳояшро дар зери қолӣ пинҳон мекард.

Боре душ гирифтам ва ӯ сурати маро бо рангу бори худаш оро дод. «Ту бисер зебо ҳастӣ, ҳайф аст аз ин зебоӣ истифода накунӣ», - гуфт. Намедонам, шояд иллати робитаи ҷинсии зуд буд, ки зоҳирам ва ҳайкалам бузургтар аз синнам менамуд.

Рӯзи дигар маро бо худ ба хонаи «дӯсташ» бурд. Зани миёнсол ва зебое буд. Пӯсти мисли булур шаффоф, чашмони бодомшакли сиёҳ ва лабҳои пурра дошт. Ӯ бо ноз лабханд мезаду дандонҳои сафедаш аз он лабҳои нимабоз мисли марворид медурахшиданд. Чӣ хонае дошт! Шабеҳи қасри муҷаллал буд!

-Мехоҳӣ бо мо кор кунӣ?

-Шумо макарон тавлид мекунед? - пурсидам содалавҳона.

-Агар ту бихоҳӣ, макарон ҳам тавлид мекунем, - гуфт ӯ ва ба содагии ман хандид. Ҳадафашро пинҳон накард, гуфт, ки дар ин хона аз меҳмонҳои муҳим пазироӣ мешаванд ва барои тафреҳи онҳо ба дастёр ниёз дорад.

-Лаёқаташро дошта бошӣ, пули хубе гират меояд.

Он қадр хинг ҳам набудам, ки ба ин пешниҳод сарфаҳм наравам... розӣ шудам ва акнун ҳар шаб бо хоҳарзодаи соҳибхона ба «шифти шаб» мерафтам. Меҳмонҳо мардуми пулдору бонуфуз буданд ва гоҳ шаб мастомаст тамоми пулҳои худро ба сари мо мерехтанд.

Бори аввал дар як шабнишинии онҳо овоз хондам, меҳмонҳо ба ваҷд омаданд ва ман шудам овозхони маҳфили пӯшидаи он мардум. Он ҷо таҷовуз набуд, мардҳо боназокат буданд. Ман як-ду муштарии доимӣ доштам, ки дар канори овозхонӣ аз онҳо пазироӣ мекардам. Садоям рӯз ба рӯз қавитар ва ҷаззобтар мешуд ва ман ба овозхонӣ ишқ бастам. Се сол дар он хона зиндагӣ кардам. Баъд пулис шабехун зада он маҳфил пароканда шуд. Касе ба меҳмонҳо кордор

нашуд, аммо маро борҳо барои бозпурсӣ ба идораи пулис бурданд. Дар он ҷо низ аз ман танҳо як чиз мехостанд - ҳамхобагӣ! Боре яке аз онҳо мехост маро таҷовуз кунад, аз чангаш раҳо шудаму ба панҷараи боз ҷаҳидам ва таҳдид кардам, ки худро аз ин баландӣ ба замин парт мекунам. Баъд кадоме аз меҳмонҳои бонуфуз ба пулис занг заду онҳо даст аз сарам бардоштанд. Бо пулҳои ҷамъшуда барои худ ҳамин хонаро харидам ва ҳоло барои иҷро бо ду тарабхона қарордод дорам. Пули зиёде нест, аммо ҳамин, ки овоз мехонам, бароям кофӣ аст.

-Бо Гулноз дар тамос ҳастӣ?

-На, чӣ даркор? Намехоҳам зиндагиашро, обрӯяшро хароб кунам. Гоҳе дилам танг мешавад, то дари донишгоҳаш меравам ва ӯро аз дур мебинам. Духтари бузург шудааст, ба падарам монандӣ дорад. Дилам мехоҳад бағалаш кунаму аз чеҳраи зебояш бӯсаҳо бигирам, аммо худдорӣ мекунам. Намехоҳам доғҳои нангини сарнавишти ман боиси забонкӯтоҳияш шаванд. Аз тамоми хонаводаи мо ӯ ягона нафарест, ки аз ранҷу азоб ҷон ба саломат бурд. Бигзор, ҳамин тавр бимонад...

Аз суҳбати дусоатаи ман бо Шаҳноз як тагсигории пур аз хокистар ва дар қалбам чолаҳои амиқ боқӣ монданд. Рақами телефон ва одреси хонаро, ки аз қабл дар коғазе навишта будам, рӯи мизаш гузоштам ва бо шонаҳои аз ғусса сангин аз манзили хоҳарам берун омадам.

Бо эҳсоси пучӣ ба хона баргаштам, мисли касе, ки ба думболи чизи муҳиме мегашт ва ногаҳон дарк кард, ки ҳеҷ чизе қобили бозгашт нест. Маҳнозро бағал кардаму гиристам. Ӯ сарамро рӯи зонуяш гузошту гунаҳои тарамро навозиш кард.

-Маҳноз... ту аз мо бузургтарӣ, бо модарам мисли дугона будӣ... бигӯ, ки падарам модари моро дӯст медошт?

-Намедонам, Фарҳод, эҳтимол дӯст медошт, аммо кабутари дубома буд, на он ҷо қарор дошт, на ин ҷо. Он ҷо

хонаи обод ва бачаҳои ба қадди худаш баробар дошт, ин ҷо, ба гуфтаи модарбузургам, алӯлаку булӯлаки гушнаву ташна ва як зани меҳрубон, ки ба ҷуз ишқ дар бисоташ чизи дигаре надошт. Модарам девонавор ошиқаш буд...

-Аз падар чандин хоҳару бародар дорем, ки дар ҳамин шаҳр, ҳатто эҳтимол дар ҳамин сохтмон зиндагӣ мекунанд, бародарҳои ҳамхуни мо, аммо якдигарро намешиносем. Шояд моро бишиносанду хушҳол шаванд ва ба сӯи мо бағал боз кунанд. Магар ғайри ин аст, мо охир аз бари як падар ба дунё омадаем!

-Фарҳод, фақат нагӯ, ки акнун ба думболи онҳо меравӣ. Ту аз куҷо медонӣ, ки хушҳол мешаванд? Шояд нороҳату шокӣ шаванд ва руҳи падарамро, ки бист сол ба модари онҳо хиёнат карда буд, озурда кунанд.

-Ёдат ҳаст, аз тарафи падарӣ мо танҳо як додарзодаашро медонистем, баъди марги модарам чанд рӯз дар хонаи мо Қуръон мехонд. Ӯ ҳоло куҷо бошад?

-Намедонам, Фарҳод... кунҷковӣ накун, мардум зиндагии худро доранд, ту наметавонӣ бидуни даъват куҷое, ки дилат хост, ворид шавӣ.

-Аз тамоми хонавода танҳо ту бароям мондаӣ, Маҳноз... эҳсоси танҳоӣ ва бекасӣ бисёр тарснок аст... ҳич натавонистам бо танҳоӣ хӯ бигирам. Гоҳе нимаи шаб ногаҳон бедор мешавам, бо эҳсоси тарс бедор мешавам ва аз худ мепурсам, ту кӣ ҳастӣ, ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Решаҳоят куҷоянд? Волидонат куҷоянд?

Маҳноз оҳи амиқ кашид.

-Дар тули ин солҳо ман ба ҳама чиз одат кардам, ба фанду фиреб, ба таҳқир, ба танҳоӣ, ба бечорагӣ, ба меҳнати миёншикан, ҳатто ба ҳамхобагӣ бо як пири фартут, ки ҳолаи пиронааш тани маро ба даҳсолаҳо пир кард. Хаёлам доим парешон аст, гоҳо фаромӯш мекунам, ки ҳамсуҳбатам чӣ мегӯяд. Танҳо ба хотире, ки нагӯянд ин зан девона аст, ба

лабханди онҳо лабаханд мезанам ва дидам, ки чеҳраашон ғамгин мешавад, ман низ ҳолати афсурдагӣ нишон медиҳам.

-Маҳноз, бо ман ба зиёрати мазори модарам меравӣ?

Сар аз зонуи Маҳноз баланд мекунам, то чашмонашро бубинам, нигоҳашро аз ман мегурезонад.

-Танҳо бирав, Фарҳодҷон, ман пеши руҳи модарам шармандаам... бачаҳояшро ба ман супурда буд, онҳоро парешону бесару сомон кардам... Бо кадом рӯ ба зиёраташ биравам? Саломи маро ба ӯ бирасон, бигӯ маро бубахшад...

Мазори падарамро зуд пайдо кардам, дар паҳлуи гӯри волидонаш буд, ки ман онҳоро ҳеҷ гоҳ надидаам. Мазори тозаву оростае дорад падарам, гӯиё дирӯз ӯро ба хок супурдаанд. На алафи ҳарз ва на хору хасе. Арчаи сабзе болои гӯрҳо панҷа кашида, онҳоро аз нури офтоб ҳифз мекунад. Офтобаи пуроби бехи дарахт аломатест, ки одамони хуфта зери ин хок соҳиб доранд ва наздикон аз онҳо муроқибат мекунанд. Қабри падарам ва волидони ӯро аз гӯрҳои ҳамсоя панҷараи оҳанин ҷудо мекунад ва ҳар гӯр санги мармару катиба дорад. «Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар ӯро ёд бод». Ин байтро писараш интихоб карда бошад, ё устое, ки санги қабр метарошад? Чӣ байти ҷонгудозе! Ингор шоир махсус барои мурдаҳо навиштааст.

Хостам лаҳзаҳоеро ба ёд биёрам, ки бо падарам сипарӣ кардаам, аммо ҳофизаи хасиси ман ба ҷуз ду-се тасвири хираи беарзиш чизеро намоиш надод.

Сари зону нишастам ва чанд дуоеро, ки солҳо пеш аз Мисбоҳиддин омӯхта будам, қироат кардам, «равонат шод бошад, падар, худо раҳматат кунад», - гуфтаму аз ҷой бархостам. Бори охир ман ин қабристонро рӯзи сеюми баъди ба хок супурдани модарам зиёрат кардам. Он замон қабристон кӯчактар буд, аммо ҳоло ба тарафи пуштаҳо доман паҳн мекард. Модари ман дар солгарди марги падарам даргузашт, гӯраш бояд дар ҳамин наздикӣ бошад. Атроф пур

аз қабрҳои бесоҳиби ба хок яксон буд, пилокҳояшон ҳам бо гузашти замон зери хок рафта, ё дар таги хору хас нопадид буданд. Гумон аст акнун касе бидонад, ки зери ин хок кӣ хуфтааст.

Гирду атрофи мазори падарамро то ним километр тай задам, аммо гӯри модарамро наёфтам. Бо умед ба чаҳор тараф чашм давондам. Мӯйсафеде каланд рӯи шона аз ҷодаи борики байни гӯрҳо рад мешуд. Ба сӯи ӯ даст афшондам. Наздик омаду салом дод.

-Чаро саргардонӣ, писар?

-Гӯри модарамро наёфтам, - гуфтам ва бо хиҷолат сар хам кардам.

Ӯ бо таассуф сарашро такон дод, аммо чизе нагуфт.

-Он марҳума кай даргузашт?

-Чордаҳ сол пеш...

-Хеле вақт гузашта будаст... Дар ҳамин гӯша бинишину руҳи модаратро ёд кун. Дуо соҳибашро меёбад. Ту ӯро намебинӣ, вале ӯ аз диданат хушҳол аст...

-Омадам, ки барояш санги мазор бигузорам, аммо зоҳиран дер кардам...

-Руҳи гузаштаҳоро на санги мазор, балки як каф дуо шод мекунад... писарам, бишин.

Мӯйсафед сураеро қироат карду даст ба дуо бардошт ва аз ҳамон ҷодаи танг ба самти роҳи калон қадам зад.

Мехостам бо модарам ҳарф бизанам, бигӯям, ки нигарон набошад, бачаҳои парешонашро сарҷамъ мекунам ва ба ҷуброни ин ҳама солҳои барҳадаррафта онҳоро ба рӯзҳои шод мерасонам. Бигӯям, ки Маҳнозро бубахшад, бечора гуноҳ надорад, магар мешавад бо сарнавиште, ки аз рӯзи азал дар ҷабинат навиштаанд, зурӣ кунӣ? Бигӯям, ки гӯрашро наёфтам, то санги мармаре барояш насб кунам. Шояд худаш нахост, ки ӯро пайдо кунам. Шояд аз мо норозӣ аст, ки барояш ин ҳама солҳо як каф дуо нахондем...

Андешаҳои маро калламӯше парешон кард, ки бо бачааш аз сӯрохи гӯри нимафурӯрафта берун меомад. Маро диду тарсид ва аз роҳе, ки мӯйсафед қадам бардошта буд, ба нишебӣ давид. Ғуссае қалбамро фишурд ва ашкҳоямро сарозер кард. «Ҳайфи модари зебову ошиқам, ки дар зиндагӣ канори падарам ҷо наёфт ва турбаташ низ натавонист дар бағали ӯ ором бигирад».

Маҳноз аз зиёрати мазори модарам чизе напурсид, шояд аз почаҳои хоколуди шалворам ва кафшҳои дар хоку рег ғӯтидаам пай бурд, ки дар ҷустуҷӯи қабри модарам фарсаххоро тай задам.

Бароям қаҳва оварду хокистардон.

На Шаҳноз ба мо моил шуд, на гӯри модарамро пайдо кардам. Гулноз фарзанди хонаводаи дигар аст ва гумон аст, ки дастам ба домонаш бирасад! Дирӯз Мария занг зад, гуфт бояд барои се ҳафта ба Амрико сафар кунад, хоҳиш кард, ки зудтар баргардам. Умед доштам, ки дидор бо Гулнозро бо кумаки Шаҳноз амалӣ мекунам, амо нашуд, акнун худам бояд даст ба кор шавам.

Ба Маҳноз мегуфтам, ки пиёдагардӣ мекунам, вале чанд субҳ то Донишгоҳи тиббӣ рафтаму рӯи нимкати саҳни сохтмон нишастам. Дар чеҳраи ҳар духтари донишҷӯ, ки аз паҳлуям рад мешуд, нишонаҳои Гулнозро меҷустам. Гоҳе аз худам мепурсам, магар як духтари нуҳсола метавонад зиндагии собиқи худро, хоҳаронашро, бародарашро фаромӯш кунад? Аз ҷиҳати назарӣ, не, вале амалан, бале. Махсусан агар мисли Шаҳноз ба мағзаш дастур додааст, ки бахши ҳофизаи марбут ба зиндагии гузаштаро масдуд кунад. Моро не, аммо Шаҳнозро бояд ёд дошта бошад...

Тасмими дидор бо профессур Набизода В. П. кори осон набуд, чанд рӯз барояш ҷуръат ҷамъ кардам ва саранҷом як саҳар роҳи донишгоҳро пеш гирифтам. Долони ошёнаи дувум, ки дафтари мудири кафедра Набизода дар он ҷо ҷойгир аст, он қадр холӣ буд, ки ман ба ҷуз садои кафшҳои худ

дигар овозеро намешунидам. Танҳо се нафар, як писару ду духтар пушти дари профессур рӯи дафтаре хам зада бо аҷала чизе мехонданд. Дуртар аз он се нафар назди панҷара истодам. Зани солманде аз дохил берун омаду исмеро эълон кард. Духтараки лоғараке беҷуръатона аз дафтар сар бардошт ва гӯиё ӯро ба куштан мебурданд, ки бори охир бо изтироб ба ҳамроҳонаш нигоҳ карду вориди утоқ шуд. Санҷиши он духтарак тул накашид. Баъди даҳ дақиқа бо сурати чун анор сурх аз дафтари Набизода берун омад, ба пурсиши ҳамтоҳояш посух надод, даст афшонду аз онҳо дур шуд. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Он ду тани дигар ҳам баҳо нагирифтанд, инро аз чеҳраҳои ноумедашон хондам. Зани миёнсол, ки эҳтимол ёвари профессур буд, бо бастаи варақҳо аз дафтари ӯ берун рафт ва навбати санҷиши ман фаро расид. Имтиҳони ман аз санҷиши он се нафар садҳо баробар душвортар буд. Баҳонаҷӯӣ мекардам, ки профессур кайфияти хубе надорад, шояд рӯзи дигар биёям? Акнун аз тасмими мулоқот бо Набизода мунсариф мешудам, ки дари утоқаш боз шуд.

-Шумо ба ман кор доред? - пурсид ӯ дар ҳоле, ки дари дафтарашро мебаст.

-Бале... ба Шумо кор дорам.

-Бифармоед.

Ман ба думболи ин марди босалобат ва хушқиёфаву хушлибос вориди дафтари хоксоронае шудам, ки як ҷевони қадимии пур аз китоб ва ду мизи ба шакли ҳарфи «Т» васлшуда дошт.

-Бишинед. Ӯ ба сандалии муқобили худ ишора кард.

-Хуб?

Профессур шояд гумон дошт, ки ман хеши кадом донишҷӯе ҳастам ва омадам «тағоӣ» кунаму барояш баҳо бигирам.

-Ман бародари Гулноз ҳастам... духтаре, ки шумо дувоздаҳ сол пеш ба фарзандӣ пазируфтед.

Абрувони профессур аз тааҷҷуб боло рафтанд, шояд фикр кард, ки маро иштибоҳ мутаваҷҷеҳ шудааст. Аммо ба чеҳраи ман нигоҳ мекарду ранги сураташ мисли девори дафтараш сафед мешуд. Пеш аз он ки ҳарфи баде бигӯяд, ё маро аз дафтараш берун кунад, аз ҷой бархостам.

-Муаллим, мо аз Шумо ҳеҷ таваққуе надорем, баръакс, аз замин то осмон миннатдорем, ки хоҳараки моро дар як фазои пур аз ишқу дӯстдорӣ бузург кардед. Сарнавишти ману ду хоҳари дигарам бисёр ғамангез аст, мо имтиҳонҳои ҷиддиеро пушти сар кардем, гоҳе аз даҳони марг раҳидем. Ман хоҳаронамро дӯст медорам, магар дилам мешавад Гулнозро, ки пораи ҷони шумост, аз хонаводааш ҷудо кунам? Танҳо мехоҳам решаҳояшро фаромӯш накунад. Он ҳам, агар шумо мухолиф набошед... Ҳар чизе шумо бигӯед, ҳамон мешавад.

Профессор ҳоло ҳам дар ҳоли шок буд ва пеш аз он, ки ба худ биёяд, рақами телефонамро рӯи мизаш гузоштаму аз ҳуҷра берун задам. Ин аз ҳамон дарсҳои Мария дар боби робита бо шарикони ҳассос буд, ки борҳо ба ман кумак кардаанд.

Профессур баъд аз зуҳри рӯзи якшанбе, дуруст як ҳафта баъд аз мулоқоти мо тамос гирифт.

-Ман Набизода ҳастам, метавонем ҳамдигарро бубинем?

-Албатта, муаллими азиз, ҳар ҷойе бигӯед, зуд ҳозир мешавам.

-Соати чаҳор, дар қаҳвахонаи Мерве.

-Мерве? Он ҷо барои суҳбат як каме пурсарусадо нест?

-Пас куҷоро мехоҳед?

Дар садои Набизода оҳанги норизоятӣ шунида шуд.

-Дар паҳлуи Мерве як тарабхонаи куриёӣ аст, агар Шумо мухолиф набошед... макони бисёр ором аст.

- Бошад...

Набизода бо ҳамон либоси расмӣ, ки дар ин гармо одамро ба истилоҳ «бирён» мекард, ба ресторан омад. Эҳтимол шиму костюм ва гарданбанд ба мақоми муҳими ӯ дар ҷомеа таъкид мекунад ва маҷбур аст, сарфи назар аз гармову сармо, бори ин тасвири муҳимро бикашад. Ӯ ба чаҳор тараф чашм давонд, фаҳмидам, ки дастшӯиро меҷӯяд.

-Дастшӯӣ он ҷост, муаллим, - ман ба роҳи борики паҳлуи гӯшаи шаробфурӯшӣ ишора кардам.

Мо дар муқобили якдигар нишастем. Профессур аз дастони кучаки пешхидмати резапайкар, ки дар тан униформаи сиёҳи ҳошияҳояш зарҳалӣ дошт ва рӯи мизро дар як лаҳза аз косачаву пиёлаҳои пур аз хӯриш лабрез кард, чашм намеканд. Духтараки чашмтанг бо шеваи ороиши рӯю мӯй куриёӣ ба назар мерасид, аммо вақте ба забони возеҳи русӣ «вы готовы заказывать» гуфт, муаллим моту мабҳут шуд.

Ман барои худам сушӣ фармоиш додам.

-Ҳамин ғизоҳои рӯи миз даҳ нафарро сер мекунад... -гуфт Набизода.

Барои ӯ гӯшту биринҷ ва кимчи рагу супориш додам. Хушаш омад.

То охири ғизо аз ӯ чизе напурсидам, ӯ ҳам чизе нагуфт, ғизову хӯришҳои тезутундро бо даҳони баста дуру дароз мехоид. Талош мекард садое аз даҳонаш берун наояд, хеле марди боназокат буд. Мо аз дур шояд мисли ду рафиқ ба назар мерасидем, ки барои чашидани ғизоҳои куриёӣ инҷо омадаем. Аммо фақат мо медонистем, ки боз кардани сарнахи суҳбате, ки моро ба ин ҷо овард, чӣ қадар душвор аст!

Суҳбатро Набизода оғоз намуд. Ӯ чойи ёсуманиро аз пиёлаи ба андозаи тухми мурғ кучак бо як фурт холӣ карду дар ҳоле, ки ҳошияи атласи дастархони куриёиро навозиш мекард, лаб ба сухан кушод.

-Бори аввал Гулнозро дар долони ятимхона дидем. Баъди даҳ соли бефарзандӣ ташнаи бача будему дар симои ҳар кӯдак пораи тани худро меҷустем. Гулноз аз панҷара ба

берун чашм дӯхта буд, мо бозистодему ба ӯ нигоҳ кардем. Шояд нигоҳҳоямонро эҳсос кард, ки рӯяшро ба самти мо гардонд. Нуҳсола буд, аммо чашмони зебояш андуҳе дошт, ки дилро ба дард меовард. Гӯшт дар бадан надошт. Хеле лоғар буд, шабеҳи гурбаи кучаки муҳточи навозиш... Мо ба он муассиса барои бачаи чаҳор-панҷсола рафта будем. Аммо ҳамсарам интихобашро кард ва як қадам аз Гулноз дур намешуд. Ду ҳафта тул кашид, то санадҳои моро дар чандин идора санҷиданд. Саранҷом қарори фарзандхонӣ содир шуду мо Гулнозро ба хона бурдем.

Ҳафтаи аввал аз хушҳолӣ бол дармеовард, бозичаҳояшро дӯст дошт, дам ба дам пероҳан иваз мекарду мисли арӯсак зебо мешуд, аммо баъд якбора маъюс шуд, пинҳонӣ аз мо гиря мекард. Зориву тавалло кардем, сабаб пурсидем, гуфт дилаш барои Нозӣ танг шудааст. Намедонистем Нозӣ кӣ аст, гуфтем, шояд дӯсташ аз ятимхона бошад. Бо мудири он идора дар тамос шудем, то аз Нозӣ хабар бигирем. Гуфт, ки Нозӣ хоҳари бузурги Гулноз аст. Бо ҳамсарам машварат кардем, ки хоҳаронро аз ҳам ҷудо накунем ва барои ба фарзандӣ пазируфтани Нозӣ ҳам дархост додем. Аммо мудир рӯзи дигар занг заду гуфт, ки Нозӣ фирор кардааст...

Гулноз ба хонаи мо нуру сафо овард, мо мафтуни ширингуфториҳояш, шефтаи ақлу заковаташ шудем ва ба якдигар мегуфтем, зиндагии бидуни Гулноз зиндагӣ набуд, мо чӣ тавр ин ҳама сол бе ӯ зистем!

Набизода рӯзҳои ширини зиндагиашро ба ёд меовард ва лабҳоям моил ба табассум буданд. Намехостам руҳияашро дигар кунам, аммо суолеро, ки чанд рӯз боз азиятам мекард, бепарда аз ӯ пурсидам.

-Мехоҳам як чизи муҳимро аз Шумо бипурсам... фақат, лутфан, маро ғалат нафаҳмед. Бисёр оилаҳое, ки аз ятимхона кӯдак мегиранд, гузаштаи бачаро аз ӯ пинҳон мекунанд, тарафдори робитаи ӯ бо хонаводаи пешинаш нестанд... Гулноз дар синне ба фарзандӣ пазируфта шуд, ки аз зиндагии

пешинаш хотираҳое дошт. Боре аз хоҳаронаш... модараш, бародараш ёд мекард?

-Ин мавзуъ дар хонаводаи мо мамнуъ набуд, аммо матраҳ ҳам набуд. Шояд метарсидем, ки рӯзе решаҳояшро мешиносаду меҳраш ба мо кам мешавад... Гоҳе дар хобаш номҳоеро ба забон меовард, аммо мо ҳеҷ гоҳ муҳтавои он хобҳоро аз ӯ напурсидем. Дуруст буд ё нодуруст, вале ману ҳамсарам тавре рафтор мекардем, ки ангор ба ҷуз мо дар зиндагии Гулноз ҳеҷ хонаводаи дигаре вуҷуд надошт. Ҳамсарам мегӯяд, иртиботи ӯ бо Гулноз он қадр қавӣ аст, ки гоҳи авқот шубҳа мекунад, ки ӯро модари дигаре ба дунё овардааст.

Набизода хеле сукут кард, шояд барои аввалин бор дурустӣ ё нодурустии амдан кӯр кардани як бахши ҳофизаи духтархондашро ба мизони мантиқ мегузошт. Ман ҳам дигар аз ӯ чизе напурсидам ва аз чойники баробари мушти профессур ба ҳамон пиёлаи мисли тухми мурғ кучак барояш чойи ёсуманӣ рехтам. «Хоҳараки рамузфаҳми ман эҳтимол барои нороҳат накардани волидони наваш хотираҳояшро дар кадом кунҷи зеҳаш пинҳон кардаст».

-Баъди мулоқот бо Шумо бо ҳамсарам суҳбати тулонӣ доштам, суҳбате буд, ки ҳар бор ба ҷанг мепечид. Баҳсе, ки як ҳафта тул кашид. Ба ҳеҷ сурат ва бо ҳеҷ далел робитаи Гулнозро бо хонаводаи собиқаш қабул надорад...

Агар бигӯям, ки ин хабар маро маъюс кард, пас чизе нагуфтам! Аз Набизода узр хостаму барои сигоркашӣ берун баромадам.

Пушти ҳам ду сигор кашидам. Аз паси панҷараи шишагии тарабхона профессурро медидам, ки чашм ба нуқтаи номаълуме сар ба сукут рафта буд.

Маро аз паси шиша диду лабханди ғамангезе зад. Эҳтимол шароити ӯ сахттар аз ман аст, дар ниҳояти амр гирифтан ҳамеша осонтар аз чизеро додан аст.

Баробари нишастанам ба сандалии рӯ ба рӯ суҳбати бо айби ман қатъшударо идома дод.

-Бечора духтарам, эҳсос мекард, ки иттифоқи баде уфтодааст ва ҳар дам суоломез ба ману модараш чашм медӯхт. Саранҷом достонро дишаб ба ӯ гуфтем. Шокӣ шуд… аз шумораи телефони Шумо, ки ҳамсарам аз сари қаҳр ба рӯи миз парт кард, чашм намеканд. Шокӣ буд… На аз он ки ӯро дувоздаҳ сол пеш аз ятимхона гирифтем, инро бе мо ҳам медонистаст. Ӯ аз пайдо шудани Шумо шокӣ буд. Ману модарашро бо навбат ба оғӯш кашиду гиря кард. Гуфт мо беҳтарин падару модаре ҳастем, ки ӯ орзу мекард. Сарамон аз хушҳолӣ ба осмон расид… аммо вақте мутаваҷҷеҳ шудем, ки рақами телефонро ноаён аз рӯи миз бардоштаст, ба қароре расидем, ки ҳалли қазияро ба худаш ҳавола кунем…

Гулноз занг назад, на фардо, на пасфардо ва на ҳафтаи дигар. Ин ҷо буданам дигар фоида надошт. Дигар аз ман коре барнамеомад. Муҳлати раводидам низ ба охир мерасид. Аз Маҳноз хоҳиш кардам, ки ҷомадонамро барои сафар омода кунад ва роҳи ширкати «Turkish Airlines»-ро пеш гирифтам.

Дар роҳ телефонам чанд дафъа занг хӯрд, рақам ношинос буд. Азбас мошин мерондам, гӯширо набардоштам. Мошинро дар канори хиёбон манъ кардам ва ба он рақами занг задам.

-Бахши ҷарроҳии бемористони Қарияи Боло, гӯш мекунам.

-Бубахшед, чанд лаҳза пеш аз ҳамин шумора бо ман тамос гирифтанд, шояд иштибоҳ шудааст…

-Шумо чӣ ном доред?

-Фарҳод.

-Ман бо Шумо тамос гирифтам.

-Чаро? Чӣ шудааст?

-Шумораи Шуморо аз саҳифаи баргузидаҳои телефони як нафар гирифтем, ки ҳоло дар бахши муроқибатҳои вежа аст….росташ ҳолаш хуб нест.

-Возеҳтар суҳбат кунед, он нафар кӣ аст, ҳодиса чӣ аст?

-Росташ намедонам, аммо корманди пулис гуфт, ки шаб дар кадом клубе ба ӯ ҳамла шудааст... бо корд ба шикамаш заданд.

Ёд надорам чӣ тавр ба бемористон расидам, аз изтиробу ҳаяҷон меларзидам, хаёл кардам хоҳарамро дигар зинда намебинам.

-Салом, бо Шумо телефонӣ суҳбат доштем, номи ман Фарҳод аст. Гуфтед Шаҳноз Восиеваро бо захми корд ин ҷо оварданд. Хоҳиш мекунам, бигӯед, ки чӣ ҳол дорад?

Парастор бо сари хам чизе менавишт, исмамро шуниду сар бардошт.

- Бале, ман бо Шумо суҳбат кардам, аммо ҳамааш ҳал шуд. Амалиёт хуб гузашт, боз метавонед аз духтураш маълумоти бештар бигиред. Ҳоло таҳти таъсири доруи беҳушӣ аст.

-Чӣ коре аз ман бармеояд, дору дармон, пул…

- Ниёзе нест, як нафар харҷи табобатро пурра ва ҳатто барзиёдӣ пардохт кард. Барояш ҳуҷраи алоҳида гирифт, ба худ, ки омад, ӯро ба ҳамон ҷо мекӯчонем...

Эҳсоси шармандагӣ ва нороҳатӣ кардам, чеҳраам ранги арғувонӣ гирифт.

-Он нафар кӣ буд?

Парастор маънидорона хандид.

-Намедонам кӣ буд... аммо медонам, ки як фарди одӣ набуд, бо муҳофиз омад...

-Метавонам Шаҳнозро бубинам?

-Мутаассифам, аммо боздидкунандаҳо ҳақ надоранд ба бахши муроқибатҳои вежа ворид шаванд. Ба палата, ки кӯчид, метавонед ӯро бубинед.

-Кай?

-Агар имшаб бемушкилот бигзарад, эҳтимол фардо субҳ.

-Ман чӣ кор кунам?

-Чизе даркор нест... дуо кунед, ки сиҳҳат шавад.

-Метавонам шаб инҷо бимонам?

-Ин ҷо будани Шумо фоида надорад, бемор тамоми шаб мехобад..

Парастор ногоҳ аз ҷой бархосту даст пеши бар ба марди болобаланди хушлибос, ки аз паҳлуи мо рад мешуд, салом дод. Он мард танҳо набуд, се ҷавони танумандӣ шабеҳи варзишгарон ӯро ҳамроҳӣ мекарданд.

Парастор оҳиста гуфт, ки харҷи табобати Шаҳнозро ҳамин мард пардохтаст.

Аз ин хабар бисёр норҳат шудам, гӯиё касе ба сарам як сатил ошғол рехт. Беихтиёр ба думболи он мард аз бемористон берун шудам.

Ӯро дар ҳоле садо кардам, ки яке аз ҳамроҳонаш акнун дари сандалии ақиби Gelandewagen -ро барояш боз мекард.

-Бубахшед, ба Шумо кор дорам.

Чин дар ҷабин ба ман нигоҳ кард, гӯиё гадое будаму аз ӯ кумак мехостам.

-Ман бародари Шаҳнозам...

Бо шунидани номи Шаҳноз чинҳои ҷабинаш оҳиста ҳамвор шуданд, ба сурataш сурхӣ дамид, наздиктар омаду барои салом даст дароз кард. Дастамро самимона фишурд, бо итминони як хӯҷаини зиндагӣ, ки ба як фарди беҷойгоҳ лутф нишон медиҳад.

-Шаҳноз гуфта буд, ки бародараш баъди 14 сол пайдо шудааст... Мехоҳам наҳор бихӯрам, агар вақт дошта бошед, ҳамроҳ шавед.

Пешниҳодашро ношунида гирифтам.

-Медонед чаро ман ба думболи Шумо рафтам?

-Намедонам... чаро?

-Хостам пулеро, ки барои табобати хоҳарам сарф кардаед, ба Шумо баргардонам. Намехоҳам ӯро бекасукӯй пиндоред.

-Ҳмм...

Нороҳат нашуд, пузханде дар лабонаш зуҳур кард. Бо он, ки аз ӯ хушам намеомад, аммо бояд эътироф кунам, ки

марди хушқиёфа ва болобаланд буд, аз ҳамон типҳое, ки чашми занҳо дар хиёбон беихтиёр ба думболашон меравад. Синнаш эҳтимол ба садди чиҳил наздик мешуд ва байни мӯйҳои сиёҳи мавҷдораш ягон-ягон торҳои сафед ба назар мерасид.

-Ман муддатҳост Нозиро мешиносам, бароям хеле боарзиш аст, ба ҳадде, ки ту ҳатто тасаввур карда наметавонӣ. Пул бароям аҳаммият надорад, муҳим ки зинда монд...

-Ин шумораи телефони ман аст, хоҳиш мекунам, ҳисоби бонкии худро фиристед... лутфан.

Ӯ бе он, ки чизе бигӯяд, пушт ба ман карду дур шуд. То дили шаб дар паси дари бахши муроқибатҳои вежа будам ва танҳо замоне ба хона баргаштам, ки Шаҳнозро ба ҳуҷраи алоҳида кӯчониданд. Духтур вазъи ӯро дар ҳадди мутавассит арзёбӣ кард, гуфт барояш обгӯшти мурғ биёрам.

Ҳодисаро ба Маҳноз нагуфтам, танҳо аз ӯ хоҳиш кардам, ки саҳари барвақт барои як дӯсти беморам обгӯшти мурғ омода кунад.

Парастор ғизоро аз дастам гирифту нагузошт хоҳарамро бубинам.

-Нигарон набошед, ҳолаш хуб аст... аммо касеро дидан намехоҳад.

Айни суҳбат бо парастор ҳамон «хӯҷаини зиндагӣ» ҳозир шуд, пулеро ба ҷайби парастор гузошту ишора кард, ки дарро боз кунад.

-Фақат... зиёд намонед, фақат 5 дақиқа! Ҳамин ҳоло муфаттиш як соат пурсупосаш кард, бечора аз коми марг берун омад, хале заиф аст!

Мо ҳар ду пасопеш ба утоқи барҳавое ворид шудем, ки ҷевону яхчол дошту телевизору кондитсионер ва бо партави хуршед, ки аз лобалои шохаҳо ба панҷара буруз мекард, шабеҳи як ҳуҷраи маскунӣ буд. Шаҳноз дар тахти муқобили панҷара мехобид ва сураташ дар сафедӣ аз малофае, ки то сари синааш кашида буданд, тафовут надошт. Нахостам

маро бубинаду асабонӣ шавад, дар паси он марди болобаланд пинҳон шудам.

-Нозӣ... азизам, чӣ ҳол дорӣ?

Шаҳноз чашмҳои варамкардаашро басахтӣ боз карду сарашро оҳиста ба самти садо чархонд.

Он мардро диду чеҳрааш аз дард мунқабиз шуд, ҳавзи об дар чашмонаш ҷӯшид ва чонаааш аз хорӣ ларзид. Чеҳраи хоҳаракам пушаймонӣ, руҳафтодагӣ ва таассуфи инсонеро мунъакис мекард, ки солҳо бо орзуҳои пуч зиндагӣ карда ва акнун ба воқеият рӯ ба рӯ шудааст.

-Чаро... омадӣ?

...

-Гуфта будам, ки ту бо ин билотаклифӣ саранҷом пойи маро ба гӯр мекашонӣ...

-Нозӣ... асабоният бароят хуб нест, ором бош, беҳтар шудӣ, боз суҳбат мекунем.

-Ҳарфе дигар даркор нест... Бирав... ва ҳеҷ гоҳ дар сари роҳи ман сабз нашав. Пиндор, ки дишаб аз зарбаи корди наздикони ту ҷон ба ҷонофарин супурдам...

Нахостам беш аз ин ба баҳси Шаҳнозу он мард, ки то ҳол номашро намедонистам, шоҳид шавам ва ноаён аз утоқ берун задам. Ӯ ҳам зиёд маътал нашуд, ба думболи ман аз ҳуҷраи Шаҳноз берун омад, чеҳрааш арғувонӣ буду лабҳояш меларзиданд, хаёлам ҳатто сафедии чашмонаш хун гирифта буд. Ҳарфе назад, худофҳофизӣ ҳам накард, бо аҷала аз паҳлуи ман рад шуд.

Аз дохили ҳуҷра садои гиряи баланди хоҳараам ба гӯш мерасид…

То зуҳр пушти дар будам, хаста шудаму дар такяи девор чашм пӯшидам. Ғуфраи парастор ду қадам дуртар аз ҳуҷраи Шаҳноз буд. Мешунидам, ки ӯ бо касе дар бораи Шаҳноз суҳбат мекард, мегуфт, ки бародарони ҳамсари ҳамон мард ба Шаҳноз ҳамла карданд. Ба шикамаш чанд корд заданду ба сараш халтаи пластикӣ кашиданд, ки нафасгир шавад. Марди бедорхобе ин саҳнаро тасодуфан аз балкон дидаст,

интизор шудаст, ки ҳамлагарон дур шаванд ва сипас ба амбулансу пулис тамос гирифтаст.

-Ту инҳоро аз куҷо медонӣ? - пурсид ҳамсуҳбати парастор.

-Аз муфаттиш шунидам, саҳар бо сардухтур суҳбат мекард.

Беҷуръатона вориди ҳуҷраи Шаҳноз шудам, хоҳаракам ба сақфи сафед хира шуда буд ва намедонам аз зеҳнаш чӣ мегузашт. Ишқе, ки ба он мард мепарварид, ингор дишаб бо зарби корд кушта шуд. Аз он эҳсоси осмонӣ акнун шояд як дарди ҷонсӯзе монда буду як халои бузург... ва қалби хоҳари ман, ки то дирӯз ҳар субҳ барои ин ишқ пар-пар мезад, дар лаби он ғори сиёҳ ҳайрон буд, ки он биҳишт якбора куҷо шуд?

-Шаҳноз, хоҳараки азизам...

Ӯ сарашро башиддат ба самти ман гардонд, чашмони намкашидааш аз тааҷҷуби дилпазир дурахшид. Монанди ғарқшавандае, ки барояш таноби наҷот андохтаанд, дастонашро беҳолона ба тарафи ман дароз кард.

-Фарҳод... ту аз куҷо омадӣ?

Бо дастони худам ба ӯ обгӯшти мурғ додам ва қатраҳои хушкидаи хунро бо дастмоли нам аз сару рӯяш пок кардам. Он қадар дастонашро бӯсидам, ки равони ҷириҳадораш илтиҳом шуд ва ба чеҳраи заҳираш сурхӣ дамид.

Маҳнозро вақте ба назди Шаҳноз бурдам, ки ӯ акнун аз ҷой баланд мешуду дар долон мустақилона қадам мезад. Маҳноз бемористонро хонаи дуюми худ кард ва як қадам аз хоҳараш дур намешуд. Гӯиё мехост заҷрҳои кашидаи Шаҳнозро бо ишқи бебаркаши худ ҷуброн кунад. Пеши ӯ чизе намегуфт, аммо дар танҳоӣ бо ман ашк мерехту мегуфт, ки хоҳараки бечораи мо ҳаргиз рӯзи некро надид. Саранҷом, Шаҳноз аз бемористон мураххас шуду мо ӯро ба хонаи ҷадидамон бурдем. Медонистем, ки ҷисму равонаш баробар латма дидаанд ва беҳтар аст дар ин шароит танҳо набошад. Аз хона хушаш омад, аммо сагро бештар аз ҳар чизи дигар дӯст дошт. Достони сагро ба ӯ гуфтам. Дуру дароз ба ман нигоҳ карду буғз гулуяшро гирифт. Сагро дар оғӯш гирифту

рӯяшро пушти пӯзаи ӯ пинҳон кард, намехост мо ашкҳояшро бинем. Ӯ зиёд ҳарф намезад, ағлаб хомӯш буд, шабеҳи одамоне, ки муддатҳо танҳо зистааст. Аммо ману Маҳноз ба ҳамин ҳам хуш будем ва даври ӯ парвона мешудем.

Шоми якшанбе парвоз дорам, имрӯз ҷумъа аст. Бонк рафтаму барои хоҳаронам ҳисоб боз кардам, аз фурӯшгоҳ барои дӯстонам, барои Меҳдӣ, барои Нозӣ- духтараки Эли савғо харидам. Бо як кифи мусофират омада будам, аммо бо як ҷомадони бузург бармегардам. Ҷаъбаҳоро ба сандуқи пушти мошин гузоштаму акнун мехостам мошинро рӯшан кунам, ки телефонам занг хӯрд.

-Алло? Ака, салом... ин манам, Гулноз...

Хоҳаронам Маҳнозу Шаҳнозу Гулноз то дили шаб бо ҳам дарди дил карданд, ман онҳоро танҳо гузаштам. Саҳар дари меҳмонхонаро боз кадаму саҳнаеро дидам, шабеҳи замони кӯдакиямон. Хоҳаронам сари яке дар зонуи дигаре ба хоби ноз рафтанд. Чӣ тасвири зебое буд! Ман монанди наққоше, ки ин шоҳкориро офаридааст, дар такяи дар аз онҳо чашм намекандам ва барои аввалин бор дар зиндагиам аз худ ифтихор кардам.

Бомдод хоҳаронамро як-як бӯсидам, калиди Саидалиро бо як паёми пур аз меҳру сипос рӯи миз гузошта ва озими фурӯдгоҳ шудам. Ба хоҳаронам таъкид кардам, ки касе ба думболам наояд, бихобанд, ҳоло субҳи зуд аст.

## АЗ ВАТАН РӮЗЕ, КИ МЕРАФТАМ...

Саҳни фурудгоҳ мисли дафъаи гузашта пур аз пешвозгиру гуселкунанда буду навбат барои ғуфраҳо то дами дар мерасид. Мисле ки ҳама доштанд хонахез ба Туркия мерафтанд. Дар навбати санҷиши гузарномаҳо аз ҳама охирин будам.

-Оскар!

Дар ин ду моҳе, ки Фарҳод будам ва акнун гӯшам ба ин ном одат мекард, аз шунидани исми поспуртиам, дар тааҷҷуб шудам. Пиразани олмониро дидам, ки як қад меҷаҳаду аз дур

ба сӯи ман дастафшонӣ мекард. Дар тан пероҳани тоҷикӣ дошт ва бо ҷастухезҳои барои ин пероҳан носозгор таваҷҷуҳи раҳгузарҳоро ба худ мекашид. Чеҳрааш ба ҳадде дар офтоб сӯхта буд, ки гӯиё фарзанди дурагаи як сиёҳпӯсту як сафедпӯст аст.

Бо ҳам аз назорати гузарнома ва гумрукӣ гузаштем. То парвоз як соати дигар буд, пешниҳод кард, ки дар қаҳвахонаи бағали «Duty Free» қаҳва бинӯшем. Дар гӯшаи мардуми сигорӣ нишастему ду финҷон қава фармоиш додем. Даҳони пиразан аз хушҳолӣ то баногӯш боз буд.

-Тасаввур намекунӣ чӣ қадар шод ҳастам!

-Иттифоқи фавқулодае рух дод?

- Ду ҳафта тамоми қабристони фарсударо тай задам, аммо гӯри волидонамро наёфтам. Аввалаш ноумед будам, рӯзҳоро дар қабристони кӯҳнаи насрониҳо сипарӣ мекардам, ки доманаш акнун ба қабристони мусалмонҳо печида буду маълум намешуд кадомӣ гӯри мусалмон асту кадомӣ аз насронӣ. Поям ба даҳҳо қабри кӯҳна фурӯ мерафт. Дидам, ки дар танҳои коре аз ман барнамеояд, рӯзи ҷумъа, чодаре ба сар кардаму ба масҷид рафтам. Баъди намози ҷумъа ба минбари имомхатиб баланд шудам ва аз намозгузорон кумак хостам.

Худои ман! Чӣ мардуми шигифтангезе дар ин сарзамин зиндагӣ мекунанд, аз хурд то бузург ба кумаки ман шитофт ва дар чанд соат гӯри ҳамвори волидонамро, ки пилокаш ба замин фурӯ рафта буд, пайдо карданд. Онҳо паҳлуи ҳам мехобиданд. Гирди гӯрҳоро панҷара гирифтам, санги мармар гузоштам ва боғбон овардаму дарахт шинондам. Дар он гӯристони фарсуда ягона гӯри obод гӯри волидони ман аст. Ҳамон шаб онҳоро хоб дидам. Хоб дидам, ки бо қатор аз бағали чаманистоне рад мешудам, волидонамро дидам, ки бо писари ман дар боғи сабзу хурраме гаштугузор дорандy ба сӯи ман дастафшонӣ мекунанд. Писарам ҳамон либосеро дар тан дошт, ки рӯзи сониҳа пӯшида буд. Он қадар хушбахт буданд, ки ман лаззати он хушбахтиро дар хобам эҳсос мекардам. Онҳо аз ман розӣ буданд.

Ӯ ашкҳояшро бо дастмоли рӯи миз хушк кард, аммо об аз чашмаш ҳамоно берун мешуд. Лабханди гиряолуде заду банди дасти маро навозиш кард.

-Ту чӣ ҳол дорӣ? Гуфта будӣ, як ҳафта инҷо мемонӣ, мебинам, сафарат тулонӣ шуд... Ту дар ҷустуҷӯи чӣ будӣ?

- Ман ба думболи худам будам, худамро меҷустам...

- Бисёр шоирона...

-Ман дар як шаби фавқулода серодам, шабе, ки сояи замин рӯи моҳ афтод ва нурҳои хуршед сурати моҳро арғувонӣ мекард, гумном шудам...

- Билохира худатро пайдо кардӣ?

Мехостам он чиро дар ин ду моҳ аз сарам гузашт, ба ӯ қисса кунам. Аммо радиои фурудгоҳ аз вуруд ба ҳавопаймои хатсайри Душанбе-Истамбул хабар дод ва мо қаҳваҳои сардшударо бо аҷала нӯшидему аз ҷой бархостем.

Ҳавопаймо аз ҷой такон хӯрд. Ман бо иштиёқ ба панҷараи шишагӣ чашм дӯхтам. Ногоҳ дар байни даҳҳо даст, ки дар ҳаво мавҷ мезаданд, дастони хоҳаронамро дидам, ки монанди болҳои қӯи сафед ба сӯи ман пар мекашанд ва дар ҳаво алвонҷ мехӯрданд. Ҳавопаймо оҳиста аз сохтмони фурӯдгоҳ дур ва ба хати парвоз наздик мешуд. Дастҳои хоҳарони ман бо дастҳои дигар омехта шуданд. Саранҷом ҳавопаймо ба хати павоз расиду якбора ба пеш давид ва бо ҳамон шаст аз замин канда шуд. Ба чапу рост тоб хӯрд, болои шаҳр чарх зад ва ниҳоят ба баландии зарурӣ расиду танашро ба синаи сафеди абрҳои ғуллӣ молида, ором гирифт. Мусофирон бо аҷала аз камарбандҳои амниятӣ раҳо шуданд. Чун ҳамеша бо чашмони баста сар ба панҷараи шишагӣ гузошта будам. Дасте китфамро такон дод.

-Бубахшед, ки Шуморо нороҳат мекунам, мехоҳам кифамро аз рахти бағоҷҳо берун биёрам... китобамро дар ҷомадон ҷо гузоштам... кумак мекунед?

Як ҷуфт чашмони сабз аз байни хӯшаи мӯйҳои печ дар печ бо илтимос ба ман нигоҳ мекард. Аз ҷой бархостаму ҷо-

мадони кучаки ҳамсояи хушгиламро аз байни ҷомадонҳои хурду бузург берун кашидам. Китобашро бардошту ҷомадонро дубора ба ман дод.

-Агар заҳмат нашавад… инро дубора ба ҷояш гузоред...

Аз ин «дежаву», ки дар остонаи як сафари пурмоҷаро, бо ҳамин шева, дар ҳамин ҳавопаймо таҷруба кардаам, хандаам омад. Ҳамсояам саҳифаеро боз карду як сатр нахонда китобро пӯшонд.

-Шумо ҳам ба Истомбул меравед? - пурсид бо чеҳраи ҷиддӣ, ки гӯиё ман бо ин ҳавопаймо метавонистам ба Бонглодеш парвоз кунам.

-Бале Истамбул меравам...

-Шумо ҳам Истамбул меравед? - пурсидам аз ӯ, дар ҳоле, ки дарунам аз ханда мунфаҷир мешуд!

-Ман аввал ба Истомбул ва баъд ба Шветсия парвоз мекунам, хоҳари бузургам он ҷост, ду ҳафта пеш бачадор шуд, меравам, ки ба кумак кунам.

-Кишвари сардеро барои зиндагӣ интихоб кардааст...

Духтарак хӯшаи мӯи ҷингиларо аз рӯи чашмони сабзаш дур кард.

-Оҳ... достонаш хеле тӯлонӣ аст... ҳамон тавр, ки модарбузургам мегӯяд «хонаи ишқ бисӯзад»!

Ӯ ба ман наздиктар нишаст, то ғурриши муҳаррики ҳавопаймо садояшро пахш накунад. Як ҳиссе ба ман мегуфт, ки сафари ҳаяҷонангезе маро дар пеш аст...

# АФСОНАИ ҚАФАС

## (Повест)



Саҳаргоҳон бо навои чорзарби қанорӣ аз хоб баланд шудан аҷаб кайфияте дорад! Махсусан қанории ман, ки бо як мушт ҷонаш нахуст ҳуштак мекашаду ҳанҷараашро гарм мекунад ва сипас иҷрои тулонӣ оғоз мешавад, аз як оҳанг ба оҳанги дигар мегузарад, садо тағйир медиҳад, гоҳ мисли чокак чок-чок мекунад, гоҳ мисли булбул чаҳ-чаҳ мезанад. Қанории ман танҳо барои як мухлис мехонад. Ва он мухлис манам. Дар ин хона касе муштоқи садои ин бечора нест ва агар хонуми хона аз ман ҳазар намекард, сари қанорӣ кайҳо аз танаш ҷудо шуда буд. Муддатҳост, ки аз хона берунаш кардаанд, қафасаш дар балкон асту панҷараи балкон ба хонаи хоб боз мешавад. Ба бахти қанорӣ балкон гармидиҳӣ дорад, вагарна дар зимистони сарди имсол, ки бодҳояш дар паси панҷара мисли гургҳо уллос мекашиданд, аз сардӣ мемурд. Ману қанорӣ муҳаббату алоқамандӣ ба якдигарро аз паси панҷара табодул мекунем. Намедонам ман барои ин ҷонвар кӣ ҳастам, аммо ӯ аз як ҷойе бароям он қадр азиз шудааст, ки агар садояшро нашнавам, зиндагиам суту кӯр мешавад. Навояш маро ором мекунад ва як гӯшаи қалбамро, ки ҳанӯз аз дидани зебоӣ ба ваҷд меояд, зинда нигаҳ медорад.

-Эй кош мемурдиву роҳат мешудам! Аз саҳар чир-чир -чир! Ин чӣ рӯзу рӯзгор аст, охир! Ин ҳама кай тамом мешавад!?

«Оҳ, оҳ, хонуми хона мисле, ки аз субҳ ҳолу ҳаво надорад. Косаву табақро бо арбада ба синки ошпазхона мезанад. Гӯиё қанориро мазаммат мекунад, аммо дар асл мухотабаш манам. Қанорӣ тоза ба авҷи хониш расида буд, вале аз садои ба ҳам бархӯрдани косаҳо тарсиду оҳанг дар гулуяш дармонд. Магар одами ҳушёр метавонад аз як парандаи кучак ба ин адоза мутанаффир бошад? Одами ҳушёр - на, вале ҳамсари ман метавонад. Ӯ метавонад бо ҳар чизе арбада кунад: бо чӯби дами дар, бо тори танидаи анкабут, бо чумчаи аз байни ангуштони нозуки духтарам лағжида, бо ҳар чизе, вале дар ниҳояти амр, мухотабаш манам. Қанориро нафрин

мекунаду маро мешунавонад. Парандаи бечора, дуруст мисли ман, гуноҳи худро намедонад, аммо рамузфаҳм шудааст, ҳар бор фарёди «даматро бигир!»-ро бишнавад, дафъатан хомӯш мешаваду ба гӯшаи дури қафас мехазад.

Ман ин қанорирo соли гузашта ба ивази даҳ сомонӣ аз як писарак дар саргаҳи бозори умдафурӯшӣ харидам. Ӯ ба думболи раҳагузарҳо мерафт ва парандаро аз зери куртаи гушоди андозаи як наврас берун меоварду «қанорӣ бихаред, арзон медиҳам», - мегуфт. Ҳарф мезаду лабаш ба лаб намерасид ва оби даҳони иллатиаш дар гӯшаи лабонаш лаккаҳои сафеди моил ба тарқиш мегузошт. Пойи қанорӣ дар ресмон ва гӯшаи дигари ресмон дар ангушти ишоратии писарак печида буд. Паранда он қадар кучак буд, ки дар мушт мегунҷид, шиками зарду пушти сиёҳу қаҳваӣ дошт.

Намедонам чаро ба қанориву писарак таваҷҷуҳ кардам. Шояд ба паранда раҳмам омад, ки саъй мекард пояшро аз банд берун бикашаду парвоз кунад, ё шояд дилам ба ҳоли писарак сӯхт, ки ба думболи раҳгузарҳо мерафту хоҳиш мекард, ки қанорӣ бихаранд. Ӯ як мушт мағзи нонро аз ҷайб берун оварду минқори қанорирo ба нон фурӯ кард. Паранда саpашро чапу рост такон дод. Дилаш нон намехост, дилаш эҳтимол ба ҷуз озодӣ чизи дигаре намехост. Ба онҳо наздик шудаму хостам парандаро навозиш кунам, худро ақиб кашиду ду-се дафъа бол зад ва ба қади писарак сарозер шуд.

-Қанорирo чанд пул мефурӯшӣ?

-Даҳ сомонӣ, ака.

-Моли худат аст?

-Бале, худам қапидамаш, аз Харангон... бигиред, пушаймон намешавед, мисли булбул мехонад.

-Ин қадар хушовоз бошад, чаро мефурӯшӣ?

-Пул даркор аст, ака...

-Даҳ сомонӣ медиҳаму фақат қанорирo ҳамин ҷо озод мекунам, чӣ гуфтӣ?

Писарак лабханди ғамангезе зад.

-Дур парида наметонад, ҳайф мешавад, гурбаҳо мехӯранд, ё бачаҳо сангораш мекунанд...

Писарак даҳ сомониро ба ҷайб заду банди каноририро ба дастам дод ва он қадар зуд нопадид шуд, ки фурсат нашуд пурсам, ин бечора чӣ мехӯрад.

Ба бозор барои нон омада будам, аммо бо канорӣ бармегардам. Акнун барои як ҷанги тулонӣ дар хонаамон баҳонаи хубе пайдо мешавад. Хостам бандро боз кунаму каноририро раҳо созам, то ҳар ҷое дилаш мехоҳад, биравад. Аммо ҳарфи писарак ба ёдам расид ва аз раъйам гаштам.

Шаби аввал каноририро бо ҳамон банде, ки дар пойи кучакаш буд, ба панҷараи тирезаи хонаи хоб бастам. То рӯз пар-пар зад, як дам ором мешуду дубора худро ба панҷара мезад. Дилаш озодӣ мехост. Ҳамсарам ба нудрат ба ҳуҷраи хоби мо сар мезад, аммо иҷоза надод, ки канорӣ дар як гӯшаи хонаи хоб бимонад.

Рӯзи дигар барояш қафас харидаму дар балкони андозааш мисли як ҳуҷраи кучак гузоштам. Балкон ҷойе барои нишаст надошт - ҳамсарам дар ҷевони балкон шишаҳои мураббо, хиёршӯр ва сабзавот нигаҳ медорад ва дар фасли сармо либос хушк мекунад. Дохили қафас об гузоштаму арғунчак ва ҳатто барояш оина харидам, то худро тамошо кунад. Аз анбор як мизи қаҳва ва сандалии қадимии соҳибхонаи қаблиро ба балкон баровардаму дар бағали қафаси канорӣ ҷой кардам. Акнун ҳар субҳу шом, дур аз неши забони ҳамсарам, дар канори рафиқи навам қаҳва менӯшам.

Канорӣ ҳафтаи аввал хомӯш буд, садое сар намедод. Як шом дар паҳлуи қафас нишастаму барояш ҳуштак кашидам. Ба ҳуштакам посух дод, намедонам аз он ҳуштак барои худ чӣ маънӣ бардошт, ки сар аз он рӯз бо ман унс гирифт.

Ҷинсашро намедонистам, намедонистам нарина аст ё модина, аммо ба далели чорзарбҳое, ки мехонд, исмашро Наво гузоштам. Ман бо Наво одат кардам, ба навоҳояш дил бастам. Гоҳо дуру дароз ба чашмони кучакаш, ки дар

радифи минқораш қарор доштанд, нигоҳ мекардам. «Аҷиб аст, падару модараш куҷоянд? Эҳтимол, рӯзе, ки он писараки лабҳояш лаккадор қанории кучакро аз лона дуздид, волидонаш аз ғаму андуҳ аз шоха ба шохае париданду мӯя кашиданд, ки «бачаи мо куҷо шуд, бачаи мо куҷо шуд»?

-Мардҳои дигар шанбеҳо дар ғами рӯзгор мешаванд, бозорӣ мекунанд, бо зану бачаҳошон ба гардиш мебароянд, лухсидаи танпарваре, ки аз бахти бадамон ба мо насиб шуд, то линги рӯз мехобад. Эй кош, ҳаргиз аз ҷой баланд нашавад!

Ҳамсарам намегӯяд мушкилаш чӣ аст, буғзе дорад, шояд аз зиндагӣ бо ман розӣ нест, вале ошкоро намегӯяд. Норозигиашро чун ҳамеша ба шахси сеюм баён мекунад.

Соат нуҳи саҳар асту мехоҳам як каме бихобам ва хастагии якҳафтагиро ҷуброн кунам, аммо насиб набудаст. Дар роҳ ба сӯи ошпазхона духтарчаамро дидам, ки бо чашмони хоболуд дар роҳрави нимарӯшан гир кардааст. Ҳамон арӯсаки якпояро дар бағал дорад, ки модараш ҳар бор ба сатили партовҳо меандозад, вале духтарам ҳар бор онро берун меораду мешӯяд ва дисӯзона бағал мекунад.

Хонуми хона пушт ба ман бо ситезаву асабоният учоқи ошпазиро мешуст. Лифи дуруштро дар кафк фурӯ мекарду бо тамоми неру рӯи учоқ мемолид. Имрӯз мисле, ки учоқ мавриди танаффураш буд.

-Аз бозор чӣ бигирам?

Ба пурсиши ман посух надод. Обро кушоду дастҳои сурхшуда ва нохунҳои шикастаашро, ки дардашонро сари қаҳр эҳсос намекард, аммо акнун ҷонаш месӯхт, бо уфу пуф ба табақи пуроб фурӯ кард.

-Шаҳрбону, шонаро бигиру ин ҷо биё! Ту бо он мӯй чӣ мекунӣ, ки ман ҳар рӯз мебофаму саҳар боз сари туро пахмоқ мебинам?

-Пурсидам, аз бозор чӣ бигирам?

-Мардҳои дигар аз бозор чӣ мегиранд??? - гуфт ӯ бо қаҳр ва мӯйҳои мисли абрешим нозуки духтаракамро бо

силтав шона зад. Кӯдаки бечора дард мекашиду чеҳра ҷинҷ мекард, вале чизе намегуфт.

-Ман аз куҷо медонам мардҳои дигар аз бозор чӣ мегиранд. Мо ба чӣ ниёз дорем?

-Яхчоли холиро боз кун, мефаҳмӣ ба чӣ ниёз дорем!

Дари яхчолро кушодаму ҳайрон шудам, ҷойи холӣ надошт.

-Чиҳо мегӯӣ? Яхчол пури хӯрданӣ аст. Ман ҳар рӯз бо дасти пур ба хона бармегардам.

-Ҳамон ду бодирингу ду гуҷаро харид медонӣ? Ту ҳоло бозории мардҳои дигарро надидаӣ!

Ҳамсарам дар хонаи тоҷир бузург шудааст, ки маводи ғизоиро бо халта ва қуттиҳои бузург меорад ва аз мане, ки бо маош рӯз мегузаронам, ҳаминро интизор аст.

Дандон ба дандон мегузорам, то аз худ бадар нашавам. Ман дастибизан надорам, аз мардҳои занозор мутанаффирам, аммо гоҳо, вақте аз ҳад беш асабониям мекунад, муштҳоям гиреҳ мехӯранд... Хулқу хӯяшро медонам, агар бо ӯ дар ҷанг шавам, қаҳрашро амдан бар сари бачаҳо мерезад. Мо ду бачаи нозанин дорем, писараки шашсолаам Шаҳриёр ва духтараки сесолаам Шаҳрбону. Шаҳриёр бачаи хеле боҳуш аст, медонад дар ин хона чӣ мегузарад, гоҳо маро хомӯшона бағал мекунад ва сарашро рӯи шонаҳоям мегузорад, гӯиё дилбардорӣ мекунад. Шаҳрбону сесола аст, аммо ҳанӯз гап намезанад, калимаҳои алоҳидаро медонад, аммо наметавонад ҷумла бисозад. Моҳе, ки ӯ дар шиками модараш пайдо шуд, як моҳи пур аз ҷанҷолу фишор буд. Ҳамсарам баъди як меҳмонӣ дар хонаи додарам ва дидани зиндагии босуботу пур аз ишқу меҳрубонии онҳо, аз ҳасодат ду моҳ бо ман қаҳрӣ шуд. Танҳо аз воқ-воқаш фаҳмидам, ки обистан аст ва моҳи чаҳоруми ҳомиладориаш пушти сар мешуд. Шаҳрбонуи ман кӯдаки меҳрубону боақл аст, аммо аломатҳои оутизм дорад. Ман пайваста бо ӯ машқ мекунам, то забонаш боз шавад. Ҷанҷолҳои ману ҳамсарам

ӯро бештар худгаро мекунанд. Дилам барои бачаҳоям месӯзад, ки дар муҳити носолиму носозгор бузург мешаванд ва аз кӯдакӣ бо бадзабонӣ хӯ мегиранд. Гоҳи дигар дилам ба ҳоли худам месӯзад, ки умрам бо ин арбадачӯ бар ҳадар меравад. Барои зани пархошгаре мисли ӯ ман як марди бисёр нарму наҷибам ва ҳамсарам аз ин суиистифода мекунад.

-Рӯйхати чизҳои даркориро навис, намехоҳам дар бозор ба думболи хариди мардҳои дигар биравам.

-Марди рӯзгор мебудӣ, медонистӣ дар хона чӣ нест... Худ ба худ ғур-ғур мекарду феҳрасти маҳсулоти даркориро менавишт. Саранҷом як листи мисли дастмол дарозро ба духтарам дод.

-Ма, ин варақро ба ун бидеҳ!

Аз хонае, ки ҳолаи заҳролуди ҳамсарам ҳавояшро бераҳмона месӯзонад, бо аҷала берун задам, ончунон бо аҷала, ки наздик буд поям ба гурбаи ҳамсоя бархӯрад. Ҷонвар тамоми моҳи март думбаашро такон медоду ба думболи гурбаҳои хиёбонӣ мегашт ва акнун бо шиками дамида дар погаҳи дар ғел зада, мисли занҳои моҳу рӯз тунд-тунд нафас мекашид ва шиками дамидааш пасту баланд мешуд.

Моҳи сеюми баҳор асту ранги сабз рангҳои дигари хиёбонро беранг кардааст. Ҳатто дарахтони куҳансол, ки то дирӯз бо решаҳои урён ва шохаҳои хушки каҷу килеб шабеҳи мурдаи садсола буданд, дубора зиндаву ҷаззоб мешаванд.

Солҳои пеш қалбам аз дидани тасвирҳои монанди ин ба бозӣ медаромад ва лабонам ба ханда моил мешуданд. Аммо ҳоло гӯиё аксеро дар девори пластикӣ мебинам, ки раге ҳам дар танам намеҷунбад.

Бозори умдафурӯшӣ ба хонаи мо наздиктар аст, метавонам пойи пиёда биравам, аммо баъид медонам, ки ҳатто даҳ дарсади фармоишҳои ҳамсарамро дар ин бозор пайдо кунам. Аз ин рӯ мошинро рӯшан кардаму роҳи бозори Меҳрободро пеш гирифтам.

Бозоре ба ин бузургӣ, ки бо зинаҳои равон як фурӯшгоҳи аврупоӣ, вале бо нақшу нигори суннатӣ кохи шарқиро мемонад, ҳамон тавр, ки ҳадс мезадам, ҷойи погузорӣ надошт. Мардум аз пилакони баланди мармарии аз замин то даромадгоҳи бозор мисли мурчаҳои борбар болову пойин мешуданд.

Онҳое, ки харидро анҷом додаанд, акнун бо аробаҳои пурбор дар канори ҷода ба сӯи таксиҳои холӣ дастафшонӣ мекарданд. Ним соат дохили мошин нишастам, то ронандае азми рафтан карду ман ҷояшро гирифтам.

-Ака ароба даркор нест?

Писараки хушқиёфаву хушлибос, ки мӯи сарашро бо ҳавсала шона зада буд, аз тавқифгоҳи мошинҳо ба думболам шуд. Хеле олуфта буд ва агар аробаашро намедидам, гумон мекардам бо волидонаш барои харид омадааст.

-Не, ҷони ака, чизи бисёр намехарам.

-Пули зиёд намегирам, даҳ сомонӣ бас аст...

Чизе нагуфтам. Шояд зеҳнам чун ҳамеша банди ин буд, ки дари мошинро бастам ё не.

Ба ҳамсарам гуфтам ба хариди мардҳои дигар кор надорам, аммо пой бар дохили бозор гузоштаму нохудогоҳ аз паси марде рафтам, ки наврасе бо аробаи холӣ ба думболаш мерафт. Марди гарданкулуфте буд, ними сараш мӯй надошт, костюми варзишии гаронбаҳо пӯшида буд, вале кафшҳои сиёҳи нукборики хоси либоси расмӣ сабки варзишии ӯро хароб мекард. Телефонаш ҳар лаҳза занг мехӯрд, гоҳо ба зангҳо ҷавоб медод, гоҳе шумораро медиду телефонро хомӯш мекард. Харидро аз растаи гӯштфурӯшӣ оғоз кард. Дар ду бастаи алоҳида гӯшт харид, яке ҳашт, дигаре чаҳор кило. Ҳар ҷо, ки мерафт, аз ҳар навъи маҳсулот ду баста мехарид, яке калон, дигаре хурдтар. Баъд ба растаи ширу мосту қаймоқ гузашт. Тоҷирони бозор бо дидани ин марди гарданкулуфт аз ҷой баланд мешуданд, қаймоқфурӯш кафлес ба дохили сатил мезаду моли худро бозоргир

мекард, сабзавотфурӯш хиёру гуҷаи наврасидаро рӯи раф мегузошт ва чаккафурӯш теппаи чакаи хушбӯйро бо чумча ҳамвор мекард. Ин мард маҳсулоти пеши бозорро мехарид, бо савдогар муомила намекард, ҳар пулеро, ки мегуфтанд, ҳамонро медод. Саранҷом ба растаи мағзу мавиз гузашту ман аз думболаш канда шудам. Аробааш дигар ҷойи холӣ надошт.

-Акам ду зан дорад...

Ба пушт тоб хӯрдаму ҳамон наврасиолуфтаро дидам, ки дар тавқифгоҳ ба ман ароба пешниҳод мекард. Тамоми ин муддат, ки ба думболи он марди кулуфт будам, ин писарак ҳам ба думболи ман будаст. Аз рафтори худ пеши ӯ хиҷолат кашидам. Аммо писарак парво надошт, эҳтимол дар ин бозор он қадар ҳодисаҳои гӯшношунидро шоҳид шудааст, ки таваҷҷуҳи ман ба як марди калтаи ғафс барояш тааҷҷубовар набуд.

-Ту аз куҷо медонӣ?

-Клиенти доимӣ аст... порсол бо зани худаш меомад, кампир буд, аз худаш калон метофт. Имсол як-ду бор зани дуюмашро овард... мисли фотомодел аст, гумон кардам духтараш бошад, баъд дидам миёнашро оғӯш кард, фаҳмидам, занаш аст... Ба фикрам, бизнесмен аст.

-Аз куҷо медонӣ, ки тоҷир аст?

-Мошини фасон дорад...

Писарак ҳарф мезаду ман худро дар синни ӯ ба хотир меовардам. Дар қиёс ба ин писараки мушоҳидакор ман як «кулӯх» будам, ки ҳатто намедонистам кӯдак чи тавр дар шиками модар пайдо мешавад! Бозор ин бачаҳоро мисли ҳандалакҳои зудрас сареъ бузург мекунад. Барвақт ба зиндагии бузургсолон ворид мешаванд, чизҳоеро меомӯзонад, ки набояд бидонанд.

-Ман мисли он ака пулдор нестам, аробаат то нисф ҳам пур намешавад.

-Медонам...

-Аз куҷо медонӣ?

-Аз рӯи мошинатон...

-Чӣ шудаст ба мошини ман?

Писарак хиҷолатомез лабханд заду гапашро давом на-дод.

Мошини ман моли пеши бозор нест, медонам, аммо пасмонда ҳам нест, як мошини даҳсола аст, ба зане монанд аст, ки ҷавониаш рафта, аммо ҳоло ҳам, агар ҷомаи нав ба тан бикунад, сад духтари ҷавонро ба як нӯл мезанад.

Писарак мисле, ки аз ман ноумед шуд ва акнун дар ҷус-туҷӯи муштарии дигар ба чаҳор тараф чашм медавонд.

Ногаҳон эҳсоси нороҳатӣ кардам. Хаёлам, ин писарак дурустии ҳарфҳои ҳамсарамро, ки маро як инсони беарзиш мебинад, тасдиқ мекард. Қаҳрам омад. Намедонам чиро ме-хостам собит кунам. Ӯро садо задам.

-Эй бача, биё, бигир бист сомониро!

Абрувони монанди пари чӯҷа нарми писарак аз тааҷҷуб боло шуданд. Ӯ пулро хушҳолона ба ҷайб гузошту аз думбо-ли ман ба ҳамон растаҳои убуркардаи марди кулуфт ворид шуд. Ҳар чизе ӯ харида буд, ҳамонро харидам, аммо ба ан-дозаи хонаводаи кучаки худам, ман, охир, ду зан надорам. Наврас халтаҳоро хушҳолона дар ароба мегузошт ва хаё-лам, бо ҳар бастаи ҷадид эҳтиромаш ба ман бештар мешуд.

Маводи харидаамро канори яхчол гузоштаму ба бал-кон шитофтам, то ба косаи Наво ғизои дӯстдоштааш - до-наи омехта бо тухми офтобпарастро бирезам. Ин донаҳоро бо он писараки аробакаш ним соат ҷустуҷӯ кардем. Наво маро диду аз хушҳолӣ ҳуштак кашид, на барои донаи оф-тобпараст, ӯ ҳатто ба донаҳо нигоҳ накард, аз дидани ман хушҳол буд.

Ба сандалии канори қафас нишастаму ду-се дафъа хуштак кашидам, ҳамин кофӣ буд, ки иҷрои тулонии Наво шуруъ шавад. Қаҳваи субҳгоҳии ман рӯи мизи кучак як ваҷаб қаймоқ баста аст. Хонуми ташнаи хариду бозорӣ на-

гузошт роҳат як финҷон қаҳва бинӯшам. Аз қаҳваи сард як ҷуръа нӯш кардам, қаймоқ дар лабонам часпид. Ёдам меояд, қаблан ҳар субҳ бароям қаҳва омода мекард, торту пичин мепухт. Он замон ишқи зиндагӣ дар қалб ва бӯи қаҳваи асил дар димоғ рӯ ба осмон меовардаму хушҳолона мегуфтам: «Салом, эй субҳи зебои дигар»!

Баъд ҳамааш тамом шуд... Якбора тамом нашуд, оҳиста-оҳиста аз байн рафт. Нахуст шириниҳо аз рӯи миз нопадид шуданд, баъд қаҳва дер омода мешуду ман дами дар як ҷуръа менӯшидаму ба кор медавидам. Баъдҳо аз ҳамин ҳам даст кашид. Акнун қаҳва ва субҳонаро худам омода мекунам. Ҳоло ҳам либосҳоямро мешӯяд, аммо гоҳо уту намезанад. Ҳар қадар саъй кардам, дардашро бифаҳмам, аммо натавонистам, намедонам чӣ дард дорад. Ман табиби атфолам ва ҳатто дарди кӯдаки семоҳаи безабонро ошкор мекунам, аммо аз дарки дардҳои зани сисолаам оҷизам. Шояд модар шудан рӯи ӯ таъсири бад гузошт, ё шояд аз интихоби шарики зиндагӣ пушаймон аст, ё эҳтимол ман барояш монанди пероҳани аз мағозаи онлайнӣ харидоришуда ҳастам, ки воқеияташ ба интизорот мувофиқат намекунад.

Ин саҳар нагузошт бихобам, аз субҳ арбада карду маро бо ҳазор таъна ба бозор фиристод. Аммо ҳоло маводи овардаамро амдан аз пеши яхчол набардошт, ҳатто ба халтаҳо нигоҳ накард. Дилам мегӯяд ин ҳамаро бардору аз панҷара берун андоз, аммо боз андешаи ҳаққу ҳамсояро мекунам. Ман пеши онҳо обрӯ дорам...

-Чаро ғизоҳоро ба яхчол намегузорӣ?

-Мегузорам... Мегӯӣ, тиловy алмос оварда бошад...

-Ту аз ҷони ман чӣ мехоҳӣ? Чаро ҳамеша аз ҳама чизу аз ҳама кас норозиӣ? Чӣ дард дорӣ? Саҳар нагузоштӣ бихобам, аз хона берунам кардӣ, ҳоло тавре рафтор мекунӣ, ки гӯиё хариде даркор набуд!

-Офтоб аз куҷо баланд шуду ин одам як бор бозорӣ кард...

-Ту девонаӣ, ё худро ба девонагӣ задаӣ? Магар ин ман нестам, ки аз туву бачаҳоямон муроқибат мекунам? Ё падари ту аст?

-Даҳонатро се бор бишӯю баъд номи падари маро ба забон биёр!

-Шарм бар он падаре бод, ки як духтари бефаросате чун туро ба дунё овардаст...

Дигар ба ғур-ғураш гӯш надодам. Намехостам рӯзи истироҳат дар ин муҳити заҳролуд бигзарад. Ба бачаҳо яхмос ваъда карда будам. Ҳар се бехайрухуш аз хона берун шудем. Бачаҳоро дар сандалии ақиб нишондаму мошинро рӯшан кардам. Ҳавосам парешон буд. «Чанд соли дигар ман ин занро таҳаммул кунам? Барои чӣ? Барои чӣ таҳаммул кунам? Барои бачаҳо? Бачаҳо бузург мешаванду аз пайи зиндагии худ мераванд. Зиндагии ман бо ин зан фардое надорад. Ҳамон тавр ки маълум нест ин умри кӯтоҳ фардое дорад ё не».

-Дада, яхмосхӯрӣ намеравем? - пурсид Шаҳриёр бо садои пасти илтиҷоомез. Ногаҳон ёдам омад, ки мошинро рӯшан кардаму вале аз ҷой такон нахӯрдем.

-Албатта, меравем, писарам, узр.

Қаҳвахонаи канори кӯли маркази пойтахт лабрези кӯдакони лабу лунҷашон олуда ба яхмосҳои рангоранг аст ва чун ҳамеша ҷойи холӣ надорад. Ноилоҷ канори хонуме нишастем, ки бо духтараки ҳамсоли Шаҳрбону яхмос мехӯрд.

Феҳрасти яхмосу шарбатҳоро боз кардам.

-Хуб, бачаҳо, бигӯед кадом яхмосро мехоҳед.

Ҳар ду хомӯшона ба феҳраст чашм дӯханд.

-Барояшон пломбир бо шоколоди гарм бигиред, бисёр хушмаза аст. Жели тути заминӣ ҳам хуб аст.

Инҳоро ҳамон духтараки ҳамсоли Шаҳрбону мегуфт. Ӯ сандалии худро ба мо наздик оварду ангуштони пур аз ширaи рангорангро ба феҳраст мемолид ва ба мо яхмоси беҳтаринро тавсия медод.

Он қадар донову пурэнержӣ буд он духтарак, ки ба сесола буданаш шак кардам.

-Барои ту ҳам яхмос бигирам? Кадом навъашро мехоҳӣ?

-Дигар яхмос намехӯрам, ду паймона хӯрдам, агар яктои дигар бихӯрам, дарди гулу мешавам.

Инро мегуфту ҳамзамон бо гӯшаи чашм ба модараш нигоҳ мекард, маълум буд, ки дилаш як паймонаи дигар мехост. Аммо зан духтаракро ба ҷойи қаблиаш баргардонду дар гӯшаш чизе гуфт. Духтарак нобоварона ба модараш нигоҳ кард.

-Касе нороҳат намешавад. Амак, шумо нороҳат мешавед?

Ману он зан баланд хандидем.

-Не ҷони амак, аслан нороҳат намешам, баръакс, шод мешавам, агар ба нишони ҳамбастагӣ бо бачаҳои ман яхмос бихӯрӣ.

Духтарак қаноатмандона ба модараш нигоҳ кард.

-Ба шумо иштиҳои хуш, мо биравем, дерамон шуд.

-Худо ҳофиз, духтараки боҳуш!

-Худо ҳофииз!

Духтарак ба сӯи мо дастафшонӣ кард. Бачаҳои ман коҳилона як бор даст такон доданду шиноси ҷадидро бо чеҳраҳои беҳис гусел карданд.

Дар ин охирҳо эҳсос мекунам, ки бачаҳоям камҳаракату хиҷолатӣ шудаанд. Мисли кӯдакони дигар дар хона шӯхиву бозиву ҷасту хез намекунанд. Ҳатто вақте чизе мепурсанд, пичиррос мезананд, ингор мо кӯдаки сеюме дорему метавонад аз садои баланд бедор шавад. Гоҳо фикр мекунам, шояд муҳити буғранҷи хона аст, ки бачаҳоро афсурда кардааст?

Имрӯз руҳияи беҳтаре доштанд, шикамсерӣ яхмос хӯрданд. Баъд бо ҳам қоиқронӣ кардем, ба боғи динозаврҳо рафтем ва саранҷом хаставу лакот ба хона баргаштем.

Бечора бачаҳо акнун мехостанд таассуроти гардиши имрӯзаро ба модар ҳикоят кунанд, аммо ӯ нагузошт. Аз бозуи ҳар ду кашиду ба сӯи душ бурд.

Аз зери шаш-шари об гоҳо мешунидам, ки маро мазамммат мекард.

-Аз солҳои сол як рӯз падарӣ кардиву фарзандҳоятро ба тамошо бурдӣ, инҳоро тамошо бурдӣ ё хукхона? Ин чӣ сару вазъ аст!?

Заҳри забони ӯ энержии мусбатеро, ки тамоми рӯз аз ҳамнишинӣ бо фарзандонам гирифта будам, батадриҷ мебалъид. Ҳар лаҳзаи зиндагӣ дар ин хона маро ба самти талоқ ҳидоят мекард. Бояд ба ин робитаи заҳролуд хотима гузорам. Мехостам ҳамин лаҳза талоқаш бидиҳам. Интизор шудам, то бачаҳоро шустушӯ доду хобонд ва ҳангоме, ки аз паҳлуям убур мекард, аз домонаш кашидам.

-Ин ҷо бишин... Мебинам, дар дил буғзе дорӣ, ки ҳар рӯз бузургтару бузургтар мешавад, то ҳаде, ки ба ҳар гӯшаи ин хона соя афкандааст. Бигӯ дардат чӣ аст? Чӣ мехоҳӣ?

Доманашро батундӣ аз кафам раҳо карду дар сандалии рӯ ба рӯ нишаст. Ман ба сурати ӯ хира шудам.

Як замон девонавор ошиқаш будам. Ҳар хату холашро мешинохтам ва дӯст медоштам. Аз кор ба хона бармегаштаму дилам раҳ ба раҳ бо ҳавои диданаш метапид. Шабҳо аз бӯсаҳояш сер намешудам ва саҳар басахтӣ аз оғӯши гармаш берун меомадам. Аммо зане, ки ҳоло рӯ ба рӯям нишастааст, ба он олиҳа шабоҳате надорад. Намедонам он зан куҷо шуд ва ин зан кӣ аст? Кай ва чаро ҳаюлое шуд, ки ман бехабар мондам?

Соли гузашта дар тӯйи домодии додарам як «тӯй»-и дигар бапо кард. Вақте фаҳмид додарам хона харидаст ва арӯсро аз тарабхона мустақим ба манзили нав мебарад, девона шуд. Мутмаин буд, хонаро ман барои додарам харидаам. Фарёд зад, «ҳар кӣ ҳаққи фарзондони маро мехӯрад, ҳаргиз хушбахт нашавад»! Дар пеши хешу табор ва, аз ҳама бештар, дар назди модарам, ки писарашро бо ҳавас зан медод, шарманда шудам. Ҳамон шаб ба худ қавл додам, ки дигар бо ин зан зиндагӣ намекунам. Баъдҳо низ борҳо савганд хӯрдаму савганд шикастам.

Дуруст замоне, ки нақшаи талоқро дар зеҳнам тарроҳӣ мекунам, ӯ худ аз худ ҳамон зане мешавад, ки замоне ошиқаш будам. Бо истиқболи самимӣ дар дами дар, бо ҳуҷраи хоби нарму атрогин ва бо ғизову шириниҳои даврони моҳи асал маро гиҷ мекунад. Мо дубора то субҳ ишқварзӣ мекунем, гурусна мешавему ӯ дар дили шаб бароям ғизои мавриди алоқаамро омода мекунад. Ҷевонам бо либосҳои тару тозаи хушбӯй мисли рафи мағозаҳо ба тартиб меояд. Хуллас, ба як зани меҳрубону кадбонуи хона табдил мешавад. Аммо ин ҳолат зиёд тул намекашад, ҳадди ақал - се рӯз, ё ҳадди аксар - як ҳафта. Баъд дубора ҳаюлое мешавад, ки мағзи маро бо арраи забонаш парма мекунад ва ҳолаи заҳролудаш ҳавои хонаро батамом месӯзонад. Як инсони дуқутба аст, ки як қутбаш маро то ба арш мебардораш ва қутби дигараш ба фарш мезанад.

Ба суоли «ту аз ман чӣ мехоҳӣ?» пӯзханд зад.

-Медонӣ, чӣ мехоҳам.

-Агар медонистам, аз ту намепурсидам.

Ӯ бо хашме, ки агар тир мешуд, синаамро шикоф мекард, ба ман зул зад.

-Мехоҳам пулу молатро барои зану бачаҳоят сарф бикунӣ, на барои хоҳару бародарат.

-Ман кай ба хоҳару бародарам пул додам?

-Нагӯӣ ҳам, хабараш ба мо мерасад. Хоҳарат як шавҳари бекор дорад, вале мебинӣ ҳар рӯз як пероҳани нав ба бар мекунад, гӯшу гардану ангуштонаш дар тило ғарқ аст. Ин ҳама карруфар аз пули ту аст, агар не, ӯ бо маоши муаллимӣ як ҷӯроб ҳам харида наметавонад.

-Бо кадом муқаддасот қасам бихӯрам, ки солҳо боз ба хоҳару додаронам як тангаи зард ҳам надодаам?

-Ин афсонаро ба касе бигӯ, ки оилаи шуморо нашиносад. Агар кумак накарда бошӣ, додарат аз куҷо соҳиби хона мешуд, додари хурдият бо кадом пул мошин мехарид?

-Эй беинсоф, кӯр набудӣ, дидӣ, ки додарҳоям панҷ сол дар Русия кор карданд.

-Кӯр худат, кӯр авлоду аҷдодат!

-Хеле бефаросатӣ... Бо ту ҳарф задан, мисли ба девори сангӣ мех кӯфтан аст.

-Албатта, гапи ҳақро шунидан намехоҳӣ!

-Кадом гапи ҳақ? Ту магар ҳаққу ноҳақро баладӣ? Ту фақат як ҳақиқат дорӣ, он ҳам ҳақиқати худат!

...

-Агар мушкили ту танҳо пул аст, бидон, ки коре аз ман барнамеояд. Тамоми маошамро, ҳатто ду-се тангаеро, ки беморон рӯи миз мегузоранд, ба хона меорам. Аз ин бештар наметавонам. Агар фикр мекунӣ, ки бо ҷанҷолу фишор аз ман тоҷири пулёб месозӣ, иштибоҳ мекунӣ.

-Барои тоҷири пулёб шудан ҳунар даркор, ки ту надорӣ.

-Оре, ман тоҷир нестам. Ман фақат як пизишкам, пизишки атфол! Духтури занона нестам, ки хабари таваллуди кӯдакро ба падараш бирасонаму аз ӯ пул бистонам, ҷарроҳ нестам, ки корафтодаи дар ҳавли ҷон ба ҷайбам пул бигузорад. Пизишки зебоӣ нестам, ки даҳону димоғи мардумро иваз кунаму даста-даста пул ёбам. Аз оғоз медонистӣ бо кӣ издивоҷ мекунӣ, медонистӣ, ман пизишкам, на соҳибкор.

-Пул дар ин солу замон дар дасти табибон аст, дар дасти ҳамонҳое, ки ақл доранд. Ақл набошад, ҷон дар азоб аст.

Аз ғазаб дигар натавонистам ба сураташ нигоҳ кунам, муште ба рӯи миз задам.

-Медонӣ, аз ту хаста шудам?! Дӯстат намедорам, садоят, ҳузурат маро касал мекунанд. Мутаваҷҷеҳ шудаӣ, ки ҳафтаҳо боз туро набӯсидаам?.. (якҷо) Ту чӣ инсоне ҳастӣ, ки ҳама аз ту мегурезанд?! Хешони ман муддатҳост меҳмони мо намешаванд ва моро ҳам ба меҳмонӣ намехонанд. Аз ту ҳазар мекунанд, роҳи хонаи моро хат кашидаанд. Ман ҳатто як дӯст надорам, зеро ту пайи ҳамаи дӯстонамро аз ин хона кандӣ... То ҳол туро таҳаммул мекардам. Дигар наметавонам. Саҳар ба додгоҳ мераваму барои талоқ ариза медиҳам!

- Аз заб чизе маро тарсондӣ...

Дандонҳоям аз ғазаб ба ҳам бархӯрданд ва ангуштони фишурдаам ду мушти мустаҳкаме шуданд, ингор дар худам набудам, дар дилам хоҳише пайдо шуд, ки рӯи ҳамин миз хафааш кунам. Ин эҳсоси ношинос вуҷудамро фақат барои чанд сония фаро гирифт, аммо ҳамин кофӣ буд дарк кунам, ки дафъаи дигар метавонам фаротар биравам.

Шабро бо андешаи талоқ рӯз кардам. Дигар ҷойи шакку тардид намонд, бояд аз ин хона биравам, вагарна ин зан балоеро ба сарам меорад, ки мурғони ҳаво ба ҳолам гиря мекунанд. Шояд ин ҷудоӣ ба нафъи фарзандонамон ҳам бошад, ҳадди ақал аз ғур-ғури модарашон наҷот меёбанд. Медонам, ки маро аз дидани онҳо маҳрум мекунад, аммо дар ниҳояти амр модар аст, бачаҳояшро дӯст медорад, онҳоро озор намедиҳад.

Имрӯз бояд ба думболи сарпаноҳ шавам. Ман охир дар бисотам ҳамин як хонаи сеҳуҷрагиро дорам. Ними пули хонаро аз бонк қарз гирифтам, ними дигарашро падари худораҳматиям дод. Ӯ аз ҷанҷолҳои зани ман бо модараму ягона хоҳарам ба дод омада буд. Падарам пас аз як соли кӯчидани мо ба хонаи нав, аз ин дунё даргузашт, як моҳ беморӣ кашид. Дар ҳамон як моҳ тамоми васияту насиҳатҳояшро ба мо гуфт. Маро ба наздаш хонду бо чашмони фурӯрафта, ки ингор пардаи марг рӯи онҳо соя афканда буд, ба рӯям хира шуд. Заъф дошту забони як замон нарму ҳамвораш мисли лӯла дар даҳони бедандонаш коҳилона мепечид ва паёми муҳимеро, ки мехост ба гӯши ман расонад, нимаву ниғурма берун меовард. Аммо фаҳмидам чӣ мегуфт. Гуфт: «Писарам, аёли ту одамшуданӣ нест, ҷавобашро бидеҳ, биравад пайи зиндагиаш».

Ман аз касе гила надорам. Ҳамсари ояндаамро худам интихоб кардам ва ду пой дар як мӯза гузоштаму гуфтам: «Ё ҳамин ё ҳеҷ кас»!

Соли охири донишҷӯӣ буд, ман дар донишгоҳи тиббӣ мехондаму ӯ дар бахши ҳисобдории донишгоҳи миллӣ. Ӯро

шаби таҳвили сол, шабе, ки осмон аз оташбозиву хиёбонҳо аз мардуми хушлибосу хушбахт муҷаллалу рангоранг буд, дидаму ошиқаш шудам. Гесувони фирфириаш аз зарҳале, ки раҳгузарҳои шӯх ба сари якдигар мерехтанд, медурахшид ва лабони пуррааш аз хушҳолӣ ба ҳам намеомад. Бо ҳам ошно набудем, аммо маро диду ба сӯям даст афшонд, ки эй кош намедид ва ман ҳам он шаб ба думболаш намерафтам...

Ҷангу ҷанҷолаш бо хонаводаи мо аз ҳамон соли аввали издивоҷамон оғоз шуд. Дар хонаи падараш ягона фарзанд буду волидонаш, ба истилоҳ, сояи ӯро «Шумо» мегуфтанд. Ҳеҷ кореро балад набуд, ҳатто наметавонист ду тухмро сар ба сар бизанаду ғизои содае омода кунад. Модари ман барояш модарӣ мекарду бо «баламу бачам» кор меомӯхт. Сареъ бордор шуду дипломаш зери сар, дигар фурсате барои кор надошт. Ҳавсалааш аз хонанишинӣ ва бекорӣ сар мерафту зуд-зуд асабонӣ мешуд.

Ба ҳама чиз машкук буд: ба нигоҳи модарам, ба хандаи хоҳарам, ба латифаҳои додарам… Хуллас, хаёл мекард, тавтеае дар роҳ асту ҳама мехоҳанд хонаи ӯро хароб кунанд. Саранҷом, ҳамаро ба ҷон расонду маҷбур шудем бо қарзу фарз хона бихарем. Хаёл кардам, феълу атвораш дар хонаи нав дигар мешаванд. Як муддат хеле хуб буд, аммо ҳоло шудаст ҳамон одами қадимӣ. Руҳияаш бедалел тағйир меёбад, гоҳ болову гоҳ пойин мешавад. Равони шиканандае дорад.

Машғули ин фикрҳо бехабар кафки қаҳваро аз зарфи гарданборик рӯи учоқи шустаи ҳамсарам рехтам. Саросема шудам, он қадар «алови чашамам»-ро гирифтааст, ки аз тарс оҳани доғро бо дасти урён аз рӯи учоқ дур кардаму ангуштҳояамро сӯзондам. Баъд ба буздилии худам қаҳрам омад. Қаҳваву оҳани доғро ба синк афканда, бе субҳона ва бо ангуштҳои сӯхта озими корхона шудам.

Раҳ ба раҳ ба як дӯстам занг задам, дӯсти даврони донишҷӯиям. Дар риштаи ҳуқуқ мехонд. Мо як замон рафиқҳои муштарак доштему бо ҳам рафтуомад мекардем.

Ҳоло дар додгоҳ кор мекунад, додгустар аст. Аз ӯ барои машварат вақт гирифтам. Ба дармонгоҳ як соат пеш аз қабули беморон расидам.

Беморони ман аксаран кӯдакони безабону бечораанд, ҳатто наметавонанд бигӯянд чӣ дард доранд. Маризиҳояшонро аз хуну пешобу забону шикаму пӯсташон ташхис медиҳам. Аммо бар ивазаш модарони пурҳарф доранд. Аз ҷиҳати огаҳӣ танҳо ронандаҳои таксӣ метавонанд бо инҳо сабқат кунанд.

Аз ҳуҷраи интизорӣ то дафтари қабули беморон ду қадам роҳ аст ва ман ҳарфҳои занҳоро аз пушти дари нимабоз мешунавам. Ҳарфу шоеаҳои модарон домани густарда доранд - аз обу ҳаво то нарху наво, беинсофии бонкҳо, қаллобии фурӯшандаҳои интернет, боздошти кадом мансабдор, ороишгоҳу мижаҳои арзон ва мавзуъҳои мисли ин... Аммо бахши аз ҳама ҷолиб баррасии зиндагии афроди машҳур аст. Модарони беморони ман гӯиё хабарнигорони озоди умури зиндагии одамони машҳуранд, - аз ҳамаи чиз бохабар, аз ҳамаи ҷанҷолҳо огоҳ, кадом ситора зани дуюми кӣ аст, кадом овозхон чӣ қадар нарх дорад, кадомеро шавҳараш бо марди дигар дастгир кардаст.

Ман мухолифи ин суҳбатҳо нестам, баръакс, онҳо маро саргарм мекунанд. Аммо парастор Ҳуснигул асабонӣ мешавад ва гоҳо ба бозори тафсони ғайрбатҳои хонумҳо об мепошад.

Ҳуснигул як зани танҳо аст. Ӯ на ҳавсалаи хоб дораду на ҳавсалаи хонанишинӣ, ҳамеша пештар аз ман ба кор ҳозир мешавад. Ин субҳ авзои беҷои маро диду чизе напурсид, аз термос бароям қаҳва рехт. Кофӣ буд танҳо бипурсад, «чӣ шуд, духтурҷон»?, ҳозир будам тамоми буғзҳоямро пеши ӯ во кунам. Хуб мешуд, агар мепурсид, дилам каме холӣ мешуд. Аммо Ҳуснигул чизе напурсид. Ӯ маро бекалом ҳам дарк мекард, ҳафт сол боз бо ҳам кор мекунем, чизҳое аз якдигар медонем. Ба ду ангушти сӯхтаам малҳам молиду ба берун нигарист.

-Барои одами зинда баҳор ҳам омад...

Ин ҷумларо Ҳунигул бо оҳанге гуфт, ки дар он бештар ҳасрат буд, то дилгармиву таҳсин.

-Оре, умр мисли бод мегузарад...

Мо бо ҳамин ду ҷумла бо ҳам дарди дил кардему ба думболи гирифториҳои худ шудем.

Ҳуснигул дар қабулгоҳи ман ҳам парастор асту ҳам ёвар. Худро аз ҳамон «динозаврҳои рӯ ба инқирози замони шӯравӣ» медонад, ки ними умрашон дар он давра ва нимаш дар давраи мустақилият гузаштааст. Кайҳо боз бознишаста аст, аммо намехоҳам ӯро бо парасторҳои навбаромад иваз кунам. Мавсими мураххасии Ҳуснигул барои ман мушкилтарин марҳилаи кор аст. Соли гузашта мураххасӣ гирифту ба ҷояш як парастори ҷавонро фиристоданд. Аслан руҳаш хабар надошт аз ӯ чӣ мехоҳанд. Ҳар бор супорише медодам, мижаҳои маснуияшро ба ҳам мезаду бо тааҷҷуб ба ман нигоҳ мекард. Ман мисли мӯзадӯзи куҳансол ҳар рӯз ба ӯ кор меомӯзондам. То баргаштани Ҳуснигул хеле чизҳоро ёд гирифт. Баъд ба далели мураххасии парасторҳои дигар монанди парчами муқаддас аз як духтур ба духтури дигар мегузашту аз ҳар яке як чизе меомӯхт.

Агар дар дасти ман мебуд, ба Ҳуснигул кайҳо дипломи донишгоҳи пизишкӣ медодам. Дар панҷоҳ сол бо даҳҳо духтур кор кардааст ва малакаи онҳоро омӯхта таҷриба андӯхтааст. Дарди ҳар беморро ба осонӣ ташхис медиҳад ва пеш аз дастури ман дору ва дармони зарурирро бехато менависад. Вале ҳар бор хоксорона мепурсад: «Духтурҷон, инро бинед, дуруст навиштам»?

-Апаи Ҳуснигул... мехоҳам аз ҳамсарам талоқ бигирам.

....

-Бисёр азиятам мекунад, метарсам, корам рӯзе ба зӯроварӣ бикашад...

-Чӣ бигӯям, духтур, сагро ба зӯр шикор бурда намешавад.

Ҳуснигул суҳбаташро бо матал оғоз карду лаб аз калом фурӯ баст. Нафаҳмидам, саге, ки ба зӯр ба шикор намеравад, ман будам ё ҳамсарам.

-Дилам ба ҳоли бачаҳоям месӯзад, сазовори чунин сарнавишт нестанд.

Ҳуснигул аз он занҳои солманди ташнаи насиҳату машварат нест. Ба нудрат дар мавзуе назар медиҳад. Аммо ман нохудогоҳ нуктаи дардноки ҷонашро ламс кардам ва абрӯвонашро ба ҳам овардам.

-Ман чаҳор бачаро бо ишқ бузург кардам, духтур, ба ҳар яке порае аз ҷону сиҳатии худро додам, аммо мариз мешавааму мебинам, касе нест бароям як пиёла об бидиҳад. Фарзандҳо мисли ҳам нестанд, намегӯям, бачаҳоят рӯзе бе хиёли ту мешаванд, аммо ҳамон тавр, ки худат гуфтӣ, зиндагӣ мисли бод мегузарад.

Дархости талоқро ба додгустар супурдаму билофосила эҳсоси оромиш кардам. Баррасии парванда мумкин аст се моҳ тул бикашад, аммо муҳим қадами аввал буд, ки бардоштам. Дӯстам гуфт, ҳамсарамро рӯзҳои оянда бо аризаи ман ошно мекунад.

Акнун бояд аз паи сарпаноҳ шавам. Метавонам то рӯзи додгоҳ дар хонаи модарам бимонам, ҳуҷраи ман дар он хона ҳанӯз ҳам холӣ аст, модарам хушҳол мешавад.

Ҳамсарам дарро боз карду мисли ҳамеша бидуни саломуалейк канор рафт.

Чизи бисёр нагирифтам, дар як ҷомадони кучак якчанд курта, шим, атру поку ва ҷӯробу майдачӯйдаҳои дигар. Вақте мисвок ва кафки ришгириро аз ҳаммом бардоштам, мутаваҷҷеҳи ҳаракатҳоям шуд.

-Куҷо? - пурсид бо ситеза.

Метавонистам чизе нагӯям, аммо нахостам фурсати ҷуброни садамаҳои ба равонам воридшударо аз даст бидиҳам.

-Дишаб гуфта будам, ман дигар дар ин хона намемонам.

-Ҳм... қаблан ҳам ҷанҷол мекардем, аммо ту аз ҷоят такон намехурдӣ, ҳоло чӣ шуд, ки якбора ҷомадон ҷамъ мекунӣ?

-Шояд акнун ақлам ба сарам омад...

- Ё шояд пойи зани дигаре дар миён аст, пойи ягон пир-духтури бешавҳар.

-Ин ҳарфҳои музахраф дигар ба ман корагар нестанд, ҳар чӣ мехоҳӣ, бигу, аммо ман дигар моли ин зиндон нестам.

-То дирӯз мегуфтӣ, инҷо хонаи орзуҳои ту аст, чӣ шуд, ки якбора бароят зиндон шуд?

-Ту ё девонаӣ, ё мушкили ҳофиза дорӣ!? Ту ин хонаро ғурбатхона кардаӣ, рӯзе нест, ки ба ман дарнаафтӣ… Аз ту мутанаффирам, мефаҳмӣ?

-Зани дигар ёфта бошӣ, ҳаминро бигӯ, чаро баҳонаи ҷанҷолро пеш меорӣ, ҷанҷол дар ҳамаи хона ҳаст...

Ӯ чунон бо оромӣ суҳбат мекард, ки ингор на талоқ, балки барномаи ояндаи зиндагиямонро баҳс мекардем.

-Ҳеҷ кас наметавонад ин фазои масмумро таҳаммул кунад, фазои сохтаи туро.

-Мард, ки ғар шуд, зани худаш дар назараш хар менамояд...

-Хоҳиш мекунам, дигар даҳон боз накун, ки ҳатто занҳои беҷогард ҳам аз ту дида муҳтарамона суҳбат мекунанд.

-Инро ту беҳтар медонӣ, ман дар суҳбати онҳо набудам.

-Оре, ҳар зани дигаре дар ин дунё аз ту беҳтар аст, ҳатто занҳои сабукпо. Ман акнун тамоми эҳсосотеро, ки дар ҳафт соли зиндагии муштарак бо ту аз даст додам, дубора эҳё мекунам...

-Бачаҳо чӣ мешаванд? Ё онҳо дар зиндагии ҷадиди ту ҷой надоранд?

-Пули бачаҳоро ҳар моҳ мефиристам, барои ин хона ҳам даъвое надорам. Фақат бе маймунбозӣ ва зудтар ба санадҳои талоқ имзо гузор.

-Ин корро бо камоли майл мекунам, ман ҳам аз ту дили хуше надорам. Ту шавҳаре нашудӣ, ки мисли мардҳои дигар...

-Бале, ман аз он «мардҳои дигар» нестам. Ту акнун фурсат дорӣ аз он мардҳо якеро пайдо куниву зиндагии ҷадиде бисозӣ. Бароят фақат хушбахтӣ мехоҳам.

Бо бачаҳо Худоҳофизӣ накардам, намехостам нороҳат шаванд, бигзор, фикр кунанд, ки ба сафари корӣ рафтаам.

-Сабр кун, агар меравӣ, ин парандаи лаънатиро бо худ бубар, тоби шунидани чир-чирашро надорам, вагарна бо ҳамин қафас аз балкон сарозераш мекунам.

-Ба қанорӣ даст назан, инҷо хонаи ман аст, хонаи парандаи ман низ, маро асабӣ накун, вагарна аз ин хона танҳо нисфаш насибат мешавад.

Модарам маро бо ҷомаву ҷомадон диду тааҷҷуб накард, аз ҷабинам бӯсиду чизе напурсид ва аз пайи суфраву ғизо шуд. Бечора дастёре надорад. Мо се бародарему як хоҳар. Хоҳарам се сол пеш издивоҷ кард. Бо хонаводаи ҳамсараш зиндагӣ мекунад ва рӯяш намешавад зуд-зуд аз модар хабар бигирад. Достони ҳамсари ман ба ҳама маълум, ҳамсари додари бузургам як мағрури дигар, аз ҳамкасбҳои ман аст, аз оғоз шарт гузошт, ки аз идораи ақди никоҳ мустақим ба хонаи худаш меравад ва ҳамин тавр ҳам кард. Қарор буд додари хурдиям ҳамин тобистон издивоҷ кунаду ҷони модарам биосояд, аммо ӯ зоҳиран аҷала надорад, шояд мо бо ин издивоҷҳои аҷулонаву аблаҳонаи худ ӯро аз ташкили хонавода мунсариф кардаем.

Саҳар чашм кушодаму билофосила дарк кардам, ки чизе намерасад, як чизи бисёр муҳим. Садои қанориро нашунидам, чорзарби Наворо, ки ҳар субҳ маро аз хоб бедор мекард ва дар он муҳити буғранҷ ба ман оромиш мебахшид. Дилам хиҷил шуд, гӯиё дӯстеро дар оғӯши душман раҳо кардаму рафтам. Обу ғизояш ба ду-се рӯз кофӣ аст, аммо надидани ман барояш гарон меафтад. Чӣ кунам, поям ба он хона намекашид. Мағзу зеҳнам эҳтимол хеле ба оромиш эҳтиёҷ дошт, ки ҳатто дилам барои бачаҳоям танг намешуд.

Аммо нимашаби ҷумъа, дуруст баъди шаш рӯзи аз хона рафтанам, аз занги телефон бедор шудам ва садои ҳамсарамро шунидам, ки аз гиря нафасгир мешуду мегуфт ба писарамон ҳодисае рух додааст. Вақтро сарфи пурсуҷӯ накардам ва озими хона шудам. Писарам табларза дошт ва сулфаи хушки бевақфа намегузошт дуруст нафас бигирад. Доруҳои маъмулии зидди табу сулфа фоида надоштанд, маҷбур ба ӯ антибиотик тазриқ кардам. Бачаро ба хонаи хоби худамон овардему то саҳар сари болинаш нишастем. Қариби саҳар бехабар дар бағали ҳамсарам хобам бурд...

Ва дубора ҳамон чархофалак: суфраи пур аз нозу неъмат, либосҳои тару тоза, ишқварзиҳо. Дигарбора ба ҳамон чоҳе афтодам, ки ба сахтӣ аз он берун мехазидам. Ҷомадонамро додарам рӯзи сеюми баргаштанам овард.

Ин бор ҳамсарам бо ман қариб як моҳ меҳрубон буд. Шуда буд як хонуми хона, як ҳамсари ширинзабон ва як модари хушмуомила бо фарзандон, дилсардиам тадриҷан ба алоқамандӣ иваз мешуд. Аммо акнун доштам ба оядаи издивоҷам умедвор мешудам, ки ӯ мисли хари лагадзан дубора ба сумбакзанӣ оғоз кард. Намедонам, тасодуф аст ё амдан, вале аксари ҷанҷолҳояш ба рӯзҳои истироҳати ман мувофиқ меоянд. Саҳар душ мегирифтаму зери лаб мусиқиеро замзама мекардам. Ду бор бо баҳонае вориди душ шуд, ҳатто ангушт ба дар назад. Суробашро аз паси шишаи меғолуд дидам. Далели асабонияташ ин дафъа қатраҳои оби ба замини ҳаммом чакида буд. Аммо дар асл замзамаҳои ман асабонияш мекард, аз руҳияи хуши ман нохуш мешуд. Мисли дафъаҳои қаблӣ доду фарёд накард ва аз номи шахси сеюм бароям паём надод, фақат гуфт, «ба меҳнати зане, ки дар ин хона барои ту мисли хар кор мекунад, арҷ бигзор»! Аммо вақте замини тарро хушк мекардам, болои сарам зоҳир шуд.

-Чаро ҳамеша мехоҳӣ маро як инсони мустабид нишон бидиҳӣ?

-Ё тавба...хостам замини ҳаммомро тамиз кунам, кори баде кардам?

-Магар ман аз ту хоста будам, замини ҳаммомро хушк кунӣ? Ман танҳо гуфтам, муроқиб бош, замин тар нашавад.

-Бошад, фаҳмидам, аз ин ба баъд бештар муроқиб мешавам...

-Чаро тамасхур мекунӣ?

-Азизам, бузургаш накун, иштибоҳамро бар дӯш гирифтам ва гуфтам ислоҳ мешавам...

Ман ин ҳарфҳоро ханда дар лаб гуфтам, то хашми физояндааш коҳиш ёбад.

Акнун дошт мечӯшид, ки телефонаш занг хурду чеҳраи боҳайбати модараш дар оинаи телефон зоҳир шуд. Модарзанам дар маҳаллаи ҳамсоя зиндагӣ мекунад ва рӯзе ҳадди ақал як бор ба хонаи мо сар мезанад ва камаш даҳ бор бо духтараш тамос мегирад. Бо гузашти ҳафт сол аз издивоҷам ҳанӯз муносибати модарзанамро бо худам дарк намекунам.

Ин робита бештар аз дидгоҳи духтараш маншаъ мегирад. Рӯзҳое, ки ҳамсарам «як парии меҳрубон» аст, модараш низ аз ман дилҷӯӣ мекунад, маро «писарам» мегӯяд. Аммо рӯзҳое, ки духтараш кайфияти хуб надорад, модарзанам тавре рафтор мекунад, ки гӯиё маро намебинад.

Ӯ як зани чоқи бадқавоқ аст. Намехоҳам муғризона қазоват кунам, аммо дар ин зан ҳар сифати нозарурро метавон пайдо кард, ба ҷуз як сифати бисёр муҳим - назокати занона! Шояд замоне хушандом буд, аммо баъд ба иллати нотавозунии ҳормонӣ аз зоидан монду қаворааш дурушту кабудранг шуд ва ҷо-ҷо риш баровард. Он қадар аз он сурат мӯй канд, ки пӯсташ чоладор шуд ва ҳоло, агар як рӯз даст ба сару рӯяш назанад, мӯй монанди алафи ҳарз дар чонаву пушти лабаш сар мекашад.

Ӯ ҷойе кор намекунад, кори аслиаш ҷосусӣ аз паси ҳамсари пулдораш аст. Марди бечораро дар мушти оҳанин нигаҳ медорад ва ҳар қадамашро назорат мекунад, зани қуд-

ратманд аст. Ҳамсарам нусхаи модараш аст, фақат алҳол ба андозаи ӯ чоқ нашудааст.

Модарарӯсамро дӯст намедорам, аммо ҳоло аз занги телефонаш, дар оғози як тӯфони навбатӣ, хушҳол шудам. Имрӯз истироҳат дорам, аммо задам ба берун, то нафаси озод бигирам. Ҷойе барои рафтан надорам, қаблан дӯстону ҳамсабақҳои зиёде доштам, гаҳ-гоҳе бо онҳо хушгузаронӣ мекардем. Ҳамсарам пайи ҳамаи онҳоро батадриҷ аз зиндагии ман рӯфт. Намехостам ба хонаи падариам биравам, шармам меомад, аз ин рӯ беҳадаф дар бозори умдафарӯшӣ, ягона макони пурҷамъяти атрофи хонаам, ҷойе, ки метавонӣ дар байни одамон гум шавӣ, қадам мезанам.

Бозори умдафарӯшии канораҳои пойтахт бо бузургиаш мисли як дашт аст, ки аз домани маҳаллаи мо оғоз мегирад ва дар саргаҳи рустоҳои ҳамсоя анҷом меёбад. Кишоварзон аз дуру наздик ба ин бозор хирман-хирман меваву сабзавоти арзон меоранд. Ҷаллобони гаронфурӯш моли арзонро мисли бод мебардоранд ва дар бозорҳои кучак бо нархи ду баробар бештар мефурӯшанд. Ман аз байни ғарами картошкаву пиёз, қуттиҳои гелосу олучаву олуболуҳои зарду сурх ва ҳандалакҳои пешпаз ба самти бозори чаканафурӯшӣ меравам, ки дар як гӯшаи бозори умдафурӯшӣ ҷойгир аст. Боди саҳаргоҳӣ бӯи самбӯсаву кулчаро аз он бозор ба атроф паҳн мекард ва умдафурӯшҳои гуруснаро ба сӯи худ мехонд. Ман ҳам гурусна будам. Саҳар душ гирифтаму акнун мехостам бо ҳавсала дар паҳлуи Наво қаҳва бинӯшам, аммо насиб набудаст. Имрӯз ҳам ингор рӯзи ман нест.

Ду самбӯса гирифтаму як нони гарм, як пиёла қаймоқ ва ҷойи кабуд. Чойхона қаҳва мефурӯшад, аммо моеи мисли оби лойолудро дидаму аз қаҳванӯшӣ мунсариф шудам. Бӯи самбӯса иштиҳо меовард ва нони гарм бо қаймоқ дар даҳон об мешуд. Субҳонаи хушмазае буд. Дар гузашта, вақте бо ҳамсарам даъвоям мешуд, соатҳо беиштиҳо мегаштам, об ҳам аз гулуям намегузашт, аммо ҳоло ду самбӯса ва як пиёла

қаймоқро бо иштиҳо хӯрдам. Пӯстам ғафс шудааст, вагарна кадом марди баномус чунин зиндагии пур аз таҳқиру таадди ва занеро таҳаммул мекунад, ки як ҳафта парии меҳрубон асту як ҳафта деви ҳафтсар!?

Субҳона тамом шуд, вале поям намекашид ба хона баргардам.

Беҳадаф дар растаи бозори чаканафурӯшӣ қадам мезанам ва ба даъватҳои «ака, нон бибар», «ака, гӯшт бигир», «ака, помидори свежи дорем», гоҳо манъ мешаваму нарх мепурсам ва гоҳе бо хиҷолат лабханд мезанам.

- Гашнизу райҳон бигиред, ҷаъфарӣ ҳам дорам, тоза аз боғ чидам, арзон медиҳам.

Нигоҳам ба чашмони зани сабзафурӯш афтоду ҷараёни гарме аз сар то ба поям сарозер шуд. Намедонам чаро ба ӯ нигоҳ кардам, шояд бӯи пудинаву райҳон махмурам кард, ё шояд аз сурати ғайримаъмулиаш хушам омад. Пӯсти тирае дошту чашмони дудии бодомшакл, ҳамранги абру осмони обӣ. Дар умрам то ҳол ҳамчунин ранги чашмро надида будам. Пӯсти тирааш мисли махмал ҳамвору нозук буд, мисли пӯсти бачаи навзод. Ман нармии он пӯстро дар пушти дастам эҳсос мекардам. Фавқулода зебо набуд, аммо ҳусни ғайриоддие дошт. Аз ман чаҳор-панҷ сол ҷавонтар менамуд. Эҳтимол издивоҷ кардааст, аммо бача надорад. Ман занҳои таваллудкардаро ба осонӣ ташхис медиҳам, аз ҳалқаҳои сиёҳи зери чашм, доғҳои даврони бордорӣ ва шикамҳои каме овезонашон. Онҳоро ҳар рӯз мебинам, бачаҳои маризи худро барои муоина меоранд. Хаставу лакотанд, ингор моҳҳо нахобидаанд. Ҳайкали зани сабзафурӯш дастнохӯрда буд.

Беихтиёр як даста гашнизро бардоштаму бӯидам, баъд даст ба райҳон задам, гӯиё мехостам дурустии каломи ӯро имтиҳон кунам. Ногаҳон эҳсоси сабукӣ вуҷудамро бағал кард ва хоҳиши лутфу суханпардозӣ бар ман боло гирифт.

-Ин сабзаҳои хушбӯй бо ин боғбони хушрӯй дар кадом сарзамини афсонавӣ мерӯянд?

Ӯ лабханди зебое заду бо шубҳа ба ман нигоҳ кард.

-Сабзаҳо дар мазрааҳои колхози Россия...

-Шумо чӣ? Шумо дар кучо рӯидаед.

-Ман... дар охири ҳамин хиёбон.

-Боғи Шумо дар охири ҳамин хиёбон аст?

-Бале, боғе дорам ба андозаи ҳамин бозор бузург ва пур аз меваву сабзавоту кабудӣ!

Инро гуфту баланд хандид, он қадар баланд, ки ҳатто раҳгузарҳо ба мо нигоҳ карданд.

-Пас тоҷири муваффақе ҳастед.

-Шумо ба ин шак доред? Он қадар муваффақам, ки мехоҳам ин сабзаҳоро зудтар бифурӯшаму миллионҳоро ба ҳисоби бонкӣ бирезам. Гашнизу райҳон мехаред билохира ё не?

-Мехарам.

-Чи қадар мегирад?

-Чи қадар, ки бидиҳед...

-Аз ман бипурсед, мехоҳам ин ҳамаро бигиред!

-Ҳамаашро бидиҳед...

-Ин ҷо сабза зиёд аст... 40 бандча, ин қадар сабзаро чӣ кор мекунед?

-Намак мезанаму мехӯрам.

Ӯ бастаҳои гашнизу райҳону пудинаро ба халтаи пластикӣ мегузошту duздида ва ба ман нигоҳ мекард.

-Ҳамааш яксаду бист сомонӣ шуд... - гуфт ӯ бо нигаронӣ, мисле, ки дилаш ба ҳоли ман месӯхт.

Пули хостаашро ба дасташ додам.

-Нагуфтед, ки боғи Шумо дар куҷо аст, ман гоҳо дар ин атроф пиёдаравӣ мекунам, шояд ба боғи Шумо ҳам сар бизанам.

Ӯ хиҷолатомез лабханд зад. Ман бори аввал чунин хандаи зеборо медидам. Дандонҳояш дар пасманзари он пӯсти тира медурахшиду чашмро мебурд.

-Шӯхӣ кардам, маро боғам кучо буд...

-Пас ҳарфи сабзаҳои тоза аз ҷӯяҳо берун омада ҳам шӯхӣ буд?

-На, шӯхӣ набуд. Саҳарӣ зуд аз хоб баланд мешаваму ба колхози Россия мешитобам, он ҷо аз хоҷагидорҳо сабзаҷот мехарам ва дар ин бозор мефурӯшам. Корамро бояд то расидани милисаҳо тамом кунам, намегузоранд бемуҷаввиз чизе бифурӯшӣ. Агар сабзаҷотро нафурӯшам, то субҳи дигар пажмурда мешаванду дигар касе онҳоро намехарад...

Мехостам бипурсам, оё касе нест ба ӯ кумак кунад. Аммо гуфтам шояд фузулӣ шавад.

-Ҳар рӯз дар ҳамин соат ба бозор меоед?

-Имрӯз дертар омадам, рӯзҳое, ки тути фарангӣ ва тамишк (малина) меорам, соати шаши субҳ мерасам.

-Соати кории кӯтоҳе доштаед. Боқии рӯз ҳавсалаатон сар намеравад?

Бо ҳар суол мехостам дар бораи вазъи хонаводагиаш маълумот бигирам.

-Эҳ... ман он қадар кор дорам, ки то шаб ҳам тамом намешаванд. Ҳоло як халта сабзаҷоти нофурӯхта дорам...

-Бо ин серкорӣ бояд хонаводаи бузурге дошта бошед.

Лабханд аз сурати зебояш нопадид шуд.

-Ман...

-Зартор, харидори дирӯза пулҳоятро овард, зери кӯрпачаи холаи Санамбӣ гузоштам! - гуфт зани лоғараки қадпаст, ки аробаи нонро ба пеш тела медоду кунҷковона ба мо нигоҳ мекард. Аз пушт ба духтараки наврас монанд буд, дар пояш кафшҳои мардона дошт, ки андозаи пояш набуданд ва роҳ мерафту кафшҳояш «шалап-шалап» садо мебароварданд.

-Омадам!

Зартор - чӣ номи зебое доштаст зани сабзинаи сабзафурӯш, зане бо тору пуди заррин.

-Бояд биравам, ташаккур ба Шумо, савдоямро боз кардед. Иншооллоҳ, рӯзи хубе хоҳам дошт.

Намехостам ӯро раҳо кунам, аммо барои манъ карданаш баҳонае надоштам.

-Кай тути фарангӣ меоред? Мехоҳам як сатил бигирам, барои мураббо.

-Намедонам, шояд якшанбеи оянда, вақте меваҳо сурх шаванд, - гуфт ӯ раҳ ба раҳ ва ба сӯи ҳамон холаи Санамбӣ рафт, то пулашро аз зери кӯрпачаи ӯ бардорад.

Кулли муколамаи ману ӯ камтар аз понздаҳ дақиқа буд, аммо ин зан дар ман эҳсоси як ошноии деринро боқӣ гузошт.

Аз ӯ чашм намебардоштам, ҳар як ҳаракаташро аз дур тамошо мекардам, рӯймоли сурхаш дар байни тӯдаи харидорон гоҳ пайдо мешуду гоҳ нопадид. Шигифтовар буд, ман ба зане алоқаманд мешудам, ки ҳамагӣ понздаҳ дақиқа мешиносамаш! Шояд ин хоҳиш аз бадрафториҳои ҳамсарам station маншаъ мегирад, ки ҳар зани ғайри ӯро дар назарам матлуб мекунад? Ё шояд ишқварзиҳои гаҳ-гоҳӣ дораму оғӯши занро басерӣ намебинам ва мисли замини ташнаи кишт шудаам, ки хокаш бо як бел задан гарду бод мешавад ва дар интизори донаи умед дил мезанад?

Бозор тадриҷан серҷамъият шуд ва ман дар байни ин ҷамъияти мутаҳаррик ҳайкали зебои Зарторро гум кардам. Ба додарам занг задам, ки ин ҳама сабзаҳоро ба хонаи модарам бубарад.

-Чаро ин қадар зиёд харидед? -пурсид ӯ бо тааҷҷуб.

-Инҳоро нахаридам... як кас бепул дод, гирифтам. Ба модарам бидеҳ, барои зимистон хушк мекунад.

Дигар чизе маро дар ин макон пойбанд намекард, ночор ба хона баргаштам.

Вақте аз паҳлуи дари нишеман рад мешудам, чашмам ба модарарӯсам афтод, ки бо ахмҳои гирифта рӯи сандалии наздик ба дар менишаст ва бо ангуштони чоқи ҳасибмонандаш рӯи мизи қаҳва табл мезад. Ангуштариҳои алмосашро эҳтимол замони лоғарияш пӯшида буд, ки ҳоло дар гӯшт фурӯ рафта, гумон аст, ки бе кумаки челонгар аз он ангуштҳо берун шаванд.

Аз сару либоси ҳар ду маълум буд, ки куҷое равонаанд ва дер омадани ман онҳоро хашмгин кардааст.

-Метавонӣ ақаллан як рӯз дар хона бинишинӣ ва аз бачаҳоят муроқибат кунӣ? - арбада кард ҳамсарам.

-Чаро не? Саҳар мегуфтӣ, аз хона берун намешудам.

-Аз хона рафтӣ, чаро телефонро бо худ намегирӣ, ё махсус мекунӣ?

-Узр, дигар такрор намешавад.

Ҳамсарам дар садои ман оҳанги тамасхурро эҳсос карду девона шуд, интизори як даъвои тулонӣ будам, аммо, хушбахтона, модарарӯсам тунд аз ҷой бархосту духтарашро бо ишораи сар ба берун ҳидоят кард. Ба маҳзи аз хона берун шудани ин ду нафар хаёлам мавҷи ҳавои тоза аз ҳар шикофи хонаи мо ба дохил буруз кард. Эҳсоси ширине вуҷудамро фаро гирифт, набудани ҳамсарам, нашнидани садояш, таъми хушбахтӣ ва озодии аздастрафтаро дар комам зинда мекард.

Барои худам як қаҳваи хушмаза омода кардаму ба балкон баромадам.

Бозори умдафурӯшӣ акнун шуда буд зиёратгоҳи ман. Маъмулан бе як финҷон қаҳва хобам намепарад ва то қаҳва нанӯшам сари рул наменишинам, аммо ҳоло Зартор шуда буд қаҳваи ману хобпаррони ман. Ман дар гузашта ҳам рӯздармиён барои харидҳои кучак ба ин бозор сар мезадам, аммо акнун ҳар рӯз меоям, ҳатто гоҳе ду бор - субҳи зуд, вақте бозор тоза ба ҷумбиш меояд ва бегоҳ баъд аз кор. Субҳ нону самбӯса ва қаймоқ мехараму дар ҳамон чойхона субҳона мехӯрам ва чапу рост Зарторро меҷӯям. Дар ин муддат ӯро фақат як бор дидам, аз дур дидам, бастаҳои гашнизу райҳон дар даст раҳгузарҳоро ба харид ташвиқ мекард. Занҳо аз паҳлуяш бепарво мегузаштанд, вале мардҳо манъ мешуданду гӯиё сабзаҷот мебӯиданд, аммо дар асл нигоҳашон дар сурати ӯ гир мекард. Қаҳрам меомаду асабонӣ шудам, ингор касе ба моли ман дастдарозӣ мекунад.

Билохира, рӯзи ваъдагӣ фаро расиду ман барои харидории тути фарангӣ, вале дар асл барои дидани соҳиби тут,

озими бозор шудам. Ҳамсарам бо ман қаҳрӣ аст, намедонам чанд рӯз шуд, эҳтимол аз ҳамон рӯзе, ки замини душро тар кардам. Баъди меҳрубониҳои якмоҳа «аҷинаҳо»-яш дубора баргаштанду шабу рӯз ҷанг меҷӯяд, аз рӯи одат бо ман дар шахси сеюм «ҳарф» мезанад. Ғур-ғураш аз ҳар кунҷи хона ба гӯшам мерасад.

Аз дур чаҳор сатили пур аз меваро дар паҳлуи Зартор дидаму хушҳол шудам, ингор на баҳонаи танҳо мондан бо ӯ, балки ганҷеро пайдо кардам. Ӯ рӯи қуттии чӯбин менишаст. Шояд маро фаромӯш карда буд, ки меваҳояшро ба харидорони дигар ситоиш мекард. Маро диду нохудогоҳ аз ҷой бархост, аввал тааҷҷуб кард ва баъд лабонаш аз хушҳолӣ мисли баргҳои садбарг аз ҳам ҷудо шуданд. Як гӯшаи дилам мегуфт, ин хушҳолӣ танҳо барои фурӯши тути фарангӣ нест.

-Салом, ал ваъдаву дайн гуфтаанд, омадам тутҳоямро бубарам.

(Аблаҳ, ҳарфи аз ин беҳтаре набуд? Як лутфе, таърифу тамҷиде!) Ба думболи ҳадафи ситоиш аз сар то ба пояшро нигоҳ кардам.

Пероҳани атласи нимдошт пӯшида буд, обшӯста буду рангҳои ба ҳам омехтааш наққошии рассомони авангардро ба ёд меовард, кафшҳои хоколудаш баёнгари қадамҳои беҳисоб дар байни ҷӯяҳои тути фарангӣ буд ва дастҳои харошхӯрдааш ба ҷойи таҳсин тараҳҳумро бармеангехт. Аз баҳри ситоиш гузаштам.

-Чанд рӯз боз мунтазир будам, ба худ гуфтам, агар имрӯз ҳам пайдо нашавед, то охири хиёбон мераваму хонаи Шуморо пайдо мекунам.

-Ин қадр дилатон барои тути фарангӣ танг шуда буд?

-Оре... Шумо ҳатто наметавонед тасаввур кунед, то чӣ андоза.

Ӯ рӯймоли ғеҷидаашро пеш кашиду бо санҷоқ маҳкам кард ва бо чашмони дудии шабеҳи оташдони пур аз шарора ба ман чашм дӯхт.

-Аз ранчҳои Шумо бехабар будам, вагарна зудтар мерасидам.

-Кош, медонистам хонаи Шумо куҷост...

Ҷумлаи ахири ман ба чизи бештар аз тути фарангӣ ишора мекард, аммо ӯ ишораамро нашнида гирифт.

-Меваҳоро дона-дода чидам, як донааш ҳам осеб надидаст, яклухт мефурӯшам, бо сатил, мардум ҳамин хел мехаранд.

-Муҳим нест, ҳамаашро мехарам.

-Нархашро намепурсед?

-Ҳар қимате Шумо бигӯед, намехоҳам тутҳои ламскардаи Шуморо арзон бихарам.

Инро гуфтаму рост ба чашмонаш нигоҳ кардам. Ҳеҷ чизе дар ин зан ба занҳои дигар монанд набуд. Ӯ аз хиҷолат сурх нашуд, баръакс гунаҳояш аз хиҷолат сафед шуданд ва қатраҳои арақ мисли шабнами саҳаргоҳӣ дар пушти лаб ва саргаҳи абрӯвони зебояш дурахшиданд.

Лабашро бо нӯги рӯсарӣ пок кард ва ғариихтиёр сатилҳоро такон доду меваҳои бузургтарро боло баровард.

-Ҳар чаҳорро мехарам, кумак мекунӣ сатилҳоро то мошин бубарам?

Ӯ аввал ба сатилҳо ва баъд ба халтаи пур аз сабзаҷоти пушти сандалӣ нигоҳ кард ва рӯ ба зане овард, ки дар рафи наздиктарин мисли мошин сабзӣ хурд мекард.

-Апаи Зарафшон, илтимос, аз бори ман бохабар бошед, зуд бармегардам.

-Агар харидоре сабзаҷот пурсид, бо ҳамон нархи ҳамешагӣ бифурӯшам?

-Бале, апаҷон, ҳазор раҳмат!

Мошинамро дар фосилаи даҳ дақиқа аз бозори чаканафурӯшӣ, наздик ба даромадгоҳи бозори умдафурӯшӣ гузошта будам ва акнун аз дурии роҳ хушҳол будам.

-Бори Шумо сангин аст, он як сатилро ҳам ба ман бидиҳед.

-Кучояш сангин аст, ду кило вазн дорад! Шумо як имрӯзро кумак мекунед, рӯзҳои дигар борамро бояд худам бикашам...

-Чаро як имрӯз? Метавонам тамоми умр борбадори Шумо бошам!

Ранг аз гунаҳои Зартор дубора парид. Ӯ ҳиҷолатмандона лабханд зад.

-Мақолеро шунидаед, ки гапи хона ба бозор рост намеояд? Ман мегӯям, гапи бозор ба ҳеҷ куҷо рост намеояд... дар ҳамин бозор гум мешавад.

-Одамҳо мутафовитанд, қавлу карорашон низ...

Зартор манъ шуду бо чашмони рез ба ман нигоҳ кард.

-Ба назарам, Шуморо ҳавои тафреҳу бозӣ гирифтаст... Агар аз зиндагии хонаводагӣ хаста шудаед ва моҷарои ошиқона меҷӯед, бояд бигӯям, ҳадафи нодуруст интихоб кардаед... Ман аз ин корҳо дурам. Маҷбур нестед ба хотири дилёбӣ ин қадар пул харҷ кунеду сабзаҷоту мева бихаред.

-Духтари зебо, Шумо маро иштибоҳ гирифтед, ман на марди занбозам, на моҷароҷӯ, як инсони танҳоям, рост мегӯед, хонаву хонавода дорам, аммо роҳату оромиш надорам, хеле бадбахтам... Ин суханонро на ба он хотир мегӯям, ки Шумо бароям мутаассиф шавед, дилам пур шуда буд, хостам каме сабук шавам... Ҳамин.

Зартор ҳарфамро қатъ накард, аммо шакро дар чашмонаш хондам, маълум буд, ки дарди дили ман рӯи ӯ таъсире нагузошт.

-Фардо субҳ меоед? Мехоҳам зарфҳоро баргардонам.

-Ниёзе нест, сатил бо меваҳо фурӯхта мешаванд, Шумо пулашро додед.

-Иҷоза бидиҳед, сатилҳоро биёрам...

-Бошад... Фардо не, субҳи чаҳоршанбе инҷо мешавам. Дудила буд, субҳи чаҳоршанберо гӯиё барои ҷонхалосӣ ба забон овард.

Сареъ рӯзҳоро шумурдам, қариб се рӯз мешуд!

-Фардо намеоед?

-Фардо ба бозори шаҳр мева мебарам.

-Ба кадом бозор?

-Фақат нагӯед, ки ба думболи ман ҳамаи бозорҳои шаҳрро мегардед.

Ӯ баланд хандид ва пардаи тирае, ки лаҳзае пеш рӯи қалбам фуруд меомад, якбора нопадид шуд ва ман оҳи сабук кашидам.

-Ҳозирам ба думболатон то ақсои олам биравам, ҷойе, ки ба ҷуз ману ту кас набошад... Пас рӯзи чаҳоршанбе меоед?

-Ал ваъдаву дайн - ба гуфти Шумо!

Ӯ бо карашма сар такон доду аз ман дур шуд. Маъмулан ҳамаи ҳодиса ва санаҳои муҳимро дар дафтари хотироти телефонам сабт мекунам, то мабодо аз ёд нараванд. Аммо рӯзи чаҳоршанбеи оянда истисно буд, ман он рӯзро дар ҳар гӯшаи зеҳнаму қалбам ҳаккокӣ кардам.

Меваҳоро амдан ба хонаи худам набурдам, чӣ даркор як маншаи дигар барои ҷанҷолу арбада! «Чаро овардӣ, аз куҷо овардӣ, барои чӣ овардӣ»? Ивазаш модарамро хушҳол кардам. Ӯ маризиҳои зимистонии моро ҳамеша бо мураббои тамишк табобат мекунад.

Ман акнун ҳеҷ ҷойеро ба андозаи бозори чаканафурӯшӣ дӯст намедоштам. Ваъдаи мулоқоти мо субҳи чаҳоршанбе буд, вале монанди як намозгузори содиқ, ки бомдоду шом ба масҷид мешитобад, рӯзе ду бор ба бозор сар мезадам, то ҷойе, ки баъзе фурӯшандаҳо маро акнун мешинохтанду салом медоданд. Шабу рӯзам бо хаёли Зартор мегузашт. Ман ҳатто бузург шудани хонаи ишқи ӯро дар қалбам эҳсос мекардам. Он ишқ шабеҳи як парасту буд, ки аз субҳ то шом мудовим лой мекашонд ва кохи ҳавасҳоямро бузург мекард. Ҳамсарам ҳамоно бо ман қаҳрӣ аст, қаҳраш дигар нороҳатам намекунад. Ӯ бароям мисли як дандони аъсобаш мурда аст, ранг мебозаду кӯҳна мешавад, вале дигар на дард дорад, на ҳассосият.

Меҷӯшиду худ ба худ ғут-ғут мекард, хумори ҷанг дошт, аммо баҳонае намеёфт. Ниҳоят баҳона пайдо шуд. Аз кор бо дарди сар баргаштам. Ҳамсарам маро диду чун рӯзҳои гузашта пушт нагардонд, нигоҳи мармузаш дар чеҳраи ман гир кард. Аз қутии доруҳо як мусакин бардоштаму бо як ливон об нӯшидам ва ливонро бо эҳтиёт ба ҷояш гузоштам. Намехостам қатраи кучаки об баҳонаи оғози ҷанги бузург шавад. Аммо дер кардам.

-Мегӯянд, сатил-сатил мева мехарӣ, куҷоянд он меваҳо, чаро мо онҳоро намебинем?

-Кӣ мегӯяд?

-Чӣ фарқ дорад, кӣ мегӯяд?

-Фарқ надошта бошад, ин баҳс ҳам муҳим нест.

Қаҳва пухтаму бо финҷон ба балкон баромадам, ба думболам омад.

-Зани ширфурӯш гуфт, ки туро дар бозор дидаст... Аз кадом зане тути фарангӣ мехаридӣ.

-Бале, харидам, мева харидан ҷурм аст?

-Мева харидан ҷурм нест, харидро аз зану фарзандон пинҳон кардан ҷурм аст. Мехоҳам бидонам..

-Чиро мехоҳӣ бидонӣ?

-Меваҳоро куҷо бурдӣ?

-Ба ту чӣ куҷо бурдам! Ту дар ҳаёт на мураббо мепазӣ, на ширинӣ.

-Ман ҳамсари туям, ҳақ дорам бидонам меваҳои харидаро куҷо мебарӣ?!

-Ҷиддӣ мегӯӣ? Воқеан ҳамсари манӣ!?

-Агар ҳамсарат набошам, пас дар ин хона чӣ кор мекунам?

-Ин суол аглаб дар зеҳни ман ҳам пайдо мешавад...

-Гапро дигар сӯ набар, нагӯӣ ҳам, ман то таги ин қазия меравам, беҳтараш бигӯ меваҳоро куҷо бурдӣ?

Нигарон шудам, ки мабодо дар ҷустуҷӯи зани мевафурӯш ба бозор равад.

-Меваҳоро барои модарам харидам, мураббо мепазад, пулашро пешакӣ дода буд.

Аз тарсуиям дар баробари ин зан ва ба иҷбор дурӯғ гуфтанам пеши худ хиҷолат кашидам. Аммо дурӯғро ба хотири Зартор гуфтам, Худо накунад ва ҳамсарам бӯе аз ӯ бубарад, замину замонро ба ҳам мезанад, ман ӯро мешиносам.

-Рӯят сиёҳ, ки модарат ба ту пул бидиҳад! Ӯ аз куҷо пул дорад? Дар умраш ҷойе кор накардааст, ҳаққи бознишастагӣ намегирад! Заҳри бадани так-таки хонаводаат шавад, пуле, ки аз шиками бачаҳои ман мезаниву ба онҳо харҷ мекунӣ!

То ин ҷояшро таҳаммул кардам, аммо ногаҳон сабрам сар омаду қаҳваи доғро ба рӯяш пошидам. Фиғонаш ба осмон печид. Ӯро аз балкон ба дохили хона тела додам, то ҳамсояҳо садояшро нашнаванд ва дар гӯшаи уток пахш кардам. Дар ҳоле, ки аз ғазаб меларзидам, паёмамро аз байни дандонҳои зиреҳбаста ба гӯшаш расондам.

-Сар аз ин соат овозатро баланд кардӣ, аз ин хона гум мешавӣ, фаҳмидӣ? Ман дигар ахлоқи бади туро таҳаммул намекунам!

Шокӣ шуда буд, ман, охир, дар тули ҳафт соли зиндагии муштарак боре ҳам ба ӯ даст баланд накардаам. Фурсат надодам ба худ биёяд, бо аҷала аз хона берун задам.

Мехостам мошинро рӯшан кунаму то вақти хоб тамоми шаҳрро чарх бизанам. Аммо поям маро дубора ба сӯи бозори умдафарӯшӣ бурд. Соат шаши бегоҳ буду бозор гармие надошт, танҳо якчанд тоҷири чаканафурӯш дур аз якдигар дар рафҳои холӣ ё нон мефурӯхтанд, ё сабзавот. Ногоҳ чанд қадам дуртар, дар гӯшаи ин бозори нимахолӣ ӯро дидам, пушт ба ман рӯсариашро дуруст мекард, ҳамон пероҳани атласи нимдошт дар танаш буд, ҳамоне, ки наққошиҳои рассомони пештозро ба хотир меовард. Танҳо набуд, бо зани гавдадори миёнсол сухбат мекард. Эҳтимол аз фурӯшандаҳо буд, ки хаму рост мешуду чизеро зери рафҳо мегузошт. Ниҳоят бо он зан худоҳофизӣ карду ба самти дарвозаи баромад рафт,

аммо то дарвоза нарасида ба тарафи бозори умдафурӯшӣ тоб хӯрд. Ман аз пушти сутуни чойхона берун шудаму панҷ-шаш қадам дуртар ба думболаш рафтам. Корафтодагони дермонда ягон-ягон аз паҳлуи мо мегузаштанд. Хеле роҳ рафтем, аз паҳлуи вагонҳои пур аз маҳсулот ва хирмани сабзавот убур мекардем. Картошкаи ҷадид бо тани пӯстканда ва пиёзи сафеди ширадор бӯи картошкабирёни набударо ба димоғ мерасонд. Кишоварзҳои умдафурӯш чеҳраи худро аз нурҳои офтоби рӯ ба ғуруб зери тоқиҳо пинҳон карда, рӯи ғарами сабзавот ғанаб мерафтанд. Атроф пур аз мағозаҳои сайёр буд, яке қолину палос дошт, яке орду рӯғану биринҷу макарон. Чархҳои пучу хоколуд ва ба замин нишастаи онҳо аз ин гувоҳӣ медод, ки моҳҳо боз дар ин бозор гир кардаанд. Бозор ба андозае бузург буд, ки метавонистӣ мошинсавор аз як мағоза ба мағозаи дигар ва аз як вагон ба вагони дигар биравӣ.

Зартор ба атроф нигоҳ намекард, бо сари баланд тунд қадам мезад, ингор ҷойе қарор дошту намехост тарафро мунтазир кунад. Ниҳоят ба ҷой расидем, ки дигар на мағозаи сайёр буду на дукони умдафурӯшӣ ва агар ба ақиб бармегашт, фақат маро медид. Аммо нигоҳ накард. Инсон бояд чӣ қадр гирифтору андешаманд бошад, ки дар ин роҳи хилват боре ҳам ба ақиб нигоҳ накунад!

Намедонам то охири бозор чанд фарсахи дигар монд, аммо ӯ ногаҳон ба самти рост, ба сӯи пайроҳаи борик чархид. Он пайроҳа бозорро ба мавзеи сабзу хурраме паваст мекард. Ин мавзеъ бо садои гову мол, аккоси сагу қут-қути мурғҳо, хонаҳои лойии начандон баланд, вале ҳотаҳои бузурги пур аз киштаҳо, оғози як рустои обод буд. Дарахтҳои баланду соядоре дошт ин деҳа. Офтоб нурҳояшро ба сахтӣ аз лобалои анбуҳи баргҳо ба хонаҳои бомҳояшон пур аз қуруту олуча ва зардолу фурӯ мекард. На садои кӯдаке шунида мешуд, на бачае дар кӯча бозӣ мекард. Эҳтимол хурду бузург ҳама дар киштзор буданд.

Аз навоҳии атроф як-ду бемор дорам, то аз пой наафтанд, онҳоро ба дармонгоҳ намеоранд. Мегӯянд, авҷи кор асту волидон вақт надоранд. Баъзан бачаҳоро бо дарди камар ва чурра пеши ман меоранд, бачаҳои даббашударо мебинаму асабонӣ мешавам, бо модарҳо даъво мекунам, мегӯям суиистифода аз заҳмати бачаҳо гуноҳ аст. Онҳо танҳо хиҷолатомез лабханд мезананд.

Як лаҳза ба фикр фурӯ рафтаму Зарторро гум кардам, намедонам ба кадом хона даромад. (якҷо) Гиҷ шудам, намедонистам акнун куҷо биравам. Намехоҳам ба хона баргардам, мутмаинам модарарӯсам дами дар рӯи сандалӣ нишаста, барои ман дандон тез дорад. Замоне бармегардам, ки ҳама хуфта бошанд. Ё шояд мошинро аз гараж бардораму ба дармонгоҳ биравам, калид дорам, дарбон ҳам одами фаҳмидаест, розамро ба касе намегӯяд.

Бо ин андешаҳо зери дарахти маҷнунбеди канори ҷода нишастам. Ҷараёни тез колукони бедро бо худ мебурду сари хамидаашро пойинтар мекашид. Аз дидани ин дарахти сархам дар як деҳаи пур аз сафедорҳои қадбаланд ва чанорҳои сарбаланд тааҷҷуб кардам. «Ман ку ба думболи Зартор омадам, туро кадом тори заррин ба ин мавзеъ кашонд»?

Ним соат зери бед нишастаму ба оби равон нигоҳ кардам. Аз худам хиҷолат кашидам, «наход як марди болиғ мисли ҷавони навхат девонаву маҷнун шаваду ба думболи як зани ношинос кӯча ба кӯча бигардад»?! Аз Зартор ҳам хабаре нашуд, ноилоҷ ба ҳамон роҳи омадаам пас гаштам.

Бозори бузург бе ҳузури одамон мисли як шаҳри матрука буд. Умдафурӯшҳо ва соҳибони мағозаҳои сайёр молу маҳсулоти худро ба як нигаҳбони пири лоғарак вогузор мекарданд ва хоболуду лакот ба сӯи баромадгоҳ қадам мебардоштанд. Пирамарди нигаҳбон он қадар пиру лоғар буд, ки бо силии бачаи даҳсола аз пой меафтид. Пулро мегирифту аз дафтари мактабӣ пораеро меканд ва ба умдафурӯшҳо «чек» менавишт. Шом наздик буд ва парандаҳо дар партави тикаҳои ғуруби

офтоб ба пасмондаи ғизоҳои фурӯшандаҳо бо аҷала нӯл мезананд ва сагҳои велгард, бо қадрдонӣ аз дасти нондиҳанда, дар бағали ғарами сабзаҷот ғел зада, моли фурӯшандаҳоро посбонӣ мекарданд.

Марди солманде дар атрофи ғарами картошка бетоқатона қадам мезаду бо асабоният бо худ арбада мекард. Маро диду гӯиё бародарашро дида бошад, хушҳолона ба истиқболам шитофт.

-Муаллимҷон, илтимос, агар малол набошад, даҳ дақиқа муроқиби ҳамин бори ман бош, таҳорат мекунаму зуд бармегардам, асрам қазо шуд, намехоҳам шомро ҳам қазо кунам, савоб мегирӣ, муаллимҷон.

-Мушкиле нест, биравед, ман бе ин ҳам коре надорам, чӣ беҳтар аст аз ҳамнишинӣ бо картошкаҳои шумо! Марди солманд ба шӯхии ман хандиду офтобаву сарчоқашро бардошт ва ба сӯи биное шитофт, ки рӯи дараш бо ҳарфҳои бузург «Тувалет» навишта буданд. Ӯ дар лӯлаи оби беруни бино дасту рӯй шусту бо ҳавсала бинӣ афшон ва сипас бо офтобаи пуроб ба «Тувалет» даромад.

Хаста будаму худро ба сандалии марди намозхон партофта, аз рӯи одат даст ба ҷайб бурдам. Телефонам хомӯш буд, маъмулан дастгоҳро дар ҷойи кор хомӯш мекунам ва ба маҳзи расидан ба хона дубора ба кор медарорам. Аммо бегоҳ бо гирифтории ҷанҷоли ҳамсарам ёдам рафт телефонро дубора рӯшан кунам. «Ваҳ, дар ин ду соат ҳамсарам камаш понздаҳ бор занг задаст». Шумораи модарашро ҳам шинохтам, ду занги беҷавоб моли модараш буд. Ҳадс задам, ҷанҷоли калоне дар роҳ аст. Бо чунин пешомад, ман ҳатто бо таҳдиди шаштир ҳам ба хона барнамегардам.

-Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?

Садои олуда ба хушҳоливу тааҷҷуб моли Зартор буд. Ғофилгир шудам, ҳарфе бо тавзеҳи «ин ҷо чӣ кор мекунам», аз даҳонам берун наомад. Лабханди аблаҳонае дар лабонам зоҳир шуд.

-Шояд бовар накунед, аммо ман як одами хайрхоҳам, дасти корафтодаҳоро мегирам. Агар ба касе кумак накунам, мариз мешавам. Ҳоло ҳам омадам, то ба ин амаки картошкафурӯш ёрӣ расонам.

-Шӯхӣ мекунед?

-На, рост мегӯям! - гуфтам бо ҷиддият, вале чашмонам механдиданд.

-Мани рустоиро масхара мекунед?

-Лол шавад забоне, ки парии шабро масхара мекунад!

-Таъна бар пӯсти сиёҳи ман мезанед?

-На, Бахудо! Ошиқу шефтаи он пӯсти тираи махмалинам, ки хобу оромишро аз ман рабудаст!

Ҳарфҳои маро шӯхӣ мепиндошт, аммо аз тамаллуқ хушаш меомад.

-Ҳеҷ хаёл намекардам, Шуморо инҷо мебинам.

-Аз замоне бо ҳам ошно шудем, боре ба ман фикр кардаӣ?

-Оре... Дирӯз фикр кардам, мева ҷамъ мекардаму сатил наёфтам, гуфтам эй кош сатилҳоро зудтар меовардед.

Гӯиё шӯхӣ мекард, аммо ҳунари сохтакорӣ надошт, сурати рангпаридааш чизи дигар мегуфт.

-Аз куҷо меоӣ?

-Дар он деҳа коре доштам...

Ӯ бо ишораи сар ҳамон пайроҳаи борикро нишон дод.

Аз Худо мехостам, марди картошкафурӯш дар «Туvalет» дармонад, то Зартор бо ин баҳона аз ман дур нашавад.

-Дар он русто ақрабое дорӣ?

-Ақрабо надорам, коршарик дорам, пули сабзаҷоти ҳотаи мардумро баргардондам.

-Чаро ин қадар кор мекунӣ? Касе нест аз ту муроқибат кунад?

-Ман аз кор наметарсам... Хеле вақт аст, танҳо ба худам такя мекунам. Зиёд кор мекунам, то ба нохушиҳои зиндагӣ фурӯ наравам.

-Ҳм... фикр намекардам зани зебое, монанди ту, дарди саре дошта бошад.

-Фиреби хандаҳои маро нахӯред, дардҳои маро кӯҳ бардорад, миёнаш мешиканад.

Ӯ чун ҳамеша баланд хандид, аммо хандааш шабеҳи як адвори ғалат дар авҷи як таронаи зебо буд. Ӯ механдиду ҳавзи чашмони дудиаш пури об мешуд.

«Чӣ дард дошта бошад ин зан»?

-Телефонатро ба ман медиҳӣ, соатро бубинам?

Соатро дидаму ноаён аз телефони ӯ ба мобили худам паёмак задам.

Зани содалавҳе будааст, ҳатто машкук нашуд.

-Э ҳазор раҳмат, муаллим, Худованд баракати дунёро бар сарат бирезад!

Марди картошкафурӯш хайрухушро насия гузошту локии гулдорро паҳлуи сандалии пастак ба замин андохт ва рӯ ба қибла азон дод.

Ману Зартор ба самти дари баромад ҳаракат кардем. Ҳаво тира буду гандумро аз ҷав намешуд фарқ кард, вале ман дар он тирагӣ пар-пари мижгонҳои сиёҳ ва лаби зери дандони Зарторро медидам. Сарашро ба андозае пойин андохта буд, ки гӯиё мехост дар замин фурӯ равад. Аз чизе сахт метарсид.

-Гуфта будӣ, то рӯзи чаҳоршанбе ба ин бозор намеоӣ, чаро дурӯғ гуфтӣ?

-Набояд меомадам... Аммо омаданам зарур шуд.

-Дурӯғ гуфтӣ, то ман ба думболат наоям, дуруст мегӯям?

-Ин қадар боҳуш бошӣ, чаро маро бозҷӯӣ мекунӣ?

-Аз ман хушат намеояд?

-Шумо маро дар вазъияти ногувор мегузоред. Лутфан, ин суолҳоро надиҳед, хиҷолат мекашам.

-Ман ошиқат шудам...

Овозам аз ҳаяҷон дар гулуям печид ва эътирофам тавре садо дод, ки гӯиё ман на аз ишқ, балки аз гирифторӣ ба бемории лоилоҷе хабар медодам.

-Ишқ магар ба ҳамин содагӣ аст? Шумо маро чанд рӯз мешиносед?

-Намедонам чанд рӯз, аммо ингор тамоми умр хоби туро медидам.

-Ҳатман ин таронаро дар гӯши ҳамсаратон ҳам хондаед!

-Оре, мехондам, аммо дигар намехонам, дӯсташ намедорам, аз ӯ мегурезам. Мебинӣ, ин бегоҳ аз шарри ҳамсарам ба ин бозор паноҳ бурдам... Ман туро мехоҳам. Мехоҳам сар ба домонат гузораму дигар барнадорам. Мехоҳам дар оғӯши гарми ту бихобам ва саҳар масту махмур аз хоб баланд шавам, мехоҳам...

-Туро ба Худо бас кун...

-Мехоҳам ошиқам бошӣ, ҳамон тавр, ки ман ошиқат шудаам. Мехоҳӣ як шабро дар оғӯши ман рӯз кунӣ? Нагӯ, ки намехоҳӣ, медонам ту ҳам инро мехоҳӣ! Бигӯ, чаро бояд аз хоҳишҳои худ хиҷолат бикашем?

Ӯ сураташро бо кафҳояш пӯшонду пушт ба ман кард.

Дастонамро дар миёнаш ҳалқа кардаму ӯро ба сӯи худ кашидам, ғофилгир шуд ва монанди хорпушт ба худ печид. Дастҳоямро боло бурдам, қалбаш девонавор метапид...

-Раҳоям кун, биравам... Лутфан.

-Маро бо худ мебарӣ?

-Куҷо бубарам?

-Куҷое, ки худат меравӣ.

Дудила буд, мегуфт раҳоям кун, аммо ҳайкали зебояш аз ман канда намешуд. Саранҷом аз оғӯшам берун рафт.

-Ба думболам биё, - гуфт.

-Чашм!

-Фақат ду-се қадам фосила бигир, ҳамсояҳоям мардуми шоеасозанд.

Дар ин шоми тира ба думболи суроби баланду борики ӯ пой бар ҷодаи ношинос мегузоштам. То ҳол хаёл мекардам ин қаламрав, то саргаҳи рустоҳо, ҳудуди бозори умдафурӯшист ва он ҷо на ҳавлие вуҷуд дораду на сохтмоне. Саранҷом

Зартор дар даромадгоҳи як бинои бисёр қадимӣ манъ шуд, таку танҳо буд он сохтмон, мисли як киштии шикаста дар васати баҳри бекарон. Ҳатто пардаи тираи шом низ наметавонист фарсудагии биноро пинҳон кунад. Зартор дар рӯшноии чароғи даромадгоҳ ба сӯи ман нигоҳ карду бо аҷала ба сохтмон ворид шуд. Duздона ба думболаш рафтам, ӯ ба ошёнаи аз ҳама охир, ошёнаи чаҳорум буд ё панҷ, дуруст ҳисоб накардам, баланд шуд. Садои тоб хӯрдани калид аз дари тарафи рост ба гӯш мерасид. Ман бо қадамҳои бесадо ба ошёнаи мурод расидам ва худро аз дари нимабоз бо аҷала ба дарун задам. Чароғи долонро рӯшан накард, ҳеҷ чароғеро дар он хона рӯшан накард. Дурахши чашмони дудиашро дар партави нури моҳи комил медидам. Нур аз панҷараи ҳуҷраи дасти рост ба рӯи тахти хоб мерехт ва хонаро лоҷвардӣ мекард. Хонаи Зартор шабеҳи хонаи арӯсакҳо кучак буд, аммо он шаб барои ман бузургтар аз тамоми дунё менамуд.

Дигар тоби интизор надоштам, ӯро маҳкам бағал кардаму аз сурати зебояш бӯсидам. Таслими ман шуда буду садо намебаровард, фақат қалбаш дар ҳар ҷойи баданаш дил мезад ва нафасгир мешуд. Саранҷом, ӯро рӯи даст то тахти лабрези нури моҳ бурдам. Ҳайкали зебо ва қаҳварангаш дар рӯшноии моҳи комил ба гунае медурахшид, ки ингор нур аз тани ӯ берун меомад. Бо ташнагии мусофири як кавири хушкида, ки баъди рӯзҳо ба чашмае расидааст, лаб бар лабҳои доғаш гузоштаму саргиҷа гирифтам. Ҳеҷ шаробе дар дунё маро ба андозаи ин бӯса сармаст накарда буд...

Ӯ маро дар хурӯсфарёди аввал аз хонааш берун кард. Аз бағалам берун омаду бӯса ба суратам зад.

-Акнун бирав,- гуфт.

-Чаро? Ҳоло субҳ надамидааст.

-Пеш аз дамидани субҳ бирав, ҳамон тавр, ки омадӣ, бесадову нонамоён.

-Туро ба Худо, бимон бихобам.

-Агар ҳоло наравӣ, дигар ҳаргиз остонаи ин хонаро убур намекунӣ.

Гӯё ба сарам як сатил оби хунук рехтанд. Бо аҷала аз тахти хоб баланд шудам. Шаб дар авҷи иштиёқ либосҳоямро ҳар ҷое рост омад партофтам ва акнун дар ин торикӣ ба замин даст мезадаму шиму курта меҷӯстам. Моҳ низ рафту рӯш- ноиро бо худ бурд. Зартор ба ҳеҷ далел нахост чароғро рӯшан кунам. Аммо чашмони дудиаш мисли чашми гурба дар торикӣ ҳама чизро медид. Либосҳоямро зуд пайдо карду бо ман то дами дар омад.

-Лутфан, бесадо бирав.

-Ту аз чӣ метарсӣ?

-Аз ҳама чӣ... Сареъ бирав, ба пуштат нигоҳ накун.

-Агар нигоҳ кунам, ҳайкали санг мешавам?

-Лутфан...

-Меравам, аммо фардо шаб меоям, монанди соя бесадо меоям, дарро боз мегузорӣ?

-Фақат фардо не.

-Пасфардо?

-Бошад, пасфардо биё, баъд аз нимашаб биё, касеро дар гирду атрофи сохтмон дидӣ, ба қафо баргард, фаҳмидӣ?

-Фаҳмидам. Хостам ӯро бори дигар бибӯсам, худро канор кашиду дарро бесадо боз кард, ман ҳам дам ба дарун задаму бесадо аз паллаҳо пойин шудам. Намедонам ӯ аз чӣ метарсид, аммо тарсу ҳароси ӯ рӯи ман низ таъсир мегузошт. Аз он бино берун шудаму нафаси амиқ кашидам. Хаёл кардам, даҳҳо чашм аз панҷараҳои кӯри ин бинои фарсуда ба ман зул мезанад, то аз кадом хона берун шуданамро машаххас кунанд. Дурустии мақоли Ҳуснигул, «duздиву ғарӣ пушти саргини гов» - ро ҳамин шаб дарк кардам. Зане бо даҳону димоғи баста хомӯшии шабро бо садои хаш-хаши ҷорӯби ба қади худаш баробар рахна мекард ва хоки замини асфалташ фарсударо ба осмон мебардошт. Маро диду манъ шуд ва чодари даври даҳону димоғашро пойин фаровард. Сохтмони

фарсуда ҳамагӣ ду даромадгоҳ дошт. Зани ҷорӯбкаш надид ман аз куҷо берун омадам, аммо яқин кард, ки ман дар кадоме аз ин хонаҳо будам. Сарамро то ҳадди имкон пойин андохтаму бо қадамҳои бузург аз ӯ дур шудам. Даҳ қадам задаму ба ақиб нигаристам, он зан ҳанӯз ҳам аз ман чашм намеканд.

Дар дами бозори умдафурӯшӣ ба соат нагаристам, ақрабак чаҳори субҳро нишон медод. То оғози қабули беморон чаҳор соат вакт доштам. Қарор кардам, ки дар мошин бихобам. Дишаб дар он шавқу шӯр хоб аз гӯшаи чашмам ҳам нагузашт ва ҳоло пилкҳоям раҳ ба раҳ баста мешуданд. Сандалии пеши мошинро пойин овардаму дарҳол хобам бурд. Аҷаб оромиши гуворое доштам, гӯиё солҳо дар интизори ҳамин хоб будам.

Ба дармонгоҳ даҳ дақиқа дер расидам, сареъ душ гирифтаму либосҳои кориамро пӯшидам ва шиму куртаамро ба хушкшӯии муқобили дармонгоҳ фиристодам. Телефонам хомӯш буд, касе аз хона бо ман дар тамос намешуд. Ин хомӯшии мармуз шабеҳи хомӯшии пеш аз тӯфон буд. Аммо ман дар мавҷҳои дигаре шино мекардам, мавҷҳои баланду хурӯшони як баҳри навпайдо, ки на дасти ҳамсарам ба он мерасид ва на пойи модарарӯсам. Бегоҳ, вақте дармонгоҳ баста мешуд ба нигаҳбон гуфтам, ки шаб дар утоқи кориам мемонам. Аз хушҳолӣ бол даровард, ҳатто фурсат надод аз ошхонаи паҳлуи дармонгоҳ ғизо бигирам, гуфт кори воҷиб дорад ва масъулияташро ба ман вогузор карду рафт. Нигаҳбонро солҳо боз мешиносам, номи аҷибе дорад - Ханҷар. Ҳамаи панҷ бачаашро ман муолиҷа мекунам. Ҳамсараш ҳар сол тифл ба дунё меорад, бачаашро аз сина ҷудо нокарда дубора обистан мешавад ва шир дар пистонаш мебурад. Кӯдаконаш бо як даста маризӣ ба дунё омадаанд ва агар як ҳафта сиҳат бошанд, ду ҳафтаи дигар доруву дармон мегиранд.

Нигаҳбон марди хушқиёфаву хушлибос аст, чеҳраи ҷиддӣ дорад, мисли мақомдорҳо шиму костюм мепӯшаду галстук мебандад. Агар ӯро нашиносӣ ва дар хиёбон бу-

бинӣ, хаёл мекунӣ, ки ё бонкдор аст, ё раиси ноҳия. Либосҳои расмии Ханҷар ба дармонгоҳи мо, ки бошандагонаш бачаҳои табдору фискашоли олуда ба сурхакону кабудсулфа ҳастанд, мувофиқат намекунад. Аммо парасторҳо ва ҳатто пизишкҳои муҷаррад дар ҳузури ӯ сурху сафед мешаванд.

Ӯ дар ҳуҷраи паҳлуи дари вурудӣ барои худаш утоқи муҷаҳҳазе сохтааст. Яхчол дораду телевизор, тахти хобу курсии роҳат. Ҷойи кораш низ мисли худаш тозаву олуфта аст. Гурусна будам. Аз яхчол ду-се пора қатламаи обаш парида ёфтаму бо чою шоколад хӯрдам ва бехабар дар сандалии роҳат хобам бурд. Нигаҳбон шаб барнагашт. Аммо саҳар китфамро оҳиста такон доду маро бедор кард. Нури чароғ чашмонамро сӯзонд.

-Соат чанд аст? - пурсидам бо чашмони нимабоз.

-Бомдод шуд, - гуфт Ханҷар бо оҳанге, ки гӯиё маро барои намоз бедор мекард. Хаставу хоболуд буд.

«Ин бечораро ҳам эҳтимол монанди ман дар хурӯсфарёди аввал аз хона берун кардаанд».

- Роҳат бош, метавонӣ ҳамин ҷой бихобӣ.

-Утоқи худам меравам, рӯи конопе мехобам.

-Мамнун, духтур, барои имшаб, кори савоб кардед... масълаи бисёр муҳим ҳал шуд...

-Шуморо дарк мекунам... Ҳар вақт зарур шуд, хабар диҳед, барои иҷрои кори савоб омодаам. Ин ҳарфҳоро бо танз мегуфтам, аммо нигаҳбон сарфаҳм намерафт, ду даст дар зери ноф ба замин нигоҳ мекарду мисли муллоҳо сар такон медод.

-Бале... Кори савоб кардед.

Ду шаб боз дар хона набудам, ҳоли қанориам чӣ шуда бошад? Мехостам сари по бираваму обу донашро иваз кунам, аммо эҳсос мекардам, ҷанҷоли бузурге шабеҳи хамири расида дам кардаву аз лаби карсон сар задааст ва агар биравам, онҷо дармемонам. Имрӯз чаҳоршанбе аст, ба ҳеҷ ваҷҳ

намехоҳам ҷойе гир кунам, бояд Зарторро бубинам, ҳатто агар осмон ба замин саросер шавад.

Нимашаб, вақте ба сохтмони фарсуда наздик мешудам, соати дастиам 00:00-ро нишон медод. Дар гузашта аз ин чаҳор сифри бесоату бедақиқа метарсидам, ингор дар фазои бидуни замон меафтидам, аммо ҳоло зеҳнам даргири таъкидҳои Зартор буд, ки мегуфт, «нонамоён биё, мувозиби атроф бош, агар касеро назди сохтмон дидӣ, сареъ ақиб бигард».

Дар торикии шаб аз ҷодаи борику валангор ва аз зери дарахтони анбуҳ ба сӯи он хонаи фарсудаи панҷараҳои тирааш монанди чашми кӯр ва балконҳои кучакаш монанди лонаҳои матрукаи парандагони мусофир қадам мебардоштам. Саропо гӯшу ҳуш будам, ба ҳар садо гӯш медодам ва ба ҳар соя зул мезадам, то чизе аз назарам дур намонад. Хиёбон холӣ буд, роҳ ба сӯи дари нимабози Зартор низ. Дам ба дарун задаму то ошёнаи охир баланд шудам. Дар долони торик чашмонамро ҳадалимкон боз кардам, то суроби соҳиби ин хонаи мармузро бубинам. Аммо долон ҳамоно суту кӯр буд. Танҳо бӯи нозуки атри ошно мегуфт, ки соҳибхона ин ҷост. Ногаҳон дари дасти рост боз ва хона аз партави моҳи комил лоҷвардӣ шуд. Ин бор ӯ маро ба тахти лоҷвардӣ бурд ва мо гоҳ дар замину гоҳ дар осмон ба дунёи афсонавӣ, ки дар ин бинои фарсудаву машкук барои худ сохта будем, фурӯ рафтем.

Мисли дафъаи гузашта маро бо хурӯсфарёди аввал аз хонааш берун кард. Гуфт, бесадо биравам, манъ нашавам ва ба пуштам нигоҳ накунам.

-Имшаб меоям...

-На имшабу на фардо шаб... Шаби душанбе биё.

-Баъд аз панҷ рӯз? Лутфан қуюди шабгардӣ эълон накун, мехоҳам ҳар лаҳза бубинамат.

Ба ман фурсати эътироз надод, ангушт ба лаб бурду аз дар берунам кард.

Рӯзи пуркоре буд имрӯз. Волидон одат доранд муроҷиат ба пизишкро ба рӯзи ҷумъа мавқуф гузоранд, аз ин рӯ аз саҳар

долон пур аз сулфаҳои бевақва ва гиряи кӯдакони мариз буд. Аммо ҳеҷ чизе ба андозаи бозгашти ногузир ба он хонаи пур аз буғзу ҷанҷол маро афсурда намекард. Се шаб боз дар хона набудам, дилам барои бачаҳоям танг шуда буд, аммо ҳатто дидори бачаҳоям маро ба он макон дилгарм намекард.

Аз хиёнат ба ҳамсарам эҳсоси пушаймонӣ надоштам, ҳеҷ эҳсосе надоштам, ҳатто ба думболи тавҷеҳ набудам. Издивоҷи мо шабеҳи як ҷисми дар ҳоли кумои амиқ аст, ки таконҳои гаҳ-гоҳиаш ба назар чун аломати бозгашт ба зиндагӣ менамояд, вале дар асл интизори ҳукми ҳазрати ҳақ аст, ки бигӯяд: «Бемор дар фалон соату дақиқа мурд». Талоқи мо ҳам як амали ногузир аст, имрӯз сурат нагирад, фардо ҳатман матраҳ мешавад. Бигзор, ҳамин бегоҳ тамом шаваду ману қанорӣ аз он хона бизанем ба берун.

Дар роҳ ба сӯи таваққуфгоҳ нигаҳбонро дидам, ӯ баъд аз ҳамон шаб бо ман монанди як дӯст рафтор мекард.

-Ака, шумо намедонед, касе дар ин атроф хона иҷора медиҳад?

-Барои як оила?

-Не... Барои як нафар.

-Зан ё мард?

-Мард.

-Опортмон ё ҳавлӣ?

-Опортмон.

-Барои чанд муддат?

-Барои муддати мадид...

Ханҷар мисли агенти иҷораи хонаҳо маро хеле бозпурсӣ кард ва каме машкук шуд.

-Барои худат мехоҳӣ?- пурсид ӯ ниҳоят.

-Бале, барои худам мехоҳам, мехоҳам як муддат аз хонаводаам ҷудо зиндагӣ кунам. Илтимос, гап байни худамон монад.

-Нигарон набош, духтур, мо аҳли фаҳмем... Кай мехоҳӣ кӯч бандӣ?

-Ҳарчӣ сареътар, ҳатто имшаб.

-Як ду шинос дорам, ҳо дар ана ҳамон бинои навсохт хона иҷора медиҳанд.

Нигаҳбон ба самти бинои чаҳордаҳошёна ишора кард. Хеле қашанг буд, ҳамеша орзу мекардам аз он баландӣ шаҳрро тамошо кунам.

-Олӣ аст!

Шумораи телефонамро ба нигаҳбон додаму гуфтам ҳар вақт хона пайдо шуд, шаб аст ё рӯз, бо ман дар тамос шавад.

Дари хонаамро натавонистам бо калид боз кунам, аз дохил баста буд. Ҳамсарам дарро амдан бастаст, медонист имрӯз не, пагоҳ бармегардам, ҳадди ақал барои либосҳоям.

Аммо маро дар остонаи дар диду шах шуд. Чеҳрааш дар арзи чанд сония чандин эҳсосро иваз кард, аз тааҷҷуб то нороҳатӣ, аз ғазаб то нафрат. Вонамуд мекардам, чизе нашудаст, ҳуллаву сарчоқро аз хонаи хоб бардоштаму ба душ даромадам. Ҳар рӯз дар маҳалли кор душ мегирифтам, аммо роҳат набудам аз нигоҳи кунҷковонаи тамизкорҳо, ки бомдод барои поккорӣ меоянд, хиҷолат мекашидам. Ва ҳоло зери оби ширгарм пушти дари баста, дар танҳоӣ бо худ ҳаловат мебурдам. Аммо ҳаловати ман дар ҳамон чаҳорчӯби хонаи шишагӣ тамом шуд, аз душ берун шудаму модарарӯсамро дидам.

«Салом», - гуфтам. Посух надод. Мехостам аз паҳлуяш рад шаваму ба балкон биравам, аммо он хирмани гӯшт аз сандалӣ бархосту бо ҷуссаи бузургаш пеши роҳамро баст. Дар пушти сандалии ӯ падарарӯсамро дидам, ки мисли гунаҳкорҳо бо сари хам менишаст. Модарарӯсам аз остини хилъатам кашид.

-Исто, писар, куҷо бо ин аҷала, мо ҳоло бо ту кор дорем!

Дасташро боодобона аз худ дур кардам.

Чашмони ҳамсарам, монанди чашмони бачаи мадрасаӣ, ки барои муҷозоти озордиҳандааш пуштибон овардааст, аз ҳаяҷон барқ мезад.

-Бигӯед, мешунам, - гуфтаму ба сандалии рӯ ба рӯи падарарӯсам нишастам. Ӯ хиҷолатомез ба ман салом дод.

-Ту духтари моро бесоҳиб хаёл кардӣ?

-Ман асло чунин фикр надорам, модар, Шумо бо ҳузури ҳамарӯза дар ин қаламрав имкони чунин фикреро ботил мекунед.

-Яъне, ҳоло ту ба ман таъна задӣ!

-Мушкили Шумо чӣ аст, аз ман чӣ мехоҳед?

-Гӯш кун, писар, ин духтар бесоҳиб нест, падару модаре дорад, ки мисли кӯҳ пушташ истодаанд, фаҳмидӣ?

-Бовар кунед, духтари шумо ба ҳимоятгар ниёз надорад, ӯ ҳар касеро дилаш бихоҳад, зинда ба зинда мехӯрад! Баъдан, мо дар остонаи талоқ қарор дорем, қазияамон дар додгоҳ аст, инро духтари шумо медонад.

-Кадом талоқ? Кӣ ба ту талоқ медиҳад?

Ӯ бо чашмони рез ба ман нигоҳ карду муште ба рӯи миз зад. Кӯза ва истаконҳои булурини рӯи миз аз ин мушти сангин ба ҳам бархӯрда, садо баровარданд. Сӯрохиҳои димоғи модарарӯсам аз асабоният пасту баланд мешуд. Рангаш ба андозае кабуд шуд, ки ба назарам ҳамаи узвҳо аз сураташ нопадид шуданд ва танҳо зарқу барқи гӯшвора ва гарданбанди сангинаш боқӣ монд. Ангуштони ҳасибмонандаш дар кафҳояш ба ҳам гиреҳ мехӯрданд. Омода буд маро хафа кунад.

-Ман талоқ мехоҳам, барои талоқ ариза додам, дигар дар ин фазои буғранҷи пур аз заҳр зиндагӣ намекунам, фардо аз ин ҷо кӯч мебандам.

-Ту ғалат кардӣ! Талоқро дар хоби шабат мебинӣ! Ту моро гов хаёл кардӣ? Ду бачаро ба гардани духтари бечораи ман бор кардиву акнун талоқ мехоҳӣ? Қаҳри маро наёр, ки шармандаву беобрӯят мекунам, коре мекунам, ки дар ягон дармонгоҳ кор наёбӣ!

- Лутфан даст аз сари ман бардоред. Агар мушкили шумо бачаҳо бошанд, ҷойи нигаронӣ нест, бачаҳоямро худам бузург мекунам.

Падарарӯсам то ин дам ба баҳс ҳамроҳ намешуд, аммо зиёдаравии ҳамсарашро диду ба гап даромад. Ӯ як марди зардинаи лоғарандоми касалнамо аст. Тамоми аъзои сураташ баръакси чеҳраи ҳамсараш аст. Гӯиё ин ду нафар барои танавои суратҳо бо ҳам издивоҷ кардаанд. Ҳеҷ намегӯӣ ширкати тиҷорӣ дораду ними умраш дар Туркияву Дубай мегузарад. Бештар шабеҳи муаллими мактаби музофот аст, то як тоҷири пулдор. Намедонам, ин зан кадом рози сар ба муҳри ӯро медонад ва бо чӣ таҳдиде ӯро пойбанди худ кардааст, ки аз занаш сахт метарсад.

-Писарам, вазинин шавед, оиладорӣ тасмимҳои аҷулонаро намепазирад, имрӯз ҷанг кардед, фардо боз оштӣ мекунед. Қоидаи заноншӯӣ ҳамин аст... Фикри бачаҳоро кардан даркор, дар ин солу замонаи ноором бачаҳо бе назорати падар чӣ мешаванд? Шумо духтур ҳастед, инро беҳтар аз дигарон медонед. Сад гапу хабар аст...

-Амак, бовар кунед, то ин ҷо ҳам хеле таҳаммул кардам, шумо духтари худро мешиносед... Мо ба ҳам намеоем. Ман интизороти ӯро бароварда натавонистам, монед ҷудо шавем, ҷавон аст, бовар дорам марди беҳтаре пайдо мекунад.

Падарарӯсам сарашро ба нишони «ман туро дарк мекунам» такон дод, аммо нигоҳи хашмолуди ҳамсарашро диду ба самти ӯ сар ҷунбонд.

Ҳамсарамро бо волидонаш танҳо гузоштаму ба балкон баромадам. Писарам интизори ҳамин лаҳза буд, ки ба думболам омаду худро ба бағалам андохт.

-Қанорӣ мариз шудаст, дигар намехонад, ғизо ҳам намехӯрад, дирӯз барояш обу дон додам, чизе нахӯрд.

-Мариз нест, писарам, фақат дилаш барои ман танг шудааст...

-Ман ҳам Шуморо ёд кардам, дигар наравед...

-Нигарон набош, писарам, куҷое рафтам, туро бо худ мебарам. Бо ман меравӣ?

Чашмони писарам аз шодӣ барқ заданд.

-Бале, меравам...

Шаб бо писарам дар тахти ман хобидем. Аммо ними шаб аз навозишҳои аҷибе дар пушту паҳлуям бедор шудам, нимхобу нимбедор хаёл кардам писарам ҷумбуҷул дорад, аммо дастҳои навозишгар пойинтару амиқтар рафт ва ман башиддат рӯи тахт нишастам. Дар рӯшноии чароғи балкон ҳамсарамро дидам, ки бо гесувони бозу тани урён худро ба ман ҷафс мекард.

-Чӣ кор мекунӣ?

Гӯиё ҳарфамро намешунид, канори ман дароз мекашиду бозувонамро мебӯсид. Ӯро ба оромӣ аз тахти хоб дур кардам. Намехостам дубора ба ҳамон доми ҳамешагӣ биафтам.

Авзояш беҷо шуд, нафастангӣ гирифт, гӯиё ба кӯҳи баланде боло мешуду камбуди оксижен дошт.

-Ту... ба ман... хиёнат кардӣ...

-Ҳанӯз коре накардаам, аммо, агар фурсате пеш омад, ҳатман ин корро мекунам...

-Аз ту бӯи зани дигар меояд...

-Кадом бӯй? Ҳамин аср душ гирифтам.

-Душ ба ин ҳеҷ рабте надорад...

-Чӣ ба чӣ рабт дорад, ақли кулл?

-Ту ба ман хиёнат кардӣ, ман инро аз лаҳзаи ба погаҳи дар қадам гузоштанат эҳсос кардам, аз чашмонат хондам...

-Чӣ хондӣ аз чашмҳои ман?

-Чашмонат шабеҳи чашми гурбае буд, ки тамоми шаб саршири лесидааст...

-Намедонистам, ки илми ғайбро ҳам баладӣ.

-Гӯш кун, чӣ мегӯям... Мутмаин бош, он занро пайдо мекунаму пой дар гулуяш мегузорам, то ҳаваси рабудани шавҳари мардум аз сараш дур шавад!

- Ту девона шудаӣ!? Як бор ҳам шудааст, ки мантиқӣ фикр кунӣ? Ман дигар бо ту зиндагӣ намекунам. Мефаҳмӣ? Ҳамон тавр, ки гуфтам, аз фарзандонам рӯ намегардонам, ба шумо ёрӣ мерасонам, беш аз пеш. Агар розӣ бошӣ, ба-

чаҳоро бо худ мебарам, онҳоро якҷо бо модарам бузург мекунем... Ту барои худат зиндагии ҷадиде бисоз, хушбахт шав. Мову ту аввалин ҷуфте нестем, ки аз ҳам ҷудо мешаванд. Мардум аз ҳам ҷудо мешаванд, боз ёру рафиқ мемонанд, бачаҳояшонро якҷо бузург мекунанд. Мо ҳам метавонем ҳамин корро кунем.

-Чигуна тавонистӣ бо зани дигар робита кунӣ? Магар ман бароят кофӣ набудам?

Ҳамсарам ҳарфи маро намешунид, қаҳру аламаш шабеҳи вулқони бедоршуда ҷӯш мезад, ба назарам аз чашму сару даҳонаш шарора меҷаҳид. Ӯро дар ҳолатҳои девонагӣ дида будам, аммо на дар ин ҳад. Росташ, аз авзояш тарсидам.

- Ту ҳанӯз маро нашнохтаӣ, туро пушти панҷара мебараму талоқ намедиҳам!

-Ҳар коре мехоҳӣ, бикун, бало ба пасат.

Пушт ба ӯ кардаму болопӯшро ба сарам кашидам.

Кӯрпаро ба тундӣ аз сарам дур кард.

-Он зан туро бо чӣ ин қадар маҷнуну шайдо ва аз хона гурезон кардааст? Оғӯши ӯ ширинтар аз оғӯши ман аст, ё нағмаҳоеро балад аст, ки ман намедонам???

-Мемонӣ бихобам? Фардо бояд кор биравам!

-Сар аз ин лаҳза хобро дигар дар хоб мебинӣ, рӯзатро сиёҳ мекунам, мутмаин бош, он фоҳишаро низ меёбам!

Хобам аз сар парид, ба ӯ нигоҳ мекардаму дар тааҷҷуб будам. Ин зан ҳамсари ман набуд, модараш буд, ки дар қолаби духтараш ба ман таҳдид мекард.

Ногаҳон нафрати беандоза ва як ҳолати дар садади дилбеҳузуриро эҳсос кардам. Аз ҷой бархостаму ӯро ба тундӣ аз дар берун андохтам. Вақте дарро мебастам нигоҳам ба бачаҳоям афтид, ки ҳар ду бо чашмҳои аз ҳарос бузургшуда пушти дар ях баста буданд. Ҳамсарам девонавор наъра мекашид, парвои ҳаққу ҳамсоя надошт, кӯдакҳояшро намедид. Барои бачаҳоям нороҳат будам, ки фоҷиаи зиндагиам

ба зеҳни нопойдори онҳо латма мезад ва дар равонашон нақши нозудуданӣ мегузошт…

Саҳар бо қотеияте аз хона берун шудам, ки то рӯзи талоқи расмӣ дигар поямро ба остонаи ин дар намегузорам. Нигаҳбон ҳам бароям хабари хуш овард. Опортмони якҳуҷрагӣ дар ошёнаи чордаҳуми бинои навсохт холӣ аст.

-Соҳибаш инсони хуб аст, пулашро сари вақт бигирад, ба ту кор надорад, фузул нест, киро меорӣ, чӣ кор мекунӣ, кунҷковӣ намекунад.

«Бале» гуфтаму нигоҳамро аз ӯ гурезондам. Ман, охир, ин опортмонро ба хотири Зартор иҷора мегирам, вагарна ҳеҷ ҷойе беҳтар аз хонаи модарам нест! Мехоҳам Зарторро ба опортмони иҷора биёрам, ӯ бе тарсу ҳарос бо ман дарди дил кунад ва ман армонҳои нашкастаамро дар ӯ бишканам.

Соҳиби хона калидро ҳамон бегоҳ ба ман дод.

Хонаи иҷора тозаву муҷаҳҳазу замонавӣ аст ва дару деворaш ҳанӯз бӯи рангу ширеш мекунад. Долонҳои қолинпеч дораду лифти муҷаллали оинабандӣ. Мусофирон метавонанд қаду басти худро аз чанд паҳлу дар оина тамошо кунанд.

Лифти сохтмони нуҳошёнаи мо ҳам як замон кор мекард. Як кобинети шикаста буд, аммо сокинонро болову поён мебурд. Баъд абзори тафреҳи бачаҳо шуд, саранҷом аз кор монду бошандагон лифтро бо ҷиҳози нодаркори худ, ки дилашон намешуд ба партовгоҳ бубаранд, пур карданд.

Хонаи нав хушам омад, махсусан дари вурудиаш, ки бо чип боз мешавад. Акнун бояд ба хона бираваму васоиламро бигирам ва боз Наворо бо худ биёрам. Аммо аз ҷанҷол метарсидам... На ин, ки метарсидам, ҷангро намехостам.

Қуфли дари хона бо калиди ман боз нашуд. Ҳамсарам қуфлро иваз кардааст. Ноилоҷ зангро пахш кардам.

Дар нимабоз шуд, дидам, ки бар иловаи қуфли нав ба дар зулфак ҳам задаанд.

-Чӣ мехоҳӣ? - пурсид ҳамсарам аз дари нимабоз.

-Омадам васоиламро бигирам.

Зулфаки дарро боз карду аз дами дар дур нашуд. Аз зери абрӯвони баланд бо алам ба ман нигоҳ мекард, чонааш меларзид. Қаҳру ғазаб набуд дар он қиёфа, сарзаниш набуд, таъна ҳам набуд, танҳо алам буд, алами кӯдаке, ки бозичаи дӯстдоштаашро аз ӯ гирифтаанд.

Ниме аз сурати писарамро аз паси домони модараш дидам, дуздида ба ман нигоҳ мекард, вале наздик намеомад. Ҳамон як чашми намоёнаш хумори гиря дошт. Духтаракам Шаҳрбону бо ҳамон мӯйҳои пахмоқу арӯсаки якпо, бо даҳони нимабоз ва бо таҳайюри барои як кӯдаки сесола ғайримаъмул гоҳ ба ман нигоҳ мекарду гоҳ ба модараш. Тасвири риққатоваре буд! Гӯиё аз қабл барои шармандагии ман саҳнасозӣ шудааст. Аммо ҷаълӣ набуд, воқеӣ буд, ҳам пир-пири чонаи ҳамсарам, ҳам нигоҳи маҳзуни писарам ва ҳам тааҷҷуби духтарам. Аз хиҷолат арақ кардам.

Саранҷом ӯ худро як тараф кашиду пушт ба ман дар яке аз хонаҳо нопадид шуд. Рафтораш аҷиб буд, тамоюл ба ҷанг надошт. Чун дафъаи қаблӣ, монанди нурафкани зиндон ҳар як ҷумбишамро думбол намекард. Бояд аз ин оромиш хушҳол мешудам. Аммо нигарон будам. Қаблан рафтораш бароям қобили пешгӯӣ буд, арбада мекард, чанд ҳафта қаҳрӣ мегашт, сипас меҳрубон мешуд ва баъд бармегашт ба ҳолати аввала. Аммо бо гунгбозие, ки ҳоло ба роҳ андохтааст, намедонам аз ӯ чиро бояд интизор шавам.

Васоиламро дар ду ҷомадони бузург ҷамъ кардам, либосҳои зимистонаро дертар мегирам.

Наво маро дид хушҳолона чиррос зад, болҳояш монанди боддиҳак паҳн шуданд ва аз шодӣ дар имтидоди чӯби дорбозӣ чапу рост мерафту меомад.

Аввал ҷомадонҳоро то мошин бурдам, вақте барои қафаси Наво баргаштам, хона ба андозае сокит буд, ки гӯиё дар он ҷони зиндае набуд. Мехостам бачаҳоямро бубинам.

-Шаҳриёр, пешам меоӣ?

Хона ҳамоно сокит буд, касе ҷавоб намедод.

-Шаҳрбону?

Чанд дақиқа сабр кардам, касе ба суроғам наомад, нилоҷ қафасро аз замин бардоштам. Пой ба берун гузошта будам, ки дари вурудиро аз паси ман бесадо бастанд. Хаёлам саҳифаи зиндагии ману ҳамсарам варақгардон шуд.

Аз паллаҳо бо қадамҳои сангин ва бо шонаҳои хамида пойин мерафтам. Шабеҳи касе набудам, ки моҳҳо ба думболи фирор аз ин хона буду ҳоло мебоист аз хушҳолӣ бол дармеовард. Ин эҳсосро надоштам, бештар шабеҳи як сарватманди варшикаста будам, ё шабеҳи мусофире, ки ҷомадони гаронбаҳояшро, бо пулу молу аснод, дар фурудгоҳ гум кардааст.

Буғз доштаму мехостам рӯи ин паллаҳо бинишинам ва гиря кунам. Барои фарзандонам, ки акнун чеҳраи онҳоро аз дур, аз паси панҷараи боғчаи бачаҳо мебинам ва аз дидани марҳилаи наврасиву балоғати онҳо маҳрум мемонам... Шояд тадриҷан маро фаромӯш кунанд, меҳрашон канда шавад ва шавҳари нави ҳамсарамро падар бигӯянд... Чи тазодде! Мондан бароям инҷо нобудии тадриҷӣ аст, рафтан аз ин ҷо шохаву решаҳои худро нобуд кардан.

Хонаи ҷадид бо ҳама қашангиҳояш бӯи танҳоӣ мекард. Хаёлам, ки аз балкон ба хона надароям. Шаҳри чароғон дар бағали силсилакӯҳҳои барфпӯш мисли алмос дар сандуқи ҷавоҳирот медурахшид. Осмони пурситора он қадр наздик буд, ки гӯиё даст дароз кунӣ, ба тоҷи ситорае мерасад. Шаб зиштиҳои рӯзро пинҳон мекард, ҳамон тавр, ки ороишгар сурати дуруштро ба андозаи нашнохтанӣ шигифтангез мекунад. Балкони муҷаҳҳази барҳаво ва ба андозаи як хона бузург, соябон дошту сандалии роҳат, мизу курсиҳои замонавӣ ва хокистардону як қуттӣ сигори Davidoff. Ман одами сигорӣ нестам. Дар даврони донишҷӯӣ гоҳо ҳавасакӣ бо дигарон дуд медодам, аммо одат накардам. Шояд руҳиям имшаб барои сигоркашӣ мусоид буд, ки беихтиёр қуттиро боз кардам. Бехабар мондам, ки чигуна зерсигорӣ пур аз хокистар шуд. Наво дар манзили ҷадид ба сахтӣ одат мекард,

аз балкони боз ва осмони пурситора метарсид ва аз ҳар садо такон мехӯрд. Ба гӯшаи дури қафас мехазиду сарашро ба гардан фурӯ мекард ва гумон дошт, ки, агар касеву чизеро набинад, аз назарҳо пинҳон мемонад.

Имшаб бо Зартор қарор дорам. Бояд ӯро ба хонаи ҷадид биёрам, бо ӯ барномаи ояндаро тарҳрезӣ кунам. Дар масири ошно ба самти ҳамон хонаи фарсуда, ки хаёлам, агар як сути баланд бизанам, даҳҳо зоғу калоғ аз тирезаҳои тирааш берун мепарад, қадам мебардорам. Дар ин хиёбони торик ман ҳастаму садои кафшҳои бесадоям ва кирмҳои шабтоб, ки гоҳ ин ҷову гоҳ он ҷо медурахшанд ва ба модинаҳои худ паёми ҷуфтгирӣ медиҳанд.

Ман аз ҳамон дари нимабоз ба ҳамон хонаи кучаки шабеҳи манзили арӯсакҳо ворид шудам. Бесадо якдигарро бағал кардем ва дар партави моҳ, ки акнун дошт кучактар мешуд, монанди гулҳои ишқи печон дар бағали якдигар танида шудем.

Мехостам лаб боз кунам ва аз опортмони ҷадид бигӯям. Аммо ангушт ба лаб гузошту бо ишора ба девор «ҳшш» гуфт.

-Бо ту кор дорам, фардо ба бозор меоям, соати шаши бегоҳ…

Сар такон дод, ки «фаҳмидам».

Интизор нашудам, ки маро дар хурӯсфарёди аввал аз хонааш берун кунад, бесадову duздона аз он сохтмон берун шудам. Ман акнун хона доштам ва бо дили пур ба хонаи ҷадидам баргаштам.

Рӯзи дигар, баробари тамом шудани соати қабули беморон, ба бозори умдафурӯшӣ рафтам. Маро диду бо ишораи чашм «ба думболам биё» гуфт ва бо аҷала ба тарафи рустои ошно ҳаракат кард. Дар пайроҳаи байни деҳкадаву бозори умдафурӯшӣ истод.

-Ман аз хона рафтам... барои ҳамеша...

-Чаро?

-Аз он он зиндагӣ дили хуше надоштам... ба ҳамин далел рафтам... Писарам маро диду маҳзун шуд, гиряаш омад... дилам ба ҳолаш сӯхт.

Ин ҳарфҳоро мегуфтаму ашкҳоямро ба сахтӣ фурӯ мебурдам ва аз худаму садои ларзонам мутанаффир будам.

Зартор бо тааҷҷуб ба ман нигоҳ мекард, намедонам аз зеҳнаш чӣ мегузашт, аммо чизи хубе намегузашт. Ман заъфамро бо тамоми «шукӯҳу шаҳоматаш» ба ӯ намоиш медодам.

-Моҳҳо барномаи рафтанро мекашидам, билохира ду рӯз пеш аз он хона рафтам. Аммо... намедонам чаро ҳолам беҳ намешавад. Хаёлам, ба бачаҳоям хиёнат кардам...

Зартор хомӯш буд, гӯиё, агар як калима бигӯяд, тамоми масъулияти аз хона рафтани ман бар души ӯ бор мешавад.

Гуфтори ман мисли беморони гирифтори ихтилоли равонӣ орӣ аз иртиботи мантиқӣ буд.

Аз афсурдагиам пеши ӯ шикоят кардам ва баъд гуфтам:

-Бо ман меоӣ?

-Куҷо?

-Ба хонаи нави ман. Ҳар шом бо ҳам дар балкон қаҳва менӯшем, шаҳрро аз баландии ошёнаи чордаҳум тамошо мекунем, баъд ба чорзарби Наво гӯш медиҳем. Қанорие дорам бо исми Наво, мисли булбул мехонад. Ва ман туро рӯи даст ба хонаи хоб мебарам ва то саҳар дар гӯшат афсонаи ишқ мехонам... Бо ман меоӣ?

-Наметавонам...

-Чаро?

-Напурс...

-Чаро напурсам? Як ҷаҳон суол дорам бароят. Чӣ рози магӯ дорӣ, ки аз ман пинҳон мекунӣ? Аз чӣ метарсӣ? Ту кӣ ҳастӣ? Он хонаи фарсуда, ки аз ҳар сояаш такон мехӯрӣ, хонаи кӣ аст? Бигӯ, мехоҳам туро беҳтар бишносам.

-Гоҳе беҳтар аст одамонро нашиносӣ.

-Боз ҳам бо муаммо суҳбат мекунӣ...

-Фақат ҳаминро метавонам бигӯям, ки ман молики қисмати худ нестам. Фикр накун, ки ман бо ҳар харидори сабзаҷоту мева ишқварзӣ мекунам. Ин тавр нест. Аз ту хушам омад... Ман ҳатто номи туро намедонам! Аммо наметавонам чизе бештар аз он чиро, ки дорам, ба ту бидиҳам.

Аз эътирофи ӯ шокӣ шудам. Мағз танбалтарин узви инсон аст ва танҳо биступанҷ дарсади тавоноияшро барои мо сарф мекунад. Аммо ҳоло мағзи ман бо тамоми неру кор мекард, то мантиқи ҳарфҳои Зарторро дарк кунад. Ӯ аз ҳамон ибтидо медонист, ки робитаи мо фаротар аз он хонаи «арӯсакҳо» рушд намекунад.

-Ту шавҳар дорӣ...

Ин танҳо сухане буд, ки саранҷом аз мағзи коҳили ман таровид ва забони бефаровезам онро баён кард.

Зартор абрӯ ба ҳам даркашид ва гунаҳояш аз асабоният сафед шуданд.

-Бояд биравам... кор дорам, - гуфт.

Пеши роҳашро гирифтам.

-Хоҳиш мекунам, ҳамин имшабро бо ман бимон, дар хонаи ман... Танҳо як шаб!

-Наметавонам...

-Пас... Ман имшаб ба хонаи ту меоям.

-Шоми сешанбе биё.

-Чаро ин қадар дер?

-Худо ҳофиз...

Фардо шанбе аст, мехоҳам бачаҳоямро бубинам. Дилам барояшон гум мезанад. Шояд ҳамсарам иҷозат диҳад, онҳоро ба сайри боғ бубарам, ё ба қаҳвахонаи яхмос.

Ман, дар воқеъ, одами хушшонс нестам. Дар тули умрам борҳо лоторӣ харидааму бахтамро озмудаам, аммо боре ҳам бурд накардаам. Дар як шаб ошиқ шудаму издивоҷ кардам, ҳоло корам ба талоқ кашидааст. Ҳатто дар мағоза, агар ба думболи маводе бошам, фурӯшанда мегӯяд, «охиринашро пеши пойи шумо хариданд».

Аммо имрӯз тасодуфан хушшонс будам. Ҳамсарам бо модараш сайри бозору «хариди дармонӣ» доштанд ва дарро ба рӯям падарарӯсам боз кард. Ӯ маро гарму самимӣ ба оғӯш кашид ва бачаҳоро садо кард.

Хаёл мекардам, ки бо бадгӯиҳои ҳамсарам фарзандонам аз ман рӯй метобанд. Аммо ин тавр набуд, онҳо маро мебӯиданду мебӯсиданд, аз бағалам дур намешуданд.

-Падар, агар иҷозат бидиҳед, бачаҳоро ба сайри боғ бубарам, ё ба қаҳвахонаи яхмос. Ҳавсалаашон дар хона сар меравад, қавл медиҳам, ки онҳоро зуд бармегардонам.

Садоям он қадар илтиҷо дошт, ки падарарӯсам аз хиҷолат сар хам кард. Дилам ба ҳоли худам сӯхт. Ин воқеъият, ки акнун ҳар бор барои мулоқот бо бачаҳоям аз ҳамсару модару падари ӯ бояд иҷоза бигирам, маро афсурдаву бечора мекард.

-Писарам, кори хуб мекунӣ, дили бачаҳо ҳам барои ту танг шудаст. Аз рӯзе, ки ту рафтаӣ, чашмони кӯдаконат нур надорад, хеле афсурда шудаанд. Фарзанд бояд бо муҳаббати падару модар бузург шавад, дар ғайри ин укдаӣ мешаванд, худро аз дигарон каму кучак мебинанд. Бирав, бо онҳо сайр кун, ҳар қадар дилат бихоҳад. Фикри модарарӯсу ҳамсаратро накун, масъулияти онҳо бо ман.

Бачаҳоро аввал ба қаҳвахонаи «Яхмос» бурдам, ҳар ду беш аз пеш камгапу афсурда буданд. Шаҳриёр хомӯш буд, ӯ чумчаро дар паймонаи яхмос тоб медоду шираашро мебаровард ва гоҳ-гоҳ аз зери абрӯвонам ба ман нигоҳ мекард.

-Дада... Шумо аз баҳри мо гузаштед? - пурсид ӯ ногаҳон.

Ғофилгир шудам.

-На, писарам, ин чӣ ҳарфест, ки мегӯӣ?

-Модарбузургам гуфт, ки дигар номи Шуморо ба забон наорем, гуфт Шумо моро партофтед.

-Модарбузургат ғалат кардааст! Писарам, ту ба ин ҳарфҳо бовар накун.

-Бовар намекунам... Аммо Шумо аз хона рафтед. Чаро рафтед?

Хеле забон хоидам, мисли занбӯр ғурунгос задам, худам ҳам намефаҳмидам, чӣ мегӯям. Охир, ба ин бачаи шашсола чӣ тавр бигӯям, ки модарат маро аз он хона гурезон кард?

-Шумо моро дигар дӯст намедоред?

-Албатта, ки дӯст медорам, шумо дунёи ман ҳастед, ҳастии манед, ман мемирам барои шумо!

-Падарҳо, агар бачаашонро дӯст надоранд, ба хона барнамегарданд.

-Албатта, меоям, бубин, имрӯз омадам, то бо ҳам гардиш кунем. Ҳафтаи дигар шуморо сирк мебарам. Мехоҳӣ ҳамроҳ ба сирк равем?

-Модарам гуфт, Шумо дигар барнамегардед. Зани дигар доред, бачаҳои ҳамон занро дӯст медоред.

-Модарат шӯхӣ кардааст, ман ба ҷуз шумо бачае надорам.

-Дар боғчаи мо се бача падар надорад, онҳоро ҳар бегоҳ бибиҳояшон аз боғча мегирад. Ман ба онҳо намегӯям, ки Шумо аз хона рафтаед...

Шаҳрбону то ин лаҳза гӯиё яхмос мехӯрду ба ҳарфҳои мо гӯш намедод, аммо ногаҳон гӯшаи лабонаш пойин омаду чонааш ларзид ва бо овози баланд гиря кард.

-Духтари ширини ман, чаро гиря мекунӣ?

-Шаҳрбону ҳам Шуморо ёд мекунад, парерӯз як пойи ҷӯроби Шуморо ёфту пӯшид. Модарам ба сараш дод зад, ки ҷӯробро аз пой берун кунад, гиря кард, аммо ҷӯробро надод. Шумо Шаҳрбонуро ҳам дӯст медоред?

-Албатта, ки дӯст медорам, Шаҳрбону ҷигари ман аст, мемирам барои он чашмони қашангаш, духтараки нозанини падар! Ман ҳар дуи шуморо аз ҷонам бештар дӯст медорам.

-Аз замин то осмон?

-Аз замин то кайҳон!

Шаҳриёр сарашро пойин овард, то чашмони хоҳарашро, ки сар рӯи миз хам карда буд, бубинад.

-Дидӣ, Шаҳрбону, гуфта будам, ки дадаам ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад!

Шаҳрбону сар бардошту хушҳолона бинӣ кашид, ашку ханда дар чашмони бузургаш бо ҳам канор омаданд.

Аз худам хиҷолат кашидам. Шармам омад, ки фарзандонамро дар ин синни поён дар маърази чунин санҷишҳои отифӣ қарор медиҳам.

Бачаҳоро ба хона бурдаму ба падарарӯсам ташаккур кардам. Ӯ аз думболам то назди мошин омад. Эҳсос кардам, ки мехоҳад маро ба роҳи «дуруст» ҳидоят кунад. Бо сари пойин ҳарф мезад, мисли одаме, ки дурӯғ мегӯяд ва чашмонашро аз ҳамсуҳбат мегурезонад. Аммо дурӯғ намегуфт, ӯ табиатан одами боназокату шармгин аст.

-Фикр мекунӣ, ман барои талоқ бо ҳамсарам талош накардаам? Ман се дафъа аз хона рафтам ва як бор расман талоқ гирифтам. Панҷ сол аз зану фарзандам ҷудо зиндагӣ кардам, пойи занҳои дигар ҳам дар миён буд, вале боз ба ҳамон хона, ки ту онро қафас меномӣ, баргаштам. Агар аз ман пурсӣ чаро баргаштам, ман имрӯз ҳам ба ин суол ҷавоб надорам. Инсон ҳамин хел офарида шудааст. Ҷойе, ки замоне реша дар он гузоштӣ, туро ҳамеша ба сӯи худ мекашад. Мо ҳамеша фикр мекунем, ки сабза дар боғи ҳамсоя сабзтар аз боғи мост...

Ӯ бе худоҳофизӣ пушт ба ман карду рафт.

Ба хонаи иҷора баргаштам ва то дили шаб дар балкон сигор кашидам. Ҳар рӯз сигор мекашам. Тадриҷан сигорӣ шудам. Зиндагии ҷадидамро ин гуна тасаввур намекардам. Озодие, ки солҳои ахир орзуяшро мекардам, бӯи танҳоӣ дошт. Ҳар бегоҳ ман будаму ин балкон ва як қутти сигор. Агар Зартор бо ман мебуд, шояд зиндагиям ҷолибтар мешуд. Намедонам, аммо аз як ҷое қадам задан дар имтитоди он хиёбони торик ба сӯи сохтмони балконҳояш шабеҳи лонаи фохта дигар бароям васвасаангез набуд. Зарторро ҳамоно мехоҳам, аммо чун гузаштаҳо дигар ба мулоқоти баъдӣ пофишорӣ на-

мекунам. Мисли кӯҳнаварде будам, ки қуллаи мақсудро фатҳ мекунад, даст ба домани осмон мезанад, аммо дар он баландӣ нафасгир мешавад ва бо аҷала ба нуқтае бармегардад, ки васвасаҳояш аз он ҷо шуруъ шудаанд. Чизе дар ман тағйир карда буд, чизе шикаста буд. Шабеҳи пиёлаи шикаста, ки дигар пайванд намешавад. Аммо худро ба ин таскин медиҳӣ, ки муҳим нест, обро метавонам бо кафи даст бинӯшам. Шояд ин ба тақдир тан додан ном дошт?

Дирӯз ба хона баргаштам, бо ду ҷомадон ва қафаси Наво. Ҳамсарам бегонавор ба ман нигоҳ кард, ҳамон тавр, ки ба як мусофири раҳгумзада нигоҳ мекунанд. Нигоҳаш бароям муҳим набуд. Аслан дигар чизе бароям муҳим набуд. Ба худ мегӯям, баъзе одамон умре бо маризии табобатнашаванда зиндагӣ мекунанд, бо ин бадбахтӣ канор меоянд ва ҳатто одат мекунанд, ё бигирем ҳамсояи ошёнаи аввалро, ними пояш нест, ба ними дигараш пойи сунъӣ мепӯшонаду бо қадамҳои олуда ба дард ба кор меравад. Гоҳе авқот пойи маснуӣ пӯсташро захмӣ мекунад, аммо мегӯяд, «Худо аз ин бад накунад»!

Бачаҳоямро бӯсидаму бӯидам, дилам аз шодӣ лабрез шуд, ингор чаҳони аз даст додаро дубора пайдо кардам. Онҳо аз бағалам дур намешуданд.

-Барои шом чӣ омода кунам?

«Оҳ, оҳ, хонуми хона меҳмоннавозӣ нишон дод»!

-Ҳар чизе ту хуш дорӣ, ҳар чизе дуруст кунӣ, ҳамонро мехӯрам...

Чархофалаки ману ӯ дубора шуруъ мешавад.

* * *

Бо гузашти се моҳ бори аввал ба бозори умдафурӯшӣ рафтам. Якҷо бо Шаҳриёр рафтам. Намедонам чаро бачаро бо худ бурдам. Шояд мисли майзадаи мамнуъшароб, ки бо дидани шишаи арақ ҳама мамнуиятҳоро зери по мекунад, аз дидани Зартор дар танҳоӣ метарсидам. Ё аз ин шарманда бу-

дам, ки худро шер муаррифӣ кардаму аммо дар асл гурбае беш набудам?

Зартор рӯи қуттие чӯбин нишаста буд ва сокиту андешаманд ба назар мерасид. Лоғар шуда буд. Ҳамон пероҳани атласи рангзадаи шабеҳи наққошии рассомони авангардро дар бар дошт, аммо ҳаво сард буду аз болои пероҳанаш нимтанаи пашмин пӯшида буд. Ӯ маро намедид, аммо ман ӯро аз паси сутуни чойхона ба хубӣ медидам. Фасли сабзавот гузашта буд ва бандчаҳои гашнизу пудина кучаку назарногир менамуданд. Вале ӯ ҳамоно сабзавотро ба муштариҳо тавсиф мекард: «Гашничу райҳон бигиред, тоза аз ҷӯяҳо чидам, арзон медиҳам»...

Ҳолати аҷибе доштам: мағзам тасвири қадимиеро аз бойгониаш берун меоварду ва дар шакли як ҳодисаи ҷадид ба ман намоиш медод. Хиёбони торик, ки дар он ба ҷуз ман ва кирмҳои шабтоби ба думболи ҷуфтгирӣ дигар ҷонзоде набуд, аз пеши назарам гузашт. Сохтмони фарсударо дидам, ки мисли киштии шикаста дар васати як баҳри мурда буд ва агар як сути баланд бизанӣ, даҳҳо зоғу калоғ аз панҷараҳояш берун мешуданд. Дари нимабозро дидаму тахти лоҷвардиро ва он ҳури биҳиштиро, ки маро дар оғӯши гармаш ба осмонҳо мебурд...

-Дада?

-Бале, писарам...

-Чаро мо ин ҷо истодем?

-Як лаҳза... ҷонам, ҳоло меравем.

Марди хушқиёфае бандчаи райҳонро бардошту бӯид, чизе гуфт, ки лабханди зебое дар сурати Зартор гул кард, эҳсос кардам, ки ба пӯсти махмалини тирагунаш сафедӣ дамид. Он мард тамоми сабзаҳои боқимондаи Зарторро харид, шӯхӣ мекарду ӯро механдонд. Мехостам ин корро накунад, мехостам фарёд бизанам, ки «Зартор, зинҳор сабзаҳоро яклухт нафурӯш, дона-дона бифурӯш»! Ин дам ду-се марди бузургҷус-

са пеши роҳамро бастанд ва то онҳо як сӯ шуданд, ки дигар на Зартор буду на он харидор.

Қалбамро сояи торике пахш кард. Бо сари хам ба сӯи дари баромад қадам мезадам, ҳатто Шаҳриёр ёдам рафт, намедонам чаро якбора ҳолам бад шуд. Шояд ба ин далел, ки анҷоми достони сабзаҳоро медонистам. Дар гардиш ба сӯи дари баромад нохудогоҳ ба сӯи бозори умдафурӯшӣ нигоҳ кардам, Зарторро дидам, ки халтаи холӣ дар даст ба сӯи рустои ошно роҳ мепаймуд. Оҳи сабук кашидам. Ӯ ба пушташ нигоҳ намекард, агар чарх мезад, маро медид, ки бо ҳавас ба қадамзанияш нигоҳ мекунам...

Ҳамсарам дигар нашуд, ҳамоне ҳаст, ки буд, гоҳ меҳрубону гоҳ деви ҳафтсар. Ман иваз шудам, ёд гирифтам, ки садояшро нашнавам, ёд гирифтам, ки гӯш ба карӣ бизанам. Хушбахт нестам. Мисли бақия зиндагӣ мекунам, аз рӯи одат...

Падарарӯсу модарарӯсам ағлаб ба хонаи мо сар мезананд. Онҳоро мебинаму худамро бо ҳамсарам баъди 20 сол тасаввур мекунам, бо ҳар дидани онҳо хаёлам чанд тори мӯям сафед мешавад. Ҳеҷ чизе бадтар аз зиндагии якранг нест...

Зарторро фаромӯш накардам, магар мешавад ӯро фаромӯш кард? Гоҳ шабҳо ба хобам меояд, бо ҳамон пероҳани рангрехтаи шабеҳи наққошии авангардҳо ва мегӯяд: «Гашниҷу райҳон бигиред, ҷаъфарӣ ҳам дорам, тоза аз боғ чидам, арзон медиҳам»…

Наво чанд рӯз боз бетоб аст, намедонам куҷояш дард мекунад. Соатҳо беҳаракат ба панҷараи балкон хира мешавад, ингор на ҷони зинда, балки хӯсае дар дохили қафас аст. Ба обу дон нӯл намезанад, парҳо дар баданаш рост мешаванд ва мисли пуфак дам мекунад. Бачаи одам мебуд, дардашро ташхису давояшро пайдо мекардам, аммо на забони парандагонро баладам, на дардашонро. Ин саҳар вақте дар балкон қаҳва менӯшидам, ногоҳ мутаваҷҷеҳи тағйири авзои Наво шудам. Чир-чир садо бароварду гӯиё парвоз мекарда бошад, ду-се бор бол зад. Чашмам ба ҷуфти қумрӣ афтод, ки дар

атрофи балкони мо пар мезаданд. Хасу пахол дар минқор меомаданду баъди лаҳзае бо минқорҳои холӣ бармегаштанд. Сар аз балкон берун овардаму дидам, ки ин ҷуфт дар баландии барои гурбаҳо дастнорас, аммо дар як ҷойи номуносиб, рӯи оҳани борики дастаи моҳвораи мо барои худ лона месозанд. Қанории пажмурдаи ман парвози қумриҳоро медиду ҳаяҷонӣ мешуд ва дар имтидоди чӯби дорбозиаш бебандубор медавиду меҷаҳид. Қумриҳо нопадид мешуданду қанорӣ дубора афсурдагӣ мегирифт.

Қумрии зоҳиран нарина бештар хасу хор меовард, дигарӣ шояд тухм дар шикам дошт, ки камтар парвоз мекард ва бештар «ку-ку-ку» месароид. Садои дилнишин, аммо ҳузнангезе дошт. Онҳо субҳ то шом хасу пахолро рӯи ҳам мегузоштанду лона месохтанд, баъд шамол меомаду лонаашонро хароб мекард. Гӯиё сарнавиштро ба чолиш мекашиданд, ки рӯзи дигар дубора бо чӯбу хору хас дар гӯшаи балкони мо ҳозир мешуданд. Дилам ба ҳоли ин парандаҳои содаву беозор месӯхт. Агар такягоҳи маҳвора ба панҷараи балкон наздик мешуд, худам барояшон лона месохтам, аммо моҳвораро ҳафт сол пеш бо зинаи мошини сухторнишонӣ васл карданд ва дасти ман ба он ҷо намерасад. Қумриҳо он қадар хаскашонӣ карданд, ки саранҷом рӯи оҳани борик як лонаяки бебунёде пайдо шуд. Ҳамоне, ки ба гумонам модина буд, дар лона менишаст ва тухмашро гарм мекард, дигарӣ аз саҳар то бегоҳ барояш ғизо мекашонд. Ҳар ду он қадар ташнаи бача буданд, дуруст мисли одамон!

Аммо Наво дигар он Навои пешин набуд. Аз сутзаниҳои ман илҳом намегирифт, ҷоғаш дам мекарду бо қаҳр минқор ба оҳани қафас мезад.

Дар ин шаҳр парандашиносе ҳам нест, ки аз ӯ машварат бигирам, ноилоҷ субҳи якшанбе рӯ ба бозори парандаҳо овардам, шояд шикорчиҳо чизе бидонанд.

Бозор дар як қаламрави бедару девори гӯшаи дури шаҳр ҷойгир будаст ва бо сангу сангрезаҳои теғадори ба замин

фурӯрафта ва чолаҳои хурду бузург гузаргоҳи хушкидаи селобаҳоро мемонад.

Харидорон дар сангҳои теғадор пешпо мехӯрданд ва авлоду аҷдоди бозорсозро ҳақорат мекарданд. Дар бозори парандаҳо ҳар садое ба гӯш мерасид, магар садои хониши паранда. Аккоси саг буду ҷеғи хурӯсҳои ҷангӣ, фарёди буму мияви гурбаҳои зотӣ, садои ҳаш-ҳаши ғозҳо ва ҷив-ҷиви чӯҷаҳои тоза аз тухм беруншуда.

Мӯйсафеди хоболуде, ки чӯҷаҳоро барои фурӯш оварда буд, ғофил аз ҳоли онҳо дар такяи як сандалии шикаста пинак мерафт. Сари салладораш гоҳ ба пушт хам мешуд, гоҳ ба пеш. Чӯҷаҳояш аз қуттии кучак ба замин рехта, афтону хезон ба чаҳор тараф мерафтанд. Раҳгузарҳои раҳмдил гоҳо китфи мӯйсафеди хоболудро такон медоданд, ки «бобо, бихез, чӯҷаҳоят фирор карданд».

Анвои мухталифе аз болдорони хомӯш, ки бозор ба хотири онҳо бозори парандагон ном дорад, дар дохили қафасҳои кучаки аз навдаҳои тар бофташуда бандиву шокиву дар ҳарос буданд.

Дуртар аз парандагон марде тӯлаи саг мефурӯхт. Тӯлаҳои зарду хокиву сафеду песа дар як тағораи нимшикаста рӯи ҳам мехобиданд. Гурусна буданд ва ба шикамҳои якдигар пӯза мезаданду пистон меҷӯстанд. Саги чӯпонии занҷирбанд, ки гӯшҳои бурида, пистонҳои овезону чашмони ғамгин дошт, бо ҳасрати як модари бадбахт ба тағораи нимшикаста зул мезад. Ин бечораро ҳам касе ба фурӯш бароварда буд. Саг чашмони нам дошт, шояд мариз буд, ё мегирист.

Дар гӯшаи дигари бозор тӯдаи мардҳои бекору бачаҳои ноболиғ даври саҳнае ҳалқа зада, бо ҳаяҷон муҳорибаи ду хурӯси ҷангиро тамошо мекарданд. Хурӯсе, ки эҳтимол қаҳрамони хурӯсҷангҳои бешумор буд, бо гардани баланди парҳояш рехта бо виқор даври саҳна қадам мезаду рақиби камтаҷрибаашро ба чолиш мекашид. Хурӯсҳо минқор ба сари якдигар мезаданд ва хун аз ҷабинашон са-

розер мешуд. Тамошобинон аз ин саҳнаи хушунатбор ба ваҷд меомаданд.

Чӣ хуб, ки писарамро бо худ нагирифтам. Ин бозор ҷойи хубе набуд. Ҷойе буд, ки озодиву парвози парандаҳо дар марзаш ба поён мерасид, пистони модар аз даҳони ширталаби тӯлаҳо канда мешуд, ҷойе буд, ки хурӯсҳо барои куштани якдигар ташвиқ мешуданд ва сагҳои ҷангӣ гулуи якдигарро медариданд. Баъид медонистам, ки ин ҷо касе иллати афсурдагии Наворо бароям шарҳ бидиҳад. Ин ҷо касеро парвои ғаму ғуссаи парандаҳо набуд.

Дар байни мавҷи мутаҳаррики харидорону фурӯшандаҳо ба думболи шикорчии қанориҳо мегаштам. Саранҷом, як ҷавони лоғари зоҳиран ҳамсоли худамро пайдо кардам. Ӯ дар пой кафшҳои фарсуда, дар тан шалвори почаҳояш дарида ва дасту гардани харошида дошт, эҳтимол парандаҳо барои озодии худ хеле ба сару рӯи ӯ чангол задаанд. Ҷавони сермӯй будааст, мӯи сараш мисли телпак буд ва чашмонаш аз зери абрӯвони ба ҳам пайваста ва анбӯҳи мижаҳо ба сахтӣ дида мешуд, як даста мӯи дигар аз гиребони пероҳани фарсудааш берун меомад. Саъбаву қанорӣ мефурӯхт.

-Парандаҳоро чандӣ мефурӯшӣ? - пурсидам бо шеваи як харидори завқманд.

-Саъбаҳо панҷоҳ сомонӣ, қанориҳо сад сомонӣ?

-Инҳо чӣ ҳунар доранд, ки ин қадар нархи гарон мондаӣ?

-Мисли булбул мехонанд, аз садояшон кайф мекунӣ! Ҳамин саҳар ба дом афтиданд.

Ӯ ба дастҳои пур аз харош ва кафшҳои кӯҳнааш ишора кард, то ман ба дурустии каломаш мутақоид шавам.

-Ин саҳар оварда бошӣ, аз куҷо медонӣ мисли булбул мехонанд?

-Эҳ ҷӯра, ман аз кӯдакӣ саъбаву қанорӣ меқапам, шикор кори як рӯзу ду рӯз нест, чандин рӯз онҳоро тамошо мекунам, ба садояшон гӯш медиҳам, баъд тӯр мепартояму ба дом меафтонам.

-Ман як канорӣ дорам, чанд рӯз боз ғизо намехӯрад, парҳои худро меканад, афсурда ба назар мерасад, намедонам иллаташ чӣ бошад.

-Шояд танҳоӣ мекашад? Нарина аст ё модина?

-Намедонам, эҳтимол нарина аст...

- Мард бошад, барояш зан бигиред, канорӣ парандаи ҳассос аст, зуд афсурда мешавад, шояд танҳояш мегузоред?

-Не... Он қадар ҳам танҳо нест...

-Дар ҳамон атроф канории дигарро надида бошад?

-Канорӣ не, аммо дар ин охирҳо як ҷуфт қумриро мебинад, онҳо дар гӯшаи балкони мо лона сохтаанд.

-Эҳтимол он ҷуфт ғаризаи парвозро дар канории худат бедор кардааст.

-Пас чӣ кор кунам?

-Рӯи панҷара парда бикаш, то қумриҳоро набинад, ҳамин... мо одамҳо гумон мекунем, парандаҳоро хуб шинохтаем, аммо дар асл балоро намедонем.

Бе ҳеҷ натиҷае ба хона баргаштам. Наво ҳанӯз ҳам аз панҷара чашм намеканд. Балконро бо пардаи ғафси офтобногузар пӯшидам, канорӣ бо қаҳр минқор ба панҷараи оҳанин зад ва парҳо дар баданаш рост шуданд.

«Эҳҳ, рафиқ, танҳо ту нестӣ, ки ба сарнавишт эътироз дорӣ! Ман дар сисолагӣ, дуруст замоне, ки инсон беҳтарин марҳилаи умрашро таҷруба мекунад, озодиамро аз даст додам. Қафаси ман аз қафаси ту танҳо бо ҳаҷму масоҳат тафовут дорад. Ту ҳатто аз ман дида хушбахтӣ, озодии ту дар дасти ман аст, ҳар лаҳза метавонам дари қафаси оҳанинро боз кунаму туро ба осмон сар бидиҳам».

Ин ҳарф аз зеҳнам гузашту васвасае вуҷудамро фаро гирифт. Оре, метавонам сарнавишти Наворо тағйир диҳам, ӯро аз ин қафас раҳо кунам ва аз панҷараи балкон ба ҳаво сар диҳам. Медонистам, нашнидани чорзарбаш рӯзгори маро дар ин хона тира мекунад, аммо дарки доштани қудрати сарнавиштсозӣ васвасаангез буд. Пардаи тираро, ки дирӯз ба

хотири кӯр кардани ғаризаи парвози Наво ба панҷара овехта будам, берун овардам, қафасро рӯи миз гузоштам ва дарашро бо эҳтиёт боз кардам. Қанорӣ аввал гиҷ шуд, ду-се бор дар дохили қафас пар кашиду сарашро пасту баланд кард, ба дари боз зул мезад, гӯиё мехост мутмаин шавад, ки он чӣ мебинад, фиреби назар нест. Сипас оҳиставу эҳтиёткорона ба самти дар рафт. Сарашро аз дари қафас берун меоварду дубора ақиб мекашид.

-Бирав, Наво, ту озодӣ, пар бикаш, бол бизан ба ҳар ҷое мехоҳӣ, натарс. Як рӯзи озодӣ ва ҳатто як соати хушбахтӣ гоҳо ба хироҷи дунё меарзад, бирав!

Бо ангушт ба панҷараи бози балкон ишора кардам.

Наво аз қафас берун шуду рӯи миз нишаст.

-Натарс, ин қафас дигар зиндони ту нест, ту озодӣ, ман озодат кардам, бирав, Наво, бирав, пар бикаш ба дуриҳо, ба ҷазираи Қанорӣ, ба уқёнуси Атлантик, ба сӯи решаҳоят!

Қанорӣ ҳамоно гиҷ буд, гӯиё намедонист бо ин озодии ғайриинтизор чӣ кор кунад. Аз панҷараи боз ва пораи осмони обӣ меҳаросид. Ногаҳон мисли тир ба самти муқобили панҷара пар кашиду худро ба ҷевон зад ва бо ҳамон шаст ба замин афтид. Рафтораш маро шокӣ кард, дастпоча шудаму намедонистам чӣ кор кунам. Наво ду-се дақиқа беҳаракат хобид ва сипас дубора талоши парвоз кард. Ин бор худро ба девор зад, бо сараш зад, девори сафед хунолуд шуд. Гӯиё кӯр шуда буду роҳи озодиро намедид! Як болаш зоҳиран зарб хӯрдаву шабеҳи бодзан овезон буд, бо ҳамон боли овезон дар замини балкон девонавор чарх мезаду ман ба думболаш медавидам. Навое, ки моҳҳо бароям чорзарб мехонд, ҳоло бо ман бегонагӣ мекард, аз ман меҳаросид. Саранҷом хаста шуду мисли муши мурда дар кунҷе ором гирифт. Аз дур рафторашро мушоҳида мекардам, вале наздик намерафтам, то худро дубора ба дару девор назанад. Баъди чанд талоши дигар бо ҳамон боли захмин аз замин париду рӯи мизи қаҳванӯшӣ нишаст ва аз дари боз вориди қафас шуд...

# МУНДАРИЧА

**РОМАН**
Шабе, ки моҳ арғувонӣ буд.............................................3-262

**ПОВЕСТ**
Афсонаи қафас..........................................................263-334

ISBN 978-99985-40-09-5

9 789998 540095

**Соҷидаи Мирзо**

**ШАБЕ КИ МОҲ АРҒУВОНӢ БУД...**

Муҳаррири техникӣ: *Илҳомҷон Исобоев*
Саҳифабанд: *Муҳиба Акилова*
Рассом: *Муҳаммадамин Валиев*
Мусаҳҳеҳ: *Камоли Наврӯзӣ*

Ба чоп 26.08.2023 имзо шуд. Андозаи қоғаз 60x84 1/16.
Чопи офсет. Қоғази офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Ҷузъи шартии чопӣ 21. Супориши № 203.
Адади нашр 1000 нусха.

Матбааи «Ношир»
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
кӯчаи Сейтвелиев, 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj